ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

ISSN 2617-5320

ПАЁМИ ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ

ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

Серия педагогических и психологических наук

BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION

Series of pedagogical and psychological sciences

2024, №1 (45)

ПАЁМИ ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ
(Маҷаллаи илмиву методӣ)

Муассис: *Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

Сармуҳаррир:
Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо *номзади илмҳои физика-математика, дотсент директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

Муовини сармуҳаррир:
Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна *номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Саломиён М. Қ.	*доктори илми филология, профессор*
Каримова И. Х.	*доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор*
Лутфуллозода М.	*доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор*
Нуъмонов М.	*доктори илмҳои педагогӣ, узви обастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор*
Маҷидова Б.	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Неъматов С.	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Иматзода Л.	*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Ҷураев Х.	*доктори илмҳои физика-математика, профессор*
Амонов Н.	*номзади илмҳои психологӣ, дотсент*
Миракзода Ф.	*номзади илмҳои таърих, дотсент*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

Саизода Р. Ҳ.	*вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Хушвахтзода Қ. Х.	*президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*
Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.	*муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Саломиён М.Қ.	*президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*
Насриддинзода Э.С.	*ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.

Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.

Маҷалла мақолаҳоро аз рӯйи илмҳои педагогӣ (13.00.00) ва психологӣ (19.00.00) ба чоп қабул менамояд.

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни комили маҷалла дар сомонаи www.prmatt.tj www.payom-prmatt.tj ҷой дода шудааст.

Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – 2024. – № 1 (45). ISSN 2617-5320.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст. Шаҳодатномаи №0219/МҶ-97, аз 27 сентябри соли 2021.

Суроғаи идора: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи А. Адҳамов, 11/2, тел.: 2274525, 2270238; E-mail: shohin_7875@mail.ru

Индекси обуна: 77772

© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2024

ISSN 2617-5320

ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ
(Научно-методический журнал)
Учредитель: *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*
Журнал основан в 2012 г. Выходит 4 раза в год.

Главный редактор:
Наджмиддиниён Асадулло Мирзо *кандидат физико-математических наук, доцент директор Института развития образования имени А. Джами АОТ*

Зам. главного редактора:
Лутфуллоева Парвина Махмадуллоевна *кандидат педагогических наук, зам. директора Института развития образования имени А. Джами АОТ*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

Саломиён М. К.	*доктор филологических наук, профессор*
Каримова И. Х.	*доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор*
Лутфуллозода М.	*доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор*
Нуъмонов М.	*доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор*
Маджидова Б.	*доктор педагогических наук, профессор*
Неъматов С.	*доктор педагогических наук, профессор*
Иматзода Л.	*доктор педагогических наук, профессор,*
Джураев Х.	*доктор физико-математических наук, профессор*
Амонов Н.	*кандидат психологических наук, доцент*
Миракзода Ф.	*кандидат исторических наук, доцент*

РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:

Саидзода Р. Х.	*министр образования и науки Республики Таджикистан*
Хушвахтзода К. Х.	*президент Национальной Академии наук Таджикистана*
Джуразода Дж. Х.	*первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан*
Саломиён М.К.	*президент Академии образования Таджикистана*
Насриддинзода Э.С.	*ректор Таджикского национального университета*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.

Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.

Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовая версия журнала размещена на сайте www.prmatt.tj, www.payom-prmatt.tj

Вестник Института развития образования. – 2024. – №1 (45).

ISSN 2617-5320.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 219/ЖР-97, от 27 сентября 2021 года.

Адрес редакции: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А.Адхамова, 11/2; Тел.: 2274525, 2270238, E-mail: shohin_7875@mail.ru

Индекс подписки:77772

©ИРО имени Абдурахмана Джами, 2024

BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION
(Scientific and methodical journal)
Founder: *Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
The journal is established in 2012. Issued 4 times a year.

Chief editor:
Najmiddiniyon Asadullo Mirzo — *Candidate of Phisico–Mathematic Sciences, associate professor, Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

Deputy editor:
Lutfulloeva Parvina Mahmadulloevna — *Candidate of Pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

Salomiyon M.K.	*Doctor of Philological sciences, Professor*
Karimova I.Kh.	*Doctor of Pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor*
Lutfullozoda M.	*Doctor of Pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor*
Numonov M.	*Doctor of Pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, Professor*
Majidova B.	*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Nematov S.	*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Imatzoda L.	*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Juraev Kh.	*Doctor of Phisico–Mathematic Sciences, Professor*
Amonov N.	*Candidate of Psychological Sciences, Docent*
Mirakzoda F.	*Candidate of History, associate Professor*

EDITORIAL COUNCIL:

Saidzoda R. H.	*Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
Khushvakhtzoda K. Kh.	*President of the National Academy of Sciences of Tajikistan*
Jurazoda J.H.	*first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan*
Salomyon M.Q.	*President of the Academy of Education of Tajikistan*
Nasriddinzoda E.S.	*Rector of the Tajik National University*

The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.
The journal is included in the database Of the Russian science citation index.
The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – Pedagogical sciences and 19.00.00 – Psychological sciences
The journal is published in Tajik, Russian and English.
The full-text version of the journal is available on the website www.prmatt.tj; www.payom-prmatt.tj
Bulletin of the Institute of Development of Education. – 2024. – №1 (45). ISSN 2617-5320.
The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.219/JR-97, dated September 27, 2021.

Editorial address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A.Adhamov street; Tel: 227-45-25, 227-02-38, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

Subscription index: 77772
© IDE named after Abdurahmon Jomi, 2024

ISSN 2617-5320

ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ЛОИҲАВИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 9-11 ВА НАҚШИ ОН ДАР БОЛОРАВИИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

Назиров Н., Тоҳириён Ш., Мардинаева М.

Масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи роҳҳои ташаккули фаъолияти лоиҳавии хонандагони синфҳои 9-11 ва нақши он дар баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиш ва таълими фанҳои ҷомеашиносӣ дар илми педагогикаи тоҷик нақши муҳим дорад.

Манбаъҳои зиёди таҳқиқотӣ ва имкониятҳои зиёди фаъолияти лоиҳавӣ дар замони муосир мавҷуданд. Фаъолияти лоиҳавии хонандагон ҷиҳати дар амал татбиқ кардани дониши назариявии онҳо мусоидат мекунад ва ба раванди таълими салоҳиятнокӣ дар муассиса мутобиқ аст, яъне хонанда танҳо дониши назариявӣ намегирад, балки роҳҳои дар амал, ҳаёт татбиқ гардидани дониши назариявиро ҷустуҷӯ мекунад. Ин амал дарсҳоро барои хонанда бениҳоят шавқовар мегардонад.

Дар конференсияи онлайнии байналмиллалии илмӣ-назариявии “СТЕМ / СТЕАМ Наступление: языковая дружба”, ки 22.02.2024, соати 10.00 дар толори ПРМ баргузор гардид, мутасаддиён аз Ҷумҳурии Қирғизистон иштирок намуданд ва дар ин конференсия низ ин масъала баррасӣ гардид. Аз ҷониби намояндаи Академияи таҳсилоти Қирғизистон низ оид ба роҳҳои ташаккули фаъолияти лоиҳавии хонандагон маърузаи хеле ҷолиб пешниҳод гардид ва тасмим гирифта шуд, ки ҳамкориҳои дуҷониба дар ин самт идома ёбад.

Пеш аз баррасии мафҳуми «фаъолияти лоиҳа», фаҳмидан лозим аст, ки шарти асосии маъруфияти ин усули таълим дар ҷомеаи муосир чӣ буд. Барои имрӯз рақобатпазирии иқтисодиёти давлатро сифати қувваи корӣ муайян мекунад. Ба ин муносибат ба баланд бардоштани талабот ба сифати тайёр кардани омӯзгорон ва баъдан, хонандагон диққати калон дода мешавад.

Ҳамин тариқ, дар баробари салоҳияти касбӣ барои рақобатпазирии шахсӣ дар бозори меҳнати муосир қобилияти таҳлилӣ, эҷодкорӣ, малакаҳои муошират ва ташкилотчигӣ, хоҳиши рушд, муваффақият ва ғайра бояд мавҷуд бошад. Ҳангоми таълим додани хонанда ба тарҳрезӣ ва ба нақшагирии дониш ӯро омода кардан лозим аст. Дар ибтидо «калимаи лоиҳа (проект – аз лотинӣ ҳамчун «ба пеш партофташуда» тарҷума шудааст) ҳамчун нақша, нақшаи таҳияшуда барои сохтор, дастгоҳҳо» маънидод карда мешавад [4, 67].

Мафҳумҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқотро аз фаъолияти муқаррарии таълимӣ фарқ кардан лозим аст. «Агар лоиҳа прототип, прототипи объект бошад, пас тадқиқот пеш аз ҳама протсесси коркарди нави дониш аст. Таҳқиқот эҷоди объекти пешакӣ ба нақша гирифташуда, модел, прототипи онро дар бар намегирад ва тадқиқотчӣ аксар вақт медонад, ки дар рафти тадқиқот чӣ гуна кашфиёт ба амал меояд» [7, 87].

Мақсади фаъолияти лоиҳавӣ амалӣ намудани нақшаи лоиҳа - ҳалли масъалаи равшан фаҳмидашуда мебошад. Нақшаи аниқи тадқиқот дар аввал таъйин карда мешавад, пас он чӣ, ки омӯхта мешавад, тартиб дода ва фаҳмида мешавад, инчунин масъала, гипотезаҳои ҳақиқӣ тартиб дода мешаванд.

Бо вуҷуди ин, ҳарду намуди фаъолият метавонанд дар марҳилаҳои муайяни амалисозии он ба зерсистемаҳои якдигар табдил ёбанд. Ҳамин тариқ, тадқиқот бештар як фаъолияти илмӣ аст ва лоиҳа аз фаъолияти эҷодӣ бештар.

Агар барои хонанда лоиҳа имкони баланд бардоштани иқтидори эҷодии ӯ бошад, пас барои омӯзгор нафъи тарбиявии лоиҳа воситаи интегративии дидактикист, ки имкон медиҳад ба воситаи таълим додан ва тарбия кардан, дар хонанда маҳорати хосро

инкишоф диҳад ва малакаҳои гузоштани ҳадаф, банақшагирии фаъолият, худтаҳлил, худбаҳодиҳӣ, инчунин ҷустуҷӯйи ахбор, дар амал татбиқ намудани донишҳои академӣ, худомӯзиро такмил диҳад.

Омили дигаре, ки ҳавасмандии ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагонро зиёд мекунад, ин иштирок дар мусобиқаҳои калон аст. Омодагӣ ба озмун, таҳияи мавзуъҳои калон ва идеяҳои ҷолиби эҷодӣ ва тарроҳиро талаб мекунад. Татбиқи лоиҳаҳои мураккаб аз омӯзгорон талаб мекунад, ки сатҳи салоҳияти махсуси худро баланд бардоранд.

Инчунин, барои кумак дар татбиқи лоиҳаи мураккаб имкон ҳаст олимон, мутахассисони ҷомеаи эҷодӣ, структураҳои истеҳсолӣ ҷалб гарданд.

Омӯзгороне, ки усули лоиҳаро меомӯзанд, бояд на танҳо технологияҳо ва воситаҳои касбиро аз худ кунанд, балки ба кори эҷодӣ омода бошанд, бо мазмуни кори лоиҳавӣ бачаҳоро шавқманд ва мафтун карда тавонанд, маданияти нутқ, рафтори муоширатро нишон диҳанд. Хонандагон симои мутахассиси дар шароити ҳозира талабгорро ҳамин тавр инкишоф медиҳанд.

Лоиҳаи таълимӣ – фаъолияти таълимӣ, маърифатӣ, эҷодӣ ё бозии хонандагон мебошад, ки ҳадафи умумӣ ва усули мувофиқашуда барои ноил шудан ба натиҷаи умумӣ дар ҳалли мушкилоте мебошад, ки барои иштирокчиёни лоиҳа муҳим аст. Сарчашмаҳои эҳтимолии мушкилот метавонанд ихтилофҳо бошанд:

• байни маълум ва номаълум;
• байни донишу малака;
• байни мураккабии масъала ва мавҷуд будани роҳи ҳалли он;
• байни эҳтиёҷот ва имкониятҳои татбиқи онҳо;
• дар байни ғояҳои ҳаррӯза ва донишҳои илмӣ;

Вазъият метавонад мушкил гардад, агар:

• зиддиятҳои муайяне мавҷуд бошанд, ки бояд ҳал карда шаванд;
• монандӣ ва фарқро муқаррар кардан лозим аст;
• барқарор намудани робитаи сабабу натиҷа аҳамияти калон дорад;
• интихобро асоснок кардан лозим аст;
• тасдиқи намунаҳо бо мисолҳо аз таҷрибаи худ ва мисолҳо аз таҷриба талаб карда мешавад - намунаҳои назариявӣ.

Вазифа аз он иборат аст, ки бартарӣ ва камбудиҳо муайян карда шаванд. Масъала бояд аз ҳаёти воқеӣ гирифта шуда, барои хонанда шинос ва муҳим бошад, ҳалли он барои ӯ муҳим бошад. Амалҳои хонандагон дар ин марҳилаи кор:

• мавзуъро муҳокима мекунад;
• талаботи шуморо муайян мекунад;
• мавзуи лоиҳаро ҳал мекунад ва барои интихоби худ асос медиҳад;
• зиддиятҳоро ҷустуҷӯ мекунад, масъаларо тартиб медиҳад;
• мақсади лоиҳаро муайян мекунад.

Натиҷаи фаъолияти лоиҳа метавонанд инҳо бошанд:

● кори хаттӣ (иншо, ҳикоя, афсона, шеър, реферат, маводи таҳлилӣ, маводи тафсирӣ, гузоришҳои тадқиқотӣ, буклет, луғат, бастаи тавсияҳо, маълумотнома, экскурсияи ғоибона, реферат, реферат, тақвими адабӣ);

● асари эҷодии бадеӣ (дар соҳаи адабиёт, мусиқӣ, санъат), ки дар шакли наср ё асари назмӣ пешниҳод шудааст, саҳнасозӣ, қироати бадеӣ, иҷрои асари мусиқӣ, аниматсияи компютерӣ, рӯзнома, маҷалла, маҷмуа, макет, дастурамал;

● объекти моддӣ, макет, расм, дигар маҳсулоти тарҳрезӣ; вебсайт, блог, сафари виртуалӣ, видео;

● маводи гузоришдиҳӣ дар бораи лоиҳаи иҷтимоӣ (матнҳо, маҳсулоти мултимедиявӣ).

Марҳалаҳои кор дар лоиҳа инҳо буда метавонанд: ворид шудан ба лоиҳа (пеш аз лоиҳа); банақшагирии фаъолият; гузаронидани чорабиниҳо; муаррифии натиҷаҳо; омодагӣ ба муаррифии оммавӣ.

Ҳангоми ташкили фаъолияти лоиҳа алгоритми зерин истифода мешавад: интихоби мавзуъ; асосноккунии мувофиқат; таърифи мушкилот; таҳияи гипотеза (барои лоиҳаи тадқиқотӣ); таҳияи ҳадаф (вазифаҳои мушаххаси марбут ба ҳалли мушкилот); муайян кардани марҳилаҳои кор; интихоби усул ва воситаҳои ҳалли мушкилот; гузаронидани тадқиқот ё корҳои дигар барои ҳалли мушкилот; гирифтан ва таҳлили маълумот; пешниҳоди маълумот дар шакли тест (диаграмма, расм); муҳокима ва ислоҳи маълумот; ифодаи натиҷаи интизорӣ (намояндагӣ).

Дар муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати анҷом додани тадқиқоти илмӣ-педагогӣ ба омӯзгорон саволномаҳо тақсим карда шуд, суҳбатҳо гузаронида шуд, инчунин бо хонандагон низ оид ба фаъолияти лоиҳавӣ саволу ҷавоб баргузор гардид. Натиҷаи озмоиш аз рӯйи саволномаҳои омӯзгорон чунин аст:

Дар муассисаҳои мавриди озмоиш оид ба масъалаҳои шароити корҳои лоиҳавӣ дар оила, нақши волидон дар анҷом додани фаъолияти лоиҳавии фарзандон ва муҳайё будани шароити зарурии анҷом додани фаъолияти лоимҳавӣ пурсишнома гузаронида шуд, ки натиҷаҳо чунин мебошанд:



Оид ба мавҷудияти мушкилот дар самти фаъолияти лоиҳавии хонандагон, нақши корҳои лоиҳавӣ дар раванди таълим ва ҳавасмандгардонии хонандагон фикру андешаҳо пешниҳод гардиданд, ки дар диаграммаи зер оварда мешаванд:



Таҳқиқот нишон дод, ки дар муассисаҳои мавриди омӯзиш ба истиснои баъзе корҳои эҷодӣ, навиштани реферат ва омодагӣ ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ фаъолияти лоиҳавии хонандагон умуман, ба роҳ монда нашудааст. Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №46 ноҳияи Варзоб як гурӯҳ олимон аз Академияи миллии илмҳо ташриф оварда, оид ба кор бо мавзуъҳои илмӣ ҷиҳати иштирок дар фаъолияти Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон, ки дар АМТ фаъолият мекунад, бо хонандагон суҳбатҳо гузаронидаанд. Ин иқдом қобили дастгирӣ буда, хонандаро водор месозад, ки дар бораи мавзуи мушаххаси ба зимма гирифтаи худ фаъолияти илмӣ барад ва ба фаъолияти лоиҳавии хонанда наздикӣ дорад. Омӯзгори фанҳои таърих ва ҳуқуқи ин муассиса Саидов Ҳалим қайд намуд, ки бо хонандагон бахшида ба ҷашнҳои давлатӣ рӯзномаҳои деворӣ бароварда шуданд, викторинаҳо ташкил гардиданд, ғайр аз ин барои боло бардоштани ҳисси ватандӯстии онҳо озмуни кашидани расмҳои Парчам, Нишони миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Аз ҷониби ин омӯзгор бо хонандагон як қатор саёҳатҳои таърихӣ ба ҷойҳои таърихии ҷумҳурӣ низ ташкил карда мешаванд, масалан саёҳати хонандагон ба қалъаи Ҳисор, осорхонаи Қаротоғ. Хонандагон пас аз саёҳат ба ин ҷойҳои таърихӣ аз лой Қалъаи Ҳисорро сохта, дар осорхонаи муассиса гузоштаанд. Пас аз саёҳат ба осорхонаи Қаротоғ макети Куҳи Бесутунро ҳангоми бо зоғнӯл барои Ширин ҷӯйбор кандани Фарҳод тайёр кардаанд. Инчунин, сангҳои гуногуни дар Тоҷикистон мавҷудбударо дар тахтачае ширеш намуда, номи сангро дар зераш навиштаанд, ки натиҷаи фаъолиятҳои эҷодии хонандагон мебошад. Дар муассиса синфхонаи таърих ҳамчун осорхонаи мактабӣ ҷиҳозонида шудааст ва ин корҳои эҷодии хонандагон ҳамчун нигора дар он ҷо нигоҳ дошта мешавад, ки барои баргузории дарсҳои таърихи халқи тоҷик ҳамчун асбоби аёнӣ хизмат карда метавонанд. Мутаассифона бо вуҷуди фаъолияти самаранок ин омӯзгор бо доштани фаъолияти зиёди корӣ омӯзгорӣ бо нишони «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон» қадрдонӣ карда шудаасту бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» сарфароз нагардидааст. Масъалаи баланд бардоштани қадри омӯзгор дар Паёми соли гузашта аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардида буд ва хуб мебуд ба ин ҷанбаи фаъолияти омӯзгор низ диққати ҷиддӣ дода шавад.

Вале бояд қайд кард, ки дар папкаи роҳбари иттиҳодияи методии ин муассиса як қатор норасоиҳо ҷой доштанд, масалан, нақшаи солонаи иттиҳодияи методӣ аз соли 2016 то инҷониб омода нагардида буд ва маълумотномаҳо оид ба иҷроиши бандҳои нақша низ мавҷуд набуд. Дар суҳбат бо омӯзгорони фанни таърих муайян гашт, ки китобҳои таърихи халқи тоҷики синфҳои 5, 6, 7 пур аз хато мебошанд, хуб мешуд дар таҳияи ин китобҳо афкори омӯзгоронро ба эътибор мегирифтанд ва дар таҳияи китоби дарсӣ низ омӯзгорон иштирок мекарданд.

Дар МТМУ№6 деҳаи Ачами ноҳияи Шаҳринав омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ Маҳмудова Муборак – ба ду нафар хонанда кори лоиҳавӣ дар мавзуъҳои “Конститутсия – ҳомии миллат, “Тоҷикистон – давлати соҳибистиқлоли ман” супоридааст, вале қайд гардид, ки шароити зарурии татбиқи корҳои лоиҳавӣ аз тарафи падару модарон мавҷуд нест.

Баргузории озмунҳои корҳои лоиҳавӣ дар се зина гузаронида шавад, ки мувофиқи матлаб аст. Тавсияҳо дода шуданд, ки барои ташаккули бештари зеҳнии хонандагони синфҳои 9-11, моҳе як маротиба корҳои лоиҳавӣ супорида шавад, мувофиқи мақсад аст.

Омӯзгори фанни таърих Қурбонова Бунафша – ба як нафар хонанда кори лоиҳавӣ дар мавзуи “Тоҷикистон – кишвари азизи ман” супоридааст. Хонандагон мувофиқи шавқу ҳавас ва имкониятҳо мавзуъро интихоб кардаанд. Омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ Меликов Зиёдулло– ба се нафар хонанда кори лоиҳавӣ дар мавзуъҳои “Таърихи халқи тоҷик”, “Конститутсия – бахтномаи миллат, “Тоҷикистон –кишвари азизи ман” супоридааст. Дар МТМУ№7 деҳаи Навбаҳори ноҳияи Шаҳринав омузгори фанни таърих ва ҳуқуқ Мирзоахмедова Карима – ба як нафар хонанда кори лоиҳавӣ дар мавзуи «Конститутсия. санади сарнавиштсоз ва саодату созандагӣ» супоридааст, омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ Вазирова Ҳабиба – ба як нафар хонанда кори лоиҳавӣ дар мавзуи «*Конститутсия- таҳкимбахши ҳуқуқу озодиҳои инсон*» супоридааст. Дигар мавзуъҳои фаъолияти лоиҳавии хонандагон ба монанди «*Конститутсия- бахтномаи миллат*», «Тоҷикистон *Ватанам*», «Ташкилёбии сохтори идораҳои давлатии ҳокимияти Шуравӣ», «Маъракаҳои зарбазании зидди Анварпошшо ва босмачигарӣ дар солҳои 1922 – 1923», «Зарурати тақсимоти миллию маъмурии Осиёи Миёна», «Муборизаи синфӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи мухторият», «Мафҳуми ҳуқуқи граждани, сарчашма ва принсипҳои он», «Мусобиқаи истеҳсолӣ дар давраи бунёди асосҳои ҷомеаи сотсиалистӣ», «Соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ дар давраи сиёсати коллективонӣ», «Авзои ҷамъиятиву сиёсии ҷумҳурӣ дар солҳои 30-юми асри ХХ» ва ғайра дар раванди таълим додаанд, ки хонандагон захира ва неруи дониш, эҷодкорӣ ва ҷустуҷӯйи худро бештар намоянд.

Стандартҳои таълимӣ дар назди муассисаи таълимии ҳозиразамон вазифаҳои муҳимми муайян намудани қобилиятҳои индивидуалии хонанда, рушди онҳо, ба ҳаёти реалӣ омода кардани хурдсол ва ҳамчун шахсияти фаъол тарбия намудани ӯро ба миён мегузоранд. Ин ҳама зарурати ташаккули салоҳияти маърифатӣ-таҳлилиро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар рафти таълими амалӣ барои ҳалли масъалаҳои мураккаби гуногунсатҳ муайян мекунад.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки ин таҳқиқот ба фармоиши иҷтимоии ҷомеа рабт дошта, аз системаи маориф анҷоми корҳоро дар самти ташаккули фаъолияти тадқиқотии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки бояд дорои салоҳияти маърифатӣ-таҳлилӣ, қобилияти истифода бурдани донишҳои азхудкардаашон дар ҳаёт ва зуд мутобиқ шудан ба муҳити зудтағйирёбанда бошанд, талаб менамояд. Фаъолиятҳои тадқиқотии беруназсинфӣ бо истифода аз шавқу завқи табиии хонандагон истифода бурда шаванд. Ин намуди фаъолият имкон медиҳад, ки хонандагон малакаҳои омӯзишӣ пайдо кунанд. Дар айни ҳол, он ҳамчун намуна нишон медиҳад, ки дониши гирифташуда дар ҳаёти воқеӣ чӣ гуна истифода мешавад, ба ташаккули шахсияти онҳо мусоидат мекунад ва онҳоро барои муошират дар ҷомеа омода месозад.

Ба хотири он, ки фаъолияти тадқиқотӣ натиҷаи дилхоҳ диҳад, аз омӯзгор талаб карда мешавад, ки технологияҳои муосири таълимии тадқиқотиро хуб балад бошад, шавқу рағбати хонандагонро ба омӯхтани чизҳои нав равона намояд.

Таҳлили ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи системаи маориф ва барномаҳои кории таълим имконият дод, ки зарурати дар хонандагон-хатмкунандагони оянда ташаккул додани маҳорату малакаҳои бурдани фаъолияти тадқиқотӣ, ки барои пурра ба ҷомеа мутобиқ шудан дар зиндагии минбаъда муфиданд, муайян карда шавад.

Фаъолияти тадқиқотии хонандагон ин равандест, ки тавассути ҳамкории омӯзгор бо хонанда, бо мақсади ёфтани роҳи ҳалли номаълум, воситаи самарабахши такмили фаъолияти маърифатии хонандагон дар муассисаи таълимии умумӣ, амалӣ карда мешавад.

Тадқиқот нишон дод, ки дар асоси ислоҳоти нави маориф-гузаштан ба низоми таълими босалоҳият хонандагон аз қабули донишҳои тайёр ба категорияи комилан дигари ба даст овардани он, яъне тавассути усуле, ки азхудкунии ин донишҳоро барои ташаккули маҳорати ҳалли амалии вазифаҳои ҳам таълимӣ ва ҳам иҷтимоӣ имконпазир мегардонанд, гузашта истодаанд. Ин вазъият зарурати рӯй овардан ба фаъолияти тадқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаро ифода мекунад. Хусусияти ин равиш дар хонандагон ташаккул додани малакаи дар амал истифода бурдани дониши дар мактаб гирифташуда, омодагии бачаҳо барои ба субъекти мукаммали фаъолияти таълимӣ табдил ёфтан, ба нақша гирифтани кори таълимии худ ва муқаррар кардани мақсадгузорӣ мебошад.

Зимни тадқиқот муайян гардид, ки хонандагон ба кори тадқиқотӣ шинос карда мешаванд. Вале тадқиқот муайян кард, ки хонандагони дорои сатҳи пасти салоҳияти маърифатӣ-иҷтимоӣ, намедонанд, ки чӣ гуна мақсади тадқиқотӣ гузошта, роҳҳои расидан ба онро пайдо кунанд. Онҳо қобилияти ба нақша гирифтани фаъолиятҳои тадқиқотиро надоранд, ҳангоми омӯзиши мустақилона душвориҳои ҷиддиро аз сар мегузаронанд ва аз ҳаҷми умумии иттилоот маълумоти нав ё қаблан маълумро муайян карда наметавонанд. Онҳо фаъолияти арзёбиро манфӣ қабул мекунанд. Маҳорати худдорӣ ва худбаҳодиҳӣ дар онҳо ташаккул наёфтааст. Барои ҳалли ин муаммоҳо фаъолияти лоиҳавӣ кумак расонида метавонад.

Дар ноҳияи Файзобод гурӯҳи хонандагоне, ки омӯзгорон бо онҳо кор мекунанд, ҳамагӣ 13 нафар кори лоиҳавӣ доранд ва бо онҳо дар мавзуъҳои зерин фаъолияти эҷодӣ доштаанд: «Аҳамияти шахсият дар ҷомеа»; «Фарқияти ҷомеаи феодалӣ аз ҷомеаи сотсиалистӣ»; «Мавқеи шахс дар ҷомеа»; «Рӯзи парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Рӯзи Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Пайравони Пешвои миллатем»; «115 солагии аллома Бобоҷон Ғафуров»; «35-солагии ҷашни Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Пойдории Ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Ифротгароӣ ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷамъият»; «Терроризм ва экстремизм»; «Қаҳрамонони халқи тоҷик», «Рӯзи ҳуқуқи инсон».

Ба саволи «Оё хонандагон мувофиқи шавқу ҳавас ва имкониятҳо мавзуъро интихоб кардаанд ё ин масъалаҳо фармоишианд ё аз тарафи омӯзгорон маҷбурӣ вогузор карда мешавад?» чунин ҷавобҳо будаанд: 71% хонандагон мувофиқи шавқу ҳавас ва имкониятҳо мавзуъро интихоб кардаанд; 29% қайд намудаанд, ки мавзуъҳо фармоишӣ будаанд ва берун аз хоҳиши хонандагон интихоб шудаанд.

Ба саволи «Масъалаҳои корҳои лоиҳавӣ ба синну соли хонандагон мувофиқанд?» аксарияти омӯзгорон қайд намудаанд, ки мавзуъҳо мувофиқи синну сол ва рушди хонандагон мебошанд.

Дар интихоб ва татбиқи корҳои лоиҳавии хонандагон баъзе мушкилот ҷой доштааст. Аз ҷумла, набудани нақшаю барномаҳои корӣ, модулҳо; норасоии адабиёти таълимӣ, илмӣ ва бадеӣ; норасоии синфхонаҳои иловагӣ барои кори лоиҳавӣ ва камчинии маводи иловагии таълимӣ.

Шароити зарурии татбиқи корҳои лоиҳавӣ дар муассиса дар он асос меёбад, ки китобхонаҳои мактабӣ фаъолият дошта, аз ҳисоби падару модарон бо маводи зарурии дафтардорӣ таъмин карда мешаванд.

Баъзе падару модарон ба фарзанданашон маводи дафтардорӣ харидорӣ менамоянд, баъзеҳояшон беаҳамиятанд.

Ба саволи «Оё Шумо имконият доред, ки бо хонандагони дорои корҳои лоиҳавӣ мунтазам корбарӣ намоед?»: 32 фоизи пурсидашудагон ҷавоб додаанд, ки «Ҳа». Ин шумора омӯзгорон дар кор бо хонандагон дар як ҳафта аз 2 то 3 соати дарсӣ вақт ҷудо

менамоянд. Аз ин маълум мешавад, ки аксарият омӯзгорон барои кор бо хонандагоне, ки корҳои лоиҳавӣ мебаранд, вақт пайдо карда наметавонанд.

Омӯзиши мулоҳизаҳои омӯзгорон оид ба баргузории озмонҳои корҳои лоиҳавӣ нишон дод, ки **к**орҳои лоиҳавӣ бештар шавад, то ки мафкураи ҷомеашиносии кӯдакон васеътар гардад; имконияти хуби азхуд кардани фанҳои таълимии ҷомеашиносиро фароҳам меоварад; ҷаҳонбинии хонандагон васеъ мешавад; ба воситаи корҳои лоиҳавӣ имкон ҳаст, ки хонандагон дар омӯзиши қонунҳои ҷамъиятӣ бо назардошти шавқу ҳавас ва ғайрат сафарбар шаванд;.

Барои ин гуна корҳоро иҷро кардан омӯзгорон омодаанд, маслиҳатҳои заруриро пешниҳод намоянд. Оид ба ҳавасмандгардонии хонандагони масъули корҳои лоиҳавӣ ва омӯзгорон-роҳбаладони онҳо қайд гардид, ки ин қисмати кор хеле суст аст. Бояд таҳияи корҳои лоиҳавӣ ва амалишавии онҳо аз тарафи падару модарон ва масъулини мауссисаҳо дар сатҳи зарурӣ дастгирӣ ёбад.

Мулоҳизаҳо оид ба нақши корҳои лоиҳавӣ дар баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон дод, ки, ба воситаи амалигардонии корҳои лоиҳавӣ мо метавонем шавқу рағбати хонандагонро нисбат ба фанҳои ҷомеашиносӣ зиёд намоем.

Вазъи корҳои анҷомеёфта ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати роҳбарии омӯзгорон дар корҳои лоиҳавӣ аз тарафи масъулин (ташкили машғулияти омӯзишӣ) дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Файзобод нигаронкунанда буда, бештар бо роҳи худомӯзӣ ин корҳо анҷом дода мешавад. Ягон чорабиниҳои омӯзишӣ дар ин самт баргузор нагардидааст ва маводи методӣ низ мавҷуд нест. Дастгирии падару модарон дар татбиқи корҳои лоиҳавӣ хеле суст ба роҳ монда шудааст, яъне қисман ба назар мерасад. Омӯзгорон пешниҳод кардаанд, ки хуб мешуд, ки доир ба корҳои лоиҳавӣ семинар-омӯзишҳо бештар гардад ва аз тарафи масъулин дастгирӣ ёбад.

Дар нақшаи солонаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннҳои таърих ва ҳуқуқи яке аз муассисаҳои мавриди озмоиши ноҳияи Рӯдакӣ дар соли таҳсили 2023-2024 чунин чорабиниҳо пешбинӣ гардидаанд:

Ташкил ва гузаронидани мизҳои мудаввар, конференсияву чорабиниҳо бахшида ба 23-солагии Иҷлосияи Шурои Олии 16-ум.

Тайёрӣ ва гузаронидани олимпиадаи дохилимактабии хонандагон аз фанҳои таърих ва ҳуқуқ.

Маъруза: “Нақши оила дар тарбияи ҳуқуқии хонандагон”.

Ташкил ва гузаронидани мусобиқаи саволу ҷавоб аз фанни халқи тоҷик дар синфҳои 5-11.

Таҳлили дарси омӯзгор ва санҷиши сифати дониши хонандагон дар синфҳои 7-8.

Ташкил ва гузаронидани семинари омӯзишӣ оид ба расонидани ёрии амалию методӣ ба омӯзгорони ҷавон аз фанни таъриху ҳуқуқ.

Таълими фанҳои ҷомеашиносӣ дар асоси методологияи гуманистию тамаддунсоз.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Омӯзиши асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” Гузаронидани дарси кушод дар синфҳои 10-11 дар мавзуи “Ҳуқуқи худро бишнос”. Тавре, ки муайян гашт, дар ин нақшаҳо фаъолияти лоиҳавии хонандагон пешбинӣ нагардидааст ва ба омӯзгорон тавсия дода шуд, ки дар солҳои оянда ин масъала дар нақшаи солона ҷой дода шавад.

Хулоса, фаъолияти лоиҳавии хонандагони синфҳои 9-11 аз фанҳои ҷомеашиносӣ масъалаи мубрами замони муосир буда, дар баланд бардоштани фаъолияти маърифатӣ ва ҳисси ватандӯстии хонандагон нақши муҳим мебозад ва ҷалб намудани хонандагони синфҳои 9-11 ба чунин фаъолиятҳо боиси ба машғулиятҳои ибратбахш ҷалб гардидани ин хонандагони аз ҷиҳати психологӣ ва синнусол осебпазир, ба пешгирӣ аз гаравиш ба ҷараёнҳои номатлуби ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Пешниҳодҳо:

1.Омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгорони фанҳои таърих ва ҳуқуқи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

2. Фаъолияти роҳбарони иттиҳодияҳои методии фанҳои таърих ва ҳуқуқи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун ҳаҷми муайяни воҳиди корӣ қабул карда шавад.

3. Ҷиҳати ҳавасманд кардани омӯзгорони фанҳои таърих ва ҳуқуқ омӯзгорони собиқадор ва фаъол ба мукофотҳои давлатӣ пешниҳод карда шаванд.

4. Фаъолияти маҳфилҳои фаннӣ аз фанҳои ҷомеашиносӣ ҷоннок карда шавад.

5. Дар нақшаҳои солонаи шуъбаи маориф, нақшаи кории мушовири таърих, шурои методӣ, иттиҳодияи методии фаннҳои ҷомеашиносӣ ва барномаву китобҳои фанҳои ҷомеашиносӣ, масъалаи фаъолияти лоиҳавии хонандагони синфҳои 9-11 ворид карда шавад.

Дар натиҷаи тадқиқот имкониятҳои фаъолияти тадқиқотӣ, ки ба рушди салоҳияти маърифатӣ-иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни ҷомеашиносӣ нигаронида шудаанд, муайян ва тавсиф гардиданд:

- пешниҳод мешавад, ки ба номгӯйи талабот нисбат ба натиҷаҳои барномаи таълим муқаррарот оид ба ташкили фаъолияти тадқиқотӣ дар синфҳои 9-11 дохил карда шавад;

-муайян карда шуд, ки фаъолияти тадқиқотӣ ба ташаккули маҳоратҳои тадқиқотии хонандагон мусоидат менамояд;

- равишҳои ба шахсият нигаронидашуда, фаъолияти мунтазам, ки ба стандарти таълим дохил карда шудаанд, ба раванди ташаккули шахсияти хонанда таъсир расонида, ба ташаккули усули инноватсионии таълим дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шудаанд, мусоидат мекунанд.

АДАБИЁТ:

1. *Азизов, А*. Барнома ва модули таълимии курси омӯзишии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) оид ба таълими босалоҳият / А.Азизов, Ш.Азизов.- Душанбе, Маориф 2017.- 166 с.

2. *Азизов, А.А*. Традиционное ремесло как фактор воспитания в народной педагогике / А.А. Азизов, Ш.Ю.Азизов // Учёные записки Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. - 2016. - №4 (49) - С.245-251.

3. Барномаи таълимии фанни технология (таълими меҳнат) барои синфҳои 5-9. / А.А. Азизов ва диг. - Душанбе, 2013. – 89 с.

4. *Даль, В.И*. Толковый словарь живого великорусского языка: В 4 т. СПб.; М., 1882. Т .4

5. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03. 2006, №94 [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.maorif.tj/asosi/strategiya-va-barnomao (санаи истифодабарӣ: 4.08.2021)

6. *Кочетов, А.И.* Организация самовоспитания школьников. - М.:, Нар. Просв., 1990.-120с.

7. Российская педагогическая энциклопедия: в 2 т / М., 1999. Т.1. (с. 205).

8. *Свадковский, И.Ф*. О воспитании трудолюбия у детей / И.Ф. Свадковский.–М., 1999.-120 с.

9. Словарь по профориентации и психологической поддержке. [электронный ресурс] URL: https://vocabulary.ru/termin/trudolyubie (дата использования: 4.08.2021)

10.Словарь по этике / Под ред. И.С.Когана. 5-е изд. М., 1983. (с. 357-358).

11.Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334). Душанбе, 2012.

12.Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. зери таҳрири С.Назарзода. – Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, Душанбе, 2008. – 945с

13.*Чернецов, П.И.* Педагогические основы воспитания трудолюбия у учащихся: Дис. д-ра пед. наук. / П.И. Чернецов. – Челябинск, 1990, с. 308.

14.*Шамова Т.И.* Давыденко Т.М. Управление образовательным процессом в адаптивной школе. – М.: Центр «Педагогический поиск», 2001. – С. 60-79.

15.*Эриксон, Э.* Идентичность: юность и кризис/ Э.Эриксон.-М.,-1996.-С.

16.Манбаи интернетӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/trudolyubie-i-tvorcheskiy

РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ЛОИҲАВИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 9-11 ВА НАҚШИ ОН ДАР БОЛОРАВИИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ

Назиров Н., Тоҳириён Ш., Мардинаева М.

Мақола ба омӯзиши вижагиҳои фаъолияти лоиҳавӣ ва муносибати эҷодӣ ба ҳаёт ва меҳнати хонандагон дар мисоли татбиқи стандартҳои давлатии нави таҳсилот, муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Истилоҳи «фаъолияти лоиҳавӣ», «меҳнатдӯстӣ» дар такя ба манбаъҳои муътамад ва луғатномаҳои тафсирӣ таҳлил карда шуда, бо ақидаҳои педагогон – равоншиносон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон сохтори таъйиншудаи фаъолияти лоиҳавиро ҳамчун сифати салоҳиятнокӣ пурра карда, ҷудо кардани ҷузъи эҷодкориро, ки дар қобилияти муносибати ғайристандартӣ ба ҳалли мушкилот, саъю кӯшиш барои камолот, зуҳури фардият дар раванди иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ ва муносибати эҷодкорона ба меҳнат зоҳир мешавад, мақсаднок мешуморанд. Фаъолияти лоиҳавӣ ва муносибати эҷодӣ ба ҳаёт ва фаъолият аз синни наврасӣ ва курсиҳои мактаб бояд оғоз ёбад, ки барои ин фанни ҷомеашиносӣ мавқеи муҳим дорад. Ҳамчунин, таъкид мегардад, ки барои зуҳури хислатҳои муносибати эҷодкорона ба ҳаёт ва меҳнат, омӯзгорон дар раванди машғулиятҳои дарсӣ ва беруназсинфӣ муносибати инфиродӣ бо ҳар як хонанда дошта бошанд.

Дар марҳилаи кунунии рушди илм ва амалияи таълим яке аз вазифаҳои асосии омӯзгорон мушаххас кардани хусусиятҳое мебошад, ки хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд дошта бошад. Маълум аст, ки равиши ба дониш асосёфта барои арзёбии натиҷаҳои таълим, ки муддати тӯлонӣ дар соҳаи маориф ҳукмфармо буд, дар ҷаҳони муосир аҳамияти худро аз даст дода, ҳоло маҷмуи дониш, малака ва маҳорати ба ҳам пайванде, ки салоҳиятро ба вуҷуд меоранд, афзалият дода мешавад. Маҳорат ва малака дар алоҳидагӣ ба хатмкунандаи муассисаи таълимӣ ноил шудан ба муваффақияти ҳаётро дар вазъияти доимо тағйирёбандаи иҷтимоӣ таъмин намекунад.

Вожаҳои калидӣ: *фаъолияти лоиҳавӣ, эҷодкорӣ, меҳнатдӯстӣ, муносибати эҷодӣ, ҳаёт, фаъолият, технология, тарбияи ҳуқуқӣ, хонанда*

ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОЕКТНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ 9-11 КЛАССОВ И ЕЕ РОЛЬ В СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ ПРАВОВЫХ ЗНАНИЙ УЧАЩИХСЯ ПРИ ПРЕПОДАВАНИИ ОБЩЕСТВОЗНАНИЯ.

Назиров Н., Тохириён Ш., Мардинаева М.

Статья посвящена изучению особенностей проектной деятельности и творческого подхода к жизни и деятельности обучающихся на примере внедрения новых государственных стандартов образования, компетентного подхода к образованию в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан. Термины «проектная деятельность», «профессионализм» проанализированы на основе достоверных источников и толковых словарей, а также обсуждены с мнениями педагогов-психологов. Авторы дополняют определенную структуру проектной деятельности как качества компетентности и считают целесообразным выделить творческую составляющую, которая проявляется в способности нестандартного подхода к решению задач,

стремлении к совершенству, проявлении индивидуальности в процесс выполнения трудовых задач, творческий подход к работе. Проектная деятельность и творческий подход к жизни и деятельности должны начинаться с подросткового и школьного возраста, что имеет важное положение для этого обществоведческого предмета. Также подчеркивается, что для проявления особенностей творческого отношения к жизни и труду педагог должен иметь индивидуальное отношение к каждому ученику в процессе учебной и внеклассной деятельности.

На современном этапе развития науки и практики образования одной из основных задач педагогов является определение характеристик, которыми должны обладать выпускники общеобразовательных учреждений. Очевидно, что основанный на знаниях подход к оценке результатов обучения, долгое время доминировавший в сфере образования, потерял свою актуальность в современном мире и теперь отдает приоритет совокупности знаний, умений и взаимосвязанных умений, формирующих компетентность. Будет. Сами по себе навыки и умения не обеспечивают выпускнику учебного заведения достижения успеха в жизни в постоянно меняющейся социальной ситуации.

Ключевые слова: *проектная деятельность, творчество, трудолюбие, творческий настрой, жизнь, деятельность, технология, правовое воспитание, читатель.*

WAYS TO DEVELOP PROJECT ACTIVITIES FOR STUDENTS IN GRADES 9-11 AND ITS ROLE IN IMPROVING STUDENTS' LEGAL KNOWLEDGE WHEN TEACHING SOCIAL STUDIES.

Nazirov N. D., Shakhloi A. T., Mardinaeva M.

The article is devoted to the study of the features of project activities and a creative approach to the life and activities of students using the example of the introduction of new state education standards, a competent approach to education in educational institutions of the Republic of Tajikistan. The terms "project activity" and "professionalism" are analyzed on the basis of reliable sources and explanatory dictionaries, and also discussed with the opinions of educational psychologists. The authors complement a certain structure of project activity as a quality of competence and consider it appropriate to highlight the creative component, which is manifested in the ability to have a non-standard approach to solving problems, the pursuit of excellence, the manifestation of individuality in the process of performing work tasks, and a creative approach to work. Project activity and a creative approach to life and activity should begin from adolescence and school age, which is important for this social science subject. It is also emphasized that in order to demonstrate the characteristics of a creative attitude to life and work, the teacher must have an individual attitude towards each student in the process of educational and extracurricular activities.

At the present stage of development of science and practice of education, one of the main tasks of teachers is to determine the characteristics that graduates of general education institutions should have. It is clear that the knowledge-based approach to assessing learning outcomes, which has long dominated the field of education, has lost its relevance in the modern world and now gives priority to the body of knowledge, skills and interrelated skills that form competence. The skills and abilities themselves do not ensure that a graduate of an educational institution achieves success in life in a constantly changing social situation.

Key words: *project activity, creativity, hard work, creative spirit, life, activity, technology, reader.*

Маълумот дар бораи муаллифон: *Назиров Назир Давлатхоҷаевич – номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён – номзади илмҳои филология. Мардинаева Мавзуна- унвонҷӯ. Кормандони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Адҳамов, 11/2*

Сведения об авторах: *Назиров Назир Давлатходжаевич – кандидат политических наук, Шахлои Абдуализодаи Тохириён – кандидат филологических наук. Мардинаева Мавзуна соискатель, специалисты Института развития образования им. Абдурахмана Джами, г. Душанбе, улица Адхамова, 11/2*

Information about authors: *Nazirov Nazir Davlatkhodjaevich – Candidate of Political Sciences, Shakhloi Abdualisodai Tokhiriyon – Candidate of Philological Sciences, Mardinaeva Mavzuna Employees IDE, Dushanbe city, Adamov street, 11/2*

САЛОҲИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА ДАР ТАРБИЯИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН

Бобоева З.С.

Вазъияти рӯзгор собит кардааст, ки дарки ҳаматарафаи қонунҳои табиат имкон медиҳад сарватҳои моддӣ ва истеҳсолӣ дар ҷомеа зиёд шаванд. Бинои иқтисодиёти кишвар асосан ба ҳалли масъалаҳои экологию иқтисодии он марбут аст. Зеро ки сарватҳои табиат сарчашмаи пешравии иқтисодиёт мебошанд. Бинобар ин, беҳбудии масъалаи экологӣ талаб мекунад, ки ҳар як давлат, новобаста аз сохти сиёсиаш, бояд масъалаҳои худро оид ба вазъи муҳити зист ҳал намояд. Ва дар ҳамин радиф шаҳрвандон низ оид ба ҳифзи табиат фаъол бошанд.

Тарбияи ҳифзултабиат (экологӣ) дар адабиёти гузашта ва имрӯзаи тоҷик басо ҷолиб ифода ёфтааст. Дар ин мавзуъ адибон ва мутафаккирон баъд аз зуҳури ислом ақидахои хешро ба таври худ иброз намудаанд. Аз ҷумла, Абӯабдуллоҳи Рудакӣ оид ба васфи табиат, эҳтироми сарватҳои он, тозаву пок нигоҳ доштани муҳити зист афкори ҷолиб пешниҳод намудааст. Устод зиндагии дурустро қабл аз ҳама дар саломатии инсон ва хираду дониш дидааст ва ба ақидаи ӯ, саломатии инсон аз поку тоза нигоҳ доштани муҳит вобастагии калон дорад.

Чуноне ки ӯ мефармояд:

Чаҳор чиз мар озодаро бихварад,
Тани дурусту хӯйи неку номи неку хирад.
Ҳар он ки Эзидаш ин чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нахӯрад**(1.33)**

Тарбияи оқилонаву дилсӯзона ба муҳити зист дар асари безаволи Фирдавсӣ "Шоҳнома" бо устокорию маҳорати баланди шоирона тасвир ёфтааст, ки омӯзиши он ҳисси табиатдустӣ, ватандустӣ, меҳнатдустӣ ва эҳтироми насли наврасро ба табиати кишвару боигариҳои табиии он афзун мегардонад.

Ӯ чун шоири пешқадами замони худ дар назди шоҳону халқ вазифаи поку тоза нигоҳ доштани обу замини меҳани худро гузошта, амирони ҷангҷӯ ва саркашро, ки саргарми ҷоҳу ҷалоли шахсии худ шуда, кишвар ва марзу буми онро зери хатар мегузоштанд, сахт маҳкум намудааст. Фирдавсӣ дар рӯҳияи меҳнатдӯстиву дӯстдори табиат тарбия намудани насли наврасро аз ҳама афзал ҳисобида мефармояд:"Ҷаҳон аз меҳнат обод аст".**(2.111)**

Носири Хусрав, омӯзиш, таълим ва тарбияи экологии насли ҷавонро равшангари ақлу хирад ва некрӯзии онҳо ҳисобида чунин таъкид намудааст: «Калиди дари ҳама мушкилоти зиндагӣ дарки дуруст ва фаҳмидани муҳити зист мебошад»**(8. 58)**

Дар аснои ин таъкид таълимдиҳандагон ба он бояд муваффақ шаванд, ки дастпарварони онхо табиат ва муҳити худро аз назари хиради инсонӣ ва ақлу заковат дарк намуда, поку тоза нигоҳ доштани онро дуруст фаҳмида гиранд ва нисбат ба табиат ҳамеша ғамхор бошанд, зеро ғамхорӣ ба табиат ин ғамхорӣ дар ҳаққи зиндагии имрӯзаи инсон ва ояндаи фарзандони онҳост.

Тамоми мавҷудоти зинда бо муҳити атроф алоқаи ниҳоят зич доранд, ки онҳо ба ҳамдигар доимо таъсир расонида меистанд. Инкишофи босуръати илму – техника дар асри XXI ба ифлосшавӣ ва тағйироти биосфераи замин оварда расонидааст. Масалан: миқдори гази дуоксиди карбон дар атмосфера то 12-18 %, чангу ғубор 20% афзуда,

равшании рӯи замин 7-10 % кам шудааст. Махсусан: партовҳои корхонаҳои саноатӣ, газҳои аз заводҳо ба атмосфера хориҷшуда ва химикикунонии хоҷагии қишлоқ боиси ифлосшавии боду ҳаво ва хок гардида ба вазъи экологӣ таъсири манфии худро мегузорад.

Аз таъсир ва бетарафии аксарият шаҳрвандон харобшавии муҳити зист ва сарватҳои табиӣ мушоҳида мегардад. Ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи он масъалаи дастаҷамъӣ буда, рушди тарбияи муҳити зист(экологӣ)- ро тақозо дорад.

Тарбияи самараноки экологии шаҳрвандон имконият фароҳам меоварад, ки инсон муҳити зист ва биосфераро ҳимоя кунад, тоза нигоҳ дорад онро афзун гардонад, худ дар он сиҳату саломат умр ба сар барад ва муҳити аз ҷиҳати экологӣ тозаро ба наслҳои оянда боқӣ гузорад.

Тарбияи экологӣ ва ҳифзи муҳити зист, пеш аз ҳама, ҳимояи генофони миллатро дар назар дорад. Аз ин рӯ, мо бояд ба ин масъала диққати ҷиддӣ диҳем.

Педагоги барҷастаи тоҷик М. Лутфуллоев дар ин маврид чунин мегӯяд:

«Барои дар шуури хонандагон манзараи ҳақиқии ҷаҳонро ҷо кардан табиат ва ҷамъиятро ба унсурҳо ҷудо карда, тадриҷан ҳар як унсур ва алоқаи мантиқии онҳоро омӯхтан зарур аст».**(7.312)**

Ба андешаи олим тарбия яке аз омилҳои таъсиррасони ташаккули шахс буда, барои он ки муфид анҷомад волидону тарбиятдиҳандагонро зарур аст, ки талаботи зерро риояву амалӣ намоянд:

- қонунҳои инкишофи рӯҳӣ ва ҷисмонии кӯдаконро омӯзанд ва донанд;

- ҳамаи омилҳоро, ки ба рушд ва ташаккули кӯдак таъсир мерасонанд, ба назар бояд гиранд;

- назди тарбия мақсади муайян гузоранд. Зеро тарбияи бемақсад таваккалӣ буда, тарбиягирандаро дар чорсӯйи зиндагӣ гумроҳ месозад. Баръакс тарбияи мақсаднок роҳро мунаввар сохта, ҳардуро яъне тарбиядиҳанда ва тарбиягирандаро ба мақсад мерасонад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки, оби софу ҳавои тоза чӣ андоза дар ҳаёти инсон муҳим аст. Маҳз зебоиҳои табиат инсонро хайрандешу некбин месозад. «Ман ҳеҷ гоҳ бовар намекунам, - мегуфт К.Паустовский,- ки дар замин қитъаҳои дилгире ҳаст ва он ғизое намедиҳад на ба чашм, на ба гӯш, на ба шуур, на ба тафаккури инсон. Танҳо бо тадқиқоти ягон пораи замини мамлакат, метавони фаҳмӣ, ки чӣ тавр зебост ва мо рағбат дорем ба ҳар як пайраҳача, чашма ё ҳатто ба чир-чири парандаи ҷангал».

Зимни таъкидҳои олим зебоипарастии одамон аз зебогии табиат маншаъ мегирад Масалан, гул ва инсон. Гулҳо ороиши замин буда,ба инсон хушбахтӣ меоранд, ҳаловат мебахшанд. Дар тамоми ҷаҳон ба муносибати гул ҷашни гулҳо доир мекунанд, ҳофизон дар васфи гул сурудҳо мехонанд. Дар Юнони қадим ва Рим ба гулҳои гиатсинт ва нилуфар сар фуруд меоварданд, славяниҳо дар иди Иван Купала, вақти кофтани қаҳрамон Перунов гулифарн (папоротник)-ро ҷустуҷӯ менамуданд. Аз асри VI дар Япония гулчанбарҳо месохтанд, ки икебана ном монданд. Устодони японияги бо гулчанбарҳо масҷид ва қасрҳо ва ҷойҳои истиқоматиро ороиш медоданд. Аз ин рӯ, падару модарон вазифадоранд, ки дар муҳити хонавода гулпарвариро ба фарзандонашон омӯзонанд.Зеро гулҳо хонадони моро зеб медиҳанд. Онҳо ба тану ҷони мо ҳаловат мебахшанд ва ҳаёти моро рангин месозанд.

Одамони боақлу бофаросат шаҳрҳо, ҳавлиҳо, кӯчаҳо ва макони зисташонро ободу зебо,сарсабз месозанд. Табиатро дӯст доштаву намегузоранд, ки ба як навда ё шохаи мевадор зарар расад, ё ниҳоле решакан гардад ва намегузоранд, ки касе табиатро поймол намояд, бо ғулак парандаеро бизанад ё шапалаки баҳориро, ки аз як гул ба дигар гул бол зада дар боғот мепарад, аз ҳаёт маҳрум созад.

Барои он, ки теъдоди чунин инсонҳо дар рӯйи замин зиёд гардад ё худ табиатдӯст шаванд аз хурдӣ ба кӯдак фаҳмондан лозим, ки рушди маънавию ҷисмонии инсон ба табиат вобаста аст. Падару модарон бояд аз хурдӣ ба кӯдак фаҳмонанд, ки рушди маънавию ҷисмонии инсон ба табиат вобаста аст. Аз ин ҷо, вобаста ба аҳаммияти табиат дар рушду камолоти фард ва нақши он дар зебогии зиндагӣ аз ҳаёт мисолҳо оварда,

зарбулмасалҳо, ҳикояву афсонаҳои халқӣ, достонҳо, шеърҳо, чистонҳо ва нақли пиронсолонро фаровон истифода намоянд. Чунки ин мактаби ҳаёт ва ҳикмати зиндагӣ дар тарбияи муҳити зисти кӯдак нақши бориз дорад.

Маълум аст, ки мусиқӣ дар ҳаёти инсон чӣ манфиат дорад. Олимон собит намудаанд, ки мусиқии ором одамро бароҳат ва мусиқии баланди ғул-ғуладор инсонро нороҳат карда, ҳатто сабзиши растанӣ бо таъсири мусиқӣ алоқаманд аст. Бастакори рус Н.А. Римский-Корсаков махсус зери чир-чири паррандагон эҷод мекард, то ки қурбу манзалати асараш баланд гардад.

Магар ғамхорӣ ба ҳайвонот: моҳичаҳо дар аквариум, паррандагон, сангпушт, харгӯш, сагча, гурбача муҳити инсонро зеботару бомеҳртар наменамояд?

Вобаста ба ин аз зиндагии олими англис натуралист Ҷералд Дарелларо мисол меорем, ки ӯ бо мақсади шиносоӣ ба ҷаҳони ҳайвоноту паррандагон ба хонааш ҳайвонот ва паррандагонро меовард. Онҳоро нигоҳубин мекард ва асрорашонро меомӯхт, баъзан аз хониши паррандагон ҳаловат мебурд.

Тавре маълум аст, китоб дар ҳаёти инсон нақши хеле бузург дорад. Бе китоб на илм асту, на фарҳангу на осоиш. Хирадномаи аҳли замонаҳо ва нӯшдоруи ҳама дардҳову ҳама ранҷҳост барои инсон чун обу ҳаво зарур мебошад. Чунон ки замин бе обу ҳаво ҳосил намедиҳад, рӯзгори инсон ҳам бе китоб нашъунамо намеёбад. Фарзанди одам, чун ба дунё омад, бояд бо арзишҳои баланди маънавӣ ороста гардад ва бо такя ба ин арзишҳо баҳри амалӣ гаштани орзую ормонҳои қалби хеш кӯшиш намояд ва рӯзгори нек биорояду ҳаёти ҷомеаро обод гардонад. Аммо ӯ ин амали наҷибро бе китоб идома ва анҷом дода наметавонад. Ба ибораи дигар, инсон бе китоб наметавонад аз лиҳози ахлоқию маънавӣ камол ёбад, фарди одилу хештаншинос, оқилу хирадманд ва донишвару маърифатпарвар ба воя расад. Яке аз ҳадафҳои басо муҳимми китоб иборат аз он аст, ки ба мо аз ҳаёт дониш медиҳад, пеши роҳи моро равшан месозад, моро бо пастиву баландии зиндагӣ ва тазодҳои рӯзгор шинос менамояд. Мавзуи асосии китоб инъикоси рӯзгори сиёсию иҷтимоӣ, маънавию иқтисодии инсон ва муомилаю муносибату муошират ӯ бо дигарон аст.

Китоб ба мо сабақи дӯстиву бародарӣ, накукорӣ ва созандагӣ медиҳад, раҳму шафқатро дар диламон ҷой мекунад. Дар дақиқаҳои танҳоӣ ҳамдаму ҳамроз гашта, роҳу равиши дурустро нишон медиҳад, дардҳоро шифо мебахшаду ранҷҳоро сабук мекунад, зиндагиро ширину одамонро ба оянда хушбин месозад.

Бисёр хуб мешавад, агар омӯзгорон ба хонандагон мутолиаи китобҳои табиатшиносон, нависандагону натуралистон ва дигар китобҳо дар бораи ҳайвоноту парандагонро ба онҳо тавсия медоданд. Китобҳо дар бораи ҳайвонот ба хонандагон имкон медиҳад, ки аз олами ҳайвонот, паррандагон ва наботот бохабар гарданд, муносибат бо онҳоро омӯзанд, дӯст доранд ва ба онҳо ғамхорӣ намоянд.

Ҷойи таассуф аст, ки бисёр вақти хонандагон ба телефон ва телефонбозӣ машғул мешаванд. Ин ҳама техникаи муосир лозиманд, лекин як чизро фаромӯш набояд кард, дар бисёр мавридҳо кӯдакон аз калонсолон ибрат мегиранд. Барои ҳамин ҳам хуб мебуд, агар омӯзгорон якҷо филмҳо дар бораи олами вуҳуш, шаршараҳои зебои табиат ва барномаи телевизионии Муассисаи давлатии телевизиони Баҳористон «Мо ва ҷонварон»-ро тамошо карда, ҳамроҳ ба сайругашт бароянд, вазифаҳои мактабиро иҷро намоянд, лонаи парандаро ё хонаи сагчаву гурбачаро созанд. Чӣ тавр нигоҳубин карданро ба онҳо омӯзанд. Бо иҷрои амалҳои мазкур кӯдак ба зиндагӣ ва муҳити зист хушбин шуда, меҳраш ба волидайни хеш, калонсолон, маризон, бародару хоҳар, ҳайвонот, наботот афзун мегардад. Билохира ӯ як инсони хақиқӣ ва некхоҳ ба камол расида, дар тӯли зиндагии хеш ҳамеша ба атрофиён, муҳити атроф некбин мешавад ва онро эҳтиром кардаву поку тоза нигоҳ медорад.

Муассисаи таълимӣ муҳитест, ки кӯдак дар он ҳурмату эҳтиром нисбат ба калонсолон, рафтори бомурувват, муносибати оқилона бо дигарон ва табиатро меомӯзад. Барои ҳар як хонанда – ин як мавқеи муайяни омӯзиш, фаъолият, маҳалли мукаммали экологист, ҳар яке кӯшиш менамояд, ки талаботи худро қонеъ намуда, такмилу ташаккул диҳад ва бо ҳамсабақонаш дар робита бошад.

Агар ин амал мақсаднок ва дуруст сурат гирад, мо метавонем ки шогирдонро бомаърифату бомаданият ба камол расонда, дӯстдори табиат намоем, то дар оянда ӯ муҳофизи табиат зебогиҳои муҳити зисти худ гардад.

Чунон ки баён кардем, тарбияи экологӣ вазифаи ҳар як омӯзгор мебошад. Ҳар як ҷавонмард бояд ватану табиати зебои онро дӯст дорад. Муҳаббат ба табиати кишвар, Ватан, маънои онро дорад, ки ҳар фард барои ободу зебо гардонидани он ҷидду ҷаҳд намояд.

Тарбияи экологию ватанпарварӣ яке аз самтҳои аввалиндараҷа дар соҳаи маориф мебошад ва дар назди омӯзгорони мактабҳо вазифаҳои басо муҳимро мегузорад.

Ин намуди тарбия фаъолияти бисёрсамта, бонизом, бомақсад ва бо ҳам мувофиқи идораҳои давлатӣ, сохтор ва муассисаҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ба ташаккули шуури баланди экологию ватанпарварӣ, ҳисси баланди садоқат ба Ватани худ равона шудаст.

Дар мамлакат Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 амал мекунад.

Барномаи мазкур рушди устувори кишварро аз ҷиҳати иқтисодӣ ва экологӣ, нигоҳ доштани мувозинати табиат ва ҷомеа, ки ба омилҳои экологӣ (нарасидани замин, ифлосшавии муҳити зист, таъминот бо захираҳои об, тақсимот ва нигоҳ доштани ҳолати ҳосилнокии чарогоҳ ва ҷангалзорҳо, тозагии ҳавои атмосфера, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, беҳдошти саломатии аҳолӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ, бахусус навъҳои нодири аз байн рафтаистодаи наботот ва ҳайвонот) вобаста аст, таъмин менамояд.

Вазифаи Барнома аз иҷрои тадбирҳои зерин иборат аст:

- ҷалб намудани ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ ҷиҳати беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат;

- тарбия намудани табақаҳои ҷамъиятӣ, сарфи назар аз ақоиди сиёсӣ ва динӣ баҳри солимгардонии вазъи экологии мамлакат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ;

- доир намудани чорабиниҳо оид ба пешгирӣ намудани равандҳои бодхӯрдашавии (эрозия) замин;

- пешгирӣ намудани истифодаи замин бо мақсади кишти зироатҳои каммаҳсул;

- васеъ намудани майдони ҷангалзорҳо, боғҳо, минтақаҳои сабз ва таблиғоти истифодаи мақсадноки онҳо;

- ташкил ва васеъ намудани масоҳати минтақаҳои махсус муҳофизат шаванда;

- ҷорӣ намудани кишти навъҳои зироатҳои сермаҳсул ва ба касалиҳо тобовар дар хоҷагиҳо;

- таъмин намудани тозагии ҳавои атмосфера, об ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ;

- ба истифодаи ашёи хоми маҳаллии аз ҷиҳати экологӣ бехавф ва аз ҷиҳати иқтисодӣ камхарҷ гузаронидани саноат;

- мусоидат намудан ба истифода ва рушди технологияи кампартов;

- пурзӯр намудани назорат ҷиҳати кам намудани партовҳо то сатҳи меъёрӣ ва аз меъёр кам;

- ҷалби вазорату идораҳо, истифодабарандагони табиат ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҷиҳати маблағгузорӣ намудани барномаҳои экологӣ;

- бунёди фазои аз ҷиҳати экологӣ тоза ҷиҳати беҳтар намудани солимии аҳолӣ.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини иҷрои Барнома ба зиммаи ҳамаи вазорату идора, муассиса, ташкилоту корхона ва хоҷагиҳо, аз ҷумла корхонаҳои муштарак, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияташон, ки фаъолияташон ба истифодаи табиат алоқаманд буда, ба вазъи экологии ҷумҳурӣ таъсир мерасонад, гузошта шудааст. Ҳамоҳангсозӣ ва таъмини назорат аз болои иҷрои Барномаи мазкур ба зиммаи мақомоти ҳифзи муҳити зист гузошта шудааст.

Барнома танзимкунандаи вазъияти экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷати уҳдадоркунанда барои истифодабарандагони табиат ҷиҳати ҳалли масъалаҳои экологӣ дар фаъолияти онҳо мебошад.

Барнома барои иҷрои масъалаҳои зерин равона шудааст:

- истифодаи васеъ, пурсамар ва оқилонаи сарватҳои табиӣ;

-ташкили истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ бехатар;

- татбиқ ва истифодаи технологияи аз ҷиҳати экологӣ бехавф;

- метод ва қоидаҳои судманди истифодаи табиат, ки ба шаклҳои гуногуни моликият (давлатӣ, шахсӣ, иҷоравӣ, муштарак ва ғайра) асос ёфтаанд.

Бо дарназардошти масъалаҳои зикршуда Барнома имконият медиҳад, ки:

- механизми фаъолият дар бахши ҳифзи муҳити зист мустаҳкам карда шуда, масъулияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеа барои рушди устувори экологӣ баланд бардошта шавад;

- диққати истифодабарандагони табиат ба масъалаҳои афзалиятноки ҳифзи табиат, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, устувории экологӣ, ки ба ҳуҷҷатҳои дастурию методӣ асос ёфтаанд, ҷалб карда шавад;

- бунёди фаъолияти устувори истифодаи табиат дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таъмин карда шавад;

- механизми сиёсати экологӣ ва идоракунӣ (низоми додани иҷозатномаҳо, тартиб ва тарзи арзёбии таъсир ба муҳити зист), механизмҳои иқтисодии истифодаи табиат таҳия карда шавад;

- сиёсати пешгирифтаи давлат дар бахши ҳифзи муҳити зист бо фаъолияти ҷомеа ҳамоҳанг сохта шавад;

- муассиса ва ҷамъиятҳои нави экологӣ ташкил карда шаванд;

- тадқиқоти илмии соҳавӣ анҷом дода шавад;

- оид ба ҳолати муҳити зист маърузаҳо, лоиҳаҳо ва иттилоот омода карда шаванд.

Мақсади тарбияи экологию ватанпарварӣ хонандагон талқин намудани ватанпарварӣ, зебопарастӣ, худогоҳию хештаншиносӣ, меҳанпарастӣ ва татбиқи Барномаи зикршудаву масъулияти баланд доштан ба ҳифзи табиат мебошад.

Барои ба даст овардани ин мақсад иҷрои чунин вазифаҳои муҳим талаб карда мешавад:

- фароҳам овардани таҷҳизоти илмию методӣ, амалӣ кардани низоми тарбияи экологию ватанпарварӣ дар мактаб

- ба роҳ мондани низоми наву пурсамартари тарбияи экологию ватанпарварӣ, ки масъулияти хонандагонро нисбат ба ҳифзи муҳити зист, Ватан баланд бардорад мусоидат кунад, онҳоро ба хизмати Ватан-модар, аз рӯйи виҷдон иҷро намудани уҳдадориҳои хизматӣ омода созад.

- бедор намудани ҳиссиёти хонандагон нисбат ба табиате, ки моро иҳоти кардааст, арзишҳои ватанпарварӣ, фикру андеша ва эътимоду эҳтиром ба гузаштаи таърихию мадании давлат.

- инкишофи мавқеи фаъоли ҳаётӣ ва дар онҳо ташаккул додани талабот ба тарзи солими ҳаёт.

Тартиб ва самтҳои асосии амалигардонии онҳо

Дар тарбияи экологию ватанпарварӣ нуқтаҳои асосӣ инҳоянд:

- илмият
- инсондӯстӣ
- зебоипарастӣ
- табиатдӯстӣ
- муҳофизи муҳити зист
- озодӣ
- бартарияти мероси таърихию фарҳангӣ ва арзишу суннатҳои он
- бонизомӣ ва номуттасилӣ дар инкишофи хонандагон
- гуногунрангии шакл, усул ва тарз, ки дар таъминоти самаранокии тарбия истифода мешаванд.
- самти тарбия дар инкишофи имконият, қобилият ва сифатҳои ҳар як шахс бо усули инфиродӣ
- алоқамандии зич ва пайваста бо дигар намудҳои тарбия.

Самти равонию ахлоқӣ - аз ҷониби шахс дарк намудани арзиш, сифат ва ормонҳои олӣ, моҳияти иҷтимоӣ ҷараён ва ҳодисаҳои муҳими ҳаёти воқеӣ.

Он дар худ инкишофи маданият ва таълимоти баланд, дарки фикру мулоҳизаро таҷассум мекунад, ки дар асоси он тайёрӣ ба хизмати Ватан, ташаккули меъёрҳои баланди ахлоқӣ ва сифатҳои масъулияти ҳарбӣ, ташаббус ва ҳамкорӣ ташаккул меёбад.

Самти экологӣ – маърифати сарчашмаҳо, дарки ҳифз ва беҳдошти муҳити зист, истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, ҳамоҳангии корҳои экологию маърифатӣ нақши клубҳои экологӣ, марказҳои экологӣ, лагерҳои мавсимӣ маълумоту донишҳо оид ба парваришгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дигар марказҳои истироҳатиро фаро мегирад;

Самти таърихӣ – маърифати сарчашмаҳо, дарки моҳияти Ватан, тақдири он, алоқаи зич бо он, ифтихор аз гузаштагон ва шахсони маъруфи муосир ва масъулияти таърихӣ аз барои ҷамъият ва давлат. Он омӯзиши таърихи бисёрасраи Ватан, ҷой ва мавқеи ҷумҳурӣ дар раванди таърихӣ, омодагии дифои ҳарбӣ дар инкишоф ва устувории ҷамъият, ҳимояи он аз хатарҳои берунӣ, фаҳмидани хусусиятҳои миллӣ, урфу одат ва расму русуми халқ ва насли гузаштагони бузург ва соҳибихтиёрии мамлакатро дар бар мегирад.

Самти сиёсию ҳуқуқӣ – ташаккули дарки амиқи уҳдадориҳои конститутсионӣ ва ҳарбӣ, ҳодиса ва равандҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар ҷамъият ва давлат, сиёсати ҳарбӣ, дастурамали асосии консепсияи бехатарии мамлакат ва ақоиди ҳарбӣ, мавқеъ ва нақши Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули самтҳои ҳарбӣ дар низоми сиёсии ҷамъият ва давлат ба ҳисоб мераванд.

Инчунин бо қонунҳои давлат, махсусан бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ, бо вазифа ва асосҳои ҳуқуқии фаъолияти муассисаи ҳарбӣ бо низомномаи савганди ҳарбӣ, низомномаҳои дигари ҳарбӣ, талаботи сардор, роҳбар ва дигар шахсони вазифадор шинос шаванд.

Самти байналмилалӣ – тарбияи арзишҳои равонӣ-ахлоқӣ ва маданӣ-таърихӣ, ки хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи ҷамъияту давлат, инчунин руҳи миллӣ, тарзи ҳаёт, сулҳпарастӣ ва тақдири шаҳрвандонро инъикос мекунад. Он муҳаббати фидокорона ва садоқат нисбат ба Ватан, ифтихор аз шахсони бузург, тайёрӣ ба хизмати фидокорона барои ҷамъият ва давлат тарғиби ифтихори миллӣ, дӯстии халқҳо, тарбияи мактаббачагон дар муҳити солимро дар бар мегирад.

Самти фаъолияти касбӣ – ташаккули муносибати содиқона ва ҷиддӣ нисбат ба кор, меҳнат, хизмат ба Ватан, кӯшиши зуҳуроти фаъоли сифатҳои касбию меҳнатӣ дар шавқу рағбатҳои иҷроиши бомуваффақияти уҳдадориҳои ҳарбӣ ва супоришҳои гузошташуда. Он соҳиби маром, мақсад ва вазифаҳо, ҷанбаҳои арзишноки фаъолияти касбию меҳнатии шахс, иддаои касбӣ ва мақсаднокӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои баланди фаъолият, бо масъулияти баланд иҷро кардани уҳдадориҳои ҳарбӣ ва ба даст овардани мақсадҳои мушаххас, пешбинӣ карда тавонистан ва амалӣ кардани нақшаҳои касбии худ аст.

Самти психологӣ – дар хонандагон ташаккул додани устувории баланди психологӣ, тайёрӣ ба иҷроиши супоришҳои мураккаб ва масъулиятнок дар шароити гуногун, ташаккули сифатҳои муҳимтарини психологии барои ҳаёт ва фаъолияти бомуваффақияти ҷамъият зарурбуда. Ин самт дорои омӯзиш ва пешгӯйии ҷараёнҳои иҷтимоию психологӣ дар мактаб, пешгирии зуҳурот ва ҳодисаҳои манфии рафтор, бартараф кардани шиддатнокии психологӣ ва стресс мебошад.

Самти ҷисмонию варзишӣ – тарғиботи тарзи ҳаёти солим мебошад. Самтҳои мазкур бо меъёрҳои синнусолии мактаббачагон мутобиқ гардонида шудаанд: синфҳои ибтидоӣ дар зинаи якуми ташаккули тарбияи ватанпарастӣ кор мекунанд, баъдан кор дар зинаи дуюм ва сеюм ботартиб идома дода мешавад. Тамоми ин самтҳо байни худ алоқаманд ҳастанд, дар рафти фаъолияти амалӣ аз рӯйи мақсад, вазифа, асосҳои равонию ахлоқӣ ва ҷаҳонбинӣ, тартибот, шакл ва методҳои тарбияи экологию ватанпарастӣ бо ҳам пайваст мегарданд.

Тарбияи экологӣ бояд яклухт ва мукаммал бошад. Усули яклухт хусусияти муҳимтарини тарбияро инъикос мекунад, ҳадафи он ба ташаккули яклухт ва ҳамаҷониба

инкишоф додани шахсият равона шудааст. Педагогикаи муосир қайд мекунад, ки ҷараёни тарбия бояд ҳам алоқаи мутақобилаи бомақсадонаи тарбиятдиҳандагону тарбиягирандагон ва ҳам ташкили муносибатҳои муайяни байни хонандагон, омӯзгоронро дар бар гирад. Бинобар ин, мо қайд карда метавонем, ки усули яклухт хусусияти қонуниро дошта, яке аз принсипҳои тарбияи хонандагон мебошад. Он ба таври воқеӣ мувофиқати тамоми тарафҳои шахсияти инкишофёфтаро талаб мекунад:

- алоқаи байни супоришҳо, мундариҷа, шакл ва методҳои ташкили ҷараёни тарбия;
- алоқаи бамувофиқарасидаи муассисаи таълимӣ, оила, коллективҳои истеҳсолӣ ва ҷомеа;
- ягонагии тарбия ва худтарбиякунии хонандагон.

Танҳо ҳангоми қайди дурусти вобастагии методологии усули яклухт мо метавонем сифатҳои мавҷудаи онро ҳамчун принсипи тарбия ошкор кунем. Дар рафти омӯзиш ба таври объективӣ имконият ва омилҳои таъсири тарбиявӣ вуҷуд доранд, вале воқеигардонии онҳо ба таври сунъӣ, бе иҷрои амалҳо ва диққати махсуси муаллим ба вуҷуд омада наметавонад.

Сарчашмаи асосии таъсири тарбиявии ҷараёни таълим мундариҷаи он мебошад. Моҳияти фаъолияти худро муаллим дар инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда амалӣ намуда, дар мундариҷаи таълимот фикру мулоҳизаҳои пешбаранда, қонун ва назарияҳо зарурбударо нишон медиҳад. Таъсири тарбиявии ҷараёни таълим бештар аз хусусияти фаъолияти таълимии хонандагон вобаста аст, аз ин рӯ, ба сифати омилҳои воқеигардонии тарбия дар раванди таълим инчунин усули таълим низ дохил мешаванд. Мундариҷаи равиши таълим ба инкишофи тафаккури диалектикии мактаббачагон таъсир мерасонад. Инкишофи маърифати хонанда, аз интихоби дуруст ва истифодаи оқилонаи равишҳои таълим ва азхуд намудани донишҳои зарурӣ вобаста мебошад.

Фаъолияти пурсамари таълимии хонандагон дар дарсҳо, лексияҳо, машғулиятҳои амалӣ, экскурсияҳо ва дигар шаклҳои ташкили ҷараёни таълим зоҳир мегардад. Бинобар ин, барои баланд бардоштани таъсири тарбиявии таълим нақши пешбарандаи таълим ва мувофиқати шаклҳои бисёрсамтаи онро таъмин намудан зарур аст. Тавассути истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили ҷараёни таълим доираи муошарати корияи хонандагон бо рафиқонашон ва муаллимонашон дар шароитҳои фаъолияти фаъоли маърифатӣ бой мегардад. Заминаи ҷаҳонбинии илмӣ донишҳое мебошанд, ки онҳоро мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ медиҳад. Махсусан дар ин ҷо одам бо илмҳои табиатшиносӣ ва ҷамъиятшиносӣ ошно мегардад ва ба ҳаёт ва таълимоти минбаъда тайёр мешавад. Ҷаҳонбинии одам ҳақиқати доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳадафҳои ҳаётии шахсиятро инъикос мекунад ва олами инсон инчунин тафаккур ҳиссиёт ва рафтори ӯро дар бар мегирад. Шуури табиатдӯстӣ ва ватанпарастии инсон он вақт ташаккул меёбад, ки агар донишҳои гирифташуда барои муайян намудани мавқеи ҳаётии ӯ кумак расонанд ва ин мавқеъ ба боварӣ табдил ёфта бошад, то ин ки тамоми роҳи зиндагии ӯро равшан созад.

Раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ аз омӯзгор талаб мекунад, ки ӯ аз доираи дарс, мактаб берун рафта, фанни худро бо ҳаёт, амалия алоқаманд намояд. Таълим тавре бояд сурат гирад, ки хонанда дарк кунад, ки он барои ӯ муҳим аст ва бе азхуд кардани дониш ояндасозӣ имконнопазир аст.

Дар корҳои тарбиявӣ диққати бештар ба муносибати хонанда нисбат ба табиат, омӯзиши муҳити зист дода мешавад. Ин корро тамоми омӯзгорон мақсаднок пеш мебаранд, ки дорои якчанд ҷиҳат аст. Дар дарсҳои биология, география, кимиё ва физика муаллим нишон медиҳад, ки фаъолияти инсон дар табиат бояд ба қонунҳои он сахт мувофиқат кунад. Ин дарсҳо малакаҳои аввалиндараҷаи пешбинии илмии тағйироти табиатро ҳангоми фаъолияти хоҷагидорӣ медиҳанд. Ҷанбаи иқтисодии ҳифзи табиат беаҳамият нест. Маҳз сарвати мамлакат низ ба он вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, барои ҳифзи табиат, самаранок истифода бурдани сарватҳои табиӣ хонандонро соҳиби маълумот кардаву маърифати экологиашонро баланд бардоштан лозим аст.

АДАБИЁТ:

1.*Рӯдакӣ, А.* Шеърҳо.-Душанбе, 1974

2.*Фирдавсӣ, А*.Шоҳнома.- Душанбе 1976

3.Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019

4.*Лайпанов, Р.А*. Экологическое воспитание старшеклассников средствами народной педагогики.-3.Карачаевск, 2005 199 с. РГБ ОД, 61:06-13/614.

5.*Мургаева, С.И*. Народные традиции в экологическом воспитании старшеклассников.- Москва, 2000 195 с. РГБ ОД, 61:01-13/914-3.

6.*Лутфуллоев, М*. Педагогикаи миллии халқи тоҷик-Душанбе.: «Ирфон», 2015. 706с.

7.*Хусрав, Н.* Ҷомеъ- ул- ҳикматайн.-Душанбе: Эр -Граф 2011.-311с.

8.*Киреев, Н.Г*., Н.В.Киреева Экономика и природная среда- М.: Агар, 1999.

9.*Николаева, Е.К.* Использование народных экологических традиций как один из аспектов формирования эколого-гуманитарной культуры М., Просвешение 1999.

10.*Чернова, Н.М.* Основы экологии М., Просвещение 1997.

САЛОҲИЯТ ВА ВАЗИФАҲОИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА ДАР ТАРБИЯИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОН

Бобоева З.С.

Муаллиф дар мақола оид ба мавқеи муҳити зист дар ҳаёти инсон, васфи табиат ва тарбияи экологӣ дар ашъори ниёгон, инкишофи босуръати илму – техника дар асри XXI ба ифлосшавӣ ва тағйироти биосфераи замин, муассисаи таълимӣ ва мевқеи он дар тарбияи экологии хонандагон, барномаи экологии давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиб, нуктаву самтҳои асосии амалигардонии барнома салоҳияту вазифаҳои омӯзгор дар тарбияи экологии наврасону ҷавонон, фаъолияти пурсамари таълимии хонандагон перомуни тозаву озода нигоҳ доштани муҳити зист ва сарчашмаи асосии таъсири тарбиявии ҷараёни таълим андешаҳояшро баён кардааст.

Муҳаққиқ инчунин дар бораи самаранок истифода бурдани сарватҳои табиӣ ба хонандагону омӯзгорон тавсияҳояшро пешниҳод кардааст.

Калидвожаҳо: *тарбияи экологӣ, муҳити зист, салоҳият, вазифаҳои омӯзгор, ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти таълимии хонанда, сарватҳои табиӣ.*

КОМПЕТЕНЦИИ И ОБЯЗАННОСТИ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ В ЭКОЛОГИЧЕСКОМ ОБРАЗОВАНИИ СТУДЕНТОВ

Бобоева З.С.

В статье автор говорит о роли окружающей среды в жизни человека, восхвалении природы и экологическом воспитании в стихах предков, бурном развитии науки и техники в XXI веке, загрязнении и изменении земной биосферы. Также говорится об образовательных учреждениях и их роли в экологическом воспитании учащихся, Государственная экологическая программа Республики Таджикистан, основных моментах и направлениях реализации программы, полномочиях и обязанностях преподавателя в области экологического образования, воспитание подростков и молодежи, эффективная образовательная деятельность учащихся по поддержанию чистоты и порядка окружающей среды и основной источник воспитательного эффекта образовательного процесса.

Исследователь также дал рекомендации студентам и преподавателям по эффективному использованию природных ресурсов.

Ключевые слова: *экологическое образование, окружающая среда, компетентность, задачи учителя, мировоззрение и учебная деятельность учащихся, природные ресурсы.*

COMPETENCIES AND RESPONSIBILITIES OF A FUTURE TEACHER IN ENVIRONMENTAL EDUCATION OF STUDENTS

Boboeva Z. S.

In the article, the author talks about the role of the environment in human life, the praise of nature and environmental education in the poems of ancestors, the rapid development of science and technology in the 21st century, pollution and changes in the earth's biosphere. educational institution and its role in environmental education of students, the state environmental program of the Republic of Tajikistan, main points and directions of implementation of the program, powers and responsibilities of the teacher in the field of environmental education. Effective educational activities of students to maintain a clean and orderly environment and the main source of the educational effect of the educational process.

The researcher also provided recommendations to students and teachers on the efficient use of natural resources.

Key words: *environmental education, environment, competence, teacher's tasks, worldview and learning activities of students, natural resources.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Бобоева Зебоҷон Субҳоновна – нозади илмҳои педагогӣ, дотсент, омӯзгори калони кафедраи анатомия ва физиологияи факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Сурога: 734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121, Тел.: (+992) 919101164*

Сведения об авторе: *Бобоева Зеводжон Субхоновна – кандидат педагогических наук, ст. преподаватель кафедры анатомии и физиологии факультета биологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003 ш. Душанбе, пр. Рудаки 121, тел.: (+992) 919101164*

Information about the author: *Boboeva Zebojon Subhonovna– candidat of pedagogical sciences, art. lecturer in the department of anatomi and physiology of the faculty of Tajik state pedagogical university named after Sadriddin Aini. Address: 734003 s. Dushanbe, Rudaki Ave. 121, tel: (+992) 919101164*

ОИД БА БАЪЗЕ РАВИШҲОИ МУАЙЯН КАРДАНИ МОҲИЯТИ ХУДОМӮЗИИ КАСБӢ-ЭҶОДИИ ОМӮЗГОР

Наимов Қ.Т
«ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Заминаҳои назариявии баррасии муаммоҳои худомӯзии омӯзгор дар осори К.Д.Ушинский таҷассуми худро ёфтаанд. «Ақли инсон, - навишта буд ӯ, - ба ихтиёри худ гузошта шавад, ба таври ногуфтанӣ тез хомӯш мешавад ва бо чунин шахсон дучор шудан мумкин аст, ки таҳсилро дар мактаби олӣ ба таври аъло тамом карда, онро давом надодаанд, пас аз чанд сол ҳатто як заррае, ки онҳо қаблан ягон чизе омӯхтаанд, нишон намедиҳанд» [11,с.308]. К.Д.Ушинский худомӯзии омӯзгорро аз нуқтаи назари худтакмилкунӣ, раванди инкишофи мутаносиби шахсияти омӯзгор арзёбӣ кардааст.

Моҳияти худомӯзиро вобаста ба муносибат нисбат ба назария ва таҷрибаи педагогӣ С.Т. Шатский ва М. Скаткин мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

С.Т. Шатский мавқеи муҳимтаринро дар бораи робитаи назария ва таҷрибаи педагогӣ муқаррар карда, чунин андеша дорад, ки дар раванди худомӯзӣ омӯзгор бояд таҷрибаи педагогиро дар асоси назарияи педагогӣ омӯзад. М.Н. Скаткин яке аз аввалинҳо шуда, андешаро дар бораи табиати эҷодӣ доштани фаъолияти худомӯзии омӯзгор ифода намуда, кӯшиш кард, ки низоми принсипхои худомӯзии кадрҳои педагогиро муайян намояд[10]. Ба ақидаи ӯ, заминаи худомӯзии омӯзгор на танҳо омӯхтани таҷрибаи педагогии одамони дигар, балки таҳқиқи мустақилонаву пайгирона дар соҳаи таълиму тарбияи хонандагон дар асоси таҷрибаи омӯхташуда мебошад. Маҳз ҳамин фаъолияти омӯзгорро ин муаллиф худомӯзӣ

эътироф карда, онро гарави такмили эҷодии фаъолияти касбӣ ва шахсияти мутахассис медонист.

Дар осори муосири психологӣ-педагогӣ аксари муаллифон худомӯзии касбии омӯзгорро ҳамчун кори ҳадафмандона, нақшавӣ, мустақилонаи омӯзгор, ки ба такмили донишҳои мавҷуда ё азхудкунии донишҳои нав ва истифодаи онҳо дар фаъолияти касбӣ равона шудааст, муайян мекунанд (М.М. Заборшикова, В. Д. Лутанский, В.Б.Новичков, П.Г.Пшибелский ва д.).

Худомӯзии омӯзгор вазифаи касбӣ буда, ҳадафи он бо баланд бардоштани самаранокии фаъолияти амалии омӯзгор алоқаманд аст. Т.А. Воронова [2], ба педагогика ҳамчун илм, нақши рӯзафзуни назарияи педагогӣ дар фаъолияти амалии омӯзгор ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ ҳамчун субъекти махсуси азхудкунӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таҳти худомӯзӣ фаъолияти мунтазами мустақилонаи омӯзгорро барои азхуд намудани назарияи педагогӣ ва таҷрибаи пешкадами педагогӣ мефаҳмад, ки ба такмили фаъолияти педагогӣ нигаронида шудааст. Ҳамин ақидаро С. Иванова, Ю.Н. Кулюткин, Г. Сухобская ва диг. ҷонибдорӣ мекунанд, ки тибқи он олимони мазкур моҳияти худомӯзии касбӣ-педагогиро баррасӣ карда, аз муносибати омӯзгор ба манбаъҳои дониши касбию педагогӣ ба хулоса меоянд, ки таҳти манбаъ онҳо осори илмӣ, педагогӣ, психологӣ, методӣ ва махсуси дорои таҷрибаи самарабахши иҷтимоӣ ва педагогии одамони дигар, инчунин таҷрибаи педагогии бевосита мушоҳидашавандаро мефаҳманд.

Омӯзиши эҷодии таҷрибаи одамони дигар, ҷустуҷӯйи ғояҳои нави методӣ, роҳҳо ва усулҳои кор, таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи шахсии худ аз нуқтаи назари умумӣ, ба таври самаранок, эҷодкорона ҳал намудани масоили касбӣ ва педагогӣ дар заминаи тавсияҳои илм ва амалияи самарабахши таълим - ҳамаи ин ба андешаи онҳо асос, моҳияти худомӯзии омӯзгорро ташкил медиҳад.

Нуқтаи назари Г.Н. Сериков, ки худомӯзиро аз мавқеи равиши ягона ва ғояи мутаносибгардонии раванди таълиму тарбия баррасӣ мекунад, ҷонибдорони худро дорад, ки тибқи он: "худомӯзӣ воситаи ҷустуҷӯ ва азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ мебошад, ки шахс метавонад тавассути он тарбия, таълим, такмил ва тайёрии касбии худро мувофиқи ҳадаф ва вазифаҳои дар назди худ гузошташуда амалӣ намояд" [9]. Ба худомӯзӣ ба таври мақсаднок омода кардани хонандагон, ба фикри муаллиф, бояд дар амалияи раванди таълиму тарбия татбиқ карда шавад. Азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ аз ҷониби таълимгирандагон дар асоси майлу қобилияти худ тавассути ҳамкорӣ бо ҳамдигар, бо омӯзгорон, бо субъектҳои дигар амалӣ мешавад ва ба қонеъ гардонидани талаботи афзуншавандаи онҳо ба таълим, омодагӣ ба иштирок дар фаъолияти касбӣ, дар кори ҷамъиятӣ, инчунин дар худомӯзӣ ба роҳ монда мешавад.

Худомӯзии таълимгирандагон, ба фикри Г.Н.Сериков, аслан чор вазифаро иҷро мекунад: тарбия, таълим, инкишоф ва омодагии касбӣ [9]. Мо андешаи ӯро тарафдорӣ менамоем, ки ба худомӯзӣ тайёр кардани таълимгирандагон (алалхусус донишҷӯён), қисми тайёрии касбии онҳо мебошад. Ҳадафи худомӯзии касбӣ-педагогӣ, ба ақидаи академик Ф.Шарифзода [12], худтакмилдиҳии шахсӣ ва касбӣ мебошад, ки он ба шахс ба салоҳияти касбӣ, сатҳи баланди фарҳангӣ ноил шудан, баланд кардани самаранокии фаъолияти педагогӣ, ки дар тағйироти сифатии инкишофи шахсияти хонанда зуҳур мекунад, яъне ба дараҷаи баланди педагогӣ ва муносибати эҷодкорона ба меҳнат ноил шудан, имкон медиҳад.

Дар монографияи «Тафаккури омӯзгор» [7], ки тахти роҳбарии Ю.Н.Кулюткин ва Г.С.Сухобская нашр шудааст, таъкид гардидааст, ки худомӯзии касбии омӯзгор - намуди фаъолияти эҷодии педагогӣ буда, дар раванди он омӯзгор ба монанди фаъолияти амалии худ масоили муайяни педагогиро, ки аз низоми умумии амалии фаъолияти касбӣ-педагогӣ барои омӯзиши махсус ба тариқи таҳлил ҷудо шудаанд, ҳаллу фасл мекунад. Аз рӯйи моҳияти худ вазифаҳои мазкур тадқиқотӣ буда, дар асоси он муаммои педагогии таҳаввули эҷодӣ ва рушди шахсияти донишҷӯ меистанд. Омӯзгор вазифаҳои умумӣ ва мубрамро тавассути низоми вазифаҳои ҳаррӯза, алоҳида, инфиродии касбӣ-педагогӣ, ки дар ҳолатҳои мушаххаси кори таълиму тарбия ба вуҷуд меоянд, ҳал мекунад.

Мо ақидаи олимони мазкурро ҷонибдорӣ намуда, чунин андеша дорем, ки заминаи фаъолияти худидоракунии эҷодии омӯзгор ҳалли масъалаҳои ҳалталаби педагогӣ мебошад.

Раванди мустақилона азхудкунии дониш фаъолияти равонии шахсро фаъол намуда, сифатҳои ихтиёриро ташаккул медиҳад. Инсон ҳангоми азхуд кардани дониш худаш ва мавқеи худашро дар ҳаёт ташаккул медиҳад. Аз ин бармеояд, ки худомӯзӣ дар айни ҳол худтарбиякунӣ мебошад.

Ҳар як мутаффакири илми педагогика ба худомӯзӣ машғул буд. Масалан, К.Д.Ушинский барои худ барномаи такмили ихтисос тартиб додааст, ки онро «Дастурҳо» номидааст. Ӯ аз болои иҷрои қоидаҳои барои худ муқарраршуда дақиқ назорат мекард, ки онро дар рӯзномаи шахсии худ қайд менамуд. А.С. Макаренко доимо дар болои худ кор мекард, хислатҳои худбиноии мизоҷи худро бартараф мекард. Ӯ инчунин ифодаҳои симо, овоз ва ҷисми худро идора карданро комилан аз худ кард. Ин малакаҳо ба ӯ кӯмак карданд, ки хислаташро тағйир диҳад. В.А. Сухомлинский чунин мешуморид, ки худтакмилдиҳӣ дар кори умумӣ, меҳнати якҷоя ва дар ҳаёти маънавии коллектив бартараф намудани камбудиҳо мебошад.

Дар адабиёт ба қадри кофӣ мавқее таҳия шудааст, ки дар он мафҳуми «худтарбия» ҳамчун фаъолияти бошуурона, мақсадноки шахс барои тағйир додани шахсияти ӯ баррасӣ мешавад (Л. И. Рувинский, А. Г. Ковалев), аммо консепсияҳои муаллифон бо нишон додани шароити мухталифи иҷрои ин фаъолият аз ҳам тафовут доранд.

Худтарбия, ба андешаи А. Ковалёв, кори ба мақсад мувофиқ, бошуурона ва мунтазамро аз болои худ ифода мекунад, баҳри расидан ба сатҳи инкишофе, ки ба талаботи иҷтимоӣ ва идеалҳои шахсӣ мувофиқ бошад. Инчунин он воситае мебошад, ки ба инсон имкон медиҳад, ки сифату маҳорати муайяни касбӣ инкишоф ёбад. Инсон бояд барои кор кардан аз болои худ шавқманд бошад, зеро некӯаҳволии моддӣ, инчунин қаноатмандӣ ва худбаҳодиҳӣ аз муваффақият дар худомӯзӣ вобаста аст [5].

Ба ақидаи олими барҷастаи тоҷик, академик М.Лутфуллозода [6] худтарбияи касбӣ барои инсон фаъолияти мураккаб, аммо зарурӣ буда, барои аз худ намудани дониш, амалӣ намудани амалу кирдори муайян вақту заҳмат талаб мекунад. Муваффақият дар ин фаъолият ба омодагии махсуси шахс, яъне ба дониш, маҳорат ва малакаи кор аз болои худ вобаста аст. Омода будан инчунин омодагии равонӣ ба кор аз болои худ, яъне шавқмандӣ ба ин фаъолият ва нияти устувори машғул шудан ба худтарбиякуниро дар бар мегирад.

Л.И.Рувинский таърифи А.Г. Ковалевро дар бораи худтарбиякунӣ зери танқид гирифта намуда, таъкид мекунад, ки ворид намудани чунин хусусиятҳо ба монанди кори мунтазам ва банақшагирифташуда аз болои худ таърифро нопурра месозад. Ӯ чунин андеша дорад, ки агар кори мураттабу ба нақша гирифтаи худро аз болои худ аломатҳои ҳатмии худтарбия эътироф кунем, он гоҳ гуногунии таъсири шароити беруна ба инсон ва қобилияти муносибати ҳассосро ба тамоми вазъиятҳои ҳаётӣ ба назар гирифтан ғайриимкон аст. Инчунин ба андешаи ӯ таърифи мафҳуми «худтарбия» танҳо ҳамчун фаъолияти худтакмилдиҳӣ пурра нест, зеро шахс ҳангоми ташаккули сифатҳои муайян дар худ, худро пурра такмил намедиҳад, ягон сифати манфиро дар худро инкишоф намедиҳад ё онҳоро бартараф намекунад [8].

Дар тадқиқоти Л.И.Рувинский таърифи худомӯзӣ, ба фикри мо, нисбатан саҳеҳ ифода ёфтааст. Ӯ қайд мекунад, ки худтарбияро метавон ҳамчун фаъолияти шахс бо ҳадафи тағйир додани шахсияти худ муайян намуд. Чунин дарки худомӯзӣ умуман ду лаҳзаи асосиеро инъикос мекунад, ки моҳияти онро ташкил медиҳанд. Якум, ин кор кардан аз болои худ як намуди махсуси фаъолият мебошад ва дуюм, худтарбиякунӣ сатҳи олии тағйирдиҳии худ, тағйироти бошуурона, мақсаднок дар шахсият аст.

Л.И.Рувинский чунин ақида дорад, ки худтарбия на ҳамеша моҳияти доимӣ дорад ва аз рӯи нақшаи пешакӣ муайяншуда ба амал бароварда мешавад. Ин ба як катор сабабҳо (шароити муҳит, ҷаҳони ботинии худи шахсият, вежагиҳои вазифаҳои тарбия вобаста аст [8.с.13].

Моҳият, сохтор ва раванди худтарбия ва худинкишофдиҳии шахсият дар асари коллективии «Муаммоҳои иҷтимоӣ-психологии такмили худидоракунии шахс» инъикос ёфтааст.

«Худтарбиякунӣ, - қайд мекунад В.К.Кириллов ва дигарон, - майли аз худ болотар рафтан ва аз ин баландӣ бартараф намудани сифатҳо ва эҳтиёҷоти номатлуби худ, ғалаба кардан бар худ аст» [4, с.85].

Худтарбия ва худинкишофдиҳӣ аз он оғоз мешавад, ки шахс ба дарк намудани сифатҳои худ шуруъ мекунад, муносибати муайянро нисбат ба онҳо ташаккул медиҳад, бо фаҳмидани он, ки кадом як амали ӯ ба одамони дигар мақбул аст ва кадоме аз онҳо маҳкум карда мешавад. «Натиҷаи аввалин ва эҳсосшавандаи тарбия дар он ифода меёбад, ки инсон дар бораи худ ба андеша меафтад», - навишта буд В.А.Сухомлинский. Дар ин ҷо робитаи зичи тарбия ва худтарбияро мушоҳида кардан мумкин аст: самараи раванди тарбия меафзояд, вақте ки он асосан бо ҷидду ҷаҳди бошууронаи худи шахсият ба амал бароварда мешавад.

Ҳамин тавр, худтарбияи касбии омӯзгори оянда ҳамчун яке аз шартҳои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти дар нақши омӯзгор муқаррар кардан, ишғоли мавқеи сазовор дар ҷомеа тавассути касби омӯзгорӣ ба вуҷуд меояд.

Ангезаҳои худтарбияи касбӣ чунинанд:

1. Талабот нисбат ба касби омӯзгорӣ;

2. Хоҳиши эҳтиром дар байни ҳамкасбон ва шогирдон;

3. Дарк карда тавонистани номувофиқатии сифат, донишҳо ва малакаҳои шахсии худ ба талаботҳои касбӣ;

4. Идеали педагогӣ;

5. Зарурати комилан амалӣ намудани қобилиятҳо ва неруи эҷодии худ.

Худтарбия ҳамчун раванди такмили шахсият се марҳиларо дар бар мегирад:

1) худтаҳлил, дарки сифатҳои мусбат ва манфии худ, нияту мароми машғул шудан ба худтарбия;

2) муайян кардани ҳадафҳои мушаххас ва тартиб додани барномаи худтарбия;

3) амалӣ гардондани фаъолияти худтарбия.

Дар мавриди мафҳумҳои худтарбия ва худтакмилдиҳӣ дар адабиёт роҷеъ ба дараҷаи ба ҳам мувофиқ будани ҳаҷму мундариҷаи онҳо андешаи ягона мавҷуд нест.

Масалан, И.А. Донтсов қайд мекунад, ки мафҳумҳои зикршуда бештар ҳамчун муродиф истифода мешаванд ва гарчанде ки ӯ эътироф мекунад, ки аслан вазъият ин гуна нест, худтакмилдиҳӣ мафҳуми нисбатан васеътар буда, ба мазмуни муайян худтарбияро ҳамчун яке аз лаҳзаҳои он дар бар мегирад, дар китоби худ тасмим гирифтааст, ки ба ин анъана риоя намояд. И.А.Донтсов таъкид мекунад, ки худтакмилдиҳӣ ҳадафи асосии тағйир додани шахсияти худро дорад ва онро ҳамчун омили шахсӣ, раванди амиқи ботинӣ эътироф мекунад, ки дар шароите сурат мегирад, ки шахс бо худ танҳо қарор дорад, вақте ки шахс нисбат ба худ талаботи муайян мегузорад. 3].

Муаллиф инчунин қайд мекунад, ки раванди мазкур ба шарофати таъсири мутақобилаи чунин равандҳо, ба монанди таъсири беруна, ки манбаи он худи ҳаёт, муҳити иҷтимоӣ, тарбияи ҳадафманд ва фаъолияти худи шахс аст, равона ва амалӣ карда мешавад, ки дар як вақт дар ду намуд: объекти тарбия ва субъекти ташаккули худ, худтакмилдиҳӣ баромад мекунад [3, с.21-22].

Нисбат ба мафҳуми «худтакмилдиҳӣ» ду равиш вуҷуд дорад. Гурӯҳи муаллифон ба монанди А.Г.Ковалев, А.И. Кочетов, В.Г.Кутсенко чунин андеша доранд, ки дар раванди худтакмилдиҳии шахсият кор аз болои худ бо ҳадафи ташаккули сифатҳои мусбат ва бартараф намудани сифатҳои манфӣ сурат мегирад, яъне худтакмилдиҳӣ самти мусбат дорад.

Гурӯҳи дигари муаллифон: А.И. Высотский, Л. Рувинский ва дигарон таъкид карданд, ки худтакмилдиҳӣ новобаста аз он, ки кадом хислатҳои шахсият такмил меёбанд, татбиқ мегирад, зеро худтакмилдиҳӣ, қабл аз ҳама, дар шуури худи шахс самти мусбат дорад.

Қобилияти худтакмилдиҳӣ ба ҳама гуна шахс хос аст ва агар он худро зоҳир накунад, дар натиҷа, зарурати такмили худтакмилдиҳӣ, ки ба ин қобилият мувофиқ аст, бо ин ё он сабаб суст инкишоф ёфтааст ё пахш карда мешавад. Заминаи психологии равандҳои эҳтиёҷот аст, бинобар ин, бе зарурати ботинӣ барои худтакмилдиҳӣ, ҳатто бо қобилиятҳои мувофиқ ва шароити берунии татбиқ, раванди худинкишоф имконнопазир аст.

Муайян кардани худтакмилдиҳӣ ҳамчун раванди зарурӣ, раванди нисбатан мустақили ташаккули шахсият хулосаи методии муҳимро медиҳад, зеро он қабл аз ҳама шахсро, аққалан аз ҷиҳати назариявӣ ҳамчун махлуқи бошуур, эҷодкори фаъол, ба худмуайянкунӣ дар инкишофи худ тавоно тавсиф мекунад.

Файласуф Н.Д.Брагина кӯшиш кардааст, ки моҳияти раванди худтакмилдиҳиро ошкор намояд [1]. Ӯ таъкид мекунад, ки раванди мазкур як фаъолияти дигаргунсозанда мебошад, ки на ба зоҳир, балки ба худи субъект, ба ҷаҳони ботинии ӯ самтгузорӣ шудааст. Ҳамин тариқ, худтакмилдиҳӣ ҳамчун мушаххасгардонии қобилияти умумии инсонӣ - қобилияти дигаргун шудан ба назар мерасад. Муаллиф ду ҷанбаи раванди ягонаи худшиносиро муайян кардааст: а) «такмил додани зуҳуроти» моҳияти худ (мавқеи худро ифода кардан, худро чун шахсият татбиқ кардан) ва б) такмил додани худи тасаввурот оиди моҳияти худ (худшиносӣ). Дар алоҳидагӣ, онҳо метавонанд ҳадафҳои нисбатан мустақили худтакмилдиҳиро ташкил диҳанд.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи файласуф, худтакмилдиҳӣ ҳамчун диалектикаи худшиносӣ ва татбиқи қобилиятҳои худ зоҳир мешавад ва ин, дар навбати худ, ҳадафи умумии равандро муайян мекунад: худтакмилдиҳӣ ба тағйир додани табиати татбиқи қобилиятҳои худ нигаронида шудааст.

Инчунин, Н.Д.Брагина дар тадқиқотҳои фалсафии худ ба хулосае меояд, ки худтакмилдиҳӣ ба худтатбиққунӣ равона шуда, аз инкишофи мустақилонаи ин ё он қобилиятҳои барои имкон ба даст овардани татбиқи худ ба сифати дигар ё ба дараҷаи нисбатан самаранок иборат аст [1, с.7].

Аз нуқтаи назари худшиносии эҷодӣ масъалаи худтакмилдиҳии касбӣ дар китоби як гурӯҳи муаллифон: В.К.Кириллов ва диг. бо номи «Муаммоҳои иҷтимоӣ-психологии худтакмилдиҳии шахсият» [4] баррасӣ шудааст. Муаллифон ақида доранд, ки кори эҷодӣ боз як ҷанбаи дигари камолоти касбӣ мебошад. Тарбияи сифатҳои эҷодии шахсият раванди дурудароз ва мураккабу мушкил аст. Барои одами эҷодкору фаъол кори дӯстдоштааш аз ҳама ҷолиб аст, меҳнати софдилона - зарурат ва лаззат аст; Дар раванди меҳнат такмил додани худ - як ҳолати табиӣ мебошад. Эҷодкорӣ тафаккури ғайримуқаррарӣ, таҳаммулнопазирӣ ба чизи бесалиқа ва шахшуда, қобилияти шахсро барои эҷод кардани ғояҳои нав ва ҳимоя кардани онҳоро пешбинӣ мекунад.

Ба андешаи мо, кори омӯзгор бо ҳадафи такмил додани сифатҳои касбӣ ва шахсии худ унсурҳои ифодакунии афкори эҷодӣ буда, натиҷаи он ҳаллу фасли баланди эҷодии вазифаҳои касбӣ-педагогӣ мебошад; тағйироти сифатӣ дар шахсияти хонанда; ба даст овардани сатҳи баланди фарҳанги педагогӣ мебошад, ки инкишофи доимии тафаккур ва тахайюл, мавҷуд будани дониши васеъ, заковат, қобилияти мустаҳилона ҳаллу фасл намудани масоили касбиро пешбинӣ мекунад.

Худтарбия ва инкишоф додани фарҳанги педагогӣ аз баҳо додан ба худ, ҷанбаҳои тавоною заъфи худ оғоз меёбад. Пурсиши омӯзгорони муассисаҳои таълимии мухталиф нишон дод, ки онҳо дар бораи фарҳанги педагогӣ андешаҳову ақидаҳои куллан гуногун доранд. Омӯзгорони ботаҷриба чунин мешуморанд, ки фарҳанги педагогӣ тамоми соҳаҳои шахсияти омӯзгор, таҷрибаи ҳаётии ӯро фаро мегирад ва аломатҳои барҷастатарини фарҳанги педагогиро номбар мекунанд:

- кӯшиш ба фаъолияти эҷодӣ, такомули доимӣ (равоншиносон ин эҳтиёҷотро ҳамчун зарурати комёбӣ муайян кардаанд);
- салоҳиятнокии касбӣ (донистани фанни худ, усулҳои таълими он, асосҳои психологӣ-педагогии таълиму тарбия);
- ҷаҳонбинии васеи илмӣ, бадеӣ-эстетикӣ;
- моҳияти дустона, хушмуомилагӣ, шавқмандӣ ба меҳнат;
- фарҳанги миҷозу табъ;
- қобилияти осон ва табиӣ ворид шудан ба ҳолати эҷодӣ, қобилияти таҳлили равандҳои эҳсосӣ, зеҳнӣ ва иродавии худ;
- азхуд намудани «грамматика»-и муошират педагогӣ.

Ҳамин тариқ, ташаккули омӯзгор, устоди кори худ аз он вобаста аст, ки худи ӯ ба шахсияти худ чӣ гуна муносибат мекунад: дастурҳо, шавқу рағбат, ниёзҳои ӯ чӣ гунаанд, фаъолияти ӯ дар азхудкунии дониш ва малакаҳои илмӣ чӣ гуна аст, то кадом андоза ӯ мақсаднок, бошуурона ва аз болои худ устувор кор мебарад. Мавқеи фаъоли омӯзгор нисбат ба шахсияти худ, ба фаъолияти касбии худ - омили муҳимтарини сафарбаркунанда ва барои рушди устувори худинкишофдиҳии босубот маҳсуб меёбад.

АДАБИЁТ:

1. *Брагина Н.Д*. Самосовершенствование человека как философская проблема: Автореф. дис.... канд. философ, наук. - М., 1991. - 16 с.
2. *Воронова Т.А*. Формирование у студентов готовности у педагогическому самообразованию в условиях университета: Дис.кандидата педагогических наук. - Л., 1986. - 280 с.
3. *Донцов И.А*. Самосовершенствование личности. - Ростов-на-Дону: Изд-во Рост, ун-та, 1974. - 149 с.
4. *Кириллов В.К*. и др. Социально-психологические проблемы самосовершенствования личности: Учебное пособие. - Чебоксары: Изд-во Чуваш. ун-та, 1994. - 268 с.
5. *Ковалев А.Г*. Личность воспитывает себя.- М.: Политиздат, 1983.-256 с.
6. *Лутфуллозода М*. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. (осори педагогӣ, ҷилди 6). Душанбе. 2015.-704с.
7. Мышление учителя: Личностные механизмы и понятийный аппарат / Под ред. Ю.Н. Кулютина, Г.С. Сухобской. - М.: Педагогика, 1990.- 102 с. (142)
8. *Рувинский Л.И*. Самовоспитание личности. - М.: Мысль, 1984. - 140 с.
9. *Сериков Г.Н*. Самообразование: Совершенствование подготовки студентов. - Иркутск: Изд-во Иркут. ун-та, 1991. - 232 с.
10. *Скаткин М.Н*. Совершенствование процесса обучения. - М.: Педагогика, 1971.-208 с.
11. *Ушинский К.Д*. Педагогические сочинения: В 6 томах / АПН СССР. - М.: Педагогика, 1988. - Т. I. - С.308.
12. *Шарифзода Ф*., Миралиев А.М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. Душанбе: Ирфон. 2012.-526с.

ОИДИ БАЪЗЕ РАВИШҲОИ МУАЙЯН КАРДАНИ МОҲИЯТИ ХУДОМӮЗИИ КАСБӢ-ЭҶОДИИ ОМӮЗГОР

Наимов К.Т.

Дар мақола баъзе равишҳои муайян кардани моҳияти худомӯзии касбӣ-эҷодии омӯзгор баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки дар осори муосири психологӣ-педагогӣ аксари муаллифон худомӯзии касбии омӯзгорро ҳамчун кори ҳадафмандона, нақшавӣ, мустақилонаи омӯзгор, ки ба такмили донишҳои мавҷуда ё азхудкунии донишҳои нав ва истифодаи онҳо дар фаъолияти касбӣ равона шудааст, муайян мекунанд. Раванди мустақилона азхудкунии дониш фаъолияти равонии шахсро фаъол намуда, сифатҳои ихтиёриро ташаккул медиҳад. Инсон ҳангоми азхуд кардани дониш худаш ва мавқеи худашро дар ҳаёт ташаккул медиҳад. Аз ин бармеояд, ки худомӯзӣ дар айни ҳол худтарбиякунӣ мебошад. Хулоса шудааст, ки мавқеи фаъоли омӯзгор нисбат ба шахсияти худ, ба фаъолияти касбии худ - омили муҳимтарини сафарбаркунанда ва барои рушди устувори худинкишофдиҳии босубот маҳсуб меёбад.

Калидвожаҳо: *худомӯзии касбӣ-эҷодии омӯзгор, муоширати педагогӣ, салоҳиятнокии касбӣ, дониши касбӣ, қобилият, омузгор, донишҷӯ, маҳорат, малака, худтарбиякунӣ, худтакмилдиҳӣ*

О НЕКОТОРЫХ ПОДХОДАХ К ВЫЯВЛЕНИЮ СУЩНОСТИ ПРОФЕССИОНАЛЬНО ТВОРЧЕСКОГО САМООБРАЗОВАНИЯ УЧИТЕЛЯ

Наимов К.Т.

В статье рассматриваются некоторые подходы к выявлению сущности профессионально творческого самообразования учителя. Отмечено, что в современных психолого-педагогических работах большинство авторов рассматривают профессионально-творческого самообразования учителя как целенаправленную, плановую, самостоятельную работу преподавателя, направленная на совершенствование имеющихся знаний или усвоение новых знаний и их использование. Процесс самостоятельного усвоения знаний активизирует мыслительную деятельность человека и формирует произвольные качества. Когда человек приобретает знания, он формирует себя и свою жизненную позицию. Из этого следует, что самообразование является в одно и то же время и самовоспитанием. Сделан вывод, что активная позиция педагога по отношению к свой личности, к своей профессиональной деятельности - важнейший мобилизующий фактор и заряд для упорного саморазвития.

Ключевые слова: *профессионально-творческое самообразование учителя, педагогическое общение, профессиональная компетентность, профессиональные знания, способности, педагог, студент, умение, самовоспитание, самосовершенствование.*

ON SOME APPROACHES TO IDENTIFYING THE ESSENCE OF A TEACHER'S PROFESSIONALLY CREATIVE SELF-EDUCATION

Naimov K. T.

The article discusses some approaches to identifying the essence of a teacher's professionally creative self-education. It is noted that in modern psychological and pedagogical works, most authors consider a teacher's professionally creative self-education as targeted, planned, independent work of a teacher, aimed at improving existing knowledge or mastering new knowledge and its usage. The process of independent assimilation of knowledge activates a person's mental activity and forms voluntary qualities. When a person acquires knowledge, he shapes himself and his life position. It follows from this that self-education is at the same time self-education. It is concluded that the active position of a teacher in relation to his personality, to his professional activity is the most important mobilizing factor and charge for persistent self-development.

Key words: *professional and creative self-education of a teacher, pedagogical communication, professional competence, professional knowledge, abilities, teacher, student, skill, self-education, self-improvement.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Наимов Қиёмидин Тугайевич –унвончӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».735700. ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1. Тел.+992-90-700-78-87.*

Сведения об авторе: *Наимов Киёмидин Тугаевич – соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики ГОУ «ХГУ имени академика Бабаджана Гафурова». 735700. г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1. Тел.+992-90-700-78-87.*

Information about the author: *Naimov Kiyomidin Tugaevich – applicant for the university department of pedagogy of the State Educational Institution "KhSU named after academician Babajan Gafurov". 735700. Khujand, Mavlonbekov Ave. 1. Tel. +992-90-700-78-87.*

ТДУ 891. 550 – 93

НАҚШИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНА ДАР РУШДИ ЗЕҲНИИ КӮДАКОН ДАР ОИЛА

Гадоева Ф.Т.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Оила мактаби аввалини ҳаёт барои тифли нав ба дунё омада мебошад. Кӯдак дар муҳити оила қобилиятҳои худро барои дарки олами беруна меомӯзад.

Адабиёти бачагонаро метавон ҳамчун як навъи дастрастарини санъат, ки ба рушди нутқи кӯдакон мусоидат мекунад, арзебӣ кард. Адабиёти бачагона дорои иқтидори бузурги тарбиявӣ ва рушдёбанда мебошад. Мақсади асосии шиносоӣ бо адабиёти бачагона дар синни кӯдакӣ ташаккули шахсияти кӯдак ба ҳисоб меравад. Вазифаи муҳимтарини тарбия барои ташаккули кӯдак ҳамчун як шахс дар синни томактабӣ ба шумор меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати ин масъаларо дар рушди ҷомеа дарк намуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд» - ро чун меъмор бунёд намуд.

Дар рушди адабиёти бадеии кӯдакона нақши оила хеле калон аст. Аз ин рӯ, шиносоии кӯдак бо китоби бачагона аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим буда, дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши бориз дорад. Махсусан, асарҳои бадеӣ ба рушди эҳсосии кӯдакон мусоидат мекунанд, ки ин дар хоҳиши нишон додани ҳиссиёт, эҳсос дар амалҳо, ки ҳангоми шунидани афсонаҳо ва ҳикояҳо ба вуҷуд меояд, ифода мешавад. Дар рушд ташаккули шахсияти кӯдак мутолиаи адабиёти бачагона саҳми арзандаи худро дорад.

Майли китобхонӣ, шавқи зиёд ба китобхонӣ дар оила аз тарафи волидон, яъне падару модар, бобою бибӣ ё ин ки хоҳару бародар ташаккул ёфта, асоси онро одати китобхонии кӯдак ташкил медиҳад.

Хондани китоб ва мутолиаи он ба кӯдак имконият медиҳад, ки аз ҷиҳати педагогӣ - психологӣ равандҳои маърифатии ӯро сайқал дода, инкишоф диҳад. Хусусан, барои кӯдакони синни хурди мактабӣ хонда додан, нақл кардани ҳикояҳо ва афсонаҳо барои ташаккули зеҳн, қобилияти фикрронӣ, мустаҳкам намудани хотира, шиносоӣ бо муҳити атроф, тайёрӣ ба мактаб, инчунин ватандӯстию мардонагӣ, садоқат, вафодорӣ, дӯстӣ, хештаншиносӣ ва монанди инҳоро дар қалби кӯдакон рушд медиҳад.

Адабиёти бачагона кӯдакро бо эҳсоси инсонӣ шинос мекунад, имкон медиҳад, ки сабаб, пайдоиш ва тағирёбии онро фаҳмад, инчунин ҳаёти ҷомеа ва табиат, ҷаҳони эҳсос ва муносибати инсонро ба кӯдак ошкор ва шарҳ медиҳад. Адабиёти бачагона ҳамеша ҳамчун воситаи асосии рушди нутқи кӯдакон эътироф мешавад: шиносоӣ бо адабиёти бачагона тавассуҳро ба вуҷуд меорад ва муҳаббатро ба забони модарӣ, сарват ва зебоии он тарбия мекунад, луғати тасвириро ғанӣ мекунад, ба рушди ифодаи нутқи кӯдакони томактабӣ мусоидат мекунад.

Адабиёти бачагона яке аз воситаҳои муҳимтарини рушди ҳамаҷонибаи ҳамоҳангии шахсият мебошад. Он таҷрибаи зиндагии инсонро ба таври ғайриоддӣ васеъ мекунад: он ба эҳсос, омӯхтан ва таҷриба кардани он чизе, ки хонанда ҳеҷ гоҳ наметавонад дар ҳаёти воқеӣ таҷриба кунад, кӯмак мекунад.

Аз китоб кӯдак бисёр калимаҳои нав, ибораҳои тасвириро меомӯзад, нутқи ӯ бо луғати эҳсосӣ ва шоирона бой мешавад ва ба ӯ кӯмак мекунад.

Ба воситаҳои калимаҳо ҳанӯз пеш аз мактаб, кӯдаки хурдсол амалан меъерҳои грамматикии забонро дар якҷоягӣ бо луғати худ аз худ мекунад. Н. С. Карпинская чунин мешуморид, ки китоби бадеӣ намунаҳои олии забони адабиро меомӯзад. Ҳамаи ин афзалиятҳо, ки дар синни томактабӣ гузошта шудаанд, кӯдакро ҳамчун шахсияти комил мутобиқ мекунанд.

Вақте ки кӯдак ҳамаи ҳарфҳои алифборо аз худ мекунад ӯро шодию хурсандии беандоза фаро мегирад, чунки ӯ боварӣ дорад, ки хондан ва навиштанро метавонад. Аз

ин амали неки ӯ модар низ хурсанд шуда, шодии фарзандашро тақвият бахшида, ӯро ба оғӯш гирифта мебӯсад. Ин муносибати пурмеҳру ғамхоронаи модар ба фарзанд рӯҳу илҳоми тоза мебахшад. Шӯълаи дар дили кӯдак пайдошударо модару падари дорои фарҳанги педагогӣ метавонанд ба чароғи равшан табдил дода, боз шуълавартар гардонанд. Инчунин, баъзе аз падару модарон бо бепарвогии хеш ин шуъларо абадӣ хомӯш мегардонанд, ки ин зарбае ба ояндаи фарзанди хеш мебошад. Мутаассифона айни замон кам волидоне ба назар мерасанд, ки барои кӯдакон китобҳои бачагона, афсонаҳо ва шеърҳо хонда диҳанд.

Махсусан, асарҳои бачагонаи халқӣ дар ташаккули завқи бадеӣ ва инкишофи нутқи кудакон таъсири калон дорад.Эҷодиёти шифоҳии халқ низ беҳтарин намунаҳои адабиёти бачагонаро дар бар мегирад, ки ҳиссае аз онҳо дар маҷмуаҳои «Афсонаҳои халқи тоҷик», инчунин китобчаҳои махсуси атфол («Эраҷи тилисмшикан», «Алоуддин ва чароғи сеҳрнок», «Алибобо ва чил роҳзан»,«Хурӯси хушсадои ман», «Олуча гули бодом» ва ғайра) ба табъ расида, дар инкишофу ғанӣ гардонидани адабиёти бачагонаи тоҷик саҳми арзанда гузоштаанд.

Суханони дар хусуси аҳамияти тарбиявӣ доштани адабиёти бачагонаро ба ақидаи В.Г. Белинский дар ин хусус ба хотир овардан ҷоиз аст: «Адабиёти бачагона барои тарбия навишта мешавад, тарбия бошад, кори бузургест, вай тақдири инсониятро ҳал мекунад... Тарбия одамро намеофарад, вале ёрӣ мерасонад, ки тағйир ёбад (нек ё бад шавад)». Асарҳои адабиёти бачагона дар тарбияи маънавию ахлоқӣ ва зебоипарастӣ, дар рушди тафаккури бадеию илмӣ ва парвози хаёлоти бачагон мақоми барҷастаеро доро мебошанд.

Адабиёти бачагонаи тоҷик дар замони муосир, хосса даврони Истиқлол бахши муҳими тарбияи насли наврасро дар бар мегирад. Дар тарбияи насли нави даврони Истиқлол муҳим аст, ки ғояҳои озодӣ, демократия, худшиносии миллӣ, арҷ гузоштан ва посдорӣ намудани фарҳангу забонамонро пойдор намоем.

Устод С. Айнӣ ва пайравони ӯ М. Миршакар, Суҳайли Ҷавҳаризода, А. Деҳотӣ ва дигарон, ки донандаи бузурги эҷодиёти халқ мебошанд, беҳтарин образҳои халқиро истифода бурда, саҳифаҳои нави адабиёти бачагонаи тоҷикро ба вуҷуд овардаанд. Омӯхтани эҷодиёти халқ, аз он ҷумла афсонаҳо, аҳамияти калони тарбиявӣ, таърихӣ, этнографӣ дорад.

Махсусан асарҳои бачагонаи халқи дар ташаккули завқи бадеӣ ва инкишофи нутқи кудакон таъсири калон дорад.

Афсона бо нафосат, оҳанг ва воситаҳои тасвир, шаклҳои гуногуни усули бадеӣ, забони пурмазмуни соддаю ширин, образҳои фаромӯшнашавандаи худ ба дили кӯдакон ба зудӣ ҷой мегирад. Афсонаҳое, ки шахс дар синни кӯдакӣ мешунавад, як умр дар хотироташ нақш мебанданд ва ин замимае мешавад барои ба мақсад расидани ӯ. Яъне, дар қалби кӯдак ҳисси нотарсию далерӣ, сабурию шуҷоатмандӣ ва расидан ба мақсади хеш ташаккул меёбад.

Афсонаҳо танҳо барои андармон ва хоб кардани кӯдакон нақл карда намешаванд, балки дар тарбияи муайян ва инкишофи шуур, хаёл, ҳиссиёт ва ҷаҳонбинии онҳо таъсири амиқ мерасонад. Кӯдакон тавассути афсона доираи назарашонро васеъ мегардонанд, аз қонуну қоида ва меъёру арзишҳои ҷамъиятӣ бохабар мешаванд ва ҳамчунин ба моҳияти неку бад сарфаҳм мераванд ва ҷаҳонбиниашон дар зимни ҳамин меъёрҳо ташаккул меёбад.

Шунидани афсона барои кӯдакон имкони тасвирсозиро фароҳам меоварад. Вақте, ки кӯдак афсонаро мешунавад, саҳнаҳо ва амали шахсиятҳоро дар тахайюлоти худ меофарад. Хаёлбофӣ оғози тасвири офаринанда аст. Ба назар мерасад, ин тавоноӣ бар рушди шинохти иҷтимоии кӯдакон таъсири мусбат дошта бошад.

Бо шунидани афсонаи дӯстдоштаи худ, ӯ бо қаҳрамонон тамоми ҳаёти онҳоро аз сар мегузаронад, бо онҳо ғамхорӣ мекунад. Дар натиҷа, кӯдак маънои асарҳои бадеиро мефаҳмад ва дар айни замон ҳамчун шахс ташаккул меебад.

Афсонаҳои “Бузаки ҷингилапо», «Одам ва шоҳи ҳайвонот», «Харгӯши далер», «Шағол ва уштур», «Рӯбоҳи маккор ва гурги нодон», «Мурғ, мурғобӣ ва муш», «Бибигамбӯсак», «Нахӯтак» ва ғайра, ки ба эҳсоси кӯдакон хеле наздиканд ва онҳоро бо шавқ, гӯш мекунанд, дар тарбияи ҳарҷонибаи онҳо нақши калон мебозанд.

Чунки дар симои қаҳрамонҳои асосии афсона хислатҳои наҷиби одамон, сифатҳои баланди ахлоқии онҳо ифода меёбанд. Ба ифодаи дигар, афсонаҳои халқӣ тахайюли бачаҳоро инкишоф дода, доираи тасаввуроти онҳоро васеъ менамоянд.

Дар замонҳои гузашта пеш аз хоб афсона гуфтан расму одати ҳамаи халқҳо гашта буд. К. Маркс, А. С. Пушкин, А.М. Горкий, С. Айнӣ ва дигарон, ҳама дӯстдорони афсона буданд. Онҳо аз айёми кӯдакиашон сар карда, ба воситаи афсонаю сурудҳои дояву модаркалонони худ ба олами рангоранги дурдонаҳои халқ дохил гардида, аз кайфияти бадеии он баҳра мегирифтанд, афсона ба онҳо қувват ва тароват мебахшид, бардам ва руҳбаланд мекард.

Педагоги рус В.А. Сухомлинский афсонаҳоро дар раванди таълим дар мактаб васеъ истифода мекард. Ӯ тавассути афсонаҳо ба кӯдакон таълиму тарбия медод. Сухомлинский В.А. қайд менамояд, ки «таълими мактабиро натанҳо бе шунидани афсона, балки ҳатто бидуни афсонасозӣ низ тасаввур карда наметавонад». «Афсона, бозӣ, тахайюлот – чашмаи ҳаётбахши тафаккури кӯдакона, ҳиссиёт ва ахлоқи наҷиб аст. Таҷрибаи бисёрсола боварӣ ба он медиҳад, ки ҳиссиёти ахлоқӣ, зебопарастӣ ва зеҳние, ки дар зери таъсири образҳои афсонавӣ дар шуури кӯдакон ба вуҷуд меояд, ҷараёри фикрҳоеро фаъол мегардонад. Бидуни афсонаҳо - кӯдаки ҳушёр, закӣ, дорои шуур ва ҳиссиёт, - тасаввур кардани тафаккури кӯдакона ва нутқи кӯдакон ҳамчун зинаи муайяни тафаккур ва нутқи инсонӣ ғайриимкон аст».

Афсона хеле серистифода ва густаришёфта мебошад. Афсонаҳо дар тарбия ва ба камол расонидани шахсияти кӯдакон нақши муҳим доранд. Аз тариқи афсонаҳои хуб кӯдакон ба бисёре аз арзишҳои ахлоқиро пай мебаранд. Пойдорӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ, шуҷоат, навъи дӯстӣ, умедворӣ, озодагӣ ва ҷавонмардӣ, арзишҳое ҳастанд, ки дар маркази бисёре аз афсонаҳо қарор доранд. Афсона аз намунаи инкишофёфтаи наср аст, ки бешубҳа реша дар эҷодиёти шифоҳӣ дорад ва ҳамчун манбаи боарзиш дар инкишофи тафаккур, фаҳмиш, нутқ, камолот ва ҷаҳонбинии насли наврас дар тӯли солҳо хидмат кардааст, зеро дар онҳо масъалаҳои муҳими педагогӣ ба воситаи образҳои дилчасп ифода ёфтаанд.

Афсонаҳои халқӣ, асосан доираи мутолиаи кӯдаконро ташкил медиҳанд. Дар афсонаҳо шавқоварии мазмун, тасвири барҷастаи қаҳрамонҳо, мувофиқати образҳои хаёлӣ бо ҳақиқати воқеӣ ва ифоданокии байни ҳодисаҳо ба кӯдакон таъсири бузурги эмотсионалӣ мебахшанд.

Таъсири тарбиявии китоб ба кӯдак ҳамчун қувваи намуна зоҳир мешавад, аммо он ҳеҷ гоҳ ба рафтор, амалҳои худи кӯдак хонанда таъсир намерасонад. Истифодаи мунтазам ва мақсадноки намудҳои гуногуни асарҳои бадеӣ ҳамчун воситаи рушди нутқ, инчунин кори дуруст ташкилшуда, имконияти рушди самаранок ва самараноки нутқи кӯдакони томактабиро муайян мекунад, ба пур кардани луғат мусоидат намуда, фарҳанги коммуникативии кӯдакони томактабиро ташаккул медиҳад, нутқи кӯдакро бештар ифодакунанда, равшантар ва эҳсосӣ мегардонад.

Ҳамин тариқ, нақлу афсонаҳои кӯдакона ба раванди педагогӣ кӯмаки самарабахш мерасонанд; ҳамзамон, онҳо имкон медиҳанд, ки амиқтар ба ҳаёти ботинии кӯдак ворид шаванд. Аз ин рӯ, бо таъсири рафтори бошуурона васеътар мегардад.

АДАБИЁТ:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд». Душанбе, 02.08.2011. №762.

2. *В.Г.Белинский*, И.Г.Чернышевский, И.А.Добролюбов О детской литературе, М., 1954.- М. Горький «Бачагӣ» нашри тоҷикӣ, 1951,
3. *Сухомлинский В.А*. Сердце отдаю детям, Киев, 1969.
4. *Бозоров О.* "Тарбияи ватандӯстии хонандагони синни хурд. Душанбе – Ирфон. 1993.
5. *Калинина, Т.В.*, Куровская, Н.С.Таъсири адабиёти бадеии кӯдакон ба ташаккули шахсияти кӯдак /Т.В.Калинина, Н.С.Уривская // олими ҷавон.- 2016. - №5. С.607609.

НАҚШИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНА БА РУШДИ ЗЕҲНИИ КӮДАКОН ДАР ОИЛА.

Гадоева Фотима Табаровна

Адабиёти бачагонаро метавон ҳамчун як навъи дастрастарини санъат, ки ба рушди нутқи кӯдакон мусоидат мекунад, арзебӣ кард. Адабиёти бачагона дорои иқтидори бузурги тарбиявӣ ва рушдёбанда мебошад. Мақсади асосии шиносоӣ бо адабиёти бачагона дар синни кӯдакӣ ташаккули шахсияти кӯдак ба ҳисоб меравад. Маҳз ташаккули кӯдак ҳамчун як шахс вазифаи муҳимтарини тарбия дар синни томактабӣ ба шумор меравад.

Дар рушди адабиёти бадеии кӯдакон нақши оила хеле калон аст. Аз ин рӯ, шиносоии кӯдак бо китоби бачагона аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим аст ва дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши калон мебозад. Махсусан, асарҳои бадеӣ ба рушди эҳсосии кӯдакон мусоидат мекунанд, ки ин дар хоҳиши нишон додани ҳиссиёт, эҳсос дар амалҳо, ки ҳангоми шунидани афсонаҳо ва ҳикояҳо ба вуҷуд меояд, ифода мешавад. Дар рушди шахсияти кӯдак адабиёти бачагона саҳми калон дорад.

Калидвожаҳо: *адабиёти бачагона, кӯдак, санъат, нутқи кӯдакон, рушдёбанда, шахсияти кӯдак, синни томактабӣ, иҷтимоӣ, афсонаҳо, ҳикояҳо, ҳиссиёт, китобхонӣ, хештаншиносӣ, муосир, далерӣ, шуҷоатмандӣ, хаёлбофӣ, закӣ, фарҳанги коммуникативӣ.*

РОЛЬ ДЕТСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОМ РАЗВИТИИ ДЕТЕЙ В СЕМЬЕ.

Гадоева Фотима Табаровна

Детскую литературу можно оценить как наиболее доступный вид искусства, способствующий развитию речи детей. Детская литература обладает большим воспитательным и развивающим потенциалом. Основная цель знакомства с детской литературой в детстве – формирование личности ребенка. Формирование ребенка как личности считается важнейшей задачей воспитания в дошкольном возрасте.

В частности, художественные произведения способствуют эмоциональному развитию детей, что выражается в стремлении показать чувства, эмоции в действиях, возникающих при прослушивании сказок и рассказов. Детская литература играет большую роль в развитии личности ребенка.

Ключевые слова: *детская литература, ребенок, искусство, детская речь, развивающая, личность ребенка, дошкольный возраст, социальный, сказки, рассказы, чувства, чтение, автобиография, модерн, мужество, отвага, воображение, интеллект, коммуникативная культура.*

THE ROLE OF CHILDREN'S LITERATURE IN THE INTELLECTUAL DEVELOPMENT OF CHILDREN IN THE FAMILY.

Gadoeva Fotima Tabarovna

Children's literature can be evaluated as the most accessible form of art that contributes to the development of children's speech. Children's literature has great educational and developmental potential. The main purpose of getting acquainted with children's literature in childhood is the formation of the child's personality. The formation of a child as a person is considered the most important task of education in preschool age.

The role of the family in the development of children's literature is very important. Therefore, familiarizing a child with a children's book is socially important and plays a big role in the formation of the child's personality.

In particular, works of art contribute to the emotional development of children, which is expressed in the desire to show feelings, emotions in actions, which arise when listening to fairy tales and stories. Children's literature plays a big role in the development of a child's personality.

Keywords: *children's literature, child, art, children's speech, developing, child's personality, preschool age, social, fairy tales, stories, feelings, reading, autobiography, modern, courage, bravery, imagination, intelligence, communicative culture.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Гадоева Фотима Табаровна – унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи умумӣ, факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Сурога: 734003 ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 121, E-mail: fotimagadoyeva@mail.ru Тел: (+992)915032215.*

Сведения об авторе: *Гадоева Фотима Табаровна - соискатель кафедры общей педагогики факультета педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003 ш. Душанбе, пр. Рудаки 121, E-mail: fotimagadayeva@mail.ru тел: (+992)915032215.*

About the author: *Gadoeva Fotima Tabarovna - Applicant of the department of general pedagogy, faculty of pedagogy, Tajik state pedagogical university named after Sadriddin Aini. Address: 734003 sh. Dushanbe, Rudaki ave. 121, E-mail: fotimagadayeva@mail.ru tel: (+992) 915032215.*

ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ МАЪНАВИИ ИДЕОЛОГИЯИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР КИТОБҲОИ ДАРСИИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Шаҳлои А.Т.
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Аз таҳлили воқеаю ҳодисаҳои ду асри охир бармеояд, ки барои миллати тоҷик ба таври умумиву идеологияи фарогир ваҳдати миллӣ ба шумор меравад. Ҷой надоштани идеологияи ваҳдати миллӣ сабаб гардида буд, ки парокандагӣ ба вуҷуд ояд ва тамомияти арзӣ аз даст равад. Санаи 27 – уми июн барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бузурги таърихӣ дорад, зеро имрӯз халқи бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ азиятдида ва аз ҳам ҷудошударо ба ҳамдигарфаҳмию ваҳдат овард. Ваҳдати миллӣ ба осонӣ ба мо муяссар нашудааст ва ҳамдигарро водор мекунад, ки ба қадри ин неъмати бузург расида бошем ва барои таҳкими он кӯшиш намоем. Дар давоми ин солҳо ба ваҳдати воқеӣ расидан, манфиатҳои Ватан, давлат ва миллатро аз ҳама чиз боло гузоштан дастоварди бузурги миллати тоҷик буд ва ҳамин тавр мемонад. Ҳамраъйии халқҳову ғояи дӯстӣ дар таърихи адабиёти тоҷик низ мавқеи шоиста дорад.

Мавриди зикр аст, ки дар мамлакати Амрико, ҳангоми оғоз шудани таҳсил, яъне 1 – уми сентябр барои хонандагон аз тағрибаи ваҳдатоpoии тоҷикон, созишномаи сулҳ ва

ҷонфидоию корномаиҳои Пешвои мо – Эмомалӣ Раҳмон намоиши телевизионӣ нишон медиҳанд.

Ҳамзамон ба ёд меорем, суханони Аҳмадшоҳи Масъудро вақте гуфта буд: “Шумо тоҷикон хушбахтед, ки чунин сарвари оқилу доно доред. Мутаассифона халқи афғонро то ҳол роҳбари хубе пайдо нашуд. Бинобар ин ба қадри сулҳу оромӣ ва Президенти кишваратон ҳамеша расед.”

Вобаста ба талаботи ҷаҳонишавӣ ва мутобиқ будани таҳсилот ба замони муосир дар ҷумҳурии мо навсозии мазмуни таҳсилот, стандартҳои давлатии зинаҳои таҳсилоти умумӣ, барномаҳои таълимӣ сурат мегирад ва дар асоси стандарту барномаҳои нав китобҳои дарсии насли нав таълиф мешаванд. Бинобар ин, вазифаи аввалиндараҷаи таълиф ва таҳияи китобҳои дарсӣ мазмуни худшиносию тафаккури миллӣ доштани онҳо мебошад. Дар ин бора аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид гардидааст. Зимни суханрониашон дар Рӯзи дониш 17 августи соли 2020 таъкид намуданд, ки «Сатҳу сифати дониши хонандагон, пеш аз ҳама аз мазмуну муҳтавои китоби дарсӣ вобаста аст» [11]. Дар ин самт Раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолияти худро тибқи чунин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба роҳ мондааст:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адабиёти таълимӣ” (Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми июли соли 2014,№709 тасдиқ шудааст) [4].

- Консепсияи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо қарори мушоваraи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2015, №30/26 тасдиқ карда шудааст) [3].

- Низомномаи шурои ташхису тақриз ва ҳамоҳангсозии адабиёти таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

- Дастурамал оид ба гузаронидани экспертиза (ташхис ва баҳодиҳӣ)-и китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ ва маводи дигари таълим барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (Бо қарори мушоваraи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2021, №12/1 тасдиқ карда шудааст [2].

Дар ҳақиқат, китоби дарсии адабиёти тоҷикро низ зарур аст маводеро фарогир бошад, ки барои бедор намудани фикрронии мустақили хонанда замина дошта бошад. Вазифаи аввалиндараҷаи таҳияи китоби дарсии адабиёти тоҷик – ин дар руҳияи идеологияи худшиносию тафаккури миллӣ ва ваҳдати миллӣ тарбия намудани хонанда мебошад. Дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик оид ба ваҳдату иттифоқ ва дӯстию сулҳу субот аз ашъори шоирон порчаҳои шеърии хусусияти тарбиявидошта ҷой дода шудаанд. Ба монанди:

Адабиёти тоҷик барои синфи 6: Ибни Ямини Фарюмадӣ:

Ду дӯст бо ҳам агар якдиланд дар ҳама ҳол,
Ҳазор таънаи душман ба ними ҷав нахаранд.
В-ар иттифоқ намоянду азми ҷазм кунанд,
Сазад, ки пардаи афлокиён зи ҳам бидаранд.

Хофизи Шерозӣ:

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:
Бо дӯстон мурувват, ба душманон мадоро.

Мавлоно Балхи:

Ҳаркӣ бошад ҳамнишини дӯстон,
Ҳаст дар гулхан миёни бӯстон [10, 56].

Агар китоби дарсии адабиёти тоҷик идеологияи ваҳдати миллиро дошта бошад, ва ҷаҳонбинии илмиро фарогир бошад, ба самаранокии мубориза бар зидди терроризму экстремизм, пешгирӣ аз хурофот ва таҳкими давлатдории миллӣ мусоидат мекунад. Масалан, дар саҳифаи 46 - и китоби дарсии адабиёти тоҷик барои синфи 9 (нашри соли 2017) дар мавзуи панду андарзи Саъдии Шерозӣ оид ба манфиати ваҳдат ва иттифоқ гуфта шудааст:

Ду оқилро набошад кину пайкор,
На доное ситезад бо сабукбор.
Агар нодон ба ваҳшат сахт гӯяд,
Хирадмандаш ба нармӣ дил бичӯяд [9, 46].

Китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ин идеологияро асос гузоштан ва қавӣ гардонидан ҷиҳати тарбияи насли худогоҳ ва ба якдигар иттифоқ нақши муҳим мебозанд. Дар фазои андешаҳои ҷавонон ва наврасон ҷой доштани холигии идеологӣ хатари азими сиёсӣ дорад, чунки ин холигии идеологиро гурӯҳҳои ифротӣ метавонанд ба манфиати хеш истифода баранд. Аз ҳамин сабаб, зарур ва муҳим аст, ки ин холигиро бо идеологияи ваҳдати миллӣ пур намоем. Вобаста ба ҳамин гуфтаҳо дар саҳифаи 302 - и китоби дарсии адабиёти синфи 11, зимни таҳлили эҷодиёти шоир Лоиқ Шералӣ “Муборакнома” ном мавзуъ омадааст, ки пурра ба масъалаи идеологияи ваҳдати миллӣ ва аз байн бурдани маҳалгароӣ бахшида шудааст:

Пас, биё, даст ба ҳам додаву паймон созем,
Дар баду нек ба ҳам будаву даврон созем.
Дар ҳарими диламон маъбади имон созем,
На шимолӣ, на ҷанубӣ, яке инсон созем! [1, 302].

Дар ин китоб инчунин, Ҳақназар Ғоиб дар «Суруди ваҳдат» аз дилу ҷон ваҳдату ягонагии халқи тоҷикро, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ халалдор гардид, тараннум менамояд:

Ба тан пӯшед, ёрон, ҷомаи идонаи ваҳдат,
Шароби арғувон нӯшед аз паймонаи ваҳдат.
Чунон ored меҳри дил ба якдигар ба солорӣ,
Ки ҳар як хонаи тоҷик гардад хонаи ваҳдат [1, 310].

Дар натиҷаи ташхис муайян гашт, ки мавзуъҳои панду ахлоқ, дониш, хирад, далерӣ, зиракӣ ва ғайра дар китобҳои мавриди ташхис қароргирифта зиёд ҷой дода шудаанд. Дар баробари ин мавзуъҳо мавзуъҳои ваҳдат, дӯстӣ ва арзишҳои миллӣ чунин нишондодҳо доранд:

Синф	**Идеология**			**Соат**	**Дар умум%**
	Ваҳдат	**Дӯстӣ**	**Арзишҳои миллӣ**		
5	**1**	**7**	**1**	**72**	**12**

6	**1**	**12**	**1**	**72**	**19**
7	**1**	**12**	**1**	**72**	**19**
8	**1**	**7**	**0**	**72**	**11**
9	**1**	**6**	**0**	**72**	**8**
10	**1**	**2**	**1**	**72**	**6**
11	**2**	**8**	**2**	**72**	**17**
%	**11%**	**75%**	**8%**		



Чӣ тавре, ки дар диаграмма мебинем, мавзуъҳои идеологияи ваҳдат ва арзишҳои миллидошта нисбат ба мавзуъҳо оид ба дӯстию рафоқат дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик бениҳоят кам ҷой дода шудаанд.

Тибқи фармоиши директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мутахассисон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Кулоб, Норак, Восеъ, Ваҳдат, Рӯдакӣ сафарҳои корӣ анҷом дода, фикру андешаҳои омӯзгорон оид ба рафти амалишавии ислоҳоти соҳаи маориф (бахусус, муносибати босалоҳият ба таълим) дар муассисаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ, мавҷудияти стандарти фаннӣ, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ ворид кардани идеологияи ваҳдат ва давлатдории миллӣ, арзишҳои ҳувийятсози тоҷикон дар китобҳои дарсии замони муосир муайян намуда шуд.

Аз натиҷаи таҳқиқ ва ташхиси китобҳои дарсии адабиёти тоҷик, муайян гардид, ки омӯзгорон нисбат ба стандарт ва барномаи таълим ва ин китобҳои дарсии мавриди истифода чунин фикру ақидаҳо доранд:

1. *Дар китобҳои дарсӣ дар бораи қаҳрамонҳои халқи тоҷик бештар маълумот дода шавад.*
2. *Бояд саволҳо, матнҳо бисёртар дар мавзуъҳои ватандорӣ, ватандӯстӣ ва арзишҳои миллӣ дар самти сиёсати давлат бошанд.*
3. *Дар китоби дарсии адабиёт на таърихи адабиёт, балки асари адабӣ таълим дода шавад.*
4. *Ба таври тестӣ супоришҳо бисёртар шавад.*
5. *Барномаи таълим ба талаботи усули дарси салоҳиятнокӣ ҷавобгӯ нест.*
6. *Зимни таҳияи китобҳои дарсӣ муаллифон ҳатман дар муассисаи таълимӣ таҷрибаи корӣ дошта бошанд.*
7. *Бо роҳҳои шавқовар ва диққатҷалбкунанда ворид сохтани гояҳои давлатдории миллӣ ба барнома ва китобҳои дарсӣ.*

8. Мутобиқати барнома ва китоби дарсӣ. Баъзе газалҳо дар барномаи адабиёти синфи 10 ҳастанду дар китоби дарсӣ не.

9. Хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ ба китоби дарсӣ бештар тариқи саволу ҷавоб ва тест ворид намуда шавад.

Ғайр аз ин, худогоҳӣ, хештаншиносӣ ва такмили ҳисси ватандӯстии хонандагонро бо роҳу усули хониши мустақилона ва гузаронидани маҳфилҳо густариш додан мумкин аст.

Раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажуҳишгоҳи рушди маориф китобҳои нашри охири адабиёти тоҷик барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро мавриди ташхис қарор дода, чунин натиҷагирӣ намуд:

1. Адибоне, ки эҷодиёти онҳо ба қадри кофӣ густурда нашудаанд ва миқдоран кам ҳастанд, аз барномаи таълимӣ гирифта шаванд (масалан, Гулханӣ, дар адабиёти синфи 5).

2. Китоби адабиёти синфи 8, махсусан мавзуи Абулқосим Фирдавсӣ назари ҷиддӣ металабад. Достонҳое, ки хонандаро дар руҳияи қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ, далерию шуҷоат ва ваҳдату иттифоқ тарбия мекунанд дар китоби дарсӣ бештар ҷой дода шаванд, таҳлилу баҳодиҳӣ ба образҳои онҳо тибқи идеологияи арзишҳои миллӣ бошад.

3. Дар китоби адабиёти тоҷики синфҳои 5 ва 6 ворид намудани ашъори ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшидашуда ва таҳлили мазмуни онҳо.

4. Рубоиҳо оид ба дӯст доштани ватан, мода, забони тоҷикӣ ва шеърҳо аз «Модарнома»-и Лоиқ Шералӣ ворид намуда шаванд (дар китоби адабиёти синфи 5 ва рубоиҳои ишқӣ гирифта шаванд).

5. Шеърҳои ватандӯстии Мирзо Турсунзода ва дигар шоирони даврони истиқлолият зиёдтар таълим дода шаванд (дар китоби забон ва адабиёти синфи 7).

6. Аз таърихи «Шоҳнома»-нависӣ бештар маълумот оварда шавад ва достонҳои қаҳрамонии он ба монанди «Ҷанги Рустам бо деви Сафед» ва г. мукаммал нақл карда шавад (дар китоби адабиёти синфи 6).

7. Достонҳои қаҳрамонӣ ба монанди «Самаки Айёр» ба хонандагон таълим дода шавад (дар китоби адабиёти синфи 8).

8. Матнҳои хурд дар бораи муқаддасоти миллӣ: пули миллӣ ва байрақу нишон, бо ифода намудани моҳияти ин арзишҳои миллӣ дар китобҳои адабиёти тоҷики синфҳои 5-6 оварда шавад.

Дар миёни хонандагон китоб ё кинофилмҳои мундариҷаи қаҳрамонию далеридошта бо шавқу завқи беандоза муҳокима мегарданд. Онҳоро тақдири қаҳрамони асар, ки ҳаёти худро ба хизмати Модар-Ватан бахшидааст ва хати сюжети он нигарон мекунад. Хонандагон ин образҳоро сахт аҳамият дода, нағз дар хотир мегиранд ва тамоми ҳаёт кӯшиш мекунанд, ба онҳо монанд шаванд. Муҳокимаронихое, ки наврасони муосир ба образҳои характери агрессивидоштаи филмҳои дигар мамлакатҳо тақлид мекунанд, вазъиятро дигар намекунад. Дар ин вақт зарур аст қаҳрамонеро, ки корнамоии маънавӣ намудааст, дар шакли сода ва фаҳмо муқобилгузорӣ намоем, афзалияти онро нишон диҳем. Ба таври маъмулӣ нақл намудани асарҳои ба нусхабардорӣ монанди асри XX диққати хонандаро ба худ ҷалб намекунад ва образи якмароми бетафовути қаҳрамонро нишон медиҳад.

Саргузаштҳои ҳаётии бузургони классик ва муосири мо ҳамчун сарчашмаи муҳим ҷиҳати офаридани образҳои қаҳрамонҳо, ки барои хонандаи муосири тоҷик хеле зарур аст, хизмат мекунанд. Муборизаҳои дохилию хориҷӣ, рафтан ба ғарибиҳо, бандию зиндон шуданҳо руҳи қавии онҳоро нашикастааст. Мустаҳкамии ирода ва маънавиёти

гузаштагонамон дар он зоҳир мегардад, ки дар давраи ҳуҷуми аҷнабиён ва баъзе табадулоти сиёсӣ онҳо асли хеш, забон фарҳанг ва маданияти худро нигоҳ доштанд. Эътиқоди мустаҳкам ба расму ойини аҷдодӣ ба тоҷикон қувваю нерӯ бахшидааст. Бинобар ин, дар ҳамаи дарсҳои адабиёт таълими асарҳое, ки сатҳи маънавиётро боло мебардоранд, лозим аст. Ба воситаи образи бадеӣ бо қаҳрамонии онҳо шинос гашта, хонандагон метавонанд ба хондани китоби бадеӣ рӯ биёранд, чунки ин барои онҳо маънии ҳаёт ва сабаби ҳаяҷони шахсӣ мегардад. Дар раванди корҳои беруназсинфӣ ва маҳфилҳо низ шавқу завқи хонандагонро ба китобҳои аҳамияти баланди маънавидошта зиёд кардан мумкин аст.

Фаъолияти эҷодкорона ва таҳқиқотӣ дар муассиса диққати хонандагонро ҷалб менамояд, водор месозад, ки дар бораи маводи дар дарс шунидаашон андеша намоянд ҳаёти дохилии инсонро беҳтар дарк намоянд. Асарҳои қаҳрамонии адабиёт барои хонандагон образи инсони муқаддасро инъикос мекунад, ки вазъиятҳои гуногуни ҳиссиёт, ормонҳои ахлоқию маънавиро доро аст. Ба ҷаҳони адабиёти маънавӣ ворид гашта, хонанда хоҳам нохоҳам бо ин ҷаҳон вобастагӣ пайдо мекунад, масъалаҳои маънавиётро ҳал менамояд, маънии зиндагиро дар он ҷустуҷӯ мекунад. Мақсади тарбияи хонандаи муосирро ба миён гузошта, педагог бояд дар худ масъулияти баргузор намудани чунин дарсҳоеро ба уҳда гирад, бо суханҳои худ образеро офарад, ки наврас ба он ворид шавад, ғамхорӣ намояд, ба дили ӯ ҷой гардад, талаботи ба он монанд шуданро пайдо намояд. Ин талабот нисбат ба омӯзгор дар сурате амалӣ мегардад, ки предмети суҳбатро ба таври амиқ донад, маводро шахсан ғамхорӣ намуда, ҷамъоварӣ карда бошад, маданияти баланди нутқ дошта бошад ва унсурҳои педагогии дурустро соҳиб бошад. Чунин меҳнати сангин барои он зарур аст, ки ормонҳои дар ниҳод ва замири наврас гузошташуда асари худро тамоми умр мегузоранд, ҷиҳати ташаккули шахсияти хонанда нақши муҳим мебозанд.

Гумон меравад, ки яке аз вазифаҳои асосии предмети раванди маънавиёт ин кори бодиққат ва боандеша бо матнҳои масъалаи ахлоқӣ-тарбиявидошта, коркард, инкишоф ва мустаҳкамкунии матнҳои хондашуда, фаҳмоиши он, далелҳо оварда тавонистан оид ба мавқеи интихобнамудаи худ, хулоса бароварда тавонистан мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки таҳлил намудани адабиёти ҷанбаи маънавӣ-ахлоқидошта дар кадом шакле набошад, бе муқоиса намудан бо инсони замони муосир номумкин аст, бо назардошти он, ки фарҳанги умумӣ ба вуҷуд меояд ва онро ҷаҳонишавӣ, глобализатсия ном мебаранд. Чунин ақидарониҳо бо афкори қаҳрамони асари «Ғуломон»-и Садриддин Айнӣ, яъне бо мафкураи як умр ҳамчун ғулом зиндагӣ намудан, рост намеояд. Чаро зарурат шуд, ки мафкураи ғуломоне, ки асрҳо боз бо як маром зиндагӣ мекарданд, дигар шавад? Мафкураи ғуломӣ дар замони гузашта чӣ тавр пайдо шудааст ва дар замони имрӯза низ чунин фикрроиҳо мавҷуданд? Инҳо саволҳои асосие ҳастанд, ки омӯзгор ҳангоми таҳлил намудани асари бадеӣ диққати хонандаро бояд ба он ҷалб намояд.

Кор бо адабиёти бадеӣ имкон медиҳад, ки сифатҳои шахсии қаҳрамони бадеиро характеристикаи муносиб диҳем ва ин омили худбаҳодиҳии шахсии хонанда мегардад. Итминони комил мавҷуд аст, ки чунин тарзи кор ба худтаҳлилкунии маънавӣ, худинкишофдиҳӣ ва худро ислоҳ намудани хонанда низ сабаб мегардад. Супориш: ба хонандагон супориш дода шавад, ки сифатҳои ба назари онҳо муҳими қаҳрамони асари бадеиро интихоб намоянд. Ин сифатҳоро аз нигоҳи шахси муосир, ҷавонони ҳозира баҳо диҳед. Як мисоли чунин шарҳ додани характери қаҳрамони асари бадеӣ чунин аст:

хонандагон бо ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ ва асари ӯ амиқ шинос шуда, муҳим будани илм омӯхтанро дар зиндагӣ мефаҳманд. Чунин тарзи пешниҳод намудани муҳимияти хондани китоб, адабиёти хусусияти маънавидошта ба зеҳни хонанда беасар наемонад. Қайд намудан зарур аст, ки элементи асосӣ дар характеристика додани қаҳрамони асари бадеӣ, ин андешароиҳои хонандагон, ҳолати эмотсионалӣ ва эҳсосоти онҳо аст. Бо ин мақсад аз асари бадеӣ бояд порчаҳои мувофиқ интихоб карда гирифта шаванд. Хонандагон эпизодҳои асарро муҳокима менамоянд ва эҷодкорона шарҳ медиҳанд, дарк намудани замири инсони реалиро меомӯзанд, дар муқоиса бо шахсиятҳои дигаре, ки асоси реалӣ надоранд. Чунин тарзи кор мушоҳида намудани падидаи маънавӣ-ахлоқиро ба хонанда ёд медиҳад.

Чунин тарзи омӯзиш қариб дар ҳамаи дарсҳои ба ахлоқ ва маънавиёт бахшидашуда ҷой дошта метавонад. Барои аҳволи ботинии қаҳрамон, муносибати ӯро бо одамони атроф нишон додан, имкон аст усули «суратнигорӣ»-ро истифода барем:

- бо кадом суханҳо мо метавонем фазои «Қишлоқи тиллоӣ»-и Мирсаид Миршакарро тасвир намоем? Барои чӣ?

- ҳангоми тасвир намудани муносибати Сайёд бо ҳамдеҳагон кадом калимаҳоро истифода бурдан беҳтар аст? Муносибати Шарафро бо падараш чӣ?

- бо кадом суханҳо мо метавонем руҳияи адиб ё қаҳрамони асари бадеиро тасвир намоем?

Имконияти дигари тайёр намудани характеристикаи қаҳрамони асари бадеӣ ё адиби мавриди омӯзиш аз рӯйи нақшаи пешниҳодшуда низ мавҷуд аст. Масалан, чунин нақша:

1.Ӯ кӣ буд ва дар кадом давра зиндагӣ мекард?

2.Образи кадом сифатҳои шахсӣ буда метавонад? Андешаи худро дар бораи муҳим будани ин сифатҳо дар замони муосир иброз доред.

3.Ин шахс чӣ қаҳрамонӣ ё корҳои шоиста намудааст?

4.Аҳамияти образ дар замони муосир чӣ аст? Ҳаёт ва фаъолияти ӯ ҳамчун намунаи кадом хислатҳо гардида метавонад? Ба гуфтаҳои худ далелҳо оред.

Тасвири бадеӣ. Агар шумо ҳайкалтарош мебудед, ба шахси мавриди омӯзиш чӣ гуна ҳайкал мегузоштед? Онро тасвир намоед ва бо ҷумлаҳо шарҳ диҳед.

Пешниҳод мешавад, ки китобҳои дарсии адабиёти тоҷик танҳо маводи таълимӣ яъне танҳо маводи хонишро дар бар гиранд. Саволу супоришҳо ва машқҳо бошанд, дар шакли тест дар брошюраи алоҳида, ҳамчун дафтари корӣ ба хонандагон пешниҳод намуда шавад. Қайд намудан бамаврид аст, ки таҳия намудани чунин дафтарҳои корӣ, ки бо такя ба саволу ҷавоби тестӣ, корҳои дунафара, кор дар гурӯҳ ва дигар усулҳои интерактивӣ тартиб дода мешаванд, ба болоравии қобилияти зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад ва вақти навиштани тестро сарфа менамояд. Дар раванди кор мушоҳида гардид, ки тамоми тестҳое, ки дар китобҳои дарсӣ оварда шудаанд, аз ҷониби хонандагон ишора гузошта шудаанд ва ин маънои онро дорад, ки хонанда китоби дарсиро ба дафтари корӣ табдил додааст. Ин амал тақозо менамояд, ки ҷиҳати ҳалли масъала дар бораи таҳия намудани дафтарҳои корӣ андеша намоем. Ғайр аз ин, барои имтиҳонҳои Маркази миллии тестиро супоридан ва соҳиби касби дилхоҳ гаштан хатмкунандагони муассисаҳо имрӯз маҷбур мешаванд маблағ сарф намуда, дарси иловагӣ гиранд ва дар ин дарсҳои иловагӣ онҳо бо роҳи саволу ҷавоби тестӣ ба дохилшавӣ тайёр мешаванд.

Хулоса, ҷорӣ намудани методологияи таълифи китобҳои дарсии насли нав фарогири принсипҳои методологии умумӣ буда, талаботи дидактикӣ ва мафкуравии забони китобҳои дарсӣ бояд мувофиқи талаботи замон бошад. Паҳлӯҳои гуногуни ташхиси китобҳои дарсии адабиёти тоҷик бо назардошти идеологияи ваҳдати миллӣ мавзуи доманадор ва васеъ буда, таҳқиқоти мукаммали илмиро интизор аст.

АДАБИЁТ:

1. *Асозода Х.,* Кӯчаров А. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 11-ум. - Душанбе, - Маориф, 2018, - 400 с.
2. Дастурамал оид ба гузаронидани экспертиза (ташхис ва баҳодиҳӣ)-и китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ ва маводи дигари таълим барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2021, №12/1).
3. Консепсияи таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2015, №30/26).Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адабиёти таълимӣ” (Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.07.2014, №709)
4. *Мирзод Т.*, Ҳамидов Р., Пирзод М. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 5-ум. - Душанбе, - Маориф, - 2017. - 304 с.
5. *Саттторзода, А*. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ ба-рои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. - Душанбе: - “Маориф”, - 2018, - 320 с.
6. *Тоиров, У.*, Солеҳов М., Ширинов Н. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 7-ум. - Душанбе: - Маориф, - 2018. - 288 с.
7. *Тоиров, У.,* Солеҳов М., Ширинзода Н. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи10 - уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. - Душанбе: - Маориф, - 2018. - 336 с.
8. *Тӯйчӣ, М.,* Суннатуллоҳи Д. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 9. - Душанбе, - «Маориф», - 2014, - 352 с.
9. *Хоҷаев, Қ.,* Абдувалиев А., Шарафиддинов Н., Раҳматов Б. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 6. - Душанбе, - «Маориф», - 2014. - 192 с.
10. *Эмомалӣ Раҳмон*. Суханронӣ дар Рӯзи дониш 17 августи соли 2020. (саҳифаи интернет: https://apa.tj/wp-content/uploads/2020/04/

ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ МАЪНАВИИ ИДЕОЛОГИЯИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР КИТОБҲОИ ДАРСИИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён

Дар мақола сухан дар бораи яке аз масъалаҳои мубрами педагогикаи муосири тоҷик - ташхиси китобҳои дарсии адабиёти тоҷик бо назардошти идеологияи ваҳдати миллӣ меравад. Вобаста ба талаботи ҷаҳонишавӣ ва мутобиқ будани таҳсилоти ба замони муосир дар ҷумҳурии мо навсозии мазмуни таҳсилот, стандартҳои давлатии зинаҳои таҳсилоти умумӣ, барномаҳои таълимӣ сурат мегирад ва дар асоси стандарту барномаҳои нав китобҳои дарсии насли нав таълиф мешаванд. Бинобар ин, вазифаи аввалиндараҷаи таълиф ва таҳияи китобҳои дарсӣ руҳияи худшиносию тафаккури миллӣ доштани онҳо мебошад. Ҷорӣ намудани методологияи таълифи китобҳои дарсии насли нав фарогири принсипҳои методологии умумӣ буда, талаботи дидактикӣ ва мафкуравии

забони китобҳои дарсӣ бояд мувофиқи талаботи замон бошад. Ваҳдати миллӣ ба осонӣ ба мо муяссар нашудааст ва ҳамдигарро водор мекунад, ки ба қадри ин неъмати бузург расида бошем ва барои таҳкими он кӯшиш намоем. Дар давоми ин солҳо ба ваҳдати воқеӣ расидан, манфиатҳои Ватан, давлат ва миллатро аз ҳама чиз боло гузоштан дастоварди бузурги миллати тоҷик буд ва ҳамин тавр мемонад. Ҳамраъйии халқҳову ғояи дӯстӣ дар таърихи адабиёти тоҷик низ мавқеи шоиста дорад.

Калидвожаҳо: *ташхис, китоби дарсӣ, идеологияи миллӣ, хонандагон, ваҳдати миллӣ, арзишҳои миллӣ.*

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ДУХОВНОГО ВОСПИТАНИЯ ИДЕОЛОГИИ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА В УЧЕБНИКАХ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Шахлои Абдуализодаи Тохириён

В статье рассматривается один из актуальных вопросов современной таджикской педагогики - экспертиза учебников таджикской литературы с учетом идеологии национального единства. В соответствии с требованиями глобализации и адаптации образования к современности в нашей республике обновляются содержание образования, государственные стандарты общеобразовательных школ, образовательные программы, на основе новых стандартов создаются учебники нового поколения. Поэтому первоочередной задачей написания и разработки учебников является наличие духа самосознания и национального мышления. Внедрение методики написания учебников нового поколения включает общие методические принципы, а дидактические и мировоззренческие требования к языку учебников должны соответствовать требованиям времени. Национальное единство далось нам нелегко, и это заставляет друг друга ценить это великое благо и стараться его укрепить. В эти годы достижение подлинного единства, постановка интересов Родины, государства и нации превыше всего было и остается великим достижением таджикского народа. Солидарность народов и идея дружбы также занимают достойное место в истории таджикской литературы.

***Ключевые слова*:** *диагностика, учебник, национальная идеология, школьники, национальное единство, национальные ценности.*

PEDAGOGICAL ASPECTS OF SPIRITUAL EDUCATION OF THE IDEOLOGY OF NATIONAL UNITY IN TEXTBOOKS OF TAJIK LITERATURE

Shakhloi Abdualisodai Tokhiriyon

The article deals with one of the topical issues of modern Tajik pedagogy - the examination of Tajik literature textbooks, taking into account the ideology of national unity. In accordance with the requirements of globalization and adaptation of education to modernity, the content of education, state standards of general education levels, educational programs are being updated in our republic, textbooks of a new generation are being created on the basis of new standards. Therefore, the primary task of writing and developing textbooks is to have a spirit of self-consciousness and national thinking. The introduction of the methodology for writing new generation textbooks includes general methodological principles, and the didactic and ideological requirements for the language of textbooks must meet the requirements of the time. National unity was not easy for us, and this makes each other appreciate this great blessing and try to strengthen it. During these years, the achievement of true unity, setting the interests of the Motherland, the state and the nation above all else has been and remains a great

achievement of the Tajik people. The solidarity of peoples and the idea of friendship also occupy a worthy place in the history of Tajik literature.

Key words: *diagnostics, textbook, national ideology, schoolchildren, national unity, national values.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён – номзади илмҳои филология. Сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимӣ, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. e-mail: Shahlo_vak @mail.ru. Тел.: + 992 884 088 123.*

Сведения об автор: *Шахлои Абдуализодаи Тохириён – кандидат филологических наук, заведующая отделом экспертизы и оценки учебной литературы Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. e-mail: Shahlo_vak@mail.ru, Тел.: + 992 884 088 123.*

Information about author: *Shakhloi Abdualisodai Tokhiriyon – Candidate of philological sciences. Head of the department of expertise and evaluation of educational literature of the Institute of educational development named after Abdurakhman Jomi of the Academy of education of Tajikistan. e-mail: Shahlo_vak@mail.ru. Phone: + 992 884 088 123*

ТДУ.:001.1+005.584.1(575.3) Р-88

РОҲБАЛАДӢ (МЕНТОРИНГ)-МАФҲУМ ВА ТАҲАВВУЛОТИ ТАЪРИХИИ ОН

Азизбеков Р. Р.

“Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомузии кормандони соҳаи маориф” дар ВМКБ

Дар замони имрӯза дониш ва салоҳият- сармояҳои инсонӣ ҳамчун асоси идоракунии созмонҳо, муассисаҳо ва ташкилоту идораҳо ба шумор мераванд. Аз ин сабаб, мақсадгузорӣ ва барномарезии дақиқу мушаххас ҷиҳати рушди касбӣ ва тавсеи маҳорату малакаи кормандон дар доираи ихтисос вазифаи роҳбарон қарор гирифтааст. Қисме аз роҳбарон кормандони хешро барои афзудани дониш ва маҳорату малакаашон ба курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ дар самти такмили маҳорати касбӣ шомил месозанд. Гурӯҳи дигаре аз роҳбарон усули роҳбаладӣ (менторинг)-ро дар рушди захираҳои инсонии хеш истифода мебаранд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ ва таҳқиқотии анҷомшуда, “роҳбаладӣ (менторинг ё менторинг) яке аз таъсирбахштарин ва коромадтарин усул барои тақвияти неруи инсонӣ шинохта шудааст”. [4,8] Дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла соҳае, ки ба таълиму тарбият ва махсусан такмили неруҳои инсон сару кор дорад, бо калимаи “роҳбалад”, “роҳбаладӣ” ё худ “ментор”, “менторинг”, “менторшип”, бисёр дучор меоем, ки бо забони адабии ҳозираи тоҷик метавонем онҳоро ба калимаҳои “мураббӣ”, “мушовир”, “роҳнамо”ва ғайра иваз намоем. Дар умум, шахсоне ҳастанд, ки дар соҳа ва ё касби хеш ба нуқтаи аълои рушд расидаанд ва метавонанд дигронро ҳам барои гузаштан аз пайроҳае, ки онҳо аллакай гузаштаанд роҳнамоӣ намоянд. Пас, савол дар зеҳн пайдо мешавад, ки кадом афрод метавонанд, роҳбалад шаванд? Ё ба ибораи дигар киҳо ҳаққи ментор шуданро доранд? Роҳбаладон кадом вижагиҳо ва хусиятҳои фардӣ доранд?

Одатан менторҳо/роҳбаладон шахсоне ҳастанд, ки аз лиҳози шахсият босабру таҳаммул, донишманд ва аз лиҳози ҷаҳонбинӣ ва худбаҳодӣ инкишофёфта мебошанд. Онҳо ҳеҷ гоҳ ақида, нуқтаи назар ва идеяи хешро ба касе зуран таҳмил ё бор намекунанд, балки маҳорату истеъдод ва лаёқати коромӯз (менти)-ро омӯхта, ба вай бо мақсади худро дарёфтан, тавонманд шудан ва ворид кардани тағйирот ба равиши андешарониаш кумак мерасонанд, то битавонад ба баландтарин нуқтаи тавонмандии хеш бирасад.

РОҲБАЛАДӢ (менторӣ) як масир, ҷода ё роҳ аст. Мисли он ки шахс аз як нуқта ба нуқтаи дигар ҳаракат мекунад. Вақте мо ин вожа-роҳабаладиро истифода мебарем, дар

зеҳни мо ҳар ду қисмат аз ин фаъолият пайдо мешаванд, яъне ҳам роҳбалад ва ҳам коромӯз. “Роҳбалад шахсест, ки масири фаъолиятҳоро медонад ва ба коромӯз/шогирд/роҳрав онро саховатмандона нишон медиҳад”[3, 17]. Аз тарафи дигар менторинг ё роҳбаладӣ як масири мудомулумр аст, ки дар ин масир гоҳе нақши роҳбалад ва гоҳе нақши коромӯзро метавон иҷро намуд, ҳатто дар баъзе мавридҳо дар ҳар ду бахш ҳам будан мумкин аст. Ин ба он маънӣ аст, ки “як шахс метавонад барои як кормомӯз роҳбалад бошад ва барои як шахси аз худ нисбатан аз лиҳози донишу маҳорат рушдёфта коромӯз бошад” [7, 35].

Дар соҳаи педагогика омӯзиш ба воситаи роҳбалад, дар баробари дигар шаклҳои омӯзиш таърихи нисбатан қадима дошта, он бо мафҳумҳои устод-шогирд, устод-пайрав ва амсоли инҳо мавриди корбурд қарор доштааст. Нахустин решаҳои ин шакли омӯзиш ба давраи Юнони қадим рост меоянд. Аниқтараш се ҳазор сол пеш вожаи “ментор, ки имрӯзҳо онро “роҳбалад” таъриф менамоем, дар китоби “Одиссея”-и Гомер дучор меояд” [3, 13]. Дар ин шеъри ҳамосии юнонӣ, қаҳрамони маъруф-Одиссея, ки ба ҷанги Троя раҳсипор мешавад, сарпарастӣ ва таълиму тарбияти писарашро ба дӯсти донишманд ва ҳакимаш, бо номи “Ментор” вогузор мекунад. Дар тӯли ин давра Ментор парастор ва масъулини омӯзиш ва парвариши ин писари ҷавон будааст. Аммо, бо ин достони асотирӣ наметавон ба пуррагӣ хулоса кард ва мафҳуми менторингро аз он боргирӣ намуд. Зеро аз замони таълифи асар то ба имрӯз давраи тӯлонии таърих паси сар шуда, шакл ва равиши амали роҳбаладӣ, масъулият, вазифа ва мақоми он ба тағйироти зиёде дучор шудааст. Бахусус, чун мавзуи баҳси мо дар ин мақола, муайян кардани мақоми ментор/роҳбалад аз нуқтаи назари илми педагогика мебошад, пас тафовут байни тафсири Гомер аз вожаи ментор ва таърифи имрӯзаи мо аз он комилан фарқ дорад. Шояд, мақсади Гомер аз тасвири чеҳраи Ментор танҳо шахсе бошад, ки барои як ҷавонписар ҳунари ҷанг, шикор ва дифоъ аз хешро ёд дода бошад, дар ҳоле ки имрӯз агар ба ин мафҳум ишора намоем ё бихоҳем, ки онро шарҳу тафсир бидиҳем, манзури мо шахсе аст, ки нияти дорад шахси дигарро машварат бидиҳад, дар шуғл ва пешааш ӯро муваффақ гардонад. Дар ин маврид, дониш ва таҷрибаи як шахс мустақиман ба шахси дигар интиқол намеёбад, балки барқарор кардани иртиботи самимона аҳамияти калон дорад, то ки замина барои омӯзиш ва ёдгирӣ рушд фароҳам оварда шавад. Даниел Левинсон-равоншиноси амрикоӣ, ки худ майл зиёд ба ҳамин робитаи пойдор ва беохир дошта буд, дар китоби хеш бо номи “Фаслҳои зиндагии як мард” ба шарҳ ва тавзеҳи менторинг ва таъсири он ба рушд ва такомули мардон пардохтааст [6, 42]. Баъдан, яъне андаке пас аз он Кати Крам-профессори донишгоҳи Бостон китобе бо унвони “Менторинг дар ҷойи кор” нашр мекунад, ки ин китоб барои дарки робитаҳои рушддиҳанда дар ҷойи кор ҳам барои мардон ва ҳам барои занон равшании арзишманд андохта буд [5, 30-33]. Аз тарафи дигар ин китоб сохтори менторингро мушаххас намуд, ба он таърифи муайян дод, асосҳои назариявиро вобаста ба ин мавзуъ эҷод кард, барои оғози корҳои таҳқиқотӣ дар ин самт шароит фароҳам овард ва дар охир ба он оварда расонд, ки мафҳуми менторинг аз як доираи академикӣ ба зиндагии ҳаррӯзаи мардум ворид гардад.

Пас аз ин бошад, бештар аз 20-соли дигар олимон ва муҳаққиқон даст ба корҳои таҳқиқотӣ дар ин шеваи омӯзиш заданд. Натиҷаи ҳамаи ин ҷустуҷӯ ва ковишҳои илмии онҳо ба он оварда, ки ин мафҳум аз як ришта, ҳирфа ва як доираи маҳдуд хеле фаротар рафтааст. Олимон Аллен, Иби, Линз ва Лима, (2004); Клоттербак, (2002); Ванг (2002), Ванберг, Велсс ва Ҳезлет (2003) мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотиро (оиди ин масъала) таълиф кардаанд.

Коркарди мафҳум ва таҳлилу баррасии равиш ё шеваи менторӣ дар соҳаи педагогика (ин намуди омӯзиш дар дигар соҳаҳо низ фаровон истифода мешавад) алоқамандон – олимону коршиносонро гирд оварда пайваста дар ҳоли инкишоф мебошад. Аксари корҳои илмии дар самт анҷомёфта такя ба корҳои амалӣ мекунанд,

зеро назарияҳои илмӣ дар ин ҷода камтар ба назар мерасанд ва агар бошанд ҳам маншаъ аз корҳои амалӣ мегиранд. Ҳатто онҳое, ки нақши ментор, мураббӣ, роҳбалад ва роҳнаморо иҷро мекунанд, ба асосҳои назариявии он нисбатан камтар аҳамият медиҳанд ё дар баъзе мавридҳо танҳо амалкарди хешро ҳамчун як кумак, вазифа ва масъулияти касбиашон маънидод менамоянд. Печидагӣ ва муаммои зиёде дар баррасӣ ва шарҳи ин амал вуҷуд дорад, ки барои ба таври бояду шояд ва мӯшикофона таҳлил кардани он корҳои зиёди илмию таҳқиқотиро анҷом додан лозим мебошад. Бо як хулосаи умумӣ, гуфтан метавонем, ки роҳбалабӣ дар соҳаи маориф муҳим ва зарурӣ аст, аммо равиш, тарз ва усули роҳандозӣ кардани онро ба пуррагӣ фаҳмидан наметавонем.

Ба ҳамон шакл, ки дар боло ба он ишора рафт ва таърифи куллӣ аз роҳбаладӣ/менторингро баррасӣ намудем, натиҷаи мо ин аст, ки "менторинг робитае байни як шахси соҳибтаҷриба ва як коромӯзи ҷавон ё камтаҷрибатар бо мақсади ёрӣ расондан ба коромӯз ва пешрафти касбии вай мебошад". [6,14] Ментор метавонад, корманд, омӯзгор ё роҳбари ҳамон муассисае бошад, ки коромӯз дар он ҷо кор мекунад ё ба таври расмӣ зерҳисоби роҳбалад буда, ба таври ҳузурӣ дар пешаш бошад, ё ин ки тамоман дар чунин шароит набошад, яъне метавонад дар муассисаи дигар ё ҳатто дар минтақаи дигар ҳам бошад.

Аз ин таърифҳо бармеояд, ки робитаи роҳбаладӣ ё менторӣ аз дигар робитаҳои шахсӣ ба пуррагӣ фарқ дорад, он бар рушди касбии шахс такя мекунад, ки дар доираи шуғл, касб ва пеша қарор дорад. Мумкин аст, ки омӯзиш ва пешрафт дар бештари мавридҳо аз робитаҳои наздики шахсӣ гуногун рух диҳад, аммо робитаҳои менторинг ба фард вобастагӣ дорад ва дар маркази асосии он пешрафт ва рушди фардӣ меистад.

АДАБИЁТ:

1. *Александр Прицкер*. Менторинг: инструкция по применению, 2022, Создано в интеллектуальной издательской системе Ridero;
2. *Eller, L.S*, Lev EL, Feurer A. Key components of an effective mentoring relationship: A qualitative study. Nurse Education Today 2013;
3. Gay, Geneva (November 1995). Modeling and mentoring in urban education. Education and Urban Society
4. *Hilarie Owen,* The Complete Guide to Mentoring. Kogan Page, 2011, 148 pages;
5. *Kram, K*. "Mentoring at Work: Developmental Relationships in Organizational Life", University Press of America,1988;
6. *Levinson, D. J.,* with Darrow, C. N, Klein, E. B. & Levinson, M. (1978). Seasons of a Man's Life. New York: Random House.
7. *Mullen, C.A*, Lick DW. New directions in mentoring: Creating a culture of synergy: Psychology Press; 1999

РОҲБАЛАДӢ (МЕНТОРИНГ)-МАФҲУМ ВА ТАҲАВВУЛОТИ ТАЪРИХИИ ОН

Азизбеков Рахимдод Рахмонбекович

Мақола ба баррасии истилоҳи роҳбаладӣ/менторинг бахшида шуда, муҳаққиқ кӯшиш кардааст, ки решаҳои таърихии пайдоиши фаъолиятҳои менториро бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ ва назарияҳои олимони соҳаи педагогика мавриди ҷустуҷӯ қарор диҳад. Таҳаввулоти таърихии менторинг ва тағйироти шаклу усулҳои он дар раванди таърих, амалкарди он дар соҳаи педагогика бахши дигари кори муҳаққиқ мебошад, ки дар мақола ҷо дода шудааст. Уфуқҳои андешаронии олимони соҳа дар шакли назарияҳои илмӣ дар самти кори менторӣ ва роҳҳои татбиқ кардани он дар амалия, ҳам дар даврони пеш ва ҳам дар замони муосир ба таври фишурда таҳлил шудааст.

Калидвожаҳо: *менторинг, ментор, роҳбалад, роҳбаладӣ, коромӯз, такмили ихтисос, рушди касбият, дастгирии коромӯз.*

МЕНТОРИНГ- ПОНЯТИЕ И ЕГО ИСТОРИЧЕСКОЕ ПРЕОБРАЗОВАНИЕ

Азизбеков Рахимдод Рахмонбекович

Статья посвящена обсуждению термина «менторинг» и исследователь старался исследовать исторические корни возникновения менторской деятельности путём использования исторических источников и теоретических суждений учёных в области педагогики. Исторические преобразования менторинга и изменения его форм и способов в историческом процессе, их реализация в области педагогики являются другой частью работы исследователя, которая помещена в статье. Автором кратко анализированы горизонты размышления учёных отрасли в форме теоретических рассуждений о менторской деятельности и пути их реализации на практике как в прошлое, так и в настоящее время.

Ключевые слова: *менторинг, ментор, наставник, наставничество, практикант, повышения квалификации, развитие профессионализма, поддержка практиканта*.

MENTORING- ITS CONCEPT AND HISTORICAL DEVELOPMENTS

Azizbekov Rahimdod Rahmonbekovish

The article belong to the description of the theme “ mentoring” and the research try to research the historical roots of appearing the process of mentoring by using historical sources and theoretical analyses of scientific in the pedagogic sphere. The historical formation of mentoring, the changed of it’s form and the ways of historical process as there realization in the pedagogic sphere are another side of research that take place in the given in the give article. In short the author analysis the horizon of thought in scientific sphere in the theoretical description of mentoring and the ways of there realization in practice as in the pass as well as in the future.

Key words: *Mentoring, mentor, guide, guiding, mentee, professional development, profession improvement, guiding mentee.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Азизбеков Раҳимдод Раҳмонбекович – директори филиали муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомузии кормандони соҳаи маориф” дар ВМКБ, ш.Хоруғ, к.Бандалӣ Сабралӣ 116, E-mail: rahmoniyon@mail.ru, arahimdod@gmail.com Тел.: +(992) 93548 13 14, +(992) 501021182*

Сведения об авторе: *Азизбеков Рахимдод Рахмонбекович- директор филиала государственного учреждения «Республиканский институт повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования» в ГБАО, г.Хорога, ул. Бандалӣ Сабралӣ 116, E-mail: rahmoniyon@mail.ru, arahimdod@gmail.com Тел.: +(992) 93548 13 14, +(992) 501021182*

Information about author: Azizbekov Rahimdod Rahmonbekovish- director of the branch of the Republican Institute for Advanced Studies and retraining of educators in GBAO, Khorog, B.Sabrali Street 116, *E-mail:* rahmoniyon@mail.ru,arahimdod@gmail.com *Тел.: +(992) 93548 13 14, +(992) 501021182*

ФОРМИРОВАНИЕ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ И ВАРИАТИВНОГО МЫШЛЕНИЯ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ВО ВЗАИМОСВЯЗИ «ВУЗ-ШКОЛА»

Муродова Ш.С.

Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Термины «интеллект», «интеллектуал» и «интеллектуальный» в толковом словаре Ожегова обозначены как: 1 «мыслительная способность, умственное начало у человека», 2

«интеллектуальный человек» и 3 «умственный, духовный; с высоко развитым интеллектом» [1]. Интеллектуальный потенциал личности и стратегия ускоренного темпа приобретения теоретических знаний является важной задачей образовательной политики всего мирового сообщества. Именно сегодня современному учителю и специалисту должны быть присущи всесторонние знания и креативные и интеллектуальные способности, развитые практические технологические умения и компьютерные навыки, ибо на данном этапе развития прогрессивного государства признаётся комплексный подход «наука – технология – инновация». Термины «наука», «технология» и «инновация» означают: 1 «наука - система знаний о закономерностях развития природы, общества и мышления, а также отдельная отрасль знаний» [1], 2 «технология - культурное понятие, связанное с мышлением и деятельностью человека, совокупность знаний о методах осуществления каких-либо процессов» [3, с. 43], 3 «инновация – латинское слово «innovatio», что в переводе на русский означает «нововведение», то есть творение нового» [2, с. 13].

Важное ядро развитой страны составляют интеллектуальные представители, конкурентоспособные личности, владеющие самоанализом, поиском и выработкой инновационных идей. «Современные лаборатории должны закалять будущего специалиста для инновационной деятельности по избранной специальности. Использование инновационных методов в обучении способствует успешному усвоению изученного материала и совершенствованию новых знаний. Будущим высококвалифицированным специалистам необходимо быть достаточно образованными, чтобы вносить ощутимый вклад в развитие всех отраслей народного хозяйства» [4, с. 31].

В Большом латинско-русском словаре отмечено, что слово «интеллект» взято от латинского слово «intellectus» и в переводе означает «ощущение, восприятие, разумение, понимание, понятие, рассудок» [5], связано с психическим состоянием человека, его возможности приспосабливаться к изменяющимся положением, готовности обучаться, используя накопленный опыт, понимать и принимать абстрактные идеи, управлять окружающим миром с помощью своих знаний [6, с. 11].

В Энциклопедии профессионального образования (в электронном варианте под ред. С.Я. Батышева) определение понятие интеллекта трактуется как «способность мышления, рационального познания, в отличие от таких, например, душевных способностей, как чувство, воля, интуиция, воображение» [7, с. 470]. Общими способностями познания и решения познавательных способностей человека являются мироощущения, мировосприятия, воспоминания, способность к мышлению и воображению [8]. Интеллектуал - человек, владеющий высокоразвитым интеллектом и аналитическим мышлением, а также являющейся представителем интеллектуального труда.

Можно констатировать очень много различных взглядов на понятие интеллекта, например, Линде Готтфредсон «интеллект связывает с общими умственными способностями, которые включают возможности делать различного рода выводы, способности к планированию и решению проблемы, готовностью к абстрактному мышлению, пониманию сложных идей, быстрому обучению на основании собственного опыта. Это не упрощенное прочтение и запоминание книг, владение узкими академическими знаниями или навыками прохождения тестов. Учёный считает, что интеллект подразумевает отражение широких и глубоких способностей познания окружающей среды, понимания сути вещей и осознания действий в определённых жизненных ситуациях» [9, с.13]. Согласно объяснениям и утверждениям Ф.Н. Ильясова «интеллект» трактуется как «способность системы создавать в ходе самообучения программы (в первую очередь эвристические) для решения задач определённого класса сложности и решать эти задачи» [10].

Таджикская поговорка гласит: «Если Бог даёт человеку, то даёт ему всё», т.е. если он успешен в чём-то, то он успешен в остальном. На это указывали многочисленные специалисты [11]. А также в своих афоризмах и цитатах Рудаки Абу Абдаллах Джафар отмечает, что: «С тех пор как мир возник во мгле, еще никто на всей земле не предавался сожаленью о том, что

отдал жизнь ученью» [12]. Хаким Абулькасим Мансур Хасан Фирдоуси Туси о науке отмечает следующее: «Науку всё глубже постигнуть стремись, Познания вечного жаждой томись. Лишь первых познаний блеснёт тебе свет, Узнаешь: предела для знания нет» [12, с. 3].

Именно для определения интеллектуальных способностей и вариативного мышления будущих учителей важна оценка и анализ интеллектуальных способностей студентов. с целью повышения качества знаний и совершенствования практических умений и навыков. Было бы уместно в высших учебных заведениях разработать и успешно реализовать примерную модель успешного формирования интеллектуальных способностей и вариативного мышления будущих учителей, состоящей из семи важнейших требований.

Основными средствами в образовательном процессе педагогической системе остаётся работа по проверке и оценке знаний студентов, показывающая уровень усвоения и формирования знаний и умений. Этот контроль является показателем результата учебного процесса и управляет деятельностью преподавателя на различных этапах процесса обучения. Как отмечено в диссертации Ш.С. Муродовой: «Качественная характеристика освоения теоретического материала, проверка способности реализации их на практике имеет большое образовательное значение. Преподаватель организует познавательные процессы, исходя из уровня знаний студентов, имея чёткую картину степени полученных знаний учебного материала, он должен серьёзно и строго выполнить свои обязанности, зная собственные черты характера, дополнять и изменять методику работы со студентами, уметь находить индивидуальный подход к каждому» [14, с. 90].

Основанием для организации «познавательной деятельности обучающегося и её управлением является то, что преподаватель чётко знает уровень знания каждого студента, т.е. какой материал усвоен хорошо, какой в недостаточной степени или вообще не усвоен им» [15, с.132]. Дальнейшие наши рассуждения связаны с деятельностью преподавателя: «Каждый преподаватель просто обязан критически относиться к оценке преимуществ и недостатков своей работы, вносить дополнения и изменения в методы работы, с успехом находить пути и средства индивидуального подхода к своим студентам» [15, с.132].

Проверка знаний и умений соответствует требованиям дидактики: систематически, то есть регулярно контролировать и проверять знания студентов-будущих учителей. При отсутствии правила оценки контроля наблюдается равнодушное отношение студента к учебному процессу и результатам. Важно отметить тот факт, что оценка знаний – это индивидуальное значение, в котором каждый индивид проходит проверку успеваемости.

Уровень знаний, умений и навыков (УЗУН) оценивается с точки зрения выполнения учебных программ и требований к компетенциям специалиста, что, в свою очередь, вносит вклад в повышения интеллектуальных способностей и вариативного мышления будущих учителей. Для оценки и проверки компетенций используются разнообразные формы. Зачастую используются однотипные задания по проверке знаний, и это формирует привычку вопросами и ответами мотивировать оценку. Обучающийся приспосабливается к подобной форме работы, зная требования преподавателя. Мировая практика учебного процесса выделяет несколько распространенных видов проверок и оценок знаний: а «текущая, предполагающая проверку знаний по итогам каждого урока или проверка знаний для построения занятия с учётом опыта знаний»; б тематическая проверка предназначена определить степень усвоения темы, проверку содержания изученной темы». Может осуществляться через каждые полтора месяца как промежуточный контроль (ПК1 И ПК2) вузовского учебного процесса. Обучает логическому мышлению, возможности выяснить основные требования дисциплины: а1 итоговые проверки проводятся по окончанию семестра, на сессии в период экзаменов выявляется объективная оценка уровня знаний, б1 текущие и тематические проверки направлены на овладение отдельной дисциплины, итоговый показатель результатов знаний по учебным дисциплинам.

Современным вузам республики, к примеру, в Таджикском государственном педагогическом университете имени Садриддина Айни, автором для определения качества

итоговых проверок используется сдачи экзаменационной сессии с помощью определённых критериев оценок. Основной формой по проверке знаний и умений является выполнение контрольных и самостоятельных работ (можно использовать устную и письменную форму работы). Задания должны быть чётко сформулированы, доступны всем студентам. В помощь студенту рекомендуется изучить тему, правила и требования для выполнения заданий. Вызывают трудности у студентов выполнение контрольных и самостоятельных работ, включение дополнительного материала, сложные по выполнению задания.

Традиционно преподаватель заранее оговаривает будущую тему, студент вспоминает пройденный материал, выполняет самостоятельную работу, что придаёт ему уверенности. Главным условием, способствующим результативности учебного процесса, является создание рабочей обстановки в аудитории. Преподаватель должен помочь студенту преодолеть волнения и эмоциональное напряжение, устранить причины, затрудняющие воспроизведение материала. Выполнение контрольной работы и исследовательского проекта способствует формированию навыков самостоятельной работы с новыми источниками, развитию творческой активности обучающихся.

Самостоятельная работа студентов по дисциплинам «Педагогика», «Психология» и «Информатика и компьютерная техника», предполагает индивидуальные и фронтальные формы опроса обучающихся. Студентам ставится проблема и даётся определённое время на подготовку к ответу. Студент использует электронную доску, технические средства обучения, схемы и формулы по решению вопроса. Группа, заслушав выступление студента, исправляет ошибки, дополняет ответ, предоставляя время на подготовку аргументов своих рассуждений [14, с. 93].

Рекомендуется способствовать самостоятельности студента в изложении темы, а потом дополнять и исправлять. При этом преподаватель контролирует работу студента, помогая ему чётко сформулировать ответы, научно обосновать. Активность в работе студенческого коллектива позволяет подобрать правильное направление и аргументировать подведение итогов. Обучающий в процессе подготовки к занятию продумывает вопросы и задания. Задание «Описать текстовые функции МАКС и МИН в программе Excel», назвать определённые текстовые функции или «Опишите текстовые функции ДЛСТР и ДЛИНБ программы Excel» [191:134] предполагает получение чёткого ответа и этот вопрос будет правильный. Вопрос же об общих функциях Excel вызывает затруднения, потому что студент в замешательстве, ведь у данной программы 800 функций [14, с. 94].

По успеваемости судят о качестве выполнения государственных программ, о результатах учебной деятельности, об уровне компетентности студентов. Сейчас по технологии кредитной системы принята сто бальная система оценки знаний. Высшим баллом, т.е. сто баллов (A, A-) оценивается полное и глубокое овладение студентом теоретических и практических знаний по учебной программе, самостоятельность при ответе и выполнении заданий, правильный стиль и литературная форма ответа, а также разъяснение высказанных определений и понятий. Ответ должен быть убедительным и безошибочным. Обязательно студент получает баллы за посещаемость занятий, выполнение и сдачу домашних и самостоятельных (желательно вариативных) работ. Студент должен выполнить дополнительные требования учебного заведения. Баллы от 75 до 89 (B-, B, B+) ставятся при глубоком и полном усвоении содержания материала, за правильное изложение изученных понятий, воспроизведения правил, определений и положений. Однако студент допускает отдельные ошибки и неточности в содержании, в стиле и форме ответа, а также не может ответить на все дополнительные требования учебного заведения. Баллы от 54 до 74 (D, D+, C-, C, C+), свидетельствуют о том, что студентом изучено и понимается основное содержание учебного материала, но, тем не менее, он допускает ошибки, которые свидетельствуют о том, что недостаточно глубоко усвоены понятия, и студент просто не умеет разъяснить высказываемые мысли. Студент не умеет отвечать, как правило, без помощи преподавателя, хотя ответ часто представляет собой правильные, но разрозненные и отдельные мысли. Балл 49 и меньше (F) выставляется студенту, показавшему разрозненность знаний, отсутствие системы,

неспособность выделить главное и второстепенное, не освоенность теоретического и фактического содержания. Обычно студент имеет плохую посещаемость, как правило, безнравственный и выступает заученными фразами, которые ни ему самому, ни преподавателю не приносят удовлетворения. Он не отвечает ни одному дополнительному требованию и правилам учебного заведения. Работа в группе или в коллективе начинается с аудитории: студенты должны быть толерантны, только тогда и складывается система знаний [14, с. 95].

Специальные дисциплины допускают нормативы, за правильные и неправильные ответы выставляются оценки, с точки зрения дидактики объяснения и обоснования оценки при обучении могут подтолкнуть обучающегося к активизации в познавательном процессе [14, с. 95].

Ни в коем случае не рекомендуются комментарии и мотивировки, оскорбляющие студента или принижающие личность. Ущемлённый студент не обратится за помощью к такому преподавателю. подобная оценка способствует неуверенности студента - будущего учителя в своих умениях, востребованности, интеллектуальных способностей и вариативного мышления. Одной из причин слабой успеваемости студента является отсутствие умений и навыков к труду, старания и прилежания, невнимательность и традиционность занятий. Если в школе и в семье не обратили внимания на эти качества личности, то студент сталкивается с трудностями в процессе обучения в высшей школе. Совместная работа семьи и профессорско-преподавательского состава может улучшить ситуацию. Следующей причиной плохих результатов при оценке знаний вузовской программы могут быть отсутствие школьной базы знаний. Педагогическая наука рекомендует провести диагностирование знаний и на индивидуальных дополнительных занятиях помочь слабоуспевающим студентам. Об этом констатируют многие ученые, в частности, Гершунским Б.Г. определен роль и ряд важных задач учителя: «Учитель – это мыслитель, ощущающий всю полноту возложенной на него священной ответственности за судьбу доверенного и доверившегося ему Человека, за его духовное, интеллектуальное и физическое здоровье, за будущее своей страны и всего Мира, всей человеческой цивилизации. Этими качествами должен и несомненно будет обладать учитель будущего – учитель грядущего 21 века» [3, с. 65].

Ранее мы отметили, что «с педагогической точки зрения обязательно нужно это вовремя заметить, потому что студент может показаться недостаточно способным и, как правило, индивидуальные дополнительные занятия и консультации успешно помогают таким студентам. Еще одна причина – неумение выделять существенные признаки в материале, отличать главное от второстепенного, которое толкает студента на путь механического заучивания, запоминания всего и нужного и ненужного подряд» [15, с. 134]. Основная причина этого явления кроется в принуждённом выборе профессии или отсрочка от службы. Подобные студенты вызывают негативное отношение преподавателей, что приводит к конфликтным ситуациям. Педагогу остаётся в этом случае заинтересовать студента специальностью, активизировать учебную деятельность, используя индивидуальный подход.

Многие учёные по вопросам формирования интеллектуальных способностей и вариативного мышления будущих учителей отмечают, что «между понятием востребованности учителей на рынке труда и формированием интеллектуальных способностей будущих учителей в процессе обучения в вузе существует определенная взаимосвязь» [13, с. 3].

Для достижения этой цели в вузе возможно реализовать целевую программу формирования интеллектуальных способностей и вариативного мышления будущих учителей по условному индексу «5» и «7» важнейших требований студента. В частности, к 7-и требованиям отнесены следующие компетентности студента:

Рисунок 2.1 - Семь важных требований формирования интеллектуальных способностей и вариативного мышления будущих учителей

Семь важных требований формирования интеллектуальных способностей и вариативного мышления будущих учителей: «1. Как правило, проявить вежливость, быть скромным и порядочным, т.е. уметь составить модель профессионального самосовершенствования в процессе учёбы; 2. В каждом семестре разработать один инновационный проект или презентовать одно изобретение в сфере технического творчества или по профилю специальности; 3. Обладать навыками деловой переписки и быть подготовленным к деятельности «Электронного правительства» (написать без ошибок деловое письмо, состоящее из 100 слов); 4. Свободно разговаривать на одном из иностранных языков (в идеале - на двух); 5. Обладать глубокими навыками в области использования компьютерных технологий, в частности за 1 минуту уметь набрать не менее 150 символов; 6. На основе поставленной цели уметь составить бизнес-план проекта; 7. Обладать навыками игры в шахматы. Также студент должен владеть рядом следующих документов, а именно: а) сертификатом по иностранному языку; б) сертификатом по информационным технологиям; в) сертификатом по бухгалтерскому учету; г) свидетельством (патентом) об интеллектуальных или творческих достижениях; д) сертификатом по навыкам игры в шахматы.

Для оценки достигнутого уровня компетентности студентов – будущих учителей, есть необходимость при каждом факультете создать «центр управления инновациями», формирующий интеллектуальные способности студентов и их творческое развитие. По определению Шоева Н.Н., под термином «инновационные модели обучения» подразумевается взаимосочетание следующих двух главных целей: во- первых, переход к кредитной технологии обучения, во-вторых, в учебно-воспитательном процессе применять новые технологии обучения, воспитания и образования [15]. С учётом данных требований в задачи центра входят педагогический контроль и диагностика профессиональных умений студентов на предмет их соответствия требованиям формирования интеллектуальных способностей. Для оценки эффективности предложенного индекса в 2022-ом году нами в учебный процесс были привлечены более 72 студента, каждому из них предоставлялась возможность выбора одного или четырёх из 7-и важнейших требований формирования интеллектуальных способностей студента для усвоения, затем в ходе обучения в вузе усвоить и владеть всеми принятыми компетенциями. К сожалению, семи требованиям никто не соответствует» [14].

Конкурс среди четырех академических групп показал, что на первом курсе обучающиеся не соответствуют в полном объёме требованиями «интеллектуальных способностей», но учебный процесс подталкивает к проявлению инициативы и достижению успехов. Анализ показывает, что группы студентов: «первая группа» занимает первое место по достижению семи требований (в этой группе числятся 22 студента, и четверо из них соответствуют шести требованиям, тогда как в остальных группах шести требованиям соответствовали один или два студента). С педагогической точки зрения данный эксперимент позволил выявить следующие особенности достижения целей результативности обучения: во-первых, «студенты осознанно сравнивали каждое требование формирования интеллектуальных способностей с требованиями работодателей на основании данных периодической печати и мировой сети Интернет»; во-вторых, «студенты научились проводить системный и сравнительный анализ с указанными выше компетенциями»; в третьих, «процесс формирования компетентности тесно протекает с процессом выявления лидера среди студентов и академических групп».

В ходе опытно-экспериментальной работы нами проведена работа по определению интеллектуальных способностей студентов в 2022-2023 учебном году в 4 академических группах (около 80 студентов). В свою очередь: «по одному требованию подходит 15 требованиям соответствовали 29 респондентов; три требованиям были в наличии у 21 опрашиваемых; 32 студента соответствовали четырём требованиям; 13 студента востребованы пяти требованиям; 5 студентов показали лучший результат, соответствующий шести требованиям.

Из представленных выше данных вытекает, что у преобладающей части студентов вуза технические навыки будущего специалиста недостаточно развиты, то есть 61 чел., что составляет 62% не смогли пройти данное испытание, 45 студентов (38%) лишь с третьей попытки выполнили задание, 31 студента (33%) со второй попытки стали отвечать предъявленным техническим требованиям, только 29 студента (26%) сразу выполнили предложенное задание. Это означает, что наши будущие учителя обладают недостаточными навыками набора текстов. Этот критерий является одним из основных, предъявляемых к формированию интеллектуальных способностей будущих учителей XXI века. Формирование интеллектуальных способностей будущего специалиста возможно при применении образовательных циклов, способствующих прочному усвоению научного материала и совершенствования профессиональных компетенций.

ФОРМИРОВАНИЕ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ И ВАРИАТИВНОГО МЫШЛЕНИЯ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ВО ВЗАИМОСВЯЗИ «ВУЗ-ШКОЛА»

Муродова Шаҳло Сангимуродовна

В данной статье подробно изложены основные средства формирования интеллектуальных способностей и вариативного мышления будущих учителей в образовательном процессе педагогической системы. Констатирующим фактом в данном вопросе остаётся работа по проверке и оценки знаний студентов, показывающая уровень усвоения и формирования знаний и умений. Этот контроль является показателем результата учебного процесса и управляет деятельностью преподавателя на различных этапах процесса обучения. Как отмечено в статье «качественная характеристика освоения теоретического материала, проверка способности реализации их на практике имеет большое образовательное значение». Преподаватель организует познавательные процессы, исходя из уровня знаний студентов, имея чёткую картину степени полученных знаний учебного материала, он должен серьёзно и строго выполнить свои обязанности, зная собственные черты характера, дополнять и изменять методику работы со студентами, уметь находить индивидуальный подход к каждому.

ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЗЕҲНӢ ВА ТАФАККУРИ ТАҒЙИРЁБАНДАИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА ДАР МУНОСИБАТИ «ДОНИШГОҲИ ОЛӢ – МАКТАБИ МИЁНА»

Муродова Шахло Сангимуродовна

Дар мақолаи мазкур воситаҳои асосии ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ ва тафаккури тағйирёбандаи омӯзгорони оянда дар раванди таълими системаи педагогӣ муфассал шарҳ дода шудаанд. Далели муайянкунанда дар ин масъала кори санҷиш ва баҳодиҳии дониши хонандагон, нишон додани сатҳи азхудкунӣ ва ташаккули донишу малакаҳост. Ин назорат нишондиҳандаи натиҷаи раванди таълим буда, фаъолияти омӯзгорро дар марҳилаҳои гуногуни раванди таълим назорат мекунад. Чунон ки дар мақола қайд карда мешавад, «Хусусиятхои сифатии азхуд намудани маводи назариявӣ ва санҷидани қобилияти дар амал татбиқ намудани онҳо аҳамияти калони тарбиявӣ доранд». Муаллим равандҳои маърифатиро дар асоси сатҳи дониши хонандагон ташкил намуда, дар бораи дараҷаи дониши дар доираи маводи таълимӣ азхудкардааш тасаввуроти возеҳ дорад. Омӯзгор бояд вазифаҳои худро ҷиддӣ ва қатъиян иҷро намуда, хислату рафтори худро донад, қудрати усули таълимро пурра ва тағйир диҳад, бо хонандагон кор карда, ба ҳар кас муносибати индивидуалӣ пайдо карда тавонанд.

FORMATION OF INTELLECTUAL SKILLS AND CHANGING THINKING OF THE FUTURE TEACHER IN THE RELATIONSHIP "HIGH UNIVERSITY - SECONDARY SCHOOL"

Murodova Shakhlo Sangimurodovna

This article describes in detail the main means of developing intellectual abilities and changing thinking of future teachers in the process of teaching the pedagogical system. The determining factor in this issue is the work of testing and evaluating students' knowledge, showing the level of mastery and formation of knowledge and skills. This control is an indicator of the result of the educational process and monitors the activity of the teacher at different stages of the educational process. As it is noted in the article, "Qualitative features of mastering theoretical materials and testing the ability to apply them in practice are of great educational importance." The teacher organizes the cognitive processes based on the level of knowledge of the students and has a clear idea about the level of knowledge mastered in the educational material. A teacher must perform his duties seriously and strictly, know his character and behavior, complete and change the power of the teaching method, work with students and be able to find an individual approach to everyone.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Толковый словарь Ожегова онлайн, Словарь русского языка С.И. Ожегова. Ожегов Сергей Иванович 2008-2024. Электронный ресурс: https://slovarozhegova.ru/.
2. *Коршунова, Н.Л.* Социопрактические аспекты инновационной педагогической идеи// Педагогика, 2000, №10, с. 12-17.
3. *Шоев, Н.Н.*, Педагогические доминанты воспитательно-образовательных технологий в системе высшего образования. – Душанбе: «Ирфон», 2004, - 304 с.
4. *Шоев, Н.Н.* Вариативные воспитательно-образовательные технологии и инновационные модели обучения в высшей школе. – Душанбе: ИРФОН, 2005. – 308 с.
5. Большой латинско-русский словарь. Vocabvlarivm latinorvssicvm magnvm.Режим доступа: http://linguaeterna.com/vocabula/show.php?n=23567.
6. *Борисова, Е.* Качество образования и место школы в обществе//Вестник высшей школы. – 2003. – № 11. – С. 9–14.
7. Энциклопедия профессионального образования: В 3-х томах / Под ред. С.Я. Батышева. – М., АПО. 1998.ISBN: 5-85449-100-1. -1784 с.
8. *Вроейнстийн, А. И.* Оценка качества высшего образования. Рекомендации, по внешней оценке, качества в вузах. – М.: МНЭПУ, 2000. – 180 с.
9. *Gottfredson, L. S.* Mainstream Science on Intelligence // Wall Street Journal. December 13, 1994. P. A18. (англ.)
10. Интернет. Яндекс. Словари – Охрана труда 2007.
11. Жемчужины мысли. Режим доступа: http://www.inpearls.ru/
12. Цитаты великих и известных людей. Режим доступа: http://www.wisdoms.ru/pavt/p204.html
13. *Гершунский, Б.С.* Философия образования. – М.: Московский психолого-социальный институт, Флинта, 1998.
14. *Муродова, Ш.С.*, Формирование конкурентоспособности будущих специалистов в условиях применения циклических технологий (на материале вузов Республики Таджикистан), Душанбе – 2019, - 175 с.
15. *Шохиён, Н.Н.*, Муродова Ш.С. Оценки интеллектуальных способностей студентов по базовым критериям формирования конкурентоспособности студента в вузе//Вестник Таджикского национального университета. Серия педагогических наук. - Душанбе: «СИНО» 2016. №3/5(208). –С. 132-140.

Маълумот дар бораи муаллиф: *Муродова Шаҳло Сангимуродовна – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, н.и.п., муаллими калони кафедраи*

умумидонишгоҳии педагогика, Нишонӣ:, 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 121, Почтаи электронӣ: murodova_1983@mail.ru, Телефон: (992) 93-558-70-71.

Сведения об авторе: *Муродова Шахло Сангимуродовна – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, к.п.н., старший преподаватель общеуниверситетской кафедры педагогики, Адрес: 734003, г. Душанбе, проспект Рудаки 121, Электронная почта: murodova_1983@mail.ru Телефон: (992) 93-558-70-71.*

Information about author: *Murodova Shakhlo Sangimurodovna – Tajik state pedagogical university named after S. Ayni, Address: 734003, Dushanbe, Rudaki avenue 121; Email: murodova_1983@mail.ru.Phone: (992) 93-558-70-71*

ТДУ 37.01:681 (575.3)

РОҲҲО ВА УСУЛҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШ

Азизова Ф.Ш.

Омӯзгори кафедраи педагогика ва психологияи ибтидоии факултети педагогикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ

Бо мақсади ба роҳ мондани таълими босифат дар соҳаи маориф истифода аз технологияи муосир дар муассисаҳои таълимӣ вобаста ба талаботи замон як қатор навгониҳо назаррас буда, дар ташаккул ва рушди донишазхудкунии хонандагон аҳаммияти муҳимро соҳиб гаштанд. Тавассути технология ва инноватсияи таълим муносибати “субъект бо субъект”, яъне муносибати омӯзгорону хонандагон ба роҳ монда мешавад ва маълумотгирии онҳо дар раванди таълим таъмин гардида, инкишоф меёбад. Дар ин шакли раванди омӯзиш омӯзгор ҳамчун масъули ҳавасмандкунандаи аслӣ амал мекунад.

Зимни истифода аз технологияҳои нав усулҳои ҷадид инноватсионии таълим пайдо шуданд, ки дар айни замон, мактабиён бо барномаҳо ва дигар васоити таълимӣ дастрасӣ доранд, ки ба онҳо барои амиқ омӯхтану азхудкунии дониш, ҳосил кардани маҳорат ва малакаҳо кумак мерасонад.

Дар шароити ҳозира дар муассисаҳои таълимӣ технологияҳои зерин хеле муҳим мебошанд:

1.Технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;
2. Технологияи рушди тафаккури интиқодӣ;
3. Технологияи лоиҳа;
4. Технологияи рушди таълим;
5.Технологияҳои нигаҳдорандаи саломатӣ;
6.Технологияи таълими проблемавӣ;
7. Технологияҳои бозӣ;
8.Технологияҳои модулӣ;
9.Технологияи касбу ҳунар.

Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои баланд бардоштани сифати таълим, таъмини рушди мутаносиби шахсе, ки дар фазои иттилоотӣ бо имкониятҳои иттилоотию коммуникатсионии технологияҳои муосир ошноӣ дорад ва фарҳанги иттилоотӣ дорад, мусоидат мекунад ва инчунин нишон додани самараи таҷрибаи мавҷуда, муайян кардани он мебошад. Равандҳо ва навгониҳое, ки дар системаи маориф ба амал меоянд, боиси ташаккули идеология ва методологияи нави таълим мегардад. Баъзе аз технологияҳоеро, ки дар раванди дарс истифода мегардад, пешниҳод менамоем:

1. Омӯзиши интернетӣ - дастрасӣ ба захираҳои таълимӣ ва курсҳои омӯзиш ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар шакли интерактивӣ дониш гиранд, инчунин бо омӯзгорон ва дигар дастпарварон аз гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон муошират кунанд.

2. Омӯзиши воқеияти виртуалӣ – технологияи VR метавонад, ба хонандагон кумак кунад, ки мафҳумҳо ва падидаҳои мураккабро тасаввур кунанд ва онҳо дарк намоянд, ки чӣ гуна равандҳои ҳаёти воқеӣ амал мекунанд.
3. Равишҳои бозӣ дар омӯзиш – бозиҳоро барои ташаккули малакаҳои математикӣ, тафаккури мантиқӣ ва малакаҳои муошират хонандагон истифода бурдан мумкин аст.
4. Истифодаи замимаҳои мобилӣ – барномаҳои мобилӣ метавонанд, ба хонандагон имкон диҳанд, ки дар ҳама ҷо ва ҳар вақт ба омӯзиш дастрасӣ пайдо кунанд.
5. Робототехника - роботҳои сохта ва барномасоз метавонанд хонандагонро ҷалб кунанд ва ба онҳо дар рушди малакаҳои нав дар илм, технология, муҳандисӣ ва риёзӣ кумак кунанд.

Технологияи тафаккури интиқодӣ – тафаккури интиқодӣ чиро дар назар дорад? Тафаккури интиқодӣ як навъи тафаккурест, ки барои интиқод кардани ҳама гуна изҳорот, бе далелҳо чизеро қабул накардан, балки дар айни замон ба ақидаҳо ва усулҳои нав кушода шудан кӯмак мекунад. Тафаккури интиқодӣ шарти зарурии озодии интихоб, сифати пешгӯӣ ва масъулият барои қарорҳои худ мебошад. Асоси конструктивии «технологияи тафаккури интиқодӣ»-ро модели асосии марҳилаи ташкили раванди омӯзиш ташкил медиҳад:

1.Даъват

2. Ҳавасмандӣ (ҳавасмандӣ барои кор бо иттилооти нав, бедор кардани шавқмандӣ нисбати мавод);

3.Маълумот (баррасии донишҳои мавҷуда ба мавод);

4.Муошират (мубодилаи бе ихтилофи афкор);

5.Фаҳмидани мундариҷа;

6. Иттилоот (ба даст овардани ахбороти нав оид ба мавод);

7. Мулоҳиза;

8. Муошират (мубодилаи афкор оид ба иттилооти нав);

9.Маълумот (аз худ кардани донишҳои нав);

10.Ҳавасмандгардонӣ (ҳавасмандӣ барои тавсеаи минбаъдаи майдони иттилоотӣ);

11.Баҳодиҳӣ (таносуби иттилооти нав ва донишҳои мавҷуда, таҳияи мавқеи худ, баҳодиҳии раванд).

Дар марҳилаи ёдоварӣ дониш ва андешаҳои мавҷуда дар бораи он чизе, ки омӯхта мешавад, аз хотир ба ёд оварда мешавад ва шавқмандӣ ташаккул меёбад, мақсадҳои баррасии мавзуъ муайян карда мешавад.

Марҳилаи дарк кардан (ё дарк намудани маъно) хонанда чун қоида бо иттилооти нав рӯ ба рӯ мешавад, маълумоти бадастоварда ба система дароварда мешавад. Хонанда имкони дар бораи табиати объекти омӯхташаванда фикр кунад, таҳияи саволҳоро ҳангоми муқоисаи маълумоти куҳна ва нав ёд мегирад. Дар ин маврид, мавқеи шахсӣ ташаккул меёбад. Хеле муҳим аст, ки аллакай дар ин марҳила бо истифода аз як қатор усулҳо мустақилона раванди фаҳмидани маводро назорат кунад. Марҳилаи мулоҳиза (рефлексия) бо он тавсиф мешавад, ки хонандагон донишҳои навро мустаҳкам мекунанд ва барои дохил кардани мафҳумҳои нав фаъолона фикрҳои худро барқарор мекунанд. Дар рафти кор дар доираи ин модел хонандагон усулҳои гуногуни ҳамгироии иттилоотро аз худ мекунанд, дар асоси дарки таҷриба, ақида ва ақидаҳои гуногун ташаккул додани афкори шахсии худро меомӯзанд, хулосаҳо мебароранд ва далелҳо меоранд, андешаи худро возеҳ баён мекунанд.

Технологияи лоиҳа- усули лоиҳа дар педагогикаи ҷаҳонӣ асосан нав нест. Он дар ибтидои асри сипаридашуда дар ИМА пайдо шудааст. Онро методи проблемавӣ низ меноманд, ки философ ва маорифпарвари амрикоӣ Ҷ. Дюи, инчунин шогирдаш В.Х.Килпатрик таҳия кардаанд. Дар кӯдакон зоҳир намудани шавқи донишҳои гирифташуда, ки метавонад, дар ҳаёт ба онҳо муфид ва ниҳоят муҳим бошад. Ин масъалаҳоеро тақозо мекунад, ки аз ҳаёти воқеӣ гирифта шуда, барои кӯдак шинос ва

муҳим аст, ки барои ҳалли он ӯ бояд донишҳои омӯхтаашро бо донишҳои нав, ки ҳанӯз ба даст наомадааст, татбиқ намояд.

Омӯзгор метавонад сарчашмаҳои иттилоотро пешниҳод кунад ё метавонад, ки фикрҳои хонандагонро ба самти дуруст барои ҷустуҷӯи мустақилона равона кунад. Аммо дар натиҷа хонандагон бояд мустақилона ва бо саъю кӯшиши муштарак масъаларо ҳал намуда, донишҳои заруриро баъзан аз соҳаҳои гуногун истифода баранд, то натиҷаи воқеӣ ба даст оранд.

Мақсади технология ҳавасманд кардани хонандагон ба масъалаҳое нигаронида мешавад, ки миқдори муайяни донишро талаб мекунанд ва тавассути фаъолиятҳои лоиҳавӣ, ки ҳалли ин масъалаҳои мазкурро дар бар мегиранд ва дар амал татбиқ намудани донишҳои гирифташударо амалӣ мекунанд.

Усули "лоиҳа "диққати муаллимони русро дар ибтидои асри XX ҷалб карда буд. Идеяҳои омӯзиши лоиҳавӣ дар Русия тақрибан баробари пешрафтҳои эҷодии муаллимони амрикоӣ пайдо шуданд. Дар соли 1905 таҳти роҳбарии муаллими рус С.Т. Шатскова дар мактабҳои муосири Русия системаи "таълими лоиҳавӣ" танҳо дар солҳои 1980-1990 дар робита ба ислоҳоти маорифи мактаб, демократикунонии муносибатҳои байни омӯзгорон ва хонандагон, ҷустуҷӯи шаклҳо ва усулҳои фаъоли фаъолияти маърифатии хонандагон барқарор карда шуд. Мактаббачагон дар раванди дарс аз элементҳои технологияи тарҳрезӣ истифода бурда, онро амалӣ мегардонанд.

Моҳияти методологияи лоиҳа дар он аст, ки хонанда бояд дар азхудкунии дониш фаъолона иштирок намояд ва вазифаи технологияи лоиҳа ин амали эҷодӣ мебошад, ки аз хонандагон барои ҳалли вазифаҳои душвор ва азхудкунии дониш дар марҳилаи муайяни таърихӣ истифода баранд, талаб карда мешавад. Он ҳамчун усули тадқиқот чӣ гуна таҳлил кардани проблема ё вазифаи мушаххаси таърихиро таълим медиҳад, ки дар марҳилаи муайяни рушди ҷомеа ба вуҷуд омадааст.

Хонандагон ҳангоми азхудкунии фарҳанги тарҳрезӣ ба таври эҷодӣ фикр кардан ва пешгӯии ҳалли эҳтимолии мушкилотро меомӯзанд.

Методологияи тарҳрезӣ чунин қисматҳоро фаро мегирад:

- малакаҳои муоширатиро хос аст;
- хонандагонро ба баёни андеша, эҳсос ва иштироки фаъолона дар фаъолияти воқеӣ ҷалб мекунад;
- шакли махсуси ташкили фаъолияти коммуникатсионӣ ва маърифатии мактаббачагон дар раванди таълим;
- ба ташкили даврии раванди таълим асос меёбад.

Бинобар ин, технологияи лоиҳа аз рӯи даври муайян ҳамчун намудҳои дарсҳои такрорӣ истифода бурда мешавад. Яке аз унсурҳои ин техника мубоҳисаи лоиҳа мебошад, ки ба усули омода кардан ва ҳимояи лоиҳа дар мавзуи мушаххас асос ёфтааст.

Технологияи таълими проблемавӣ - таълими проблемавӣ таҳти роҳбарии омӯзгор ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ва фаъолияти густурдаи мустақилонаи хонандагон барои ҳалли онҳо, ки дар натиҷаи он маҳорати эҷодӣ, дониш, малака, қобилият ва инкишофи қобилияти тафаккур ба амал меояд. Вазъияти проблемавии таълим фақат он вақт аҳаммияти тарбиявӣ дорад, ки вазифаи проблемавии ба хонанда пешниҳодшуда ба имкониятҳои зеҳнии ӯ мувофиқат кунад ва барои бедор кардани хоҳиши аз ин вазъият берун баромадан ва бартараф намудани ихтилофи бавуҷудомада мусоидат менамояд.

Супоришҳои проблемавӣ: супоришҳои таълимӣ, саволҳо, тестҳо, супоришҳои амалӣ ва ғайраро дар бар мегиранд. Хонандагон ҳалли проблемаҳои гузошташударо дар се шакли асосӣ: пешниҳоди масъала, фаъолияти қисман ҷустуҷӯӣ ва фаъолияти мустақилонаи тадқиқотӣ амалӣ мекунанд. Омӯзгор масъала гузошта, роҳи ҳалли онро ошкор мекунад, ба хонандагон раванди тафаккури илмиро нишон медиҳад, онҳоро маҷбур мекунад, ки ҳаракати диалектикии фикрро ба сӯи ҳақиқат вусъат диҳанд, яъне онҳоро гӯё шарикони тадқиқоти илмӣ мегардонад. Дар шароити фаъолияти ҷустуҷӯии

ҷузъӣ ба кор асосан аз ҷониби омӯзгор бо ёрии саволҳои махсус роҳбарӣ карда мешавад, ки хонандагонро ба мустақилона муҳокима кардан ва ҷустуҷӯи ҷавоби ҷузъҳои алоҳидаи масъала водор месозад.

Технологияи таълими проблемавӣ мисли дигар технологияҳо паҳлуҳои мусбат ва манфӣ дорад. Афзалиятҳои технологияи таълими проблемавӣ: он на танҳо ба азхудкунии хонандагон системаи зарурии дониш, маҳорат ва маҳорат, балки барои ноил шудан ба сатҳи баланди инкишофи равонии онҳо, ташаккули қобилияти мустақилона азхуд кардани онҳо, дониш тавассути фаъолияти эҷодии худ, шавқу ҳавасро ба кори тарбиявӣ инкишоф медиҳад, натиҷаҳои доимии таълимро таъмин мекунад. Камбудиҳои таълими проблемавӣ дар он зоҳир мегардад, ки сарфи зиёди вақт барои ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишуда, назорати сусти фаъолияти маърифатии хонандагон бартараф карда шавад.

Технологияи усули бозӣ - истифода аз технологияи усули бозӣ ҳадафҳои зеринро ба миён меорад :

- ҳавасмандии фаъолияти маърифатӣ;
- фаъолии раванди равонӣ;
- ба таври стихиявӣ маълумот ба хотир оварда мешавад;
- хотираи ассотсиативӣ ташаккул меёбад;
- ҳавасмандӣ ба омӯзиши мавод меафзояд.

Самарабахшии омӯзиш дар рафти усули бозӣ ҳам хусусияти омӯзишӣ ва ҳам хусусияти меҳнатӣ дорад.

Усули кейс – технологияи парвандаҳо бозиҳои нақшбозӣ, усули лоиҳа ва таҳлили вазъиятро муттаҳид мекунад. Технологияҳои кейс бо чунин намудҳои кор, аз қабили такрори пас аз омӯзгор, ҷавоб додан ба саволҳои омӯзгор, такрори матн ва ғайра муқоиса карда мешаванд.

Технологияи кейс на такрори омӯзгор, на такрори бобҳо ё мақола, на ҷавоб ба саволи омӯзгор, балки таҳлили вазъияти мушаххасест, ки шахсро водор мекунад, ки дониши андӯхтаро баланд бардорад ва онро дар амалия татбиқ намояд. Ин технологияҳо барои баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагон ба фанни омӯхташаванда мусоидат намуда, дар мактаббачагон чунин сифатҳо, ба монанди фаъолияти иҷтимоӣ, малакаҳои муошират, қобилияти гӯш кардан ва бошуурона баён кардани андешаҳои хешро инкишоф медиҳанд.

Ҳангоми истифодаи технологияҳои кейс чунин принсипҳоро ба назар гирифтан зарур аст:

Рушди малакаҳои тафаккури таҳлилӣ ва интиқодӣ

Пайвастани назария ва амалия;

Пешниҳоди мисолҳо, қарорҳои қабулкардашуда;

Намоиши мавқеъҳо ва нуқтаҳои назари гуногун.

Усулҳои технологияи кейс, ки раванди таълимро фаъол мекунанд, инҳоро дар бар мегиранд:

- усули таҳлили вазъиятӣ (усули таҳлили ҳолатҳои мушаххас, вазифаҳо ва машқҳои вазъиятӣ; марҳилаҳои парванда);
- усули ҳодиса;
- усули бозиҳои нақшофарӣ;
- усули таҳлили мукотибаи корӣ;
- тарҳрезии бозӣ;
- усули мубоҳиса.

Ҳамин тариқ, технологияи кейс технологияи интерактивии таълим буда, ба ҳолатҳои воқеӣ ё сохта асос ёфтааст, ки на он қадар ба азхудкунии дониш, балки ба ташаккули сифатҳо ва малакаҳои нав дар хонандагон нигаронида шудааст.

АДАБИЁТ:

1. *Алексеева, Л.Н.* Инновационные технологии как ресурс эксперимента/ Л. Н. Алексеева// Учитель. - 2004. - № 3. - с. 78.
2. *Бычков, А.В.* Инновационная культура/ А. В. Бычков// Профильная школа. - 2005. - № 6. - с. 83.
3. *Дебердеева, Т.Х.* Новые ценности образования в условиях информационного общества/ Т. Х. Дебердеева// Инновации в образовании. - 2005. - № 3. – с. 79.
4. *Минеева, Т.Ф.* Информатика в начальной школе. //Начальная школа. - 2004г. - №11.
5. *Попова, Н.Г.* Информатизация учебного процесса. // Начальная школа. -2002. №11.
6. *Сластенина, В.А.,* Подымова, Л.С. Педагогика: инновационная деятельность М.: ИЧП «Издательство Магистр»,1997. – 456 с.

РОҲҲО ВА УСУЛҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШ

Азизова Файзигул Шарифовна

Дар шароити муосир истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои баланд бардоштани сифати таълим, таъмини рушди мутаносиби шахсе, ки дар фазои иттилоотӣ бо имкониятҳои иттилоотию коммуникатсионии технологияҳои муосир ошноӣ дорад ва фарҳанги иттилоотӣ дорад, мусоидат мекунад ва инчунин нишон додани самараи таҷрибаи мавҷуда, муайян кардани он мебошад. Равандҳо ва навгониҳое, ки дар системаи маориф ба амал меоянд, боиси ташаккули идеология ва методологияи нави таълим мегардад.

Дар мақола зикр ёфтааст, ки зимни истифода аз технологияҳои нав усулҳои ҷадиди инноватсионии таълим пайдо шуданд, ки дар айни замон, мактабиён бо барномаҳо ва дигар васоити таълимӣ дастрасӣ доранд, ки ба онҳо барои амиқ омӯхтану азхудкунии дониш, ҳосил кардани маҳорат ва малакаҳо кумак мерасонад.

Калидвожаҳо: *технологияи иттилоотӣ, фарҳанги иттилоотӣ, усулҳои ҷадиди инноватсионӣ, системаи маориф, раванди омузиш, методологияи нави таълим.*

ПУТИ И МЕТОДЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

Азизова Файзигул Шарифовна

В современных условиях использование информационно-коммуникационных технологий для повышения качества образования, обеспечения сбалансированного развития человека, знакомого с информационно-коммуникативными возможностями современных технологий и обладающего интеллектуальной культурой в информационной среде, а также показать эффективность существующего опыта и определить его. Процессы и инновации, происходящие в системе образования, приводят к формированию новой идеологии и методологии образования.

В статье отмечается, что в ходе использования новых технологий появились новые и инновационные методы обучения, и в то же время школьники имеют доступ к программам и другим образовательным ресурсам, которые помогают им учиться и осваивать знания, приобретать навыки и умения.

Ключевые слова: *коммуникационные технологии, коммуникативная культура, новые инновационные методы, система образования, процесс обучения, новая методология обучения.*

WAYS AND METHODS OF USING INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN THE LEARNING PROCESS

Azizova Fayzigul Sharifovna

In modern conditions, the use of information and communication technologies to improve the quality of education, ensure the balanced development of a person who is familiar with the information and communication capabilities of modern technologies and has an intellectual culture in information environment, as well as to demonstrate and define the effectiveness of existing experience. The processes and innovations taking place in the education system lead to the formation of a new ideology and methodology of education.

The article notes that with the use of new technologies, new and innovative teaching methods have emerged, and at the same time, schoolchildren have access to programs and other educational resources that help them learn and acquire knowledge, acquire skills and abilities.

Key words: *communication technologies, communicative culture, new innovative methods, education system, learning process, new teaching methodology.*

Маълумот дар бораи муалиф: *Азизова Файзигул Шарифовна - омӯзгори калони кафедраи педагогика ва психологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ тел.: (992) 918-31-83-62.*

Сведения об авторах: *Азизова Файзигул Шарифовна – старший преподаватель кафедры педагогики и психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (992) 918-31-83-62.*

Information about the authors: *Azizova Fayzigul Sharifovna - senior lecturer of the department of pedagogy and psychology of the Tajik state pedagogical university named after Sadriddin Aini, tel.: (992) 918-31-83-62.*

ТДУ.: 37.01+378(575.3)

ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИЮ ОМӮЗИШИИ ПЕДАГОГ ЧУН НИЗОМИ ДОНИШҲОИ ИЛМӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ПАЙДОИШИ НАЗАРИЯҲОИ НАВИ ИЛМӢ *(ДАР ҲОШИЯИ ОМОДАСОЗИИ КАДРҲОИ ИЛМӢ ВА ИЛМӢ-ПЕДАГОГӢ)*

Каримов Ф. Д.

Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Ҳолатҳои мухталифи фаъолияти таълимию омӯзишии педагог замоне мавриди истифодаи самарабахш қарор мегиранд, ки онҳо ба як низоми донишҳои илмӣ дар шуури шахс ташаккул ёфта бошанд. Сомонасозии (систематизатсия)-и донишҳо дар шаклҳои мухталиф ба вуҷуд меояд. Шакли басо мураккаб, вале бисёр манфиатнок ин ба намоиш ва қобили истифода қарор додани сомонае дар шакли назарияи дидактикӣ-омӯзишӣ мебошад [2,с.36]. Ҳамоҳангӣ ва пайванди мантиқии мавзуъҳо ба ин имконият фароҳам оварда, бо истифода аз мантиқи дигар илмҳои алоқаманд ба фанни таълимӣ, заминаи арзи вуҷуд кардани идеяи нав мегардад, ки дар оянда дар атрофи он идея донишҳои ҷадиди илмӣ метавонанд зуҳур намоянд.

Бо ин мақсад айни муддао мешуд, агар мо назари нави муосирро ба назарияи таълим омӯзишии омӯзгор, сохтор ва ташаккули вай пайдо созем. Тавре ки таҳлилҳои адабӣ оид ба ин масъала нишон медиҳанд, назария бояд фарогири қисматҳо бошад. Ҷузъи асосӣ барои поксозии (аз ҳар гуна суханпардозиҳои зиёдатӣ) дониш дар низоми назариявӣ ин поя, асос (принсип аз лотинӣ – маънояш: 1. (асос, қонун, усул, бунёд, шарт; 2. эътиқод, ақида, нуқтаи назар аст)-и назария ба ҳисоб меравад. Сутун ва асоси (принсип)-и назария бошад дар заминаи ғоя (идея) пайдо мешавад. Ғоя ва принсипи асоси назарияро ташкил дода, замина ва таҳкурсии боэътимоди он мегардад [2, с.43]. Меъёри дигар барои ин мафҳум, қонун ва қонуниятҳост, ки ҳангоми офариниши донишҳои ҳосилгардида муаллифро дучори мушкилотҳо мегардонад *(дар баъзе*

мавридҳо муаллифони ҷавон бинобар ҳамин сабаб ҳам аз баҳри илмофарӣ баромада, бештар ба фаъолияти амалӣ мепордозанд). Ҷанбаҳои дигари принсип, натиҷа ва қоидаҳо ҳастанд, ки дар ҳошияҳои меъёрҳои номбаршуда ба вуҷуд омадаанд. Ҳамин тариқ, таркиби назарияро далелҳое ташкил мекунанд, ки аз як тараф, ҳамчун ашёи аввалӣ барои пайдоиши назарияҳои «абстрактӣ» дар воридшавӣ ба моҳияти дониш хизмат кардаанд ва аз тарафи дигар, объекти назарияи фаҳмондадиҳӣ ва муҳокимаҳое, ки барои сохтори ғоявии низоми дониш дар асоси принсипи назария ва қоидаҳои он истифода шудаанд, ба ҳисоб мераванд. Дар ин мавриди ҷавҳари назарияро ғоя, принсипи назария, мафҳум, қонун ва қонуниятҳо ташкил менамоянд [3,с.132].

Пояи асосии ҷузъҳои васлкунандаро ба як сомона дар назарияи илмӣ асос (принсип) меноманд, ки бо такя ба ғоя ташкил шудааст ва ҳамин принсип аст, ки маҷмуи донишҳоро дар шакли назарияҳои илмӣ ба ҳамдигар муттаҳид месозад. Ташаккули мақсадноки назария баъд аз ташаккули принсип ибтидо мегирад.

Донишҳои назариявӣ бо мурури замон метавонанд ба назария фақат дар ҳолати пок (синтез) шудани принсип табдил ёбанд. Бояд қайд намоем, ки дар асоси як ғоя метавонад якчанд принсип ба вуҷуд биояд, лекин муҳим нест, ки меъёри умумиятҳои онҳо якхела бошанд. Дар ин ҳолат набояд принсипҳо дар бархурди мантиқӣ ба якдигар қарор гиранд, балки принсипи умумияти хурддошта таҳкимбахши принсипи умумияти калондошта гардад. Аз ин бармеояд, ки назария метавонад дар асоси на фақат як принсип балки дар асоси якчанд принсип сохтор гирад.

Омӯзиш (дидактика) мутобиқи мафкураи мо бояд ҳамчун низоми донишҳои илмие, ки инъикосгари моҳияти фаъолияти педагогӣ ва маҳдудсози ҷараёни таълим гардидаанд, ташкил карда шавад. Ҳар як ҷузъи раванди таълим бояд мутобиқи назарияи муайян ба роҳ монда шавад. Бо ин васила барои сохтор ва ташаккули раванди омӯзиш (дидактика) бояд, пеш аз ҳама, назарияи фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагог, фаъолияти таълимии хонандагон, мазмуни таҳсилот, методҳои таълим, шаклҳои ташкили таълим, воситаҳои таълим, метод ва воситаҳои танзимсоз ва моҳиятноки шахсияти шогирд дар раванди таълим сохта шаванд [1, с.166].

Ҳамчунин, муҳим аст, ки маҷмуи донишҳо чун назария дар ҳолати қаноаткунанда ва дастраси шароитҳои зерин мутобиқ ба ҳолати иҷтимоӣ шинохта шаванд:

- дар назария бояд донишҳои илмӣ дар бораи ҳақиқати аслии объекти муайян ҷойгир карда шаванд. Яъне бояд он назария маълумоти пурра ва ҳаматарафаро дар нисбати объект дошта бошад;
- Назария метавонад фарогири на ҳама маҷмуи донишҳо дар бораи ашё гардад, балки ҳамчун асоси (принсип)-и сомонавии он, ки дар алоқамандии ҳамдигар пайдо шудаанд ба ҳисоб гирифта шавад;
- Назария бояд фарогири донишҳо дар бораи сабабҳои алоқамандӣ, дар бораи қонуниятҳое, ки таъсири байниҳамдигарии элементҳои назарияро муайян сохта инкишофи онҳоро маълум намудаанд, бошанд;
- Низоми донишҳо бояд пурра мустақил бошад, яъне афкори инкоркунандае барои онҳо вуҷуд надошта бошад;
- Назарияи илмӣ бояд асоси худро аз шумораи камтарин (минималӣ)- ғояҳои ибтидоӣ (талаботи минимизатсияи назария) пайдо созад. Муҳиммияти ин бар он аст, ки назария бояд аз ҷиҳати мазмун инкорнашаванда ва аз ҷиҳати сохторӣ комил бошад [2,с.243] *(шартҳои номбаршударо бо далелҳои қонеъкунанда дар корҳои илмии педагоги маъруф И. Д. Андреев дарёфт намудан мумкин аст)*.

Яке аз вазифаҳои муҳими ташкили раванди таълим ин коркарди назарияи фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагог ба шумор меравад (минбаъд ФТОП).

Асосҳои он аз қисматҳои таркибии зерин иборат аст:

1. Принсипи поксози дониш ва ғояи назария;
2. «Аппарати» мафҳумӣ (терминологӣ);

3. Объекти омӯзиши фаъолияти педагог;
4. Сохтори педагогии фаъолияти таълимӣ-омӯзишӣ;
5. Консепсияи омӯзиш (дидактика);
6. Принсипи корӣ-вазифавии низоми таълимӣ-омӯзишӣ (дидактикӣ).

Ҳузури принсип ҳамчун нуқтаи назар ба мо имкон медиҳад, ки бо назарҳои тоза ба ташаккули яке аз назарияҳои дидактикӣ, бахусус, назарияи таълимию омӯзишии фаъолияти педагог бингарем. Ин ба мо фароовари шароите мешавад, ки маҷмуи донишҳои доштаамонро дар як сомона муттаҳид намоем.

Қисмати таркибии назария, албатт,а мафҳум аст. Мафҳум ҳамчун шакли тафаккур ва пешниҳоди дониши илмӣ фарогири хусусиятҳои умумии ашё ва ҳақонияте ҳаст, ки инъикосгари пайвандҳои муҳим ба ҳаёт мегардад.

Барои ташаккули фаъолияти таълимию омӯзишии педагог ҷанбаҳои зерини мафҳумҳо истифода мешаванд [5,с.18], [6,с.128]:

а) фалсафаи мафҳум – дар навбати аввал унсурҳои мубоҳисавӣ (категорияҳои диалектикӣ) барои мисол: моҳият ва мафҳум, абстракт ва мушаххас, объективӣ ва субъективӣ, шакл ва мазмун, сифат ва миқдор ва ғайра;

б) Мафҳуми мантиқӣ – гузаришӣ-ҳамҷояшавӣ (логико-интегративӣ), масалан: система, модел, идора, алоқаҳои баргарданда, алгоритм ва ғайра;

в) Мафҳумҳои умумипедагогӣ, масалан: таҳсилот, таълим, тарбия, таҷрибаи педагогӣ, маҳорати педагогӣ, педагог, шогирдон, таълимот ва ғ.

г) Мафҳумҳои умумиомӯзишӣ, масалан: воситаҳои таълим, методҳои таълим, вазъиятҳои таълимӣ, вазифаҳои омӯзишӣ ва ғ.

Ҳамзамон, назарияи ФТОП мафҳум ва воситаҳои махсуси худро инкишоф медиҳад. Ба сифати мисол мафҳумҳои фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагог(ФТОП), объекти ФТОП, низоми фаъолияти омӯзишӣ, намудҳои ФТОП, қонуниятҳои ФТОП, базиси дидактикӣ, принсипи фаъолияти низоми дидактикӣ ва ғайра.

Таълим ҳамчун сомона замоне ба фаъолият шуруъ мекунад, ки ҷараёни таълим оғоз мегирад ва бо тамом шудани он анҷом мепазирад. Аз ин бармеояд, ки барои раванди таълим асос ҳолати фаъолияти сомона (яъне таъсирбахшии тарбиявӣ, таълимӣ, маълумотноккунонӣ ва инкишофи тафаккур) ба шумор меравад, ки натиҷааш ҳамчун қисмати ташкилии таъсирбахш ба ташаккул ва фаъолияти вай вобаста буда, фарогири ҷанбаҳои худташаккулёбист. Дар ҳамин лаҳза, яъне дарназаргирии натиҷа ҳамчун омили ҳалкунанда маҳдудсозандаи мафҳуми «таъсири байниҳамдигарӣ» дар нисбати ҷузъиётҳои байниҳамдигарии сомона ба ҳисоб меравад. Фақат натиҷа метавонад таъсиротҳои лаҳзаина ва озоди ҷузъиётҳои сомонаро дар нисбати худ пурзӯр намояд [8,с.17].

Тавре ки аз ин ҳолатҳо пайдост, фурӯзоншавии натиҷа дар сомона таъсири муфиде ба ташаккул ва фаъолияти вай расонида метавонад. Яъне мафҳуми сомона бояд шакли дигаре нисбати ин мафҳум дар адабиётҳои педагогии анъанавӣ дошта бошад ва мафҳуми сомонаро П. К. Анохин чунин шарҳ медиҳад [1,с.16]:

«Низом гуфта маҷмуи ҷузъиётҳои интихобан арзи вуҷудкардаеро меноманд, ки дар он таъсир ва муносибати байниҳамдигарии ҷузъиётҳо хусусияти мусоидатии байниҳамдигариро барои ба даст овардани натиҷаи муфид, устувор ва собит месозад».

Ҷузъиётҳои интихобшуда дар фаъолияти низоми дидактикӣ бояд фарогири чунин таъсир ва муносибати байниҳамдигарии мутобиқ ба тасаввури вазифаи сомонае бошанд, ки он хусусияти мусоидатомезро барои дастрас намудани натиҷае, ки муайянсози мақсад аст фароҳам орад. Натиҷаи охирин ба воситаи натиҷаҳои ҷузъиётҳо (андармиён) ба даст меояд. Натиҷаҳои андармиён имконият медиҳанд, ки ҷараёни ислоҳдарорие, ки хусусияти танзимгариро дорост, ба роҳ монда шавад [9,с.82].

Низоми дидактикиро мо ба тарзи дигар низоми ташкили раванди таълим меномем. Вай фарогири ҳамаи ҷанбаҳои раванди таълим ва алоқаи байниҳамдигарии

онҳост. Баъд аз афзалият пайдо намудани ФТОП имкон дорад назария ва афкори асосии нав (идея) арзи вуҷуд намоянд.

Таълим аз мавқеъи педагог ифодакунандаи низоми ташкили фаъолияти таълимии хонандагон мебошад [10,с.22]. Шакли вазифавии низоми омӯзишӣ дар асоси қонуниятҳои характери педагогӣ, маҷмуи ҷузъиётҳои раванди таълим пайдо мешавад. Алоқаи байниякдигарии хусусиятҳои мусоидатӣ бошанд бо мақсади ба дастоварии натиҷаи зарурӣ ба роҳ монда мешаванд.

Дар бораи қонун ва қонуниятҳое, ки ба назарияи ФТОП дохиланд, гуфтан мумкин аст, ки онҳо баёнгари маҷмуи қонунҳои умумидидактикӣ ва қисмӣ-назариявии инъикосгари махсусиятҳои ҳамон соҳаи фаъолияти педагогӣ мебошанд.

Бо назардошти кушода шудани баъзе меъёрҳои моҳиятии алоқаи таълим дар соҳаи таҳқиқот асоси мукаммале вуҷуд дорад, ки қонуниятҳои фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагогро (ФТОП) мктавон ба таври зайл баён кард:

1. Дар ФТОП барои ба даст овардани мақсади таълим педагог бояд вазифаи тарбиявӣ, маълумотноккунонӣ ва инкишофиашро ба сомон расонад, ки вазифаи асосии ФТОП ҳам ҳамин аст;
2. ФТОП нақши роҳбарӣ ва роҳнамоиро дар раванди таълим иҷро намуда ба фаъолияти таълимии хонандагон алоқаманд ва вазифадор аст.
3. Намуди афзалиятдошта дар ФТОП ин алоқамандии фаъолияти педагог ва шогирдон дар ҷараёни таълим аст, ки ташаккули фаъолияти таълимӣ ба ҳисоб меравад;
4. Дар низоми фаъолиятдоштаи дидактикӣ намуди афзалиятноки ФТОП ин ташкили фаъолияти таълимии шогирдон бо намудҳои дигари ин фаъолият, ки ба қисмати сохтории педагогӣ медароянд, хусусияти мусоидкунандаро соҳиб аст. Дар ин қонуният яке аз хусусиятҳои асосии сомона ба иҷро мерасад;
5. ФТОП ҳар қадаре ки манфиатовар бошад, ҳамон қадар дар ташкили дидактикии мундариҷаи маълумот, баҳамоии абстраксия ва мушаххасот дар мувофиқат бо хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии имкониятҳои шогирдон пайдо мегардад;
6. ФТОП ҳар қадар манфиатовар бошад, ҳамон қадар варианти ба ҳам омадани воситаҳои иттилоотии педагогӣ дар ҳалли вазифаҳои мушахаси таълимӣ муфид аст.

Хулоса, банақшагирии фаъолияти таълимӣ ҳамчун намуди ФТОП дар замоне манфиатноктар мегардад, ки агар нақшаи ба амалбароварда дар фаъолияти амалии консепсияи дидактикӣ, ки таълимро аз мавқеъи педагог ҳамчун низоми ташкили фаъолияти таълимии хонандагон зери назар мегирад ба эътибор гирифта шавад. Банақшагирӣ ҳамчун намуди фаъолияти педагог ҳадафи ба мақсадрасиро дорад. Лекин манфиатнокиаш аз дар назар гирифтани ҳамаи имконияту воситаҳо барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ вобаста аст.

АДАБИЁТ:

1. *Ананьев, Б.Г.* О проблемах современного человековедения / Б.Г. Ананьев. – М : Педагогика, 1980. – 317 с.
2. *Андреев, И.Д.* Теория как форма организации научного знания / И. Д. Андреев. – М.: Наука, 1079. 354 с.
3. *Анохин, П.К.* Философские аспекты функциональной системы / П. К.Анохин, - Медига, 1978. – 283 с.
4. *Герасимов, В.Н.* Основы превентивной педагогики. М., 1995;
5. *Голицын, Г.А.*, Петров В.М. Информация – поведение – творчество. М., 1991.
6. *Назаров, Р.* Философии образования таджикского народа. Душанбе: 2010 - 216с.

7. *Назаров, Р*. Философия качества образования транформирующегося Таджикистана. Душанбе, «Дониш», 2011, -345 с.
8. *Немов, Р.С*. Психология образования: В 2 кн. М., 1994. Кн. 2.
9. Практическая психология для преподавателей. М., 1997.
10. *Шепель, В.М*. Управленческая психология. М., 1984.

ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМИЮ ОМӮЗИШИИ ПЕДАГОГ ЧУН НИЗОМИ ДОНИШҲОИ ИЛМӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ПАЙДОИШИ НАЗАРИЯҲОИ НАВИ ИЛМӢ (ДАР ҲОШИЯИ ОМОДАСОЗИИ КАДРҲОИ ИЛМӢ ВА ИЛМӢ-ПЕДАГОГӢ)

Каримов Фирдавс Давлатшоевич

Дар мақола моҳияти мафҳуми фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагог (ФТОП) шарҳ ёфта, нақши фаъолияти таълимӣ ҳамчун зуҳуроти пайдоиши идея ва маҳзани илмофарӣ барои ташаккули ибтидоии фарҳанги илм дар мафкураи мутахассиси ояндаи соҳаи илм нишон дода шудааст.

Муаллиф дар мақола маҷмӯи донишҳоро чун назария дар ҳолати қаноаткунанда ва дастраси шароитҳои зерин мутобиқ ба ҳолати иҷтимоъ ба шинохт додааст:

- Дар назария бояд донишҳои илмӣ дар бораи ҳақиқати аслии объекти муайян ҷойгир карда шаванд. Яъне бояд он назария маълумоти пурра ва ҳаматарафаро дар нисбати объект дошта бошад;
- Назария метавонад фарогири на ҳама маҷмӯи донишҳо дар бораи ашё гардад, балки ҳамчун асоси муташакили принсипи сомонавии он, ки дар алоқамандии ҳамдигар пайдо шудаанд ба ҳисоб гирифта шавад;
- Назария бояд фарогири донишҳо дар бораи сабабҳои алоқамандӣ, дар бораи қонуниятҳое, ки таъсири байниҳамдигарии элементҳои назарияро муайян сохта инкишофи онҳоро маълум намудаанд, бошад;
- Низоми донишҳо бояд пурра мустақил бошанд, яъне афкори инкоркунандае барои онҳо вуҷуд надошта бошад;

Ҳамчунин дар мақола муаллиф бо назардошти кушода шудани баъзе меъёрҳои моҳиятии алоқаи таълим дар соҳаи таҳқиқот ва илмофарӣ асоси мукаммалеро пешниҳод менамояд, ки, қонуниятҳои фаъолияти таълимӣ-омӯзишии педагогро (ФТОП) чунин нишон медиҳанд:

1. Дар ФТОП барои ба даст овардани мақсади таълим педагог бояд вазифаи тарбиявӣ, маълумотноккунонӣ ва инкишофиашро ба сомон расонад;
2. ФТОП нақши роҳбарӣ ва роҳнамоиро дар раванди таълим иҷро намуда, ба фаъолияти таълимӣ алоқаманд аст;
3. Дар низоми фаъолиятдоштаи дидактикӣ намуди афзалиятноки ФТОП ин ташкили фаъолияти таълимии шогирдон бо намудҳои дигари ин фаъолият, ки ба қисмати сохтории педагогӣ медароянд хусусияти мусоидкунандаро соҳиб аст.

Ҳамин тариқ сохтори мақола собит месозад, ки ФТОП метавонад ҳамчун базаи илмии мутахассиси ҷавон хизмат кунад. Муаллиф ҳамчунин алоқаи фаъолияти таълимиро бо истеҳсолот нишон дода, собит месозад, ки ҳамоҳангии барномаҳои таълимӣ метавонанд заминаи тайёр кардани мутахассисони ҷавон бо талаботҳои нави ҷомеа гарданд.

Калидвожаҳо*: таълим, илм, илмофарӣ, дониш, фаъолият, мутахассис, мутобиқшавӣ, сомона, таҳқиқот, назария.*

ОБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПЕДАГОГА КАК СИСТЕМА НАУЧНЫХ ЗНАНИЙ И ВОЗМОЖНОСТИ ПОЯВЛЕНИЯ НОВЫХ НАУЧНЫХ ТЕОРИЙ (В РАМКАХ ПОДГОТОВКИ НАУЧНЫХ И НАУЧНО-ПЕДАГОГИЧЕСКИХ КАДРОВ)

Каримов Фирдавс Давлатшоевич

В статье раскрыта сущность понятия обучающей деятельности педагога. При раскрытии сущности этого понятия показана также роль педагогических наук и научно-педагогические исследования в формировании личности в процессе научной деятельности молодого специалиста.

Автор в своей статье подчеркивает, что совокупность знаний может быть признана как теория, если она удовлетворяет ряд следующих социальных условий:

– В теории должны содержаться научные знания о вполне определенном объекте реальной действительности, т. е. она должна быть всесторонним знанием об объекте;

– Теория может считаться не всякая совокупность знаний о предмете, а организованная на основе принципа система их, где каждый элемент связан с другими;

– Теория должна содержать знания о причинных взаимосвязях, о закономерностях, которые определяют взаимодействие составляющих элементов и определяют их развитие;

– Система знаний должна быть вполне самостоятельным, т.е. непротиворечивый с позиции её логической стройности;

Также в статье автор учитывая уровень вскрытия сущностных связей явлений обучения в исследуемой области, показывает некоторые нормы сущности взаимосвязях обучению в исследовательской работе, которые являются закономерностями обучающе-обучаемой деятельности (ООДП) педагога таким образом:

1. В ООДП для достижения цели обучения педагог должен реализовать образовательную, воспитательную и развивающую функции;
2. ООДП являясь руководящей в обучение, взаимосвязано с учебной деятельности;
3. В функциональной дидактической системе взаимодействия доминирующего вида ООДП – это организации учебной деятельности учащихся с другими видами этой деятельности, входящими в состав педагогической структуры, принимает характер взаимодействия.

Таким образом структура статьи доказывает, что ООДП может служит как научная база молодого специалиста. Автор также показывает связь обучающей деятельности с производством и доказывает, что соответствие учебных программ профессиональных заведений с педагогической точки зрения вполне могут служить фундаментом в деле подготовки новых молодых специалистов согласно новыми требованиями общества.

***Ключевые слова**: обучение, наука, научная деятельность, знания, специалист, соответствия, система, исследования, теория.*

PEDAGOGUE'S EDUCATIONAL ACTIVITY AS A SYSTEM OF SCIENTIFIC KNOWLEDGE AND THE POSSIBILITY OF NEW SCIENTIFIC THEORIES (WITHIN THE FRAMEWORK OF PREPARATION OF SCIENTIFIC AND SCIENTIFIC-PEDAGOGICAL PERSONNEL)

Karimov Firdavs Davlatshoevich

The article reveals the essence of the concept of teaching activity of a teacher. When revealing the essence of this concept, the role of pedagogical sciences and scientific and pedagogical research in the formation of personality in the process of scientific activity of a young specialist is also shown.

The author in his article emphasizes that a body of knowledge can be recognized as a theory if it satisfies a number of the following social conditions:

– The theory should contain scientific knowledge about quite certain object of physical reality, i.e. it should be a comprehensive knowledge about the object;

– A theory can be considered not as any totality of knowledge about a subject, but as a system of them organized on the basis of a principle, where each element is connected with others;

– The theory should contain knowledge about causal interrelations, about regularities that determine the interaction of constituent elements and determine their development;

– The system of knowledge should be quite independent, i.e. consistent from the position of its logical order;

Also in the article the author taking into account the level of revealing the essence of interrelationships of learning phenomena in the researched area, shows some norms of the essence of interrelationships of learning in research work, which are the regularities of the teaching-learning activity ("TLA") of a teacher in such a way:

1. In TLA, in order to achieve the goal of learning, the teacher should realize educational, nurturing, and developmental functions;
2. TLA, being a guiding activity in learning, is interconnected with academic activities;
3. In the functional didactic system of interaction of the dominant type of TLA is the organization of learning activities of students with other types of these activities, which are part of the pedagogical structure, takes the character of interaction.

Thus, the structure of the article proves that TLA can serve as a scientific base for a young specialist. The author also shows the connection of training activity with production and proves that the correspondence of training programs of professional institutions from the pedagogical point of view may well serve as a foundation in the training of new young specialists according to the new requirements of society.

Keywords: *Training, science, scientific activity, knowledge, specialist, correspondence, system, research, theory.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Каримов Фирдавс Давлатшоевич – ходими пешбари илмии Пажуҳишгоҳи рушди маорифи назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, ш. Душанбе, кӯчаи Адхамова 11/2, тел.:+992907716364*

Сведения об авторе: *Каримов Фирдавс Давлатшоевич – ведущий научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джоми при Академии образования Республики Таджикистан, адрес: 734024, г. Душанбе, ул., Адхамова11/2, тел.:+992907716364*

Information about the author: *Karimov Firdavs Davlatshoevich – leading researcher of the Institute of Education Development named after Abdurahmon Jomi under the Academy of Education of the Republic of Tajikistan, address: 734024, Dushanbe, Adkhamova str. 11/2, tel.:+992907716364.*

ТАЪЛИМИ ХОНИШИ МУСТАҚИЛОНА ВА ҲИФЗИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

Пӯлотова Ш. С.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Роҳу усули мухталифи таълими фанни адабиёт мавҷуд буда, роҳандозии корҳои беруназсинфӣ ҳам дар таълим ва ҳам тарбияи муҳассилин мавқеи назаррас дорад. Он маълумоти хонандагонро аз масоили зиёди забону адабиёти тоҷик ва зебоишиносӣ (мусиқӣ, рассомӣ) вусъат мебахшад, дониши муҳассилинро амиқтар намуда, фарҳанги нутқашонро такмил медиҳад. Барои ба таври мукаммал аз худ кардани мавзуъҳои барнома омӯзгор ба хониши мустақилонаи хонандагон такя дорад ва тавассути дониши аз ин роҳ ҳосилнамуда дар раванди тадрис нақл ва муҳокимаи асарҳои хондашуда, ахбор, маъруза, тақриз ва таҳлили бозёфтҳои эҷодии суханварон мавриди баррасӣ қарор мегирад. Бино бар ин, хеле зарур аст, ки ғайр аз дарс корҳои беруназсинфӣ низ ташкил ва масъалаи бозтоби нақши дониш дар ҳаёти инсон равшан карда шавад: “Корҳои берун аз

синф ва берун аз мактаб аз адабиёт дар фаъолияти рӯзмарра (раҳнамоии омӯзгор ва мураббӣ, волидон), лаҳзавӣ (хониши мустақилона, хониши муассир, шабнишинӣ, суҳбату мубодилаи афкор, саёҳат, мубоҳиса ва ғайра), муназзам ба нақшагирифташуда (хониши озоди беруназмактабӣ, маҳфил, созмону ташкилот ва ғайра) мураттаб мегардад. Аз ҷониби дигар, корҳои берун аз синф аз адабиёт дар муҳайёсозии муҳити эҷодии хонандагон (озмуни хониши шеър ва хониши муассири наср, озмуни иншои беҳтарин, вохӯрӣ ва шабнишиниҳои эҷодиву ҳунарӣ ва таҳияи намоишнома, викторина, мақола ва асари илмиву адабӣ) судманд аст" [10, с.350].

Омӯзгорон танҳо бо машғулиятҳои синфӣ маҳдуд нашуда, аз воситаҳои дигари таълим: ичрои корҳои мустақилона, амалӣ ва дигар корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ низ дар мавқеи муносиб бояд истифода баранд. Корҳои берун аз синф ва ё берун аз мактаб ба дарси адабиёт иртиботи қавӣ дошта, идомаи мантиқии ҳамдигаранд ва якдигарро мукаммал месозанд. Ташкили самараноки ин намуди фаъолият имконият медиҳад, ки дониш ва малакаҳои ҳосилнамудаи хонандагон ба таври муназзам такмил ва инкишоф ёбад. Дар машғулиятҳои берун аз синф аз ҳама бештар фардият ва шахсияти хонанда ҷилвагар гашта, худфаъолиятӣ ва худшиносии инсон ташаккул меёбад. Маҳз ҳамин самти фаъолият барои шинохти шахсияти хонанда, камолоти маънавӣ ва ҷусторҳои илмии онҳо мусоидат менамояд. Дар ин замина вазифаҳои омӯзгорро дар раванди ин навъи машғулият бо чунин нишондодҳо метавон муайян намуд:

- омӯзиш, дарк ва ташаккули тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ, ватандӯстӣ, инсонпарварӣ, зебоишиносӣ ва ҷомеашиносӣ тавассути чорабиниҳои гуногуни беруназсинфӣ дар алоқамандӣ бо манбаъ ва маводи осори адабӣ;
- тарбияи асосҳои маданияти суханварӣ, рафтори неку шоиста ва фасоҳати баён;
- азхудкунӣ ва фаҳмиши асосҳои дониш, салоҳият ва инкишофи фарҳанги нутқ ва маърифатнокӣ;
- ташаккул ва рушди сифатҳои равоншиносӣ ва ботинии наврасону ҷавонон, шахсият ва нерумандии онҳо;
- бунёд ва устуворсозии фаъолияти илмӣ ва амалии хонандагон, мутобиқсозии он ба навгониҳои илму технологияи муосир ва раванди ҷаҳонишавии тамаддунҳо;
- парвариши муносибатҳои шоиста ва ибратомӯзи ҷомеа, ҷаҳоншиносӣ, эҳтироми ҳамдигар ва ташаббускориву масъулиятшиносӣ.

Тавассути корҳои берун аз синф густариши дониш, инкишофи нутқ, ғановати таркиби луғавӣ, баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ, афзудани майлу рағбат ба донишазхудкунӣ ва ҷаҳоншиносии толибилмон имконпазир мегардад ва ин дар рушди шахсияту камолоти маънавии инсон, дар зиндагӣ комёбу муваффақ ва пирӯз будани ӯ нақши сазовор дорад. Роҳандозии матлубу натиҷабахши машғулиятҳои фориғ аз ҷадвали дарс ба масъулият, маҳорат ва салоҳдиди муаллими забону адабиёти тоҷик марбут аст. Бино ба таъкиди Президент Эмомалӣ Раҳмон: «Мо миллати фарҳангӣ, тамаддунсоз ва аз насли ориёӣ буда, бояд ба таърихи гузаштаамон ҳар чӣ бештар рӯй оварем ва дар қалби фарзандонамон меҳри китобхонӣ ва ҷустуҷӯйи илму донишро ҷой кунем» [11, с.106]. Дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёна навъҳои зерини корҳои беруназсинфиро ташкил кардан мумкин аст:

— хониши беруназсинфӣ, ё худ мутолиаи осори адабӣ ба таври дастаҷамъона (ё гурӯҳӣ) ва муҳокимаи китобҳои ҷолиб ва рӯзномаву маҷаллаҳо, тақризи хонандагон дар бораи китобҳои хондашуда;

— маҳфилҳо (нақли бадеӣ, драмавӣ, адабӣ-эҷодӣ ва ғайра);

— гузарондани маҳфилҳои адабию бадеӣ, адабию мусиқӣ ва адабӣ-фарҳангӣ ба таври ҳамгиро бо фанҳои таърих, ҷуғрофиё, суруд ва ғайра;

— гузаронидани озмунҳо барои хонандаи беҳтарин, иншои беҳтарин;

— нашри деворнигори адабӣ, инчунин маҷмуаҳо, маҷаллаҳо дар мавзуи муайян, дар бораи китоби алоҳида ва ё муаллифи муайян;

— тартиб додани маҷмуаҳо дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти шоиру нависандагони бузург, аз рӯйи асарҳои алоҳидаи суханварон ва мавзуъҳои мушаххас;

— шинос намудан бо асарҳои мусиқӣ, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ ва асарҳои саҳнавӣ, ки аз ҷиҳати мавзуъ ба асарҳои таҳқиқшаванда монанданд;

— тамошои мунтазами саҳнаву синамоҳо (махсусан, доир ба рӯзгори адибон ва ё асарҳои омӯхташаванда), барномаҳои телевизионии адабӣ бо тайёрии қаблӣ ва муҳокимаи онҳо;

— мақсаднок шунавонидани хониши осори адабӣ бо сабти овози ровиён ва устодони сухан;

— ташкили мукотиба бо осорхонаҳои адабӣ, инчунин бо шоиру нависандагони имрӯзи тоҷик;

— экскурсияҳо ба мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ бо тавсифи минбаъдаи онҳо ба таври шифоҳиву хаттӣ, экскурсияҳои онлайнӣ;

— якҷоя гузарондани экскурсияҳо ва дигар чорабиниҳо оид ба корҳои беруназсинфии якчанд муассисаи таълимӣ.

Ҳар як намуди кори беруназсинфие, ки муташаккилона ба роҳ монда мешавад, шавқмандии муҳассилинро ба омӯзиши маводи таълим меафзояд. Махсусан, хониши беруназсинфӣ ҷиҳати парвариш намудани ҳисси адабиётдӯстии хонандагон мавқеи аввалиндараҷаро касб кардааст. Ин навъи фаъолият маъмултарин намуди машғулияти беруназсинфӣ маҳсуб ёфта, афзалияташ аз он иборат аст, ки мутолиа ва дарки асари бадеӣ хусусияти инфиродӣ дорад ва ба он ҳамаи хонандагон бояд ҷалб шаванд, зеро дар ташаккули андешаи миллӣ, рушди иқтидори зеҳнӣ ва таҳкими истиқлоли кишвар нақши китоб ва китобхонӣ хеле бузург аст. Садриддин Айнӣ ҳамчун пешвои мактабҳои маърифативу фикрӣ дар мақолаҳои худ дар ҳама ҳолат рӯй овардан ба китобро амри зарурӣ донистааст: “Моро лозим аст, ки китоб хонем, илм омӯзем, маънои ҳаёт ва ҳаводиси зиндагиро донем. Агар мо аз илму маърифат баҳравар шавем, яъне соҳиби дониш гардем, метавонем нодонию ҷаҳолатро аз худ созем. Баръакс, агар бе илму маърифат ба воя расем, ҷаҳлу нодонӣ ба мо ҳамла меорад ва мо дар асорати он заифу нотавон ва қашшоқ мемонем [1,ҷ.7,с.127]. Тавсеаву такомули маҳорати китобхонӣ раванди бисёр душвор, тӯлонӣ ва мустақим аст. Муҳассилин мувофиқи барнома бо намунаҳои барҷастаи асарҳои адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик ошно гашта, ба таҳлилу тафсири онҳо маҳорат пайдо мекунанд, хониши бадеӣ ва нақл карданро меомӯзанд, дар иҷрои кори мустақилона аз рӯйи китоб малака ҳосил менамоянд. Хониши беруназсинфӣ дониши дар ҷараёни тадрис ҳосилнамудаи хонандагон ва шарҳи маъноиву хусусиятҳои бадеии онҳоро амиқтар мегардонад. Муҳим он аст, ки робитаи хониши беруназсинфӣ ва хониши синфӣ ба таври муназзам идома ёбад ва муҳассилин ба китобхонӣ ҳар чӣ бештар роғиб гарданд. Бо ташаббусу дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдат - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мутолиаи китоб даҳсолаҳои охир диққати хосса зоҳир гашта, дар тамоми қаламрави кишвар озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” доир шуда истодааст. Ҳадафи баргузории он чунин шарҳ ёфтааст: “Озмун бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо, ходимони илм), калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар доир мегардад” [16].

Роҳандозию баргузории озмуни мазкур аз шоёнтарин иқдомҳои фарҳангии ҳукумати кишвар аст ва он лаёқату маҳорати эҷодкорию маърифатпарвариро тақвият

бахшида, барои дарёфти дӯстдорони каломи бадеъ, истеъдодҳои нодир аз байни наврасону ҷавонон ва ба ин васила арҷгузорӣ ба фарҳангу маънавият, ҳувияту худшиносии миллӣ мусоидат карда метавонад. Аз ин ҷост, ки муаллим дар ҷараёни дарс ҳангоми пешниҳод кардани маводи барнома бояд ба ҷанбаи муассири тарбиявию ахлоқии ин ганҷинаи хирад диққат дода, ба таври умумӣ он асарҳоеро, ки барои хониши беруназсинфӣ тавсия шудаанд, ҳанӯз аз оғози соли таҳсил тавсиф намояд. Хониши беруназсинфиро бо се роҳ амалӣ кардан мумкин аст: 1) мутолиаи мустақилонаи адабиёти ҳатмии вобаста ба маводи дар синф омӯхташуда, ки равишшиносон чунин усулҳои ба роҳ мондани онро бозгӯ кардаанд - дарёфти порчаҳои таъинкардаи омӯзгор аз асари бадеӣ, нақли мазмуни қисмати алоҳидаи матн, ки омӯзгор талаб кардааст, баҳо додан ба қаҳрамони асари бадеӣ дар радифи корҳои мустақилонаи хонандагон арзиши бештареро соҳиб ҳастанд" [2, с.366]; 2) мутолиа ва таҳлили адабиёти аҳаммияти тарбиявӣ дошта («Асарҳо барои хониши беруназсинфӣ», ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ барои ҳар синф тавсия шудааст; 3) мутолиаи китобҳое, ки хонандагон бо салоҳдиди худ ё бо тавсияи бузургсолон интихоб кардаанд.

Дар барномаҳои қаблӣ (масалан, "Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 4-10.-Душанбе, соли 1986") ғайр аз мавзуъҳои асосӣ инчунин теъдоди муайяни китобҳои бадеӣ барои хониши мустақилона ва берун аз синф барои ҳар синф, аз ҷумла, синфи IV 5 соат; V 4 соат; VI 6 соат; VII 7 соат миқдори муайяни вақт дода мешуд [9,с.227]. Равишшиносон ин ду навъи хонишро аз намудҳои алоҳидаи корҳои беруназсинфӣ шуморида, афзалияти хониши мустақилонаро чунин тавзеҳ додаанд: "Ин асарҳо (барои хониши мустақилона пешбинигашта – П.Ш.) ё аз ҷиҳати жанру мавзуъ, ё худ сюжету композитсия ба мавзуъҳои асосӣ қаробате дошта, чун маводи иловагии ёрирасон барои мустаҳкам шудани дониш ва такмили малакаҳои хониши хонандагон хизмат мекунанд... Муаллим дониши хонандагонро ҳам аз мавзуи асосӣ ва ҳам хониши мустақилона санҷидаву ба ҳисоб мегирад. Ин усули кор ба муаллим имконият медиҳад, ки бо роҳи хониши мустақилона дониши аз мавзуъҳои асосӣ гирифтаи хонандагонро моҳирона алоқаманд ва васеъ намояд" [5,с.165].

Мутаассифона, дар барномаи ҳозираи таълими адабиёти тоҷик ҳеҷ қайду ишороте на аз хусуси хониши мустақилона ва на хониши беруназсинфӣ ба мушоҳида намерасад. Инчунин аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ феҳрасти интишори асарҳои бадеӣ барои хониши мустақилона барои ҳар синф тавсия гашта, аммо аз назарсанҷии фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна маълум гардид, ки он ба муаллимон дастрас нест ва ҳеҷ корбарие дар ин ришта анҷом напазируфтааст. Муҳаққиқи соҳа Аҳмадов М. ба нақди барномаи кунунии таълими адабиёт дар мактаб (2007) пардохта, пешниҳод менамояд, ки барои дарсҳои хониши берун аз синф соатҳои алоҳида ҳатман муқаррар карда шавад: "...ҳамасола хонда баромадани миқдори муайяни асарҳои бадеӣ барои шогирдон бояд талаботи ҳатмии барномавӣ бошад, то ки дар инкишофи нутқи шифоҳиву хаттии шогирдон ба натиҷаҳои муаассир ноил гардем. Беҳтарин ва мувофиқтарин воситаи ба роҳ мондани мутолиаи осори бадеӣ дуруст ташкил намудани хониши берун аз синф ба ҳисоб меравад. Барои гузаронидани дарсҳои хониши берун аз синф бошад, бояд соатҳои алоҳида ҷудо карда шавад, чунон ки дар барномаи таълими адабиёти соли 1990 ин кор амалӣ гардида буд" [3, с.178].

Муаллим сатҳи хониш ва шавқу завқи хонандагонро тавассути мусоҳиба ё пурсиш, омӯхтани шаклҳои мухталифи китобхонӣ муайян мекунад. Назорати хониши беруназсинфӣ фасли кор бо китоб аз рӯйи барномаи таълим, моҳирона истифода бурдани шаклҳои гуногуни ҳавасмандкунии мутолиаи мустақилона, маҳфилҳо, суҳбатҳои инфиродӣ; тафтиши рӯзномаи хониш ва навиштаҳои хонандагон, гузаронидани кори хаттӣ аз рӯйи асарҳои фориғ аз синф мутолиашуда ва монанди инҳоро фаро мегирад. Муҳаққиқон назорати корҳои хаттӣ аз хониши мустақилонаи муҳассилинро ба нафъи кор донистаанд: "Яке аз шаклҳои тафтиши хаттии хониши беруназсинфӣ дар синфҳои болоӣ дар мактабҳои миллӣ навиштани чакида (аннотасия),

тавсифи мухтасари мавзуъ, мазмун ва ғояи асосӣ, замону маҳалли воқеаҳои инъикосёфтаи китоби хондашуда бояд қайд гардад. Мураттаб намудани тақриз барои китобҳои калонҳаҷм низ ба мақсад мувофиқ мебошад" [8, с.405).

Барномарезии дурусти машғулиятҳои беруназсинфӣ имкониятҳои васеъ барои эҷодкорӣ ва маърифатнокии хонандагон фароҳам месозад ва пажӯҳишгарон яке аз роҳҳои судманди ба китобхонӣ ҷалб намудани онҳоро ҳамкории мактаб, хонаводаву ҷомеа ва дар назди китобхонаҳо амал кардани шурои волидайн маҳсуб дониста, баргузор намудани маҳфилу чорабиниҳои гуногун, аз қабили «Китобхона дар меҳмонии мактаб», «Мактаб дар меҳмонии китобхона» ва «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон»-ро тавсия кардаанд [6, с.167]. Барои тарғиби хониши беруназсинфӣ ташкили суҳбату ҳамоиши хонишро аз ҷониби кормандони китобхонаи муассисаҳои таълимӣ баъзе муҳаққиқон иқдоми хушоянд муаррифӣ кардаанд: "Китобхонаҳо бо мақсади ёрӣ расондан ба хонандагон аз шаклҳои гуногуни шавқмандгардонӣ метавонанд истифода кунанд: намоиш, рӯнамои китобҳои тозанашр, феҳристи китобҳои шавқовар бо эзоҳи мухтасари мавзуъ ва мундариҷаи онҳо, деворнигорҳо. Дар китобхона бо иштироки муаллимони фанни забон ва адабиёти тоҷик суҳбату конференсияҳо бо хонандагон ва конференсияҳои хониш — мавзуъӣ, оид ба китобҳои алоҳида, инчунин оид ба масъалаҳои фарҳанги китобхонӣ низ гузарондан мумкин аст" [7, с.263].

Ба он муваффақ шудан лозим аст, ки то вақти баргузории конференсияи хониш китобро ҳамаи талабагон мутолиа кунанд. Метавон ба онҳо қаблан пурсишнома пешниҳод кард, то ки афкору ақоиди худро дар бораи китоб ҷамъбаст карда тавонанд. Чунин корро аз рӯйи романи «Дохунда»-и Садриддин Айнӣ анҷом додан мумкин аст, зеро барои таълими он дар барномаи адабиёти тоҷик дар синфи XI соати алоҳида ҷудо нагашта, зимни шарҳи ***роман*** ҳамчун жанри адабӣ руҷуъ шудааст: "Маъно ва мафҳуми роман, пайдоиши навъи адабии роман. Хусусиятҳои роман аз ҷиҳати сужет, образҳо, вусъати воқеаҳо. Романи "Дохунда"-и С.Айнӣ: оғози асар, гиреҳбандӣ, банду баст, амалиёт, гиреҳкушоӣ, анҷом, қаҳрамонони асар" [4, с.55]. Чунин саволҳои санҷиширо барои гузаронидани "Сабқати зеҳнӣ" аз рӯйи асари «Дохунда» метавон манзур намуд:

1. Романи "Дохунда" воқеаҳои кадом давраи таърихиро дар бар мегирад ва бо тасвири кадом мавзеъ оғоз мешавад?
2. Муаллифи асар ошхӯрии имом, муаззин ва дигаронро дар хонаи Бозор чӣ гуна тасвир намудааст?
3. Образи амир Олимхон дар романи "Дохунда" чӣ гуна тасвир шудааст?
4. Сабаби ҷилои Ватан намудани Бозор чӣ буд ва ин мавзуъ дар кадом ҳикоя нақл мешавад?
5. Муаллифи асар чиро "қофилаи маданият" меномид?
6. Ҳоҷӣ Латиф аз номи амири Бухоро ҷиҳати иштироки зархаридони хориҷӣ дар ғазоваи босмачиён ба муқобили аскарони сурх ба Анварпошшо чӣ гуфт?
7. Марҳалаҳои муҳимми рӯзгори Ёдгор дар романи "Дохунда" кадомҳоянд?
8. Дохунда чӣ гуна аскарони сурхи дар қалъаи Кӯлоб бударо аз дасти босмачиён наҷот дод?
9. Таҳаввули шуури сиёсии Ёдгор кай ва дар куҷо ба зуҳур мерасад?
10. Ёдгор кай розӣ шуд, ки қарзҳои падарашро ба зиммаи худ гирад?
11. Ҷараёни "ҷавонбухориён" дар роман чӣ гуна тавзеҳ дода шудааст?
12. Яке аз хурофоте, ки қозикалон дар бораи китоби "Саҳеҳи Бухорӣ" ба амир арз кард, аз чӣ иборат буд?...

Бо ин равиш гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ мутаносиб ба ҳадафҳои омӯзиши осори адабӣ буда, ғайр аз мустаҳкам гардонидани дониш инчунин фаъолнокии хонандагонро меафзояд, зеро онҳо имкон меёбанд, ки андешаҳои хешро дар таҳлили озоду мустақил ва бе маҳдудаи вақт баён созанд. Ин ҷо мавқеи муносиб аст, ки дар муҳокима андешаҳои ҳама шогирдон шунида шавад, дар баҳо додан ба хусусиятҳои асар ва таҳлили образҳои меҳварӣ баҳсу баррасиҳои тӯлонӣ сурат гирад. Ин гуна мубоҳисот

барои зуҳур ва шинохти истеъдодҳо мусоидат намуда, барои рушди фарҳанги нутқи хонандагон замина фароҳам месозад. Имкон дорад, ки ба ҳар як фасли асар ғайр аз маърузакунанда боз чанд нафари дигар ҳамчун гурӯҳҳои муқобил ширкат варзанд ва саволҳо пешниҳод кунанд. Барномаи конфронс қиссаҳои бадеӣ, аз ёд хондани порчаҳо, қироати ифоданок аз китоб, таҳияи намоишномаҳо ва тамошои кадрҳо аз филмҳо ва муқоисаи онро бо китоби хондашуда дар бар гирифта метавонад. Таҳлили асарҳои мустақилона мутолиашуда малакаҳои хонишро дар доираи машғулиятҳои беруназсинфӣ ва робитаи хонандагонро бо китоб тақвият бахшида, шавқу ҳаваси мутолиаи онҳоро зиёд мекунад. Новобаста аз он, ки ин фаъолиятҳо ёрирасонанд, аммо шомили салоҳиятҳои касбии муаллими замони муосир ҳастанд ва бо роҳандозии ин навъ машғулиятҳо дар фароянди таҳсил тағйироти матлубе дар имлову фарҳанги гуфтори толибилмон эҳсос мегардад. Ин салоҳиятҳо бештар ба маҳоратҳои тахассусии омӯзгорон марбут буда, ҷиҳати роҳнамоии дурусти шогирдон дар муомила бо китоб, муносибати эҳтиёткорона ба он, идроки зарурати хондан ва ташаббус барои хониши мустақилона нақши босазо дорад. Дуруст ташкил намудани фаъолият дар ин самт ба ҳар як омӯзгор имкон медиҳад, ки хонандагон ба ҳадафҳои таъиншуда, яъне, ташаккули қобилияти шахсӣ, салоҳиятҳои хондану фарҳанги гуфтор соҳиб шаванд ва ин дар он маврид самаранок дониста мешавад, агар зимни мутолиа ба мазмуну муҳтавои асар диққат диҳанд, барои равшан кардани маънои калимаю ибораҳои номафҳум ба фарҳангномаву донишномаҳо мурочиат намоянд. Дар ҷараёни дарсҳои забони тоҷикӣ мисолу намунаҳо аз китобҳои бадеӣ таҳлил гашта, мутолиаи он ташвиқ карда шавад. Ному насаби «хонандагони кунҷкоб» ва пурмутолиа дар охири суҳбатҳо эълон ва мунтазам дар нашрияҳои дастрас қайд гардад. Мутолиаи осори бадеӣ бошууртар ва ҷаҳонбинии муҳассилин васеътар мегардад, агар саволҳои ҳангоми мутолиа ба миён омадаро қайд карда, ба онҳо аз китобдор ё муаллим ҷавоб ҷӯянд.

Мутахассисон аз хусуси эҳёи фарҳанги китобхонӣ мулоҳизаронӣ карда, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна аз рӯйи ҷадвал ҷорӣ кардани соати алоҳида барои таҳлили китобҳои бадеии мутақилона хондашуда пушниҳод шудааст, ки қобили дастгирист: “...бо ҷалби мутахассисони китобдорию донишшиносӣ барномаи вежаи тавсеаи фарҳанги китобхониро дар ҷомеа бояд таҳия кард ва барои иҷрои он ҳамаи шароитро муҳайё сохт. Вазорату идораҳои кишвар бояд барои таблиғу тарвиҷи китобу китобхонӣ корҳои амалию таъсирбахшеро анҷом диҳанд. Масалан, дар мактабҳои миёна бояд ҳафтае як соат барои китобхонӣ ҷудо карда шавад, то бачагон аз хурдӣ бо фарҳанги китобхонӣ ошно шаванд” [12].

Муаллими забон ва адабиёти тоҷик ҳидоятгари шогирдон ба роҳи худшиносиву худогоҳии миллӣ, рушди тафаккуру маънавияти онҳо маҳсуб ёфта, муҳити омӯзишу парваришро мутобиқ ба замони муосир бояд ташкил намоя, масъул ва бунёдгузори равандҳои ҷадиди мутолиаву таҳқиқи мероси ниёкон бошад. Корбурди васоити техникӣ ва шабакаҳои интернетӣ майлу рағбати хонандагонро ба таълим хеле меафзояд ва истифодаи онро на танҳо дар таълими фанҳои дақиқ, балки дар фанҳои ҷомеашиносӣ низ пажӯҳишгарон мусбат арзёбӣ намудаанд: “Дар оғози асри XX1 омӯзишу маърифатро дигар бо роҳу усули кӯҳнаву мунҷамид ба роҳ мондан натиҷаҳои хубу матлуб намедиҳад. Аз ин рӯ, аз кормандони соҳаи маориф ва илм беш аз пеш коркарду эҷоди роҳу усулҳои тозаи таълим тақозо мешавад. Яке аз чунин воситаҳои замонавию афзалиятноки нави таълим истифодаи фановариҳои компютерӣ дар ҷараёни омӯзиш аст, ки он ба ҳар як муаллим ҷиҳати таъмини муассирию самаранокии тадрис уфуқи густардаеро фароҳам меорад... истифодаи технологияҳои комютерӣ дар ҷараёни таълими фанҳои гуманитарӣ, хосса фунуни забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ низ метавонад манфиатбахш ва созгор бошанд. Фановариҳои иттилоотӣ имконоти зиёде доранд, ки роҳандозии онҳо дар ҷараёни таълими фанҳои филологӣ ба дониш, эҷодкорӣ, тахайюл, маҳорату малака, салоҳият ва масъулиятшиносии омӯзгорони филолог вобастагӣ дорад. Агар устодони

филолог аз имконоти густардаи фановариҳои иттилоотӣ бештар огоҳ бошанд ва дар раванди таълим аз онҳо самаранок истифода баранд, мутмаин ҳастем, ки тарзи андеша ва муносибаташон ба фанне, ки таълими он ба дӯши онҳо вогузор шудааст, комилан тағйир меёбад" [14, с.68].

Бакоргирии фановариҳои иттилоотӣ дар хониши беруназсинфӣ низ аз манфиат холӣ нест, зеро теъдоди зиёди китобҳои электрониро ба таври ройгон бидуни мушкилӣ ва бе маҳдудият метавон аз шабакаҳои иҷтимоӣ зеркашӣ кард (масалан, аз сайти **http://www.**Epubor Ultimate) ва ба таври аудиовизуалӣ ва пахши возеҳу чандрасонаӣ (мултимедиа) ба хонандагон пешкаш намуд. Рамзкушоӣ ва табдили китобҳои электронӣ ба китобҳои шунавоӣ (овоӣ, аудиоӣ) тавассути беҳтарин нармафзорҳо (масалан, **http://www**.filelem/com) бе душворӣ анҷом додан мумкин аст. Махсусан, ҳифзи намунаҳо аз "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, "Хамса"-и Низомӣ, "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолуддини Румӣ, ашъори Рӯдакӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсору Фарзона ва суханварони дигари барҷастаи форсу тоҷик аз тариқи аудиовизуалӣ тамоман саҳлу осон мегардад ва итминон дорем, ки аз ҷониби хонандагон хуш истиқбол менамоянд. Умуман, истифодаи хубу густарда аз расонаҳои иттилоотиву иҷтимоӣ бо фарогирии ҳадафҳои омӯзиш барои завқмандии муҳассилин ба маводи хониш, рушди тавоноии зеҳнӣ, роҳ ёфтан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташаккули завқи эҷодиву шавқи ташаббускорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷикро зарур аст, ки сарфи назар аз он ки кадом навъи дарсу машғулият аст, дар нақши касбии худ ҳамчун муаллими эҷодкор зоҳир шаванд, таваҷҷуҳ ва ҳавасмандии хонандагонро ба асарҳои бадеӣ афзоянд, зеро ҳосили донишу маърифат, ватандӯстӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пойдории забони давлатӣ, ҳамчун бақои миллат, аз роҳи мутолиаи осори бузургони илму адаб имкон дорад. Ҳадафи асосии ташкили хониши беруназсинфӣ ба даст оврадани маълумоти тоза аз хусуси баъзе масъалаҳои фанни забон ва адабиёти тоҷик, инкишофи нутқи хаттиву шифоҳӣ, шинохти истеъдоду қобилиятҳои эҷодии хонандагон аст, ки барои муайян намудани ҳаёти ояндаи онҳо ҳам ёрӣ хоҳанд расонд. Таъмин ва дастрасии заминаҳои моддию техникии муосир алоқамандии шогирдонро ба осори адабӣ ва ҷустуҷӯву навовариҳо метавонад афзояд.

АДАБИЁТ:

1. *Айнӣ, С.* Куллиёт, ҷ.9.-Душанбе: Ирфон, 1969. – 430 с.
2. *Аҳмадов, М.* Таълими адабиёти тоҷик. Ҷ. 2.-Хуҷанд:Ношир, 2022
3. *Аҳмадов, М.* Бори дигар перомуни барномаи ҳозираи таълими адабиёти тоҷик // Номаи Донишгоҳ, №4(57) 2018, с.177-182
4. Барномаи таълими адабиёти тоҷик.-Душанбе, 2007
5. *Ваҳҳобов,А*., Қозиҷонов М. Таълими адабиёт дар мактаб.-Душанбе: Маориф, 1987. - 192 с.
6. *Камолзода, С*. Мавқеи китобхона ва китобхонӣ дар ташаккули ақлу заковат ва фарҳанги хонандагон // Номаи Донишгоҳ, №4 (73), 2022. - С.165-170
7. Методика преподавания русской литературы в таджикской школе. Часть 2 (второе изд.).-Душанбе: Маориф, 1988. - 288 с.
8. Методика преподавания русской литературы в национальной школе: Пособие для студентов нац.групп пед. ин-тов / А.Д.Жижина, Д.А.Клумбите, Т.Ф. Курдюмова и др. - Санкт-Петербург: Просвещение, 1992. - 416 с.
9. *Миров, Т.,* Хоҷаев Қ., Исломов Ш. Методикаи таълими адабиёти тоҷик.-Душанбе: Маориф, 1991.- 256 с.
10. *Мулло, А*. Методикаи таълими адабиёти тоҷик.- Душанбе: Ирфон, 2014.- 400 саҳ.
11. Суханҳои ҳикматомӯзи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон. – Душанбе: Бунёди забон, 2015. – 116 саҳ.

12. *Сӯфизода, Ш*. Фарҳанги китобхониро эҳё кунем. https://anrt.tj/tj/khabar-o/1186-s-fizoda-far-angi-kitobkhoniro-e-jo-kunem
13. Программаи забон ва адабиёти тоҷик барои синфҳои 4-10.-Душанбе, соли 1986.
14. *Тоҷибоев, Ш*. Самаранокии истифодаи фановариҳои компютерӣ дар омӯзиши фанни "Назмшиносӣ" // Номаи Донишгоҳ, 2021, №3, С.78-86.
15. http://www.maorif.tj. Низомномаи Озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" http://www.president.tj/node/21975

ТАЪЛИМИ ХОНИШИ МУСТАҚИЛОНА ВА ҲИФЗИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

Пӯлотова Шоира Солиҷоновна

Дар мақола аз хусуси корҳои беруназсинфӣ, навъ, мавқеъ ва аҳаммияти ташкили онҳо дар таълиму тарбияи муҳассилин, такмили дониш доир ба масоили зиёди забону адабиёти тоҷик, зебоишиносӣ, баланд бардоштани фарҳанги нутқ, ба таври густарда аз худ кардани мавзуъҳои барнома сухан рафта, вазифаҳои омӯзгор дар раванди ин навъи машғулиятҳо бо нишондодҳои методӣ муайян карда шудааст. Махсусан, ба хониши мустақилона дар таълиму тарбия, баланд бардоштани маданияти суханварӣ, одобу ахлоқи ҳамида ва маърифатнокии хонандагон тарҷеҳ дода шудааст.

Муаллиф барои такомули маҳорати китобхонӣ, ки раванди басо мураккаб буда, муҳассилин имкони бештари ошноӣ бо асарҳои барҷастаи адибони классик ва муосири тоҷик, ҳосили маҳорати таҳлилу тафсири онҳоро пайдо менамоянд, муҳим арзёбӣ гаштааст. Мавқеи хониши асарҳо барои хониши мустақилона ва беруназсинфӣ дар барномаҳои адабиёти тоҷик баррасӣ гашта, се роҳи амалӣ кардани хониши беруназсинфӣ:

1) мутолиаи мустақилонаи адабиёти ҳатмии вобаста ба маводи дар синф омӯхташуда;

2) мутолиа ва таҳлили адабиёти аҳаммияти тарбиявӣ дошта;

3) мутолиаи китобҳои худи хонандагон интихобнамуда пешниҳод карда шудааст.

Аз тарафи муаллим назорат кардани хониши беруназсинфӣ, корбасти шаклҳои гуногуни ҳавасмандкунӣ ба мутолиаи мустақилона, ташкили суҳбатҳои инфиродӣ, тафтиши рӯзномаи хониш ва навиштаҳои хонандагон, гузаронидани кори хаттӣ аз рӯйи асарҳои фориғ аз синф мутолиашуда ва монанди инҳо мутаносиб ба ҳадафҳои омӯзиши осори адабӣ маҳсуб дониста шудааст.

Ташкили муаррифии китобҳои тозанашр, феҳрасти китобҳои шавқовар бо эзоҳи мухтасари мавзуъ ва мундариҷаи онҳо, деворнигорҳо, маҳфилу чорабиниҳои гуногун, суҳбат, конфронси хониши китоб, сабқати зеҳнӣ аз рӯйи ин ё он асар, ба роҳ мондани ҳамкории мактаб, хонаводаву ҷомеа ва дар назди китобхонаҳо амал кардани шурои волидайнро барои ташаккули қобилияти эҷодӣ ва маърифатнокии хонандагон ва яке аз роҳҳои судманди ба китобхонӣ ҷалб намудани онҳо тавзеҳ гаштааст. Бино ба қайди муаллиф, зимни мутолиа ба мазмуну муҳтавои асар диққат додан, барои равшан кардани маънои калимаю ибораҳои номафҳум ба фарҳангномаву донишномаҳо мурочиат намудан ба манфиати кор аст.

Ҳамчунин таъкид гаштааст, ки ташкили муҳити омӯзишу парваришро мутобиқ ба замони муосир, истифодаи фановариҳои иттилоотӣ дар хониши беруназсинфӣ ва таъмини васоити техникии муосир майлу рағбати шогирдонро ба ҷустуҷӯву навоваріҳо метавонад афзояд.

Калидвожа: *кори беруназсинфӣ, фарҳанги нутқ, хониши мустақилона, барномаи таълим, арзишҳои миллӣ, тарбияи хонандагон, навъҳои корҳои беруназсинфӣ*

ОБУЧЕНИЕ САМОСТОЯТЕЛЬНОМУ ЧТЕНИЮ И СОХРАНЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ

Пулатова Шоира Салиджановна

В статье анализируются проблемы внеклассной работы, названы ее виды и раскрыто значение в обучении и воспитании учащихся, перечислены функции учителя в данном процессе. Автор считает, что самостоятельное чтение, играющее чрезвычайно большую роль в обучении и воспитании, повышении культуры речи, воспитании похвальных качеств у обучаемых и повышении их образованности, является одним из основных видов внеклассной работы.

Отмечается, что выбор материала для внеклассного чтения осуществляется в соответствии с учебной программой, и прежде всего при этом учитывается воспитательно-нравственный аспект художественных произведений. В учебных программах прежних лет, кроме основных тем и определенного программой количества художественной литературы, в каждом классе было запланировано определенное количество часов для самостоятельного и внеклассного чтения, например для IV класса – пять часов, для V – четыре, для VI – шесть и для VII –семь часов.

Методисты считали эти два вида чтения самостоятельными видами внеклассной работы и высоко оценивали их преимущества. Выражено мнение, что выделение отдельных часов, как это практиковалось, например, в учебной программе по литературе в 1990 г., являлось требованием времени. Указаны три способа реализации внеклассного чтения:

1) самостоятельное чтение обязательной литературы, связанной с материалом, изученным в классе;

2) чтение и анализ литературы, имеющей воспитательное значение;

3) чтение художественных произведений, выбранных самими учащимися.

Реализации целей самостоятельного чтения содействуют следующие мероприятия: осуществление учителем контроля за внеклассным чтением, использование разных форм заинтересованности в самостоятельном чтении, организация индивидуальных бесед, проверка дневника по чтению и записей учащихся, проведение письменных работ по произведениям, прочитанным на досуге, и т.д.

В статье также отмечается, что организация презентаций новых изданий, составление каталога интересных книг с краткими аннотациями об их содержании, проведение конкурсов по тому или иному произведению, налаживание взаимодействия школы, семьи и общества, функционирование родительского совета при библиотеках поможет формированию творческих способностей и повышению образованности учащихся. Делается вывод, что с целью повышения интереса учащихся к самостоятельному чтению также необходимо организовать данный процесс в соответствии с современными требованиями, с использованием информационных технологий и технических средств.

Ключевые слова: *внеклассная работа, культура речи, самостоятельное чтение, учебная программа, виды внеклассной работы*

INDEPENDENT READING AND PRESERVATION OF NATIONAL VALUES

Pulatova Shoira Salijonovna

The problems of extracurricular work are analyzed, its types are named and its significance in the training and education of students is revealed, and the functions of the teacher in this process are listed. It is emphasized that independent reading, which plays an extremely important role in training and education, improving speech culture, nurturing commendable qualities in students and increasing their education, is one of the main types of extracurricular activities. It is noted that the choice of material for extracurricular reading is carried out in accordance with the curriculum, and first of all, the educational and moral aspect of works of art is taken into account. In the curricula of previous years, in addition to the main

topics and the amount of fiction determined by the program, each grade was scheduled for a certain number of hours for independent and extracurricular reading, for example, for IV grade - five hours, for V - four, for VI - six and for VII -seven o'clock. Methodists considered these two types of reading to be independent types of extracurricular activities and highly valued their benefits. The opinion was expressed that the allocation of separate hours, as was practiced, for example, in the literature curriculum in 1990, was a requirement of the time. Three ways to implement extracurricular reading are indicated: 1) independent reading of compulsory literature related to the material studied in class; 2) reading and analysis of literature that has educational significance; 3) reading works of fiction chosen by the students themselves. The following activities contribute to the implementation of the goals of independent reading: teacher control over extracurricular reading, use of various forms of interest in independent reading, organization of individual conversations, checking the reading diary and student notes, conducting written work on works read in leisure, etc. It is noted that organizing presentations of new publications, compiling a catalog of interesting books with brief annotations about their contents, holding competitions for a particular work, establishing interaction between school, family and society, and the functioning of a parent council at libraries will help develop creative abilities and improve the education of students. It is concluded that in order to increase students' interest in independent reading, it is also necessary to organize this process in accordance with modern requirements, using information technology and technical means.

Key words: *extracurricular activities, speech culture, independent reading, curriculum, types of extracurricular activities*

Маълумот дар бораи муаллиф: Пӯлотова Шоира Солиҷоновна, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), E-mail: Shoira.pulotova@inbox.ru; шумораи тел.: 92 770 45 80

Сведения об авторе: Пулатова Шоира Салиджановна, кандидат филологических наук, доцент кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы Худжандского государственного университета имени академика Б.Г.Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд)

Information about the author: Pulatova Shoira Salijonovna, Candidate of in Sciences Philological, Associate Professor,the Department of Tajik Language and Literature, Khujand State University named after academician B.G.Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand)

ПОЛОВОЕ ВОСПИТАНИЕ КАК ОСНОВНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ ВОСПИТАТЕЛЬНОЙ КОНЦЕПЦИИ АХМАДА ДОНИША

Хайдаров А. А.

Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

Воспитание и упорядочение семьи являются важными направлениями в педагогической мысли Ахмада Дониша. Это направление его педагогической мысли по сути дела нашло свое отражение в его выдающемся научно-литературном произведении «Редкостные события» («Наводир-ул-ваќоеъ»). Мыслитель изложил свои взгляды относительно воспитания семьи в большей степени в таких главах книги, как «О наставлении детям и разъяснении сути ремесел и занятий», «О правах родителей и границе их прав». Он считает, что в воспитании всесторонне развитой личности огромную роль играет семья.

При всем том, что автор в этом своем выдающемся произведении охватил самые различные темы, однако зерном всех этих тем являются суждения писателя относительно сущности человека, его жизни и смерти, проблемы личной и общественной деятельности человека и его воспитания. Ахмад Дониш, отмечая в деле воспитания ребенка огромную роль семьи, важным моментом считает способ создания этой ячейки общества.

Размышляя относительно достоинств бракосочетания он пишет: «Достоинство бракосочетания выражается посредством пользы от него, - одним из которых, это - рождение ребенка, его существовани результат четырех итогов:

Первая цель женитьбы в том, чтобы рождать детей и продолжать род…

Другая причина бракосочетания заключается в желании следовать желанию того предводителя (Мухаммада) салалах алайхи ва салам, чтоб больше было народу - его последователей…

Следующая выгода бракосочетания в том, что с совершением этого акта будет ниспослана молитва о рождении ребенка…

Другая польза бракосочетания это в восхвалении религии, ибо всякий кто вступил в брак, передал половины своей религии другому. А тот, кто не вступил в брак, чаще всего привержен к опасности, что не сможет устоять и закрыть глаза и сердце перед соблазном разврата.

Еще одна выгода от семейной жизни состоит в том, что жена берет на себя все домашние заботы, поэтому хорошая жена - помощница и друг. И нет другого высшего блага, чем иметь достойную жену» [12, 254].

С точки зрения писателя, выгода бракосочетания и семейной жизни заключается в следующем:

1.Рождение ребенка - как бессмертие человека, продолжение рода человеческого.

2. Чистота и целомудренность человека, в особенности детей, которые признают и уважают своих родителей.

3. Ответственность жены и мужа в семье и перед обществом, воспитание детей и их обеспечение…

Как было отмечено выше, мыслитель дополняет и подкрепляет свои размышления о пользе бракосочетания хадисами пророка. Можно предположить, что перед тем, как приступить к написанию «Редкостные события» («Наводир-ул-ваќоеъ»), мыслитель полностью изучил и проработал значительное количество трудов выдающихся ученых-богословов, посвященных вопросам воспитания и семейной этики. Ярким примером тому являются «Эликсир счастья» («Кимиёи саодат») Мухаммада Газали и «Книга назиданий» («Насихатнома) Унсурмаали Кейкавуса. Изучение научных и научно-публицистических сочинений Ахмада Дониша позволяет прийти к выводу, что он был хорошо знаком с педагогическими воззрениями предшествовавших мыслителей своего народа. Подтверждением тому могут служить его частые ссылки на педагогические взгляды Мухаммада Газали относительно этики бракосочетания. Так, к примеру, он в главе «О правилах супружеской жизни и вражде свекрови» пишет:

«Знай, что цель женитьбы в том, чтобы рождать детей и продолжать род. Смысл брака не в том, чтоб предаваться чувственным наслаждениям, наоборот, сама чувственность сотворена для того, чтобы она побуждала людей вступать в брак…» [12, 252].

Эта же мысль высказана Газали во введении «Вторая сущность» его произведения «Эликсир счастья» следующим образом:

«Знай, что вступление в брак является одним из путей к религии… также необходимость сохранения рода человеческого и его потомства. И это невозможно без семейной жизни… и вступление в брачные узы продиктовано именно этим, а не по причине сладострастия. Чувственные же страсти, сотворенные Им, сотворены для того, чтоб был человек попечителем и судьей своих желаний, чтоб шел народ к ним через брачные узы, чтоб рождались путники, идущие к богу, чтоб наставляли весь народ на путь истинный» [36, 380].

На основании этой цитаты можно прийти к выводу, что Ахмад Дониш, приведя полностью содержание мысли Газали, выразил свою солидарность с ним в этом вопросе.

Чуть позже мы продемонстрируем, что на педагогические взгляды Ахмада Дониша заметное влияние оказало также учение Унсурмаали Кейковуса, нашедшее свое отражение в его знаменитом трактате «Кабуснаме».

Высказываясь относительно создания и укрепления семьи и выбора спутницы жизни, Ахмад Дониш ставит перед мужчиной несколько условий. Во-первых, муж должен, обладать каким - либо ремеслом и иметь свое жилье. Только после этого он может думать о женитьбе. Если муж калека или уродлив, ему лучше всего жениться на женщине равной ему по внешности. Потому что, если муж отвратителен внешне, а жена у него красавица, это унижает мужчину, порождает разлад в супружеских отношениях, и у его жены красавицы появится много любовников. Эта же мысль выражена в «Кабуснаме» Кейкавуса следующим образом: «… не гонись за красивой женщиной, ибо ее красота станет предметом большого количества возлюбленных»[21, 69]. Похотливый мужчина должен брать в жены только похотливую женщину но, ни в коем случае не целомудренную.

Как можно наблюдать, в высказывании подобных мыслей ощущается и влияние «Корана». Для наглядности и сравнения рассмотрим 3-й аят суры «Нур» : «Аз - зони ло янкиху ило зониятан ав мушрикатан ваз - зонияту ло янкухухо илло зонин ав мушрикун», что в переводе на русский язык означает, что «мужчина развратник не берет в жены другую женщину, кроме как развратницу и похотливую» [22, 351].

Дар қатори хонандагони дорои лаёқат ва истеъдод хонандагони фаъолнокиашон суст ва душвортарбия низ зиёданд. Аксар хонандагон дар ягон маҳфилҳо фаъолият надоранд ва ин онҳоро аз таҷрибаи рохбарӣ, кор дар гурӯҳ, ҳамкорӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, кор кардан ба манфиати ҷомеа, барои рафиқ, дӯсти худ, шахсони наздик махрум менамояд. Бинобар ин масъулияти боз ҳам бештар ба дӯши омӯзгорон аст.

Муваффақият дар раванди таълим бештар маврид аз муносибати байниҳамдигарии омӯзгор бо хонандагон, хонандагон байни ҳамдигар, ҳар як хонанда бо омӯзгор, хонанда ва ахли синф вобаста аст. Методҳои самараноки таълим имконият медиханд, ки масъалахои зерин ҳал карда шаванд: иштироки ҳар як хонанда дар раванди азхудкунии мавзуъҳои таълимӣ, аз худ намудани қобилият, малака ва маҳорати дуруст муносибат намудан, аз қабили фаҳмидан ва гӯш карда тавонистани якдигар, мубоҳиса ва муҳокима намудан, саволҳои бомаврид дода тавонистан; тарбияи сифатҳои ташкилотчигӣ ва роҳбарӣ қобилияти бо гурӯҳ ва дар гурӯҳ кор карда тавонистан; баланд шудани ҳисси масъулиятшиноси дар кори якҷоя ва шахсӣ.

Якчанд методҳои самарабахши таълимиро мисол овардан мумкин аст:
Бозӣ-нақшофарӣ (бозиҳои таълимӣ), ҷуфтҳо ва гурӯҳҳо, ҳуҷуми зеҳнӣ (ангезиши зеҳн), мубоҳиса (суҳбати аҳлона).

Нақшу мавқеи бозӣ, махсусан, бозиҳои таълимӣ, дар рушду нумуъ ва тарбияи хонандагон амиқу муҳим аст, ки дар тадқиқоти зиёди педагогӣ, психологӣ ва методӣ ба таври боэътимод инъикос карда шудаанд. Ба шарофати ин бозёфтҳою тадқиқот солҳои охир дар раванди таълими ибтидоӣ, аз ҷумла таълими ибтидоии забони модарӣ бозиҳои таълимӣ ба таври фаровон ва самарабахш, ҳамчун як лаҳзаи шавқовари дарс аз ҷониби

омӯзгорон истифода карда мешаванд. Аҳамияти бозиҳои таълимӣ дар он аст, ки хонандагони хурдсолро ба фаъолияти мустақилона ва эҷодии фикрӣ водор месозанд; раванди дарсро шавқовару рангин менамоянд; талаботи рӯҳӣ ва ҷисмонии хонандагонро қонеъ карда, шиддати фикрии дарсро муътадил мегардонанд; раванди омӯзишро мушаххас ва ба ҳаёти кӯдак наздик менамоянд.

Дар дарсҳои забони модарӣ бозиҳои таълимӣ шаклан ва мазмунан хеле гуногун, шавқовар ва пурмазмуну самарабахш шуда метавонанд. Аз ҷумла:

Иваз кардани овозу ҳарф (санг, ранг, нанг, чанг, занг, ланг);

Аз ҳарфҳои калимаҳо истифода карда, сохтани калимаҳои нав (рӯбоҳ, роҳ, рӯ, об, бӯр, хӯр, бор, ор, оҳ);

Бо тағйири калима хондани ҷумла (Вақти хонаравӣ шуд - Вақти хонарӯбӣ шуд);

Бозӣ-тасаввур;

Бозӣ-тасвир;

Бозӣ-нақшофарӣ ва монанди инҳо.

Ҳангоми омӯхтани шеъри Ашӯр Сафар «Ватан» хонандагон ба ҳарфҳои калимаи Ввтан рақам мегузоранд:

В(1), а(2), т(3), а(4), н(5) ва адади яклухти 12345 ҳосил мешавад. Ба шарофати рақампардаи 521 хонандагон калимаи «нав»-ро ҳосил мекунанд. Бозиро давом дода аз рақампардаи 345 калимаи «тан»-ро пайдо карда, ба шавқ меоянд. Шогирдон бозиро давом дода ба хулосае меоянд, ки ҳарфҳо тавлидкунандаи калимаҳо, калимаҳо тавлидкунандаи ҷумлаҳо, ҷумлаҳо офарандаи нутқ будаанд.

Бозиҳои таълимӣ ҳамчун лаҳзаи дарс пайванди мантиқии дарсҳои забони модариро таъмин менамоянд, зеро барои гузариш аз мазмуни адабӣ ба мақсадҳои грамматикию имлоӣ ва инкишофи нутқ хеле муносиб мебошанд ва ҳамчун пуле миёни қисматҳои гуногуни забони модарӣ хизмат карда, сабаби дарёфти беҳтарин мазмунҳои мураккаб, инкишофи тахайюлот, ақлу тафаккур, сифатҳои шахсӣ ва нутқ хоҳанд гашт.

Бозиро воситаи ҷалб намудани хонандагон ба таълим ҳисобидан мумкин аст. Ба воситаи бозӣ-нақшофарӣ хонандагон маводи таълимиро хубтару беҳтар аз худ менамоянд. Инчунин ин бозӣ имконият медиҳад, ки хонандагон маълумоти гирифтаро дар воқеият бинанд. Ин усул ба ташаккули тафаккур низ мусоидат менамояд.

Кор бо ҷуфти худ ё кор дар гурӯҳ ба хонандагон имконияти бештари фаъолнокӣ ва муносибати байниҳамдигариро медиҳад.

Гурӯҳҳо метавонанд аз рӯйи хоҳиши хонандагон ё ин ки бо нақшаи пештар омода намудаи омӯзгор ташкил дода шаванд. Омӯзгор бо роҳи ба назар гирифтани қобилият, малака,маҳорат,муносибати байниҳамдигарӣ гурӯҳҳоро ташкил менамояд.

Ҳуҷуми зеҳнӣ имконият медиҳад, ки хонандагон бештар фаъол гарданд ва роҳи халли масъалаҳо осонтар шавад. Дар китоби «Методҳои самараноки таълим» (муаллиф Б.Боев) зарурати ба эътиборгирии чанде аз талабот, аз қабили иштироки баробари ҳамаи аъзои гурӯҳ, аз тарафи ҳама баён кардани фикр, шунидани фикрҳои дигарон, соҳиби ҳуқуқи баробар будан, бо роҳи маслиҳат ҳал кардани мушкилӣ ва монанди инҳо тавсия дода шудааст.

Ҳуҷуми зеҳнӣ аз чунин қисмҳо иборат аст: масъалагузорӣ; интихобкунӣ (интихоби фикрҳои ҷолиб); пешниҳодкунӣ (натиҷаи корҳо пешниҳод мешаванд. Фикрҳо бояд такрор шаванд).

Ин усул барои ҳалли масъалаи пайдошуда ё ҷустуҷӯйи ҷавоби мувофиқ ба саволи пайдошуда метавонад истифода гардад.

Методи «Мубоҳиса» имконият медиҳад, ки муҳити баҳсу мунозира ва мухокимаи фикру ақидаҳо ба амал ояд. Тавассути ин метод хонандагон қойидаҳои муносибату муоширатро беҳтар аз худ менамоянд. Ин метод ба ташаккули қобилияти мулоҳизаронӣ,

гуфтани фикру ақидаи шахсӣ, пайдоиши диди устувор мусоидат менамояд. Гуфтаҳои равоншиноси гурҷӣ академик-Ш.А.Амонашвилиро овардан бамаврид аст:

«Дар бачаҳо ҳанӯз аз синфи тайёрӣ, вақте ки дар зеҳни онҳо майли дар ҳама бобат ба тамоюли омӯзгорон розӣ шудан ибтидо мегирад, маърифати баҳсро тарбия намудан лозим аст. Агар ин равия шикаста нашавад, муддати дарозе боқӣ мемонад, зеро обрӯи педагог дар синфҳои ибтидоӣ хеле баланд аст. Махсусан агар омӯзгор ин обрӯро сӯиистеъмол карда, аз шогирдонаш талаб кунад, ки дар ҳама кор, дар ҳама бобат бо ӯ розӣ бошанду муқобилият нишон надиҳанд, бар зарарари таълим аст. Дар зеҳни бачаҳо сари вақт фикри танқидӣ пайдо намешавад. Ин тарзи кору ин шева ба решаи обрӯмандию салтанат дар таълим табар намезанад, балки ба осиёби он об мерезад».

Мактаббача ҳар қадар барвакттар ҳуқуқашро дар муайян кардани ҳақиқат дарк кунад, бифаҳмад, ҳатто бо педагог розӣ нашавад ҳам, ҳамон андоза фикри эҷодӣ ва танқидиаш ташаккул меёбад,мустақилият, эътиқодаш меафзояд. Ин педагогро водор месозад, ки на танҳо вазъиятҳои носозгорро дастгирӣ кунад, инчунин худаш чунин вазъиятро ба нақша гирад, ба амал орад,амалан роҳбарӣ кунад. Маврид ба тазаккур аст, ки гурӯҳе аз олимон, аз ҷумла Б.Боев ва дигарон чунин ақидаро иброз намуда буданд, ки баҳс карда тавонистан санъати ниҳоят баланд аст ва аз толибилм дониш, малака, маҳорату қобилият, сабру тоқат ва иродаи махсусро талаб менамояд. Методу усули зиёди таълимиро мисол овардан мумкин аст, ки аксарияти омӯзгорон бояд аз инҳо огоҳ бошанд. Агар мо омӯзгорон донишҳои доштаамонро бо назарияҳои маърифатии ҳозиразамон бипайвандем, раванди таълиму тарбия хубтару беҳтар хоҳад гашт.

Вазорати маориф ва илм, вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, роҳбарони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, умуман аҳли ҷомеа бояд рӯ ба маърифат оваранд, ба китобхониву омӯзиш диққати беш аз пеш диҳанд ва роҳу усули гуногунро истифода намоянд ва тарзи корбариеро пеш гиранд, то қобилиятҳои маърифатии насли наврас ва ҷавонон ташаккул ёбанд ва тавонанд, ки ояндаи сазовори миллат бошанд. Чӣ тавре, ки Прзиденти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26.12.2019, дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд:

«Китобхонаҳо бояд ба маркази муҳимми илму фарҳанг табдил дода шаванд, зеро китоб маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кадани аҳли ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханрониро сайқал медиҳад, доираи андешаву тафаккур,ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ роҳнамоӣ мекунад».

Аҳли ҷомеа барои амалӣ гаштани ин гуфтаҳо муваззафанд. Роҳу усули гуногунеро ба кор бурдан лозим аст, то аз синни хурдсолӣ фарди бомаърифат ба воя расад. Шахси бомаърифат дар муҳити пур аз маърифату маданият ба камол мерасад. Дар муҳити дур аз маърифат худ аз худ шахси китобдӯсту илмомӯз ва бофарҳанг ба воя расиданаш ғайриимкон аст.

Масалан, дар сини хурди мактабӣ бояд омӯзгорон бар он диққати бештар диҳанд, то дар хонанда дарки маънӣ ташаккул ёфта бошад.

Хониш бо мақсади дарки маънӣ,қобилияти фаҳмидан, шарҳ додан ва истифодаи маълумотест, ки аз матн бармеояд. Якчанд намуди хониш бод арки маънӣ мавҷуданд:

1. Хониши дақиқназарона ва мақсаднок

Ҳадафи ин навъи хониш ташаккул додани қобилияти фаҳмидан ва дарк намудани маълумоти асосии матн аст. Ба ин навъи хониш чунин мисол овардан мумкин аст, ки пас аз хондани матн хонанда мефаҳмад, ки симоҳои асосии матн кистанд, кай ва дар кучо ҳодисаву воқеаҳо рӯй додаанд;

2.Хониши дедуктивӣ

Дарки дониши дедуктивӣ,чунин навъи хонишест, ки хонанда оиди мазмуни матн, сабаб ва таъсири воқеаи дар матн омада, дар бораи қаҳрамонон ва идеяи асосие, ки дар

матн ифода гардидааст, маълумот пайдо мекунад. Аз руйи мазмуни матн хулосабарорӣ карда метавонад.

3.Хониши дарки баҳогузорӣ

Дар ин намуди хониш бо дарки маънӣ,хонандагон мазмуни матнро бо ҳаёти воқеӣ муқоиса намуда, баҳогузорӣ менамоянд. Хонанда худро дар ҷойи қаҳрамони матн гузошта, фикру ақидаҳои худро баён хоҳад кард. Матни додашударо бо матнҳои дигар муқоиса намуда, фарқи ҳодисоту воқеоти дар матнҳо омада ё шабоҳати онҳоро муайян намуда метавонад.

Дар охир қайд карданиам, ки яке аз роҳҳои ташаккул додани қобилияти маърифатии хонандагон ҳанӯз аз синни хурди мактабӣ ин мақсаднок истифода намудани бозиҳои таълимӣ ва истифода намудани намудҳои гуногуни хониш бо дарки маънист. Ин имконият хоҳад дод, ки хонандагон шахсони соҳибмалакаву қобилиятнок гардида, ба ҳодисаву воқеаҳои ҳаётӣ баҳои воқеи дода тавонанд, муқоиса ва таҳлил намоянд, фикру мулоҳизаҳои шахсии худро дошта бошанд ва онҳоро иброз намуда тавонанд, инсони бомаърифату соҳибтамаддун шуда ба воя расанд.

АДАБИЁТ:

1. *Давлатов М*. Оила ва рушди шахсияти фарзандон/ М. Давлатов. Душанбе: Ирфон, 2014.

2. *Раҳимов Х.,* Нуров А. Педагогика/ Х. Раҳимов, А. Нуров. Душанбе: Ҳумо, 2007.

3. *Э. Раҳмон*. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат, Душанбе: Ирфон, 2007.

4. *Э. Раҳмон*. Ваҳдат, Давлат, Президент. Ҷилди XI, Душанбе: И

АЛОҚАМАНДИИ НАЗАРИЯ БО АМАЛИЯ – ОМИЛИ ТАШАККУЛЁБИИ ҚОБИЛИЯТҲОИ МАЪРИФАТӢ

Маҷидова Бибиҳафиза, Файзиева Назира

Дар мақола гуфта мешавад, ки барои ташаккулёбии ҳамаҷонибаи шахсият танҳо доштани дониш басанда нест, балки татбиқи амалии дониш, истифодаи самарабахши технологияи муосир муҳимтар аз он аст. Оид ба ин масъала фикру андешаҳои олимон аз қабили Вербитский А.А., Болотов В.А., Сериков В.В, ва дигарон оварда шудааст.

Якчанд методу усулҳои самараноки таълим ҳамчун намуна оварда шудааст, ки барои бедор намудани завқияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва бо ин васила дар онҳо ташаккул додани малакаҳои алоқаманд намудани назария бо амалия мусоидат менамоянд.

Калидвожаҳо: *мактаб, омӯзгор, хонанда, муошират, ташаккули маърифатнокӣ, сифатҳои ахлоқӣ, усулҳои самарабахш*

СВЯЗЬ ТЕОРИИ С ПРАКТИКОЙ – ФАКТОР РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ВОЗМОЖНОСТЕЙ

Маджидова Бибихафиза, Файзиева Назира

В статье утверждается, что для всестороннего формирования личности недостаточно иметь только знания, важнее практическое применение знаний, эффективное использование современных технологий. Приводятся мнения таких ученых, как А.А. Вербицкий, В.А. Болотов, В.В. Сериков и др. по этому поводу.

В качестве примеров приводятся несколько эффективных методов и приемов обучения, которые помогают пробудить интерес учащихся начальной школы и тем самым помочь им развить навыки связи теории с практикой.

Ключевые слова: *школа, учитель, ученик, общение, познавательное развитие, нравственные качества, эффективные методы.*

THE CONNECTION OF THEORY WITH PRACTICE IS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF EDUCATIONAL OPPORTUNITIES

Madjidova Bibihafiza, Fayzieva Nazira

The article argues that for the comprehensive formation of personality, it is not enough to have only knowledge, but practical application of knowledge and the effective use of modern technologies are more important. The opinions of scientists such as A.A. Verbitsky, V.A. Bolotov, V.V. Serikov, and others are presented on this matter.

Several effective methods and techniques of teaching are presented as examples, which help to awaken the interest of elementary school students and thus help them to develop the skills of connecting theory with practice.

Key words: *school, teacher, student, communication, cognitive development, moral qualities, effective methods*

Маълумот дар бораи муаллифон: *Madjidova Bibihafiza – doctor of pedagogical sciences, professor of the department of special pedagogy and inclusive education of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni.Tel: (+992) (+992) 938508877. E – mail: bibihafiza@mail.ru,*

Файзиева Назира Олмаҳмадовна-унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов 11/2. телефон:939056472.

Сведения об авторах: *Маджидова Бибихафиза – доктор педагогических наук, профессор кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел: (+992) 938508877. E – mail: bibihafiza@mail.ru,*

Файзиева Назира Олмахмадовна-соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образовании Таджикистана; адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Адхамов 11/2 телефон: 939056472.

Information about the authors: *Madjidova Bibihafiza – doctor of pedagogical sciences, professor of the department of special pedagogy and inclusive education of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni.Tel: (+992) (+992) 938508877. E – mail: bibihafiza@mail.ru,*

Fayzieva Nazira Olmanmadovna - candidate of the Institute of Educational Development named after Abdurakhmon Jami Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A.Adhamov str. Phone: 939056472

АҚИДАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОЛИМОНИ ПЕДАГОГИ ТОҶИК ОИД БА СИСТЕМАИ ИННОВАТСИОНИИ ОМӮЗИШИ СИНТАКСИС

Қурбонзода Ҳ.Н.

Дар марҳалаи ҳозираи инкишофи методикаи таълими забони тоҷикӣ ташаккули салоҳияти коммуникативӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва ин мақсади асосии таълими забони тоҷикӣ низ мебошад. Маҳз ҳамин мақсад таълими забони тоҷикиро аз методикаи давраи пешин ва зинаҳои пешинаи таълим фарқ мекунад. Дар назди ҷамъият вазифа гузошта шудааст, ки хатмкунандагонро ба навъҳои гуногуни фаъолияти нутқ, ба вуҷуд овардани матнҳои наву услубҳои гуногуни нутқ тайёр кунад. Дар ин замина, вобаста ба ҳадафи нави таълим аҳамияти ҷузъҳои нутқ меафзояд, яъне синтаксис дар процесси таълими забони тоҷикӣ ҷойгоҳи хоссаи худро пайдо мекунад.

Воситаи асосии муошират байни одамон асосан забон ба ҳисоб меравад, ки ба дигар махлуқот хос нест. Ғайр аз воситаи муошират будан инчунин, ташаккули зеҳнӣ, ахлоқӣ, маънавии шахс низ ба забон алоқаманд мебошад. Зиндагии ояндаи инсон ва чи тавр сурат гирифтани он маҳз ба омӯзиши забон вобаста аст ва таълими самараноки қисмҳои мушаххаси он ҷиҳати татбиқи амалӣ дар ҳаёт мусоидат мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста супоришҳо медиҳад, то роҳбарони муассисаҳои таълимӣ низ масъалаи баланд бардоштани сатҳи дониш ва маҳорати касбии омӯзгоронро аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даъват карданд, ки ба такмили ихтисос ва таълими омӯзгорони ҷавоне, ки маҳорати касбиашон ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ мебошад, таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Дар паёмҳои хеш ташаббус ва ибтикоротро бобати баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии махсусан наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва рушди илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар аз масъалаҳои ҳаётан зарур ва нахуст дараҷа меҳисобанд.

Таъкиду супоришҳои саривақтии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсусан, дар назди аҳли илму маориф, донишмандон, мутахассисон ва муҳаққиқони соҳа вазифаҳои мушаххас гузошта, водор месозад, ки баҳри амалишавии дастуру вазифаҳои ин самт чораҳо ва тадбирҳои мушаххас андешида шавад ва дар иҷрои онҳо саҳми арзанда бояд гузошт. Дар замони ҷаҳонишавӣ ва муштарак гардидани фарҳангҳову миллатҳо, ки тавассути илму техника бо суръати кайҳонӣ пеш мераванд, ҳифзи асолати забон, тарбияи шахсони ватандӯсту хештаншинос бо эҳтироми забон ва фарҳанги худ душвор мегардад.

Беҳтар шудани сатҳи омӯзиши забони тоҷикӣ масъалаи ҷиддӣ буда, тадқиқу таҳлили воситаҳои мақсадноки таълими он вазифаи аввалиндараҷаи муҳаққиқони самти педагогика ва филология мебошад. Тайёр намудани омӯзгорони дорои сатҳи тахассуси баланд низ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ боиси ҳалли ин масъала мегардад. Ба таври умумӣ дар педагогикаи муосири тоҷик масъалаҳои таълими забони тоҷикӣ аз ҷониби олимон тадқиқ ва таҳқиқ гардида бошад ҳам, системаи инноватсионии омӯзиши синтаксис дар дарсҳои забони тоҷикии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ ҳанӯз таҳлил ва баррасӣ нагардидааст. Тадқиқоти комили ин мавзуъ имкон медиҳад, ба таълими яке аз қисмҳои забоншиносӣ таваҷҷуҳи бештар намуда шавад ва дар омода намудани донишҷӯёни саводи хуби грамматикидошта, кадрҳои педагогӣ бо дорои сифати баланди дониш мусоидат кунад.

Ташхис ва арзёбии сифати тадқиқоти ин маводи илмӣ дар асоси ақидаҳои назариявии олимони точику рус ва хориҷӣ пешниход гардидааст. Дар самти фанҳои дигар ва педагогӣ, дар тадқиқоти илмии М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, И. Х. Каримова ва С. Шербоев ин масъала баррасӣ гардидааст. Солҳои охир дар Тоҷикистон осори олимону омӯзгорон ба мисли Қ. Б. Қодиров, Б. Маҷидова, А. Миралиев, А. Нуров, Т. Н. Зиёзода, У. Зубайдов, С. Э. Негматов, М. Н. Нуъмонов, Ш. Шаропов, А. Исломов, Д. Латипов, У. Юлдошев, С. Сулаймонӣ, М. Рачабов ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни таълиму тарбия тадқиқ ва таҳлил гардидаанд. Бисёре аз роҳҳои пешниҳодкардаи онҳо дар айни замон, дар системаи ҳамгирошудаи экспертиза ва таҳқиқоти педагогӣ истифода мешаванд.

Аммо талаботи мушоҳидашудаи аҳли ҷамъияти омӯзгорони фанҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба сифати тадқиқоти педагогӣ гувоҳӣ медиҳад, ки мураккабии рӯзафзуни проблемаҳои саводнокии грамматикӣ ва фаъолияти суханварӣ зарурати инкишофи минбаъдаи равиши таълими қисми синтаксии забони тоҷикиро ба миён меорад. «Таҷрибаи пажӯҳишҳои педагогии олимони тоҷик дар солҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон то ҳол ҷамъбаст карда нашудааст, муносибати ягонаи квалиметрӣ ба омӯзиши рисолаҳо вуҷуд надорад, дастоварду камбудиҳои тадқиқоти педагогӣ ба низом дароварда нашудааст» [8, 36].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба проблемаи системаи инноватсионӣ ва навоварӣ асарҳои олимони тоҷик А. Н. Алиев, Н. Шоев, Т. Тағдиров, М. Салимов, М. Д. Раҳмонов, М. Ҳоҷиева, С. Саидов, А. И. Алиев ва дигарон бахшида шудааст. Инчунин, олимони тоҷик Ф. Шарифзода, М. Лутфуллоев, И. Х. Каримова, Т. В. Гусейнова, С.

Сулаймонӣ, Г. М. Ҳоҷиматова, С. Неъматов ва дигарон оид ба муқаррароти консептуалӣ ва таъминоти илмию методии навовариҳои педагогӣ фаъолона кор карда истодаанд. «Ташкили методи моҳиронаи омӯзиши бахшҳои дар боло зикргардидаи синтаксиси забони тоҷикӣ бояд пеш аз ҳама ба он оварда расонад, ки донишҷӯён асосҳои илмии таъриф ва қоидаҳои сохтани ибораҳо, навъҳои гуногуни ҷумларо бо мақсади худ, бошуурона дарк намоянд. Аз баёнот (ҳикоёт, пурсиш, амр ва нидо), интихоб ва тарҳрезии аъзои асосии пешниҳод ва дарки бошууронаи асосҳои илмӣ огоҳ бошанд. Таърифу қоидаҳо қобилияти сохтани таркибҳои калимаҳоеро, ки аз ҷиҳати маъно, таркиб, тарзу усулҳои пайвастшавии ҷузъҳои онҳо фарқ кунанд, ташаккул диханд, тартиб додани навъҳои ҷумлаҳоро аз рӯйи таркиб ва сохтор (умумӣ ва ғайримуттаҳид, якҷузъӣ ва дуҷузъӣ), муайян кардани аъзои асосии ҷумла ва муайян кардани онҳо аз ҷиҳати таркиб, намудхои предикатҳо дар семантика (номӣ ва шифоҳӣ)-ро омӯзанд, ки дар натичаи ин, албатта, нутқи хаттии онҳо инкишоф меёбад» [10, 18].

Дар айни замон, бисёр муқаррароти назарияи аъзои ҷумла аз нав дида баромада мешаванд, системаи консептуалӣ ва истилоҳӣ тағйир меёбад, дар баъзе мавридҳо номҳои анъанавӣ, ҷузъҳои таркибӣ ва маъноии ҷумларо ҷузъҳои нав иваз мекунанд. Яке аз масъалаҳои васеъ ин ба таври умумӣ тақсим кардани аъзои ҷумла ба асосӣ ва пайрав мебошад. Аъзои ҷумла ба мо имкон медиҳанд, ки натиҷаҳои таҳқиқоти гуногунро ҷамъбаст кунем. Самтҳои забоншиносӣ ва ба низом даровардани мушоҳидаҳои элементҳо, конструксияҳои синтаксисӣ барои сифати онҳо ҳамчун синкретикӣ ё якранг, ё ҳамчун ҷузъҳои муайяни тақсимоти воқеӣ мебошанд. Дар сатҳи синтаксисӣ аъзои ҷумла бо шаклҳои калима робита доранд, ибораҳои гуногун (аз ҷиҳати синтаксисӣ интегралӣ, фразеологӣ алоқаманд, таркибҳои истилоҳӣ) ва ҷумлаҳое, ки системаи ба ҳам алоқаманд ва ҷузъҳои сохторӣ ва семантикии як ҷумлаанд.

Принсипи систематикӣ дар забон таҳлили робитаи аъзои ҷумларо ҳамчун унсур дар бар мегирад. Сатҳи синтаксисӣ бо лексемаҳои қисмҳои гуногуни нутқ, инчунин ғайри озод таркиби калимаҳо ҳамчун унсурҳои сатҳи морфологӣ, лексикӣ-фразеологӣ вобаста аст. «Албатта, ба амал баровардани амалҳои зикршуда ҳангоми омӯзиши бахшҳои синтаксиси номбурда ба дониши хубу мустаҳками морфологӣ алоқаманд аст, хусусан агар хонандагон хиссаҳои муҳими (мустақил) нутқро устуворона азхуд карда бошанд. Агар дониши морфологии онҳо ғайриқаноатбахш бошад, омӯзгор бояд дар аввали соли хониш бо ихтисори ин ё он фасли грамматика (бо салоҳдиди худ) ё такрори ҳиссаҳои мустақили нутқ ва хусусиятҳои онҳо дар ибтидои соли хониш бо истифода аз саволҳо ва иҷрои машқҳои гуногун 2-3 соат чудо кунад ва танҳо баъд аз омӯхтани ин се қисми синтаксис барои донишҷӯёни соҳиби донишҳои чуқури назариявӣ, воқеият мегардад» [10, 14].

Забон аломати барҷастаи тафаккури хосса, маданияти миллӣ мебошад. Мероси гаронбаҳову нотакрори фарҳанги миллат дар забон ифода мегардад. Забони тоҷикӣ имрӯз вазифаи таърихии худро беш аз пеш беҳтар ба иҷро расонида истодааст. Он, қабл аз ҳама, барои насли наврас воситаи бебадали инкишофи шуур ва тафаккур, барои ҳамагон воситаи мубодилаи афкор ва муомилоти моддию маишӣ, барои миллат воситаи вусъати маънавиёт ва илму фарҳанг мебошад. Нашри асарҳои безаволи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Забони миллат – ҳастии миллат» иборат аз ду ҷилд ҷиҳати пойдорӣ ва мустаҳкамии забони ноби тоҷикӣ аҳамияти беандоза дорад.

Масъалае, ки ба фаҳмиши моҳияти сиёсати забон марбут аст, андешидани тадбирҳои давлатӣ оид ба амали забонҳо дар мамлакат мебошад.

Тадбирҳое, ки дар барномаи Ҳукумат пешбинӣ шуда буд, шароит ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи забони давлатӣ, муайян намудани асосҳои илмию усулии омӯзиши он дар ҳама навъи мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ, тадвину танзим ва нашри китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълим, табъу нашри адабиёт ба забонҳое, ки дар ҷумҳурӣ амал мекунанд, тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва соҳаҳои дигар, беҳтар кардани иштироки воситаҳои ахбори умум дар бобати тараққӣ ва омӯзиши забони давлатӣ, боло

бурдани сатҳи маданияти нутқ ва ғайраро дарбар мегирифтанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати қабули қонуни нави забонро ба миён гузошт, ки он таълиф гашт ва пас аз муҳокимаву таҳрир 3 октябри соли 2009 дар Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Ин ҳуҷҷати муҳими давлатиро, ки «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад, бояд қонуни комилан нав ҳисобид. Қонуни мазкур ба мисли пештара на ба ҳамаи забонҳои роиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, балки он вазъи ҳуқуқӣ ва истифодаи танҳо забони тоҷикӣ (давлатӣ)-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин менамояд. Моддае, ки дар қонуни пештара нисбат ба забони русӣ вуҷуд дошт ва забони русиро «забони муошарати байни халқҳо дар ҳудуди Тоҷикистон» эълом дошт, фурӯгузор шудааст.

Ҳоло, ки иқтисоди бозоргонӣ ҳукмфармоӣ мекунад, ҳар муассиса ё корхона мехоҳад, ки кормандонаш шахсони ҷавони кордон ва дониши хуб дошта бошад. Аз ин лиҳоз, идораҳои давлатӣ, муассисаҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ ҷавононро ба таври озмун ба кор қабул мекунанд, ки дар он масъалаву машқҳо аз фанни забони тоҷикӣ ва саводи грамматикӣ низ мавҷуд мебошад. Бинобар ин, бояд ҳар як донишҷӯ ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз мафҳумҳои грамматикӣ ва мантиқӣ бархӯрдор бошанд. Барои ба ин масъалаҳо ҷавоби мушаххас ѐфтан шарт нест, ки шахс мутахассиси соҳаи филология бошад. Дар ин ҳолат, дар дарсҳо масъалаҳои зеҳниро низ истифода бурдан лозим аст, ки малакаву маҳорати ҳалли чунин масъала дониши зеҳнии донишҷӯро такмил медиҳад.

Вазифаи мактаби олӣ ба донишҷӯён додани дониши мустаҳками асосҳои илмидошта, баланд бардоштани малака ва маҳорат ва дар амал татбиқ намудани дониши назариявӣ мебошад. Ҳалли ин масъалаҳо бевосита бо мукаммал намудани шаклҳо, методҳо ва воситаҳои омӯзиш ва назорат вобаста аст. Барои ҷавобгӯ будани таълим ба стандарти давлатӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос дар мактабҳои таҳсилотӣ олӣ омӯзгорон бояд аз усулҳои наву самарбахш истифода баранд. Дар раванди омӯзиши фанни забони тоҷикӣ ташкил кардани корҳои беруназсинфӣ дар мавзуи таълими синтаксис аҳамияти калон дорад. Ба инҳо дохил мешаванд озмунҳо, маҳфилҳои забоншиносӣ, олимпиада, машғулиятҳои иловагӣ, викторинаҳо, шабнишиниҳои саволу ҷавоб ва ғайра.

Ҷанбаҳои асосии таҳлили аъзои ҷумлаи сохторӣ ва маъноӣ, ки вобаста ба он гурӯҳҳои маъноии аъзои ҷумла ҷудо мешаванд, масалан, шароит ва иловаҳои семантикаи гуногун ва навъҳои сохторӣ: аъзои ҷумлаи марбут ба мавҷудият ё набудани пешванд, шакли пасоянд, мавҷудияти узви аз ҷиҳати хабарӣ нокифояи ҷумла, калимае, ки паҳнкунандаи ҳатмӣ талаб мекунад ё калимаи миқдорӣ, маъное, ки чун қоида, дар якҷоягӣ бо исм пайдо мешавад, номгузории объектҳои ҳисобшаванда. Илова бар ин, аъзои ҷумларо ба шакли бетағйир (зарф, инфинитив, герунд ва охирин аксаран узви ҷудогонаро ифода мекунад ё ҷузъи он аст, будан бо як ё якчанд шаклҳои вожаи вобаста умумӣ) ифода кардан мумкин аст. Дар чунин ҳолатҳо зарурати тахассуси дурусти он вуҷуд дорад, ки аксар вақт барои шунавандагони курси донишҷӯӣ душворӣ мекунанд. «Ҳангоми омӯзиши забони модарӣ на танҳо аз усулу воситаҳои анъанавӣ (шарҳ, суҳбат, таҳлили грамматикӣ, мушоҳидаи ҳодисаҳои забонӣ, истифодаи визуалӣ ва ғ.), балки аз усулҳои (методҳои) таълими проблемавӣ низ истифода бурда мешавад. Забони модарӣ, методи индуктивӣ ва дедуктивӣ инчунин, барои рушди тафаккури мантиқӣ истифода бурдани схемаву моделҳо, махсусан ҳангоми омӯзиши масъалаи навъҳои ибораҳо, намудҳои ҷумла аз рӯйи сохти онҳо ва мақсади баён низ аҳамияти калон дорад. Барои семантикизатсияи аёнӣ истифодаи мунтазами воситаҳои техникии таълим пешниҳод карда мешавад» [10, 18].

Азбаски ҳангоми омӯзиши семантика ва сохти аъзои ҷумла аксар вақт донишҷӯён дар кор фармудани ҷумлаҳои сода ва мураккаб душворӣ доранд ва аз ҷиҳати синтаксисӣ комбинатсияҳо ба дараҷае, ки ба мақсад мувофиқ аст, истифода бурда намешаванд, корҳои мустақилона бо онҳо ҷиҳати ҳалли масъала аҳамияти муҳим дорад. Системаи

вазифаҳое, ки мақсад аз онҳо муайян намудани монандӣ ва фарқи ин навъҳои таркибӣ, инчунин, лексемаҳои алоҳида иборат аст, омӯзиши мушаххасро талаб мекунад. Масалан ба донишҷӯён супориш дода шавад, ки як калимаи муодили як калимаро интихоб кунанд, таркиб, воҳидҳои фразеологии синонимӣ, истифодаи ҳарду намуди таркиби ғайри озод дар нақшҳои аъзои ҷумла ба манфиати кор хоҳад буд.

Вобаста ба ин, системаи супоришҳои пешниҳодшуда ба рушди маҳорат нигаронида шудааст, ба монанди: шинохти аъзои ҷумла дар матн, муайян намудани сохт ва тарзи ифодаи онҳо. Илова бар ин, ба истифодаи трансформатсияҳо-конверсияҳо имтиёзи муҳим дода мешавад ва ин амал имкон медиҳад, ки хусусиятҳои сохту маъноии асл ва нав муқоиса карда шаванд. "Дар синтаксис байни калима ва ҷумлаҳо ду навъ алоқаи грамматикӣ дида мешавад: алоқаи пайваст ва алоқаи тобеъ. Алоқаи пайваст одатан бо пайвандакҳои пайвасткунандаи паиҳам, хилофӣ ҷудоӣ ва интонатсия ифода меёбад. Дар алоқаи тобеъ воситаҳои синтаксисии зерин калима ва ҷумлаҳоро ба ҳамдигар тобеъ мекунанд: бандаки изофӣ, пешоянду пасояндҳо, бандакҳои феълӣ ва хабарӣ, тартиби калима ва ҷумлаҳо, пайвандакҳои тобеъкунанда дар байни ҷумлаҳо.

Ба ин муносибат таълимот дар бораи аъзои ҷумла ва хелҳои ҷумлаҳои мураккаб низ ба синтаксис дохил мешавад. Дар забоншиносии ҳозира синтаксис фактҳои забонро дар равияи нав, аз рӯйи воситаҳои лексикӣ ва грамматикӣ, инчунин муносибатҳои онҳо меомӯзад. Ҳоло масъалаи маънои лексикии конетруксияҳои синтаксисӣ ва синонимикаи синтаксисӣ ҳарҷониба омӯхта мешавад ва диққати синтаксисшиносон бештар ба муносибатҳои парадигматикӣ равона аст" [9, 34].

Омӯзиши системаи аъзои ҷумла дар амалияи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, таълими синтаксис дар асоси семантикаи аъзои ҷумла, ифодаи морфологии он, инчунин ба назар гирифтани ҳодисаҳои дараҷаи синоними грамматикӣ, ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ ҷиҳати омода намудани мутахассисони дорои касби сатҳи баланди мусоидат мекунад ва дар алоқамандӣ бо ин омили болоравии сатҳу сифати таҳсилот дар зинаҳои аввали он низ гашта метавонад. Ҳангоми омӯзиши аъзои ҷудогонаи ҷумла, донишҷӯён одатан душворихое, ки бо муайян кардани калимаи муайяншаванда ва мавқеи худи таъриф алоқаманданд эҳсос мекунанд, инчунин таҳлили синтаксиси ҷумла бо зарфҳои феълии давомдор ё дефис ва сохтани ҷумла бо шаклҳои шабеҳи исм бо пешвандҳо дар нақшҳои гуногуни синтаксисӣ. Ғайр аз ин, тарзи ифодаи он (сифат – як ё бо калимаҳои вобаста, иштироккунанда). Ҷудошавии вазъият боиси душвориҳо гашта, бо сабаби маҳорати нокифоя дар муайян кардани предикат ва муайян кардани мавқеи феъл, дониши ҳатмии пунктуацияро талаб мекунад.

Ҳамин тавр, системаи кор аз рӯйи аъзои ҷумлаи ҷудошуда ба дарёфти калимаи муайяни вобаста ба он иборат аст. Аъзои алоҳида, муайян кардани мавқеи ин аъзо ва дигар сабабҳо метавонанд ба донишҷӯён душворӣ пеш биёранд. Дар он сурат вазифаҳо метавонанд чунин бошанд: таърифҳоро ёбед ва чӣ гуна пайдо кардани онҳоро нишон диҳед, ифодаҳо ва ҷойгиршавӣ дар робита бо калимаи муайяншуда ва (агар мавҷуд бошад), тобишҳои семантикии иловагӣ, гузоштани аломатҳои истинод, табдил додани ҷумлаҳо бо предикатҳои номии мураккаб, бо пайвандаки сифр дар ҷумлаҳои умумӣ, ибораҳоро ба феълҳои оддии якхела табдил диҳед, предикат бо пайвандаки ягонаи пайвандкунанда, дар ҷумлаҳои алоҳида ибораи ёридиҳандаро бо таркиби феълии устувор иваз кунед ва ғ.

Ҳамин тавр, зарур аст, ки ба омӯзиши фанни забони тоҷикӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи замони муосир, ба донишҷӯён бо маҳорат ва масъулияти баланд, дониш дода шавад. Зеро омӯзиши фанни зикргардида, қобилияти фикрронии ҳар як шахсро ташаккул дода, барои пешбурди соҳаҳои мухталифи давлатдорӣ, хоҷагии халқ ва роҳбарикунанда мусоидат менамояд.

Таҷдиди маориф, аз ҷумла таҳсилоти мактабӣ, ба тағйирёбӣ ба ҷойҳои ҷамъияти муосир вобастааст. Аз як тараф, вазъи дар бозори меҳнат тағйир ёфт. Дар тағйирёбии

системаи маориф бояд чунин сифати ҷаҳониро касб кунад – қобилияти тағйир додани соҳаҳо, роҳҳо ва тарзҳои корбарӣ. Аз тарафи дигар, маълумотдиҳии (иттилооти) ҷомеаи ҷаҳонӣ сурат мегирад. Пайдоиши бисёр идеяҳои компетенсионӣ ба соҳаи маориф ба ин (иттилоот) алоқаманд аст. Компетенсия методест, ки дар ҷои аввал огоҳии донишҳо намеистад, балки қобилияти ҳалли мушкилоте, ки дар шинохти муносибатҳои байни одамон, дар ҳаёти касбӣ, худогоҳии шахсӣ қарор мегирад.

Компетенсия аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои як қатор масъалаҳои марбут ба шахсияти инсонро, ки дорои дониш ва таҷриба мебошад. Ба андешаи муҳаққиқон салоҳияти омӯзгор ҷузъи таркибии сифатҳои касбӣ буда, зимни омӯзиш аз худ намудану донистани талаботи муҳимми ҷараёни педагогӣ доштани маҳорату малака ва кобилияти касбӣ фаъолияти максадноку доими ва таҷрибаи амали ифода ёфта дар муассисаҳои таълимӣ ташаккул ва дар фаъолияти амалӣ такмил меёбад. Компетенсия - омодагии самаранок ташкил кардани захираҳои дохилӣ ва хориҷӣ барои муайян ва ноил шудан ба ҳадафҳо мебошад. Бо захираҳои дохилӣ мо дониш, малака, қобилият, салоҳият (тарзи кор), хусусиятҳои психологӣ, арзишҳо ва ғ. дохил мешаванд. Аз нуқтаи назари методи компетентӣ (бо салоҳият), натиҷаи бевоситаи фаъолияти таълимӣ ташаккул додани компетенсияи асосӣ мегардад.

Ба компетенсияҳои асосӣ калимаҳои дар адабиёт бо характеру дараҷаи татбиқии салоҳият (компетенсия) дар назар дошта мешаванд. Компетенсияи (имкониятҳои) асосӣ - қобилияти шахсе, ки аз иҷрои адои вазифаҳои гуногун мебарояд. Ташаккулёбии онҳо дар доираи ҳар як мавзуи илмӣ сурат мегирад. Дар матни муосири методикаи навъҳои гуногуни салоҳиятҳо (компетенсияҳо) кайд карда мешавад, ки дар он ташаккул додани муаллимони муосир бояд фаъолияткунанда ҳатмист.

Ҳафт компетенсия (салоҳияти) асосии таҳсилот вуҷуд дорад: арзишӣ-семантикӣ, умумифарҳангӣ, таълимию маърифатӣ, иттилоотӣ, муоширатӣ, иҷтимоию меҳнатӣ, салоҳияти худтакмилдиҳии шахсӣ.

Дар дарсҳои худ ман дар ташаккули малакаҳои таълимӣ ва маърифатии хонандагони мактабҳои миёна ва мактабҳои асосӣ кор (тақриз) мекунам.

Таъмини стандарти босифати таълим танҳо ба воситаи равишҳои фаъолият ба омӯзиш имконпазир аст. Намунаи тавсияҳо дар бобати малакаи таълимию маърифати дар татбиқ пешниҳод мегардад:

- Гузоштани ҳадаф ва ташкил намудани муҳит барои расидан ба он, ҳадафи худро шарҳ дода тавонистан;
- банақшагирӣ, таҳлил, тасаввурот, худбаҳодиҳии фаъолияти илмию маърифатӣ;
- пурсидани саволҳо оид ба воқеиятҳои диданӣ, ҷустуҷуи сабабҳои падидаҳо, муайян намудани фаҳмиш ё нофаҳмии худ нисбати мушкилоти омӯхташуда;
- кор бо дастурамалҳо, истифодаи унсурҳои эҳтимолият ва методи шинохти оморӣ, натиҷаҳои онро тасвир намудан ва хулосаҳои худро пешниҳод кардан;
- шифоҳӣ ва хаттӣ маълумот додан дар бораи натиҷаҳои тадқиқоти худ бо истифодаи восита ва технологияҳои компютерӣ (матн ва графикаи графикӣ, презентатсияҳо);
- доштани таҷрибаи хуби педагогӣ.

Ба ақидаи мутахассисони соҳавӣ, малакаҳои таълимӣ ва маърифатӣ - ин маҷмуи малакаи дониши хонандагон дар соҳаи фаъолияти мустақилона, аз ҷумла унсурҳои фаъолияти таълимии мантиқӣ, методологӣ, таълими умумӣ, ки бо объектҳои воқеии маърифатӣ мебошанд, ки аз ташкили мақсадҳо, банақшагирӣ, таҳлил, инъикос ва худбаҳодиҳӣ иборатанд. Дар робита бо мавзуъҳои омӯхташуда, донишу малака ва эҷодкории шогирдонро ба назар гирифта донишро мустақиман аз воқеияти атроф доштани техникаҳои таълимию оммавӣ дар ҳолатҳои ғайриоддӣ амалкунанда пурзур намудан лозим аст.

АДАБИЁТ:

1. *Бабайцева, В.В.*Системаи аъзои ҷумла дар забони муосири русӣ: Китоби дарсӣ. Барои донишҷӯён пед. Институти ихтисосхо раками 2101 «Рус. забон ё Т.». – М.: Маориф, 1989. – 159 с.
2. *Голуб, И.Б.*, Розентал Д.Е. Маҷмуаи машқҳо оид ба имло ва аломатҳои пунктуатсияи русӣ. – М.:Забони русӣ, 1990. – 190 с.
3. *Джонмахмадова, Г.* Инновационные технологии в методике преподавания русского языка как неродного (на материале средних общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения) / диссертация канд. пед. наук, 13.00.02, - 2019. - 164с.
4. Забони русӣ ва фарҳанги нутқ: Китоби дарсӣ / Л.М.Гончарова, О.Н.Лапшина ва дигарон. – М.: ИНФРА-М, 2002. – 192 с.
5. *Кабанова, С.А*. Забони ҳозираи русӣ (синтаксис): Усули таълим. дастури махсус барои донишҷӯёни филология. «Забон ва адабиёти халкхои Россия (Мокш./Эрз.). рус. забон ва адабиёт» / С.А. Кабанов, Университети давлатии Москва. Н.П.Огарева. – Саранск: Навъи. «Зебо. Октябр», 2007. – 56 с.
6. Корҳои лабораторӣ аз забони русӣ: Китоби дарсӣ. дастурамал барои студентони педагогӣ. Институти ихтисосхо «Рус. забон ё Т." / А. А. Камынина, К. И. Мишина, Л. В. Николенко ва дигарон; Эд. Л Ю.Максимова. – нашри 2, ваҳ. – М.: Маориф, 1989. – 160 с.
7. Маҷмуаи машқҳо аз забони муосири русӣ: китоби дарсӣ. кӯмак ба донишҷӯён донишгоҳҳо, донишҷӯён ихтисос доранд «Филология» / П.А.Лекант, В.В. Леденева, Т. В Маркелова, М. Тузова; Эд. П.А. Леканта. – нашри 2, стереотип. – М.: Бустад, 2001. – 304 с.
8. *Раджабов, М*. Квалиметрия педагогических исследований таджикских ученых в период государственной независимости Таджикистана / диссертация канд.пед наук, 13.00.01, - 2015. - 418с.
9. *Тоҷиев, Д.* Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис, - Душанбе, - 1962. - 92с.
10. *Шербоев, С*. Лингвометодические основы изучения синтаксиса таджикского языка в средней школе / диссертация докт. пед. наук 13.00.02, - 1992. - 432с.
11. *Ҷупашева, О.М*. Мушкилоти таҳлили синтаксисӣ: Китоби дарсӣ. – М.: Рус. забон – ВАО, - 2004. - 168 с.

АҚИДАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОЛИМОНИ ПЕДАГОГИ ТОҶИК ОИД БА СИСТЕМАИ ИННОВАТСИОНИИ ОМӮЗИШИ СИНТАКСИС

Қурбонзода Ҳусен Нурмаҳмад

Дар мақола андешаҳои назариявии олимону омӯзгорони тоҷик оид ба низоми инноватсионии омӯзиши синтаксис ва ҷанбаҳои сохторӣ ва маъноии таҳлили аъзои ҷумла баррасӣ шудааст. Ҷумлаҳо, як системаи вазифаҳое, ки ба ташаккули малакаҳои шинохт нигаронида шудаанд, аз нуқтаи назари илмӣ омӯхта шудаанд. Аъзои ҷумла дар матн, таърифи таркиб ва ифодаи онҳо дар матн мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ба хулосае омаданд, ки омузиши низоми аъзои ҷумла дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таълими синтаксис дар асоси семантикаи аъзои ҷумла, ифодаи морфологии он, инчунин ба назар гирифтани дараҷаи ҳодисаҳо. Синонимҳои грамматикӣ, ҷумлаҳои мураккаби вобаста ва тобеъ ба тайёр кардани мутахассисони дорои маҳорати баланди касбӣ мусоидат намуда, инчунин вобаста ба ин омил сатҳу сифати таълимро дар марҳилаҳои аввал баланд бардоштан мумкин аст.

Калидвожаҳо: *ҷузъи асосии ҷумла, синтаксис, воҳиди ҷумла, таълими забони тоҷикӣ, донишгоҳ, донишҷӯ*

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ ТАДЖИКСКИХ УЧЕНЫХ-ПЕДАГОГОВ НА ИННОВАЦИОННУЮ СИСТЕМУ ИЗУЧЕНИЯ СИНТАКСИСА

Курбонзода Хусен Нурмахмад

В статье рассматриваются теоретические взгляды таджикских ученых-педагогов на инновационную систему изучения синтаксиса и структурно-семантические аспекты анализа членов предложения. Предложения, система заданий, направленных на формирование умений узнавания, изучены с научной точки зрения. Изучены члены предложения в тексте, определение их структуры и выражения в тексте, и сделан вывод о том, что изучение системы членов предложения в практике учреждения высшего профессионального образования, обучение синтаксису на основе семантики членов предложения, его морфологического выражения, а также учета уровня явлений. Грамматические синонимы, сложные связные и придаточные предложения способствуют подготовке специалистов с высоким уровнем профессионализма, а также в В связи с этим фактором на первых этапах можно повысить уровень и качество образования.

Ключевые слова: *главная часть предложения, синтаксис, единица предложения, преподавание таджикского языка, вуз, студент.*

THEORETICAL VIEWS OF TAJIK SCIENTISTS AND TEACHERS ON THE INNOVATIVE SYSTEM OF STUDYING SYNTAX

Qurbozoda Husen Nurmahmad

The article discusses the theoretical views of Tajik scientists and teachers on the innovative system of studying syntax and the structural and semantic aspects of the analysis of sentence members. Sentences, a system of tasks aimed at developing recognition skills, have been studied from a scientific point of view. The members of the sentence in the text, the definition of their structure and expression in the text were studied, and it was concluded that the study of the system of sentence members in the practice of institutions of higher professional education, teaching syntax based on the semantics of the members of the sentence, its morphological expression, as well as taking into account the level of phenomena. Grammatical synonyms, complex connected and subordinate clauses contribute to the training of specialists with a high level of professionalism, and also in connection with this factor, the level and quality of education can be increased in the first stages.

Key words: *main part of the sentence, syntax, unit of sentence, teaching the Tajik language, university, student.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Қурбонзода Ҳусен Нурмаҳмад - унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, адрес: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони. А.Адҳамов, 11/2.*

Сведения об авторе: *Қурбонзода Ҳусен Нурмаҳмад - соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2.*

Information about the author: *Qurbozoda Husen Nurmahmad - researcher, Institute for the development of education named after Abdurahmon Jomi, Academy of education of Tajikistan, addres: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Adamov street, 11/2*

ТДУ 1: 574 (575.3)

АСОСҲОИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГИИ ҚОБИЛИЯТИ ОМУЗГОРИ ФАННИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Давлятбоева С. А.
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Дар замони муосир фаҳмиши беназири арзишҳои ҷамъиятӣ ва шахсии омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун қисмати муҳимми миллӣ дорои хусусиятҳои педагогии хос

мебошад. Имрӯз ягон соҳаи фаъолияти инсонро дарёфт кардан мумкин нест, ки ба тарбияи ҷисмонӣ алоқаманд набошад.

Мусаллам аст, ки агар дар хонандагон ҳавасмандӣ ба фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ташаккул ёбад, дар он сурат вай ба сарчашмаи хушҳолӣ, ки онро П.Ф. Мегафт "Ҳиссиёти баландгардидаи лаззатбарӣ" меномад, табдил меёбад. Аз таҳлили асарҳои олимон бармеояд, ки раванди таълим ба ташаккули тафаккури хонандагон мусоидат намуда, дар ин замина фаъолияти мустақилонаи онҳо дар дарс таъмин карда мешавад. Дар ин маврид академик М. Лутфуллоев фармудааст: "Муаллим роҳи таълимро интихоб намуда, ояндаи шогирдонашро пеши назар меорад, ки онҳо дар ҳаёти амалӣ бисёр масъалаҳоро мустақилона ҳал менамоянд". Вобаста ба ин, дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии соҳаи маорифи ш.Душанбе ва дигар вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ омода намудани мутахассисони баландихтисос, ки дар ҳалли масъалаҳои тарбияи ҷисмонӣ масъуланд, вазифаи аввалиндараҷаро мешуморанд.

Барои аҳли зиё, хосатан, маорифчиён боиси ифтихор ва шарафи бузург аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифро яке аз соҳаҳои афзалиятноки ҷамъиятӣ шуморида, дар пешбурди сиёсати давлатӣ ба ин соҳа диққати аввалиндараҷа медиҳад. Ҳукумати мамлакат тамоми шароитро барои омӯзишу аз худ намудани касбу кори гуногун дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ фароҳам овардааст. Дар баробари муҳайё гардонидани имконот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва фаъолияти донишкадаву филиалҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии командони соҳаи маориф дар шаҳру минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати рушди касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва баланд бардоштани технологияи педагогӣ фаъолият намуда истодаанд. Ин гувоҳи он аст, ки масъалаи омодасозӣ ва соҳибкасбу соҳибмалака гардонидани омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар кишвар дониста мешавад. Маҳз ҳамин муҳимият ва афзалиятро ба эътибор гирифта, Пешвои муззами миллат дар яке аз суханрониҳояшон таъкид намудаанд, ки "Бозомӯзии кадрҳои педагогӣ масъалаи муҳимми соҳа аст". Ҳамаи ин нақшаи фаъолияти тарбияи ҷисмониро дар системаи маълумоти олӣ объективона баланд мебардорад. Системаи ҳозираи фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки идеологияи анъанавии муносибат ба хонандагонро ҳамчун объекти таъсири ҷисмонӣ тарбиявӣ нигоҳ медорад, барои ҳалли самарабахши вазифаҳои нави дар боло зикршуда қодир нест. Аз ҷониби дигар, равишҳои муосири имрӯза ба фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои таълимии умумӣ, ки ба методологияи худидоракунии хонандагон, тарҳрезии сиёсати хонандагон ва фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятии хонандагон асос ёфтаанд, ҳанӯз асосҳои кофии илмӣ ва механизмҳои амалӣ надоранд.

Ҳамин тариқ, аҳамияти педагогӣ ва психологии ихтисосманд вобаста ба талаботи нав оид ба сифати тайёркунии мутахассисон, ки дар консепсияи навсозӣ пешбинӣ шудаанд, ва аз тарафи дигар, асосноккунии илмӣ-методӣ ва инкишоф додани шаклҳои ташкилии инкишофи худидоракунии хонандагон ҳамчун омили муҳимми ташаккули шахсияти омӯзгори оянда мебошад.

Илова бар ин, буҳрони таҳқиқот кӯшиши ҳалли зиддиятҳои зерин мебошад:

- дар сатҳи назариявӣ, байни зарурати ташкили худидоракунии хонандагон дар муассиса ва таҳияи нокифояи асосҳои консептуалии модели педагогии худидоракунии хонандагон дар шароити системаи таълимии мавҷудаи муассиса;
- фан (дониш дар соҳаи фани таълимшаванда);
- идеявию сиёсӣ (дониш дар соҳаи дохилӣ ва берунии давлат, вазъи сиёсии кишвар ва ҷаҳон);

- умумии илмӣ (дониш дар соҳаҳои гуногуни илму техника, иқтисоду молия, адабиёт ва санъат, дин ва ахлоқ, экология ва тиб, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва ғайра, ки ҷаҳонбинии умумии омӯзгорро муайян месозад);
- дониш дар соҳаи илмҳои ба ҳам наздик (шафати илме, киасосҳои онро омӯзгори фан таълим медиҳад);
- психологию педагогӣ (дониши психологияи хонандагон, психологияи азхудкунии маводи таълимӣ, принсипҳо ва усулҳои таълим);
- метафанӣ (донистани хусусиятҳо ва мантиқи фанни таълимшаванда) ва ғайра.
- ҳамаи ин донишҳо якҷоя тайёрии фундаменталии касбии омӯзгорро муайян карда ба самаранокии тарбияи педагогии ӯ мусоидат мекунад. Дар моддаи 51 оид ба уҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон гуфта шудааст.

Омӯзгорон дар раванди таълиму тарбия уҳдадориҳои зеринро доранд:

- оиннома, қоидаҳои тартиботи дохилии муассисаи таълимиро риоя намоянд;
- сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ, маҳорат ва малакаи касбии худро такмил диҳанд;
- азхудкунии барномаҳои таълимию илмиро дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот аз таълимгирандагон талаб намоянд;
- дарсҳои назариявӣ, амалӣ, таҷрибавӣ, истеҳсолӣ ва дигар намуди дарсҳо ва машғулиятҳоеро, ки барномаи таълимӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, дар сатҳи баланди касбӣ гузаронида, аз усули фаъоли таълим истифода баранд, бесабаб аз фаъолияти омӯзгорӣ худро дар канор нагиранд;
- таълимгирандагонро аз амалҳои зуроварии ҷисмонию равонӣ ҳифз намоянд ва барои пешгирии истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла оби ҷав), васоити нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводи саттаъсир корҳои таблиғотӣ баранд;
- аз доираи мавзуе, ки барномаи таълимӣ муқаррар намудааст, берун набароянд;
- дар вақти дарс телефони мобилӣ истифода набаранд;
- вобаста ба имконот дарсҳои кушод ташкил карда, падару модарони (шахсони онҳоро ивазкунандаи) таълимгирандагонро барои шинос шудан бо маҳорати касбии худ ҷалб намоянд;
- меъёрҳои санҷиш ва баҳогузориро ба дониши хонандагон дар раванди дарс риоя намояд;
- журнали синфӣ (гуруҳӣ) – ро дар доираи муқаррарот пур намоянд;
- ашёи таълимӣ, таҷҳизот ва маводи таълимиро ҳифз карда, таълимгирандагонро дар ҳамин руҳия тарбия намоянд;
- бо мақсади такмили маҳорати касбӣ ҳар 5 сол аз курсҳои такмили ихтисос гузаранд;
- меъёрҳои забони давлатиро риоя намоянд;
- дар вақти дарс ва берун аз он аз алфози қабеҳ худдорӣ намоянд;
- аз тарғиби ғояҳои бегона ва ташвиқи ҳар гуна масъалаҳое, ки аз доираи мавзуи дарс берун аст, худдорӣ намоянд;
- вобаста ба қобилият мақолаҳои оммавӣ, илмӣ таълиф намоянд.

1) Малакаҳои конструктивӣ вобаста ба интихоб ва банақшагирии маводи таълимӣ барои омӯзиш дар давраи муайян;
2) Маҳорати ташкилотчигӣ, ки бо сохтани навъҳои гуногуни дарсҳо, шаклу намудҳои гуногуни машғулиятҳои беруназсинфӣ алоқаманданд; қобилияти ташкил ва пайвастани фаъолияти коллективӣ дар кори инфиродӣ бо хонандагони лаёқатманд ва пасмонда дар ин фан;
3) Малакаи методологии вобаста ба интихоби усул, ва воситаҳои таълими анъанавӣ ва инноватсионӣ; қобилияти гузаронидани дарсҳо онлайн, донистани усул ва технологияи таълими фосилавӣ ва ғайра;
4) Малакаҳои муоширатӣ ва нутқӣ, ки асоси фарҳанги педагогии омӯзгорро ташкил медиҳанд, ки ҳангоми муошират бо хонандагон, падару модарон ва

ҳамкорон заруранд, қобилияти ташаккул додан ва нигоҳ доштани муошират шифоҳӣ риояи меъёрҳои ахлоқӣ, аз ҷумла меъёрҳои этикаи нутқ дар раванди муошират, қобилияти канорагирӣ аз ҳолатҳои муноқиша ва нокомии нутқ ҳангоми муошират бо категорияҳои гуногун ва ғайра.

Падидаи ташаккули педагогӣ-психологии қобилияти фаъолияти омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ дар ҷомеаи имрӯза яке аз масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Инчунин, хусусияти илмии педагогика ва психологияи тарбияи ҷисмониро дар замони муосир натиҷагирӣ бояд намуд. Вазифаҳои илмии педагогӣ ва психологии омӯзгорони тарбияи ҷисмониро мушаххас гардонида, принсипи истифодаи онро дар фаъолияти ҳаррӯза қобилияти ҳастии ҳаёт шуморидан мувофиқи мақсад аст.

Омӯзгор аз таҷрибаи таҳлилии худ истифода намудани қобилияти психологӣ ва педагогии тарбияи ҷисмониро ташаккул диҳад. Ҳалли масъалаҳои мубрамияти қобилияти омӯзгори тарбияи ҷисмониро ба такмили ихтисос ҳамчун омили рушди маҳорату малакала ва ҳамкории варзишгаронро дар заминаи салоҳиятҳо арзишманд бояд донист. Илова бар он, воқеъияти ин салоҳиятҳоро ба гуногуншаклии нақшаҳои намунавии хонандаро дар раванди омӯзиши педагогӣ-психологӣ ниёзманд донист.

Зеро маҳз омӯзиши ҷанбаҳои педагогӣ ва психологӣ дар шахсияти омӯзгор рисолати олии эҷодӣ, ташаккули маърифатӣ, навоварӣ ва қобилияти ҳадафҳои касбиро маъмул месозад. Ва муваффақияти қобилияти фаъолияти омӯзгорро дар шавқу рағбат ва меҳру муҳаббат доштан ба касби худ омили ягонаи падидаи ҷанбаҳои педагогӣ-психологӣ, ба замони муосир марбут донист.

Омӯзгори тарбияи ҷисмониро мебояд аз истифода намудани ин методҳо машғулияти худро бо малакаи балнд гузаронад. Омӯзгори тарбияи ҷисмониро мебояд бо истифода аз ин методҳо машғулияти худро бо малакаи баланд гузаронад.

Мустақилона мувофиқи ҳадафи бадастомада:

- татбиқи дониш;
- фаъолияти эҷодӣ;
- мустаҳкам кардан ва санҷидани маҳорат;
- ташкил намудани мусобиқаҳои варзишӣ;
- усули аёнӣ, мусиқӣ, асбобҳо, наворҳои сабқатҳои варзишӣ;
- унсурҳои усули мушаххас.

Вазифаҳои қобилиятнокии омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ дар раванди фаъолияти самаранокӣ

Табиист, ки вазифаҳои асосии ҳар як омӯзгор тарбия ва рушди хонандагон аст. Аммо ӯ боз чанд вазифаи дигар дорад, ки бояд дар хотир дошта бошад.Ин вазифаҳоро ба чанд гурӯҳҳо тақсим намудан мумкин аст:

- вазифаҳои озмоишӣ ва машваратӣ, ки агар омӯзгор дар МТМУ фаъолият кунад, бояд физиологияи одамро ҳамаҷониба омӯзад, то ҳангоми машғулият додан ва дар ташкили чорабиниҳои варзишӣ ба шогирдаш зарар нарасонад.
- вазифаҳои тарҳрезии омӯзгорон бояд қобилияти банақшагирии дарозмудат ва ҷорӣ дошта бошад. Қобилияти эҷодӣ дурнамо дар хонандагон махсусан, қобилияти таваҷҷуҳ аст, ки ин фидокории онҳоро ба таври назаррас афзоиш медиҳад.
При рассмотрении концепции здоровьесбережения, применительно к образовательному процессу, то нужно обратить внимание на объективный запрос общества, нуждающегося в формировании развитой во всех отношениях личности, способной реализовать себя, как в личной жизни, так и в профессии, внести достойный вклад в развитие общества, страны в целом.

Мы полностью согласны с позицией С. Гессана, указывающего, что работа в направлении разработки эффективных здоровьесберегающих технологий, их совершенствования, выполняемая педагогами, учёными, объективно является важнейшей задачей человекосозидающей деятельности [5].

Педагогическое воздействие на личность обучающегося, по мнению В.В. Афанасьева, Е.О. Бабич, состоит в эмоциональной мотивации на самосовершенствование и

самообразование. Раскрывая суть этого заявления, поясним, что профессиональные действия педагога формируют в сознании ученика понимание важности личностного развития. Данную задачу можно реализовать, только при условии включения в образовательный процесс технологий здоровьесбережения [2, С. 16-18].

Содействие учащимся в освоении знаний, навыков здорового образа жизни является одной из главных задач образовательного процесса. Поэтому учителя должны создать в образовательном учреждение условия, благодаря которым каждый ученик сможет эффективно реализовать свой интеллектуальный, физический потенциал, повысить мотивацию к личностному развитию, целенаправленной деятельности по самосовершенствованию, включающее в себя такие компоненты, как совершенствование когнитивных, физических аспектов.

Таким образом, в основе продуктивного взаимодействия между субъектами образовательной деятельности должна лежать педагогическая поддержка, определяющая потенциал обучающегося, возможные проблемы в обучении и пути их преодоления.

В то же время педагогическую поддержку необходимо рассматривать как специфичную технологию, посредством которой реализуются задачи учебно - воспитательной деятельности. Содержание такой технологии предполагает наличие определённых педагогических условий, формируемые преподавателем в образовательной среде, способных побуждать обучающихся к формированию в их сознании ценности здоровья и здоровьесбережения. Кроме этого, подобные технологии оказывают значительное влияние на усиление роли сбережения здоровья в самом процессе обучения и воспитания.

К педагогическим условиям, необходимым для достижения в образовательном учреждении цели здоровьесбережения, по нашему мнению, нужно отнести [11, С. 76-78]:

- знание педагогом индивидуальных особенностей личности учащихся;
- использование преподавателем методов и технологий, способствующих активизации познавательной активности обучающихся, их самообразовательной деятельности с целью освоения новых знаний, умений, навыков;
- создание в образовательном учреждение атмосферы сотрудничества, продуктивного взаимодействия;
- поддержка в учебном заведении доброжелательной атмосферы во время урочной и неурочной деятельности;
- рационально организованная педагогическая коммуникация между всеми участниками образовательного процесса.

Обратим особое внимание на последний пункт данного списка, так как педагогическое сопровождение образовательной деятельности можно описать, как продуктивное взаимодействие педагога и ученика. Данное взаимодействие позволяет вовлечь обучающегося в здоровьесберегающую деятельность, используя для этого потенциал образовательного учреждения. При этом важно сохранить баланс между здоровьем субъектов образовательного процесса и самим образовательным процессом.

Анализируя круг проблем, стоящих перед здоровьесбережением учащихся и описанных в различных работах педагогов, психологов, мы определили, что вопросы сохранения, укрепления здоровья, представляют собой базовую ценность. Найти ответы на такие вопросы можно, если использовать комплекс практических действий, обоснованных с теоретической точки зрения, направленных на улучшение здоровья человека, и общества в целом.

Исходя из выше изложенного становится очевидно, что проблемы научного обоснования модели здоровьесбережения, используемой в образовательном процессе образовательных учреждениях Республики Таджикистан, являются на сегодня актуальными и соответствующими запросам общества.

ЛИТЕРАТУРА:

1. *Абаскалова, Н. П.* Научный обзор: системный подход в педагогике здоровья / Н. П. Абаскалова, А. Ю. Зверкова // Научное обозрение. Педагогические науки. – 2016 – С. 32-45.

2. *Афанасьев, В. В*. Факторы и предпосылки социально-педагогического сопровождения обучающихся / В.В. Афанасьев, Е.О. Бабич // Среднее профессиональное образования. - 2011. - №1. - С. 16-18.

3. *Бальсевич, В. К*. Физическая культура. Молодежь и современность / В. К. Бальсевич, Л. И. Лубышева // Теория и практика физической культуры. – 1995. – № 4. – С.2-7.

4. *Бержаканова, А. Н*. Абу Али Ибн Сина и его вклад в медицину / А. Н. Бержаканова // Студенческий вестник. – 2019. – № 47-4(97). – С. 81-82.

5. *Гессен, С. И*. Основы педагогики. Введение в прикладную философию / СИ. Гессен; отв. ред. и сост. П.В. Алексеев. - М.: «Школа-Пресс», 1995. - 448 с.

6. Давиденко, Д. Н. Валеология и физическая культура // Культура физическая и здоровье. – 2008. – № 1 (15). – С. 65.

7. *Ирхин, В. Н.* Состояние, проблемы перспективы развития валеологии (по материалам международных научных конгрессов валеологов / В.Н. Ирхин, В.В. Колбанов // Научный результат. – 2014. – № 2. – С. 69-75.

8. *Казин, Э. М*. Формирование безопасного и здорового образа жизни в образовательной среде / Э. М. Казин, Н.П. Абакалова // Профессиональное образование в России и за рубежом. - 2014. - № 1 (13). - С. 50-55.

9. *Коробейников, А.А.* Актуальная европейская проблема: внедрение здоровьеразвивающей педагогики / А. А. Коробейников. – М., 2009. – 264 с.

10. *Пестерева, К. В.* Компетентностный подход в формировании здорового образа жизни обучающихся на уроках физической культуры / К. В. Пестерева, Е. А. Кублицкая // Вестник научных конференций. – 2022. – № 8-2(84). – С. 76-78.

11. *Санина, С. В.* Формирование здорового образа жизни обучающихся младшей и основной школы средствами проектной деятельности / С.В. Санина, И. В. Богатырева // Современное образование: традиции и инновации. – 2021. – № S2-1. – С. 49-58.

12. *Третьякова, Н. В*. Обеспечение качества здоровьесберегающей деятельности образовательных организаций (организационно-педагогический аспект): автореф. дис. … док. пед. наук: 13.00.01 / Наталия Владимировна Третьякова. - Екатеринбург. – 2014. – 42 с.

ФОРМИРОВАНИЕ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ УЧАЩИХСЯ – ОДНА ИЗ УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНЫХ ЗАДАЧ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

Шарифов Мирзобоки

В статье рассморены проблемы формирования здорового образа жизни учащихся, как одна из основных задач общеобразовательных учреждений. В том числе, автор статьи отмечает, что *в XX веке физическое воспитание человека стало включать в своё содержание образовательные и гигиенические задачи, приравненные к задачам общего образования, что, несомненно, является достижением педагогической науки, междисциплинарная наука о комплексном развитии детей, педология, подразумевала целостное развитие здоровья и личности ребёнка, с учётом условий социальной среды, в которую он погружён. Поэтому т*ехнологией здоровьесбережения со временем должны овладеть все учителя образовательных учреждений, так как здоровье является главной ценностью человека и общества.

Наряду с этим, автор констатирует, что содействие учащимся в освоении знаний, навыков здорового образа жизни является одной из главных задач образовательного процесса. Поэтому учителя должны создать в образовательном учреждении условия, благодаря которым каждый ученик смог эффективно реализовать свой интеллектуальный, физический потенциал, повысить мотивацию к личностному развитию, целенаправленной деятельности по самосовершенствованию, включающее в себя такие компоненты, как совершенствование когнитивных, физических аспектов.

Ключевые слова: *здоровый образ жизни, здоровьесбережение, учебно-воспитательная деятельность, учащиеся, педагогические условия, физический потенциал, мотивация, личностное развитие, образовательное учреждение, образовательный процесс.*

ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМИ ХОНАНДАГОН - ЯКЕ АЗ ВАЗИФАҲОИ ТАЪЛИМИЮ ТАРБИЯВИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Шарифов Мирзобоқӣ

Дар мақола масоили ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагон ҳамчун яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ карда шудааст. Аз ҷумла, муаллифи мақола қайд мекунад, ки дар асри XX тарбияи ҷисмонии инсон ба мундариҷаи худ вазифаҳои таълимӣ ва гигиениро дар бар мегирад, ки ба вазифаҳои таҳсилоти умумӣ баробар карда шудаанд ва ин бешубҳа дастоварди илми педагогӣ мебошад. Илми байнифаннӣ дар бораи рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон, педология, рушди ҳамаҷонибаи саломатӣ ва шахсияти кӯдакро дар назар дорад, ки бо назардошти шароити муҳити иҷтимоӣ, ки ӯ дар он қарор дорад. Аз ин рӯ, тамоми муаллимони муассисаҳои таълимӣ бояд технологияи ҳифзи саломатиро бо мурури замон азхуд кунанд, зеро саломатӣ арзиши асосии инсон ва ҷомеа мебошад.

Дар баробари ин, муаллиф изҳор медорад, ки мусоидат ба хонандагон дар азхудкунии дониш ва малакаҳои тарзи ҳаёти солим яке аз вазифаҳои асосии раванди таълим мебошад. Аз ин рӯ, муаллимон бояд дар муассисаи таълимӣ шароит фароҳам оранд, ки ба туфайли он ҳар як хонанда тавонад неруи зеҳнӣ ва ҷисмонии худро самаранок амалӣ намояд, ҳавасмандиро ба рушди шахсӣ ва фаъолияти мақсадноки худтакмилдиҳӣ, ки ҷузъҳои такмили ҷанбаҳои маърифатӣ ва ҷисмониро дар бар мегирад, афзоиш диҳад.

Калидвожаҳо: *тарзи ҳаёти солим, ҳифзи саломатӣ, фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ, хонандагон, шароити педагогӣ, неруи ҷисмонӣ, ҳавасмандкунӣ, рушди шахс, муассисаи таълимӣ, раванди таълим.*

THE FORMATION OF A HEALTHY LIFESTYLE OF STUDENTS IS ONE OF THE EDUCATIONAL TASKS OF EDUCATIONAL INSTITUTIONS

Sharifov Mirzoboqi

The article discusses the problems of forming a healthy lifestyle of students as one of the main tasks of educational institutions. In particular, the author of the article notes that in the twentieth century, human physical education began to include in its content educational and hygienic tasks equated to the tasks of general education, which is undoubtedly an achievement of pedagogical science, the interdisciplinary science of complex development of children, pedology, implied the holistic development of the child's health and personality, taking into account the conditions the social environment in which he is immersed. Therefore, health-saving technology should eventually be mastered by all teachers of educational institutions, since health is the main value of a person and society. Along with this, the author states that helping students to master knowledge and skills of a healthy lifestyle is one of the main tasks of the educational process.

Therefore, teachers should create conditions in an educational institution, thanks to which each student was able to effectively realize his intellectual and physical potential, increase motivation for personal development, purposeful self-improvement activities, including components such as improving cognitive and physical aspects.

Keywords: *healthy lifestyle, health care, educational activities, students, pedagogical conditions, physical potential, motivation, personal development, educational institution, educational process.*

Сведения об авторе: *Шарифов Мирзобоки – соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образовании Таджикистана; адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Адхамов 11/2 телефон. +992 918 76 67 66, sharifov_m@mail.ru.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шарифов Мирзобоқӣ – унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов 11/2. телефон:. +992 918 76 67 66, sharifov_m@mail.ru.*

Information about the author: *Sharifov Mirzoboqi – candidate of the Institute of Educational Development named after Abdurakhmon Jami Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, tel. +992 918 76 67 66, sharifov_m@mail.ru.*

АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ИҶТИМОИШАВИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Котибова Ш.П.
Фозилов Ш. О.

Ҷамъияти кунунии донишҷӯён дар байни проблемаҳои педагогӣ мавқеи муҳимро ишғол намуда, яке аз масъалаҳои тезу тундтарин ба шумор меравад ва дурнамои рушди муассисаҳои таҳсилоти олиро муайян мекунад.

Ташаккули шахсият дар давраи дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷомеа падидаи нави таълим, навсозии мундариҷаи таълиму тарбия, таҳияи технологияҳои инноватсионии ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо мекунад. Самт, максад, хусусияти амалигардонии ҷараёни иҷтимоишавии донишҷӯён, ташаккули онхо хамчун субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳамчун мутахассис ташаккул ёфтан ба хусусиятҳои сифатии пешомадҳои тараққиёти ҷомеаи муосир бештар таъсир мерасонад.

Бо назардошти талаботи ҷомеа барои нигоҳ доштани субот ва рушди минбаъдаи он чунин шахсеро ташаккул додан лозим аст, ки бо фаъолият, ҳаракати иҷтимоӣ, салоҳияти касбӣ, қобилияти баланди мутобиқшавӣ дар вазъиятҳои душвор, мустақилият дар қабули қарорҳо, масъулиятшиносӣ хос аст.

Маҳз донишгоҳҳо ҳамчун муассисаҳои иҷтимоӣ метавонанд мутахассисонеро, ки дар бозори меҳнат рақобатпазир ва ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқанд, омода созанд.

Барои ноил шудан ба мақсади тайёр кардани шахсияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок мазмуни таълим, шаклу усули кор, донишгоҳҳо бояд ибтидои иҷтимоидошта, аз ҷиҳати иҷтимоӣ шартӣ бошад.

Барои муайян кардани натиҷаҳои иҷтимоисозии донишҷӯён, усули ташхисии муайян кардани сатҳи иҷтимоӣ заруранд, то тавонанд сари вақт ба мақсад, вазифаҳо, мазмуни иҷтимоикунонӣ тағйир диҳанд ва дурнамои рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро муайян кунанд.

Дар замони муосир ақидаҳои олимон оид ба масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯён шиддати махсус пайдо кардааст. Раванди дарки асосҳои назариявию методологи ба амал меояд, эҷодиёти классикон намояндагони самтҳои гуногун ва муассисаҳои гуногуни илмӣ аз нав таҳлил карда мешаванд (Э. Дюркгейм, Ч.Х, Кули, Дж.Г. Мид, Т Ларсонс, Р. Сорокин ва дигарон).

Падидаҳои назариявии муосири омӯзиш дар ҷомеаи муосир дар асарҳои олимони хориҷи кишвар Г.М. Андреева, Б.М Бим-бад, Н.Ф.Голованова, А.И. Ковалева, И. Кона, А. В. Мудрик, А.В. Петровский, М. Р Шилова ва дигарон инъикос ёфтаанд. Ин олимон моҳияти иҷтимоишавии донишҷӯён, мақсадҳо, механизмҳо, омилҳо, муассисаҳои таълимиро пешниҳод карданд.

Таъсири хусусиятҳои давраи таърихӣ ба муваффақияти иҷтимоисозии шахсиятро дар осори В.С. Агеев, А.Т. Асмолов, Ҷ. Л. Х. Гумилёв, А.Я. Гуревич, М. С. Каган

мушоҳида кардан мумкин аст. Ба ҷанбаи ҳамкории муассисаи таълимӣ бо муҳити зист (Л.П. Буева, Б.С. Вулфов, А. В. Луначарский, А. С. Макаренко, В.Д. Семёнов, С. Т. Шацкий,), ба омӯзиши масъалаҳои иҷтимоии педагогии даврaҳои кӯдакӣ, ҷавонӣ ва нақши оила дар ҷомеашиносии ҷавонон (И.С. Кон, Б . Ж.Левы, А. В. Мудрик, В. М. Титаренко, С.Н. Щеглова,), ба инкишофи масъалаҳои ташаккули шахсият (Ш. А. Амонашвили, В. Т. Асеев, В. И. Андреев, Л. И. Анциферова, К. Д. Бердяев, Б. Н. Бессонов, М. Е., Дуранов, В. А. Караковский, С. Е. Матушкин, В. С. Марков, П. И. Чернецов, Н. Е. Щуркова), дахл кардан муҳим аст.

Вақтҳои охир таваҷҷуҳ ба дурнамои рушди маориф, ислоҳоти низоми таҳсилоти олӣ, нақши муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ ва равандҳои инноватсионии дар онҳо ба амаломада асоснок карда мешавад, ки дар ин замина олимон Б. С. Гершунский, С. Н. Еремин, В. И. Жуков, Л. Иосилевский, А. Киринюк, В. Т. Разумовский, А. Е. Рогова, Е. А. Соколков, А. Суханов, Ю. Г. Татур таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

Дар бораи сифати тайёр кардани мутахассисон ва талабот ба тайёрии касбӣ (О. А. Абдуллина, В. Айнштейн, Ю, Бабаев, Н. Б. Крылова, В. Д. Шадриков), зарурати тартиб додани нақшаҳои нави таълим ба миён меоянд. Стандартикунонии таълим, китобҳои дарсӣ, технологияи нав, усули муосири таълим, тарбия ва рушд, ки бо ёрии онҳо принсипҳои таълим амалӣ карда мешавад, дар асарҳои С.И. Архангельский, В. С. Валицкая, А. И. Субетто, Т.А.Стефановская, Л.Тюрин инъикос ёфтаанд.

Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки мушкилоти иҷтимоишавии донишҷӯён таваҷҷуҳи файласуфҳо, ҷомеашиносон, равоншиносон, омӯзгоронро ба худ ҷалб мекунад, аммо раванди иҷтимоишваии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, махсусан дар Донишкадаи олии сарҳадии кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст.

Таҳлили таҳқиқот нишон дод, ки дар назарияи педагогӣ байни зарурати иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва набудани технологияи иҷтимоӣ, усули ташхиси муайян кардани натиҷаҳои иҷтимоисозии шахсият ихтилофи объективӣ мавҷуд аст.

Ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши ҳалли ин зиддият, ки барномаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок, методологияи ориентацияи иҷтимоишавии донишҷӯён ва эҷоди технологияи самарабахши иҷтимоишавии донишҷӯёнро талаб мекунад, як масъалаи таҳқиқотӣ мебошад, ки барои рушди педагогикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муҳим мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки иҷтимоишавии донишҷӯён ба ҳисси кунҷковии онҳоро инкишоф додан вобаста буда, ҳиссиёти масъулиятшиносӣ барои азхудкунии дониш на танҳо барои бомуваффақият супоридани имтиҳонҳо, инчунин барои дар оянда беҳтар омода шудан ба фаъолияти касбӣ ташаккули шахсият заруранд. Роҳи беҳтарини иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯён ва фаъолгардонии маърифати онҳо на дар усули махсуси омӯзгор аён мешавад, балки дар кори бонизом ва баланд бардоштани кунҷковии донишҷӯён, ташаккули масъулият ва вазифа истифода бурда мешавад. Ҳамин тавр, ҷалби донишҷӯён ба корҳои иҷтимоӣ ва ҳавасмандии онҳо ба фаъолияти иҷтимоӣ ба ташаккул ёфтани шахсияти онҳо ва муносибати масъулиятнок ба таълим ва ҳаёти иҷтимоӣ мебошад.

Масъалаи иҷтимошавии донишҷӯён мураккаб мебошад. Барои мо интихоби асоси методологии халли ин гуна масъала ниҳоят муҳим аст. Чунон, ки комилан дуруст кайд кардааст Т. Гаранов ва Е. Яковлев, равиши фаъолият, аз як тараф, роҳи тезонидани пешрафт дар соҳаи таълими фанҳои гуманитарӣ, аз тарафи дигар, муҳимтарин омили бозсозии сохтори таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус дар ҷумҳурии мо мебошанд.

Моҳияти равиши иҷтимоишавӣ дар адабиёти муосир комилан кушода шудааст (масалан, асарҳои В.Т.Афанасьев, В.Г. Ананьев, С.Я.Батыщева, Л.П.Буевой, А.М. Волкова, В.А. Дмитриенко, М.С. Кагана, Э. Х. Юдина ва дигарон).

Асосгузорони ин равиш дар бораи авалият доштани зиндагии воқеии инсон таваҷҷуҳи худро ба баъзе вариантҳои сохтории тамоми намудҳои фаъолияти инсон ҷалб намуданд. Ин консепсияи таҳияшудаест, ки имкон медиҳад, ки объектҳои гуногуни консептуалӣ ва иҷтимоӣ ба таври кофӣ тавсиф карда шаванд. Ҳамаи онҳо ё субъектҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ва хосиятҳои онҳо, ё объектҳои ин фаъолият ва хосиятҳои онҳо мебошанд. Азбаски фаъолият шеваи ҳастии инсон аст, қобилияти амал кардан муҳимтарин сифати иҷтимоии ӯ буда, ӯро субъекти ҳаёти воқеии иҷтимоӣ месозад. Бояд қайд кард, ки аз баски ин сифат ба ҳама одамон яксон хос аст, дар бораи дараҷаи инкишофи субъективии шахсият, фаъолияти ӯ, дараҷаи фаъолияти субъективӣ, аҳамияти иҷтимоии сифатҳои муайяни шахс, дараҷаи иҷтимоии шахсият сухан рондан мумкин аст. Биёед хусусиятҳои умумии фаъолиятро муайян кунем. Дар адабиёти муосир қисмҳои таркибии фаъолият ҷудо карда мешаванд, масалан: мақсад – восита – натиҷа, субъекти фаъолият – раванди фаъолият ва маҳсули фаъолият.

Тамоми унсурҳои фаъолият дар асарҳои М. Лутфуллозода пурра инъикос ёфтаанд. М. Лутфуллозода таъкид кардааст, ки «амале, ки иҷро мекунад, ки ба вазифа мувофиқ аст, вазифа мақсадест, ки дар шароити муайян дода мешавад»[6:107]. Муайянии мақсад ҳамеша бо ҷенаки итминони иҷтимоии худи субъекти фаъолият муайян карда мешавад. Объектҳои иҷтимоӣ хеле мушаххас буда, характери субъект-объект ё субъект-субъект доранд, вале пеш аз ҳама, дар ҳар ду маврид ин амали мутақобила ба фаъолият асос меёбад. Дуюм, объектҳои иҷтимоӣ дар ҳоли рушд ҳастанд, ки онро механизми фаъолият низ таъмин мекунад.

Аз ин рӯ, иҷтимоишавии донишҷӯёнро дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз нуқтаи назари равиши фаъолият баррасӣ кардан маънои расидан ба як навъ барномаи таҳқиқотиро дорад, ки аз ҳадафҳои муассисаи таълимӣ, ҳадафҳои донишҷӯёни донишгоҳҳо, фаъолияти субъектҳо ва натиҷаҳои комёбиҳо нисбат ба масъалаҳои иҷтимоӣ иборат мебошанд.

Иҷтимоишавӣ, як соҳаи муайяни фаъолияти инсон аст, ки сифати он бо як қатор мушаххасот муайян карда мешавад. Ичтимоӣ-маданӣ ба дараҷаи таълим, тарбия, ба сифати таълим ва ғайра вобаста аст. Иҷтимоию - иқтисодӣ аз рӯй хусусиятҳои моликият – бо китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълим, барномаҳо, усулҳо, технологияҳои инноватсионӣ ва ғайра таъмин карда мешавад. Техникӣ ва гигиенӣ аз шароити таълим, воситаҳои техникии таҷҳизонидани раванди таълим ва дигар ашё вобаста аст. Муносибати шахсӣ ин самти асосии омӯзгор, мавқеъ дар муносибат бо ҳар як донишҷӯ ва гуруҳ мебошад. Ин муносибат ба ҳар кас ҳамчун субъекти мустақил, эҷодкор, масъулиятнок аст. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки ба тарбиятгиранда барои дарки худ ҳамчун шахси қодир ба худ ташаккул, худмуайянкунӣ, худшиносӣ кӯмак расонад.

Таҳлили фаъолияти таълимӣ дар раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ нишон медиҳад, ки моҳияти ҳамаи принсипҳои дидактикӣ асосан барои тамоми муассисаҳои таълимӣ якхела аст. Аммо, баъзе принсипҳо барои таҳсилоти умумӣ ҳиссаи бештар доранд, дигаре барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ; ҳар як принсип хусусияти зуҳуроти худро дар шароити низоми таҳсилоти олӣ дорад. Дар асоси дастовардҳои дидактика, мундариҷаи принсипҳои дидактикиро нисбати таҳсилоти олӣ аз ҷиҳати манфиатҳое, ки моро ҷалб мекунад (иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ), баррасӣ мекунем.

Принсипи таълимии тарбия маънои онро дорад, ки доштани малакаи дониш ва қобилиятҳо ҳамзамон шахсияти донишҷӯёнро ташаккул медиҳад. Азбаски шахс тамоми умр худро тарбия мекунад, вазифаи таҳсилоти олиро танҳо тайёр кардан маҳдуд карда наметавонад. Хусусиятҳои педагогии ҷавонон барои ташаккули эътиқод, нуқтаи назар, рафтор, муносибати муайян ба ҳаёт ва кор заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Тарбия пеш аз ҳама дар ҷараёни таълим сурат мегирад. Намояндагони беҳтарини афкори педагогии рус В. Г. Белинский, А. И. Герцен, Н. И. Пирогов, К. Д. Ушинский, Н.

Г. Чернышевский ва дигарон ҳамеша иқтидори бузурги маърифати илмиро қайд карданд. Асосноккунии мукаммал ва амиқи масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯёнро моҳият ва роҳҳои тарбияи таълимӣ ва шароити самарабахши онро асоси назарияи таълим, ки педагогика ба он такя мекунад, асоснок ва ҳамаҷониба муайян мекунад.

Таҳсил дар раванди иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар рӯҳияи демократӣ сурат мегирад, ки ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият нигаронида шудааст. Вазифаҳои тарбиявии дар ҳар як марҳилаи мушаххас, барои шахсе, ки дорои сифатҳое мебошад, ки ҳаёт, истеҳсолот ва муносибатҳои иҷтимоӣ талаб мекунад, фармоиши иҷтимоӣ ташкил карда мешавад.

Пеш аз ҳама, дар ҷараёни таълим донишҷӯён як системаи воқеии илмиро дар бораи табиат ва ҷомеа аз худ мекунанд ва ҷаҳонбинии демократиро ташаккул медиҳанд. Ҳама гуна мавзӯъ имкониятҳои баррасии масъалаҳои фалсафиро барои фаҳмидани ғояи аҳамияти ҷаҳони объективӣ ва шинохти он фаро мегирад.

Донишҷӯён асосҳои илмҳои ҷамъиятиро омӯхта, фаҳмиши демократии зуҳуроти ҳаёти иҷтимоиро амиқтар месозанд, муҳимтарин қоидаҳоеро дарк мекунанд, ки шуури ҷамъиятӣ ҳаёти моддии ҷомеаро инъикос мекунад, ки оммаи меҳнат қувваи пешбарандаи рушди таърихӣ мебошад. Дар асоси таҳлили таҷрибаи иҷтимоию таърихии инсоният ва рӯйдодҳои муосир, хонандагон ба ногузирии рушди мактаб боварӣ доранд ва нақши худро дар ин мубориза дарк мекунанд. Унсури муҳимми курси лексияҳо ва семинарҳо ин танқиди баланд шудани сифати дониш ва ахлоқи он, ифшои хусусияти синфии онҳо мебошад.

Воқеан, фаъолсозии ҷараёни таълим, бешубҳа, такмили мундариҷа, усул ва шаклҳои ташкилии он мебошад. Худи мундариҷа, усул ва шаклҳои ташкилӣ мувофиқи принсипҳои дидактикӣ муайян карда мешаванд. Аз ин рӯ, фаъолсозии ҷараёни таълим пеш аз ҳама бо роҳи моҳирона ва огоҳона ба роҳ мондани ин принсипҳо аз ҷониби устодони кафедраҳо ва ҳар як омӯзгори донишгоҳ алоҳида таъмин карда мешавад.

То ба ҳол дар бораи принсипҳои дидактикаи донишгоҳӣ тавофуқе ба даст наомадааст. Баъзе муаллимон (асосан муаллимони мактабҳои олӣ) чунин мешуморанд, ки принсипҳои дидактикии мактабҳои миёна ба мактабҳои маълумоти олӣ татбиқ карда намешаванд, таълимро дар мактабҳои олӣ шарҳ намедиҳанд.

Таълим раванди мураккаб буда, ворид кардани навовариҳоро дар ҷараёни дарсдиҳӣ ва хониши ҳаррӯза талаб менамояд, ки дар натиҷа дар ҷараёни таълиму тарбия хонандагон ташаккул ёфта, ягон ҷабҳаи таҷрибаи ҳаёти ҷамъиятӣ-таърихии наслҳои гузаштаро фаро мегиранду бо донишҳои муосир онҳоро инкишоф дода, дар ҳаёти рӯзмарраи хеш аз он самаранок истифода мебаранд. Асосҳои назариявии таълим ва тарбия ба он равона гардидааст, ки мафкура, дарки сиёсат, маърифати илмӣ, ахлоқи ҳамида, адабиёт ва мероси пуразиши ниёгон, дастовардҳои варзишӣ, комёбиҳои санъат ва дигар комёбиҳои миллӣ боиси ифтихори насли наврас гардида, барои мустақилона фаъолият намудани онҳо мусоидат мекунад.

Дар Тоҷикистони азизи мо дар ҷараёни таълими аз дарёфти босалоият, ки дар пояи мустақилона пеш бурдани раванди таълим, озодона баёни фикр дар ҷараёни дарс, дар шакли мубоҳисаҳо сурат гирифтани муошират дар байни хонандагон идома меёбад, далолат бар он мекунад, ки фарди ҳаматарафа дар симои насли наврасу ҷавонон дар гулгулшукуфоии давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон нақши муассир мегузорад. Тавре дар ин бобат Президенти кишвар дар суханронии худ ба ифтихори Рӯзи дониш дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб чунин суханонро иброз дошта буданд: «Ҷаҳони муосир тақозо мекунад, ки бо дарназардошти ба раванди таҳсилот ворид гардидани принсипи салоҳиятнокии касбӣ меъёрҳои нави давлатии таълим такмил дода шуда, вобаста ба ин, барои ҳамаи зинаҳои таълим китобҳои нави дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ таҳия карда шаванд. Бо дарназардошти ин ҳадаф, ки ба рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии давлат таъсири ҷиддӣ мерасонад, бояд ҳар як фарди бонангу номус,

равшанфикру маърифатпарвар, худшиносу худогоҳ ва ватандӯсту ватанпараст барои рушди пайгиронаи соҳаи маориф саъю талош намояд ва бо ҳамин роҳ саҳми арзандаи худро барои ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ гузорад»[Эмомалӣ Раҳмон. Дар суханронӣ ба ифтихори Рӯзи дониш дар Донишгоҳи давлатии Кулоб].

Таълим фаъолияти якҷояи муаллим ва хонандагон дар давраи муайян дар ҳудуди мактаб ва синфхона амалӣ гардида, фаъолияти омӯзгор дар бобати додани донишҳои нав ба воситаи шаклҳои гуногуни дарс ва корҳои беруназсинфӣ амалӣ мегардад. Фаъолияти хонанда дар пояи аз худ намудани донишҳо ба таври хондану навиштан амалӣ карда мешавад. Беҳуда нест, ки Президенти кишварамон дар суханрониҳои худ рисолати омӯзгорро дар ҷомеа баръало нишон додаанд: «Омӯзгор дар меҳвари соҳаи маориф қарор дорад ва сатҳу сифати дониши шогирдон ва тарбияи шоистаи онҳо маҳз ба донишу таҷриба, малакаву маҳорати касбӣ, усули таълим ва дигар паҳлуҳои фаъолияти шахсии омӯзгор вобастагии зич дорад».

Муаллим дар тамоми давру замон ба сиёсати давлат пайравӣ намуда, ба манфиати ҷамъияту давлат дар омода намудани насли навраси созанда кор мекунад. Муаллим як қисми таҷрибаи одамонро, ки бояд хонандагон аз худ кунанд, ба онҳо ёд медиҳад ва худро аз ҷиҳати одобу рафтор, донишу гуфтор, маърифату маданият ҳамчун намунаи ибрат нишон дода, барои фаъолияти мустақилонаро касб намудани донишҷӯ намунаи ибрат мегардад. Аз фаъолияти неки устод ва тарзи дарсбарии он донишҷӯ ё толибилм ба худ малакаҳои озодона баён кардани фикри худ ва муносибати мустақилонаро дар ҷараёни дарс ба даст меорад. Яъне ин маънои онро дорад, ки омӯзгоре, ки касби худро дӯст медорад ва дар раванди дарс озодона бо донишу ҷаҳонбинии васеъаш ба донишҷӯ тадрис медиҳад, аз ин амали ибратбахши устод толибилм ба худ ин чизҳои худро ҳамчун эталон қабул менамояд. Зеро толибилм ҳамеша ба калонсолон, махсусан, ба устодони хеш пайравӣ мекунанд. Гузашта аз ин, вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгор, ки аз дарсдиҳиву тарбия аст, ин масъулият аз ӯ тақозо менамояд, ки фанни худро хуб донад, маҳорати ташкили раванди таълиму тарбияро доро бошад, бо усули нави таълим шинос бошаду онҳоро устодона дар ҷараёни дарс корбурд намояд, то ки онро хонанда ҳамчун омили эҷодкорӣ ба худ қабул намояд.

Устод ҳамчунин дар раванди таълим равоншиносӣ воқеӣ бошаду хислату характер ва хусусиятҳои инкишофи фикрии кӯдаконро ба хубӣ фаҳмад ва онро ба самти дуруст равона карда тавонад. Омӯзгор тавассути донишҳои омӯзгорӣ, равонию методӣ имкониятҳои донишгирии шогирдонро дарк намуда, роҳҳои пайдо намудани сифатҳои ҳамидаи инсониро дар онҳо ташаккул диҳад, ки ин ҷиҳат низ барои мустақилона фаъолият кардани толибилм дар ҷараёни таълим мусоидат мекунад.

Хониш раванди фаъолияти маърифатии толибилм буда, дар ҷараёни он қувваи фикрию зеҳнӣ, вижагиҳои ахлоқӣ, иродаи қавии шахсӣ ва диду дидгоҳ ва муносибати интиқодии хонанда ба воситаи он падид омада, бо роҳҳои муайяни азхудкунии дониш дар ниҳоди хонанда шакл мегирад. Дарсдиҳию хониш–ҳар ду раванди ягонаи таълиму тарбия маҳсуб меёбанд ва дар мактабу донишкадаву донишгоҳҳо дар робитаи мутақобила амалӣ карда мешаванд. Дарси устод ҳамон вақт натиҷабахш аст, ки инкишофу фаъолиятнокӣ, имконияту маҳорат ва дониши хонандагонро аз эътибор дур насохта, ба он бо назари хайрхоҳонаву некбинона муносибати худро равона бояд сохт.

Таълим ҳамчун яке аз намудҳои фаъолияти маърифатию дарккунӣ аз ҷониби муҳаққиқону олимон эътироф гардидааст ва ин назария кайҳо боз аз ҷониби олимони соҳаи педагогика дар раванди таълим ҳамчун ҷанбаи хубу дорои аҳамияти бузург амалӣ карда мешавад. Хонанда танҳо ба воситаи таълиму азхудкунӣ дар раванди таълим инкишоф ёфта, олами берунаро маърифат мекунаду дарк менамояд. Маълум мегардад, ки хониш яке аз намудҳои фаъолияти маърифатии хонанда зери роҳбарӣ ва роҳнамоии омӯзгор амалӣ карда мешавад. Омӯзгор ҳангоми дарсдиҳӣ ва омодагӣ ба он чуқуру васеътар бо маводҳои иловагӣ шинос мегардад, мазмуну усули навро меҷӯяд, доир ба

баланд бардоштани савияи дониш, маънавиёт, майлу ҳавас, талаботу имкониятҳои шогирдон андешаи амиқ карда, чун дӯстдорандаи касби хеш бояд устокорона хусусиятҳои фардии ҳар як хонандаву донишҷӯро ва роҳу усули ба онҳо таъсиррасониро кашф ва дар асоси он ҷараёни дарсро ба роҳ мемонад ва майлу хоҳиш ва рағбати донишҷӯёнро бедор ба илмомӯзию донишандӯзӣ мекунад.

Ба устоди дарсдеҳ ғайр аз доштани донишу маҳорати хуби омӯзгорӣ ва дарсдиҳӣ, инчунин намудҳои дигари маърифатию маънавӣ барои пешбурди маҳорати касбӣ низ лозиманд, то ки аз ин омилҳои хуб донишҷӯ ба худ чизҳои хубро фаро гирад. Намудҳои дигари маърифатиро дар фаъолияти омӯзгор илм, санъат, бозӣ, меҳнат, навиштани корҳои мустақилонаи илмию оммавӣ ва ғайраҳо ташкил медиҳад, ки инсон тавассути онҳо асрори олами берунаро дарк мекунад.

Раванди таълим ҳамчун омил ва сарчашмаи асосии маърифат, назарияи материализми диалектикиро дар бораи донисташавандагии одам ба сос гирифта, мақсади асосии он раҳоӣ бахшидани ҷомеаи инсонӣ аз торикӣ ва ҷаҳолат ба ҳисоб меравад. Тибқи таълимоти диалектикаи материалистӣ олам аз модда, ҷисмҳо таркиб ёфта, доимо дар ҳаракат, тағйирёбӣ ва аз як шакл ба шакли дигар гузаштан мебошад. Одам ҳам олами атрофро маърифат карда, роҳҳои ба он таъсир расонидан ва аз он дуруст истифода бурданро мефаҳмад ва дар ин замина худаш ҳам инкишоф меёбад. Зинаҳои маърифатии одамон оид ба дарки сирру асрори олам чандин марҳиларо тай намудаанд: Якум, зинаи маърифати ҳиссӣ ё донишҳои рӯзмарра, ки кӯдак дар ҷараёни он дар бораи ҳодисаю чизҳои табиату ҷамъият мустақиман тасаввурот пайдо мекунад. Ҳар қадар ҳиссиёти кӯдак бештар инкишоф ёфта бошад, вай дар синфҳои ибтидоӣ бо завқу хоҳиши баланд мехонад. Ӯ дар натиҷаи робитаи зич доштанаш ба олами беруна донишҳои рӯзмарраро ҳосил намуда, онро пайваста такмил медиҳад.

Дуюм, омили маърифати абстрактӣ буда, аз худ кардани низоми мафҳумҳоро фаро мегирад. Дар ин марҳила таълиму тарбияи дурусти мактабӣ зарур аст, ки хонанда тавассути мазмуни фанҳои алоҳида–риёзӣ, кимиё, физика, таърих, забону адабиёт ва ғайраҳо олами атрофро омӯхта, асоснок маърифат намояд. Агар дар марҳилаи аввал ба воситаи органҳои ҳиссиёт чизҳо, ашёи гирду атроф, номи мафҳумҳои табиӣ–дарёҳо, паррандаҳоро медониста бошанд, дар марҳилаи дуюм, яъне дар марҳилаи маърифати абстрактӣ хонандагон мафҳумҳо, қоидаҳо, теоремаҳоро объективан чуқуру васеъ маърифат мекунанд. Маърифати конкретӣ ва абстрактӣ ба инкишофи фикрии хонандагон таъсири гуногун расонида, бештар зиддиятро дар кори маърифаткунӣ ба вуҷуд меоранд, ки як намуди фаъолияти маърифатӣ бар зарари намуди дигаре шуда метавонад. Аз ҳамин сабаб, омӯзгори синфи ибтидоӣ бояд донад, ки кадом фаъолият ба инкишофи фикрии бачаҳо мусоидат карда, барои бартараф сохтани камбудиҳои доштаи онҳо кӯмак расонида метавонад.

Дар ҷараёни таълим марҳилаи олии маърифат низ вуҷуд дорад, ки дар асоси тафаккури абстрактӣ инкишоф ёфта, тасаввуроти хулосавии хонандагонро дар бораи олами атроф ҳосил менамояд. Ин шакли маърифат ба ташаккул ёфтани ақидаҳо, андешаҳо, хулосабарорӣ ва васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ оварда мерасонад. Омӯзгорони соҳибтаҷриба ҳам дар синфҳои ибтидоӣ ва ҳам дар синфҳои болоӣ ва ҳам дар донишгоҳҳо барои ҳар марҳилаи маърифатии толибилмон вазифаҳои махсуси таълимӣ гузошта, ҷараёни инкишофи фикрии онҳоро дуруст ба роҳ мемонанд. Инкишофи фикрии бача ё толибилмон то як андоза аз ҳарчӣ тезтар беруншавӣ ва даст кашидан аз қолаби куҳнаи таълим ва тарбия сахт марбут аст. Таълим – суръати инкишофи психикӣ, фардӣ, интиқодии хонандагонро метезонад. Кӯдак аз рӯзи таваллуд ба инкишоф оғоз мекунад ва то ба мактаб омадан фаъолияти асосии вайро бозӣ ва меҳнати зӯррас ташкил медиҳад. Баробари ба таҳсил дар мактаб омадани кӯдак, ӯ ба олами донишҳо, мафҳумҳо, қонуниятҳо ворид мешавад. Дар муддати нисбатан кӯтоҳ вай донишҳои дар давоми асрҳо андӯхтаи одамонро аз худ мекунад ва ҳамин донишҳо инкишофи фикрӣ ва

андешаронии хонандагонро таъмин менамоянд. Баъзан аз сабаби нодуруст истифода бурдан аз методи муносибат, ҳавасмандгардонию равонасозии муаллимон, бачаҳо аз таълим ва таҳсил дилхунук мешаванд. Кӯдаки имрӯза, ки дар шароити муосир тавлид шудааст аз ҷиҳати зоҳирӣ ва ҷисмонӣ аз кӯдаки чанд аср муқаддам тавлидгашта фарқи куллӣ надорад. Лекин агар бача мактаби муосирро хатм кунад, бо фаҳмиши техникию технологӣ ва ҷаҳонбинию зинаи маърифаташ аз ҳамсолони қарнҳои пештара ба куллӣ фарқ мекунад, ки инро ба осонӣ дидан мумкин аст. Таълим аз маърифати илмӣ тафовути калон дорад, зеро дар рафти таълим фаъолияти бозӣ, меҳнатӣ, фикркунӣ ва масъалагузорӣ истифода бурда мешавад. Мақсади асосии таълим аз он иборат аст, ки дар ҷараёни он бачагон дониш гиранд, мундариҷаи фанҳоро аз худ намоянд ва тамоили муайянро барои ояндаашон интихоб намоянд.

Дониш ба толибилмон ҳангоми бозӣ ҳамчун унсури ёрирасон ёрӣ мерасонад. Дар фаъолияти меҳнатӣ бошад, нишондиҳандаи асосии натиҷаи меҳнат дониш аст. Дар рафти меҳнат дониш бойтар мегардад, сайқал меёбад ва роҳу усули нави ҳосилнокии меҳнат, иҷрои бехатаронаи он пайдо мегардад. Таълим аз маърифати илмӣ боз бо он хусусияташ фарқ мекунад, ки дар раванди таълим мақсади маърифат аз худ кардани маводи хониш аст, ки бе фаъолияти меҳнатӣ иҷрояш муяссар намешавад. Илм ин ҳодисаю падидаҳоро дар алоқамандӣ тадқиқ намуда, ба воситаи қонуният ва донишҳои дар китобҳои дарсӣ ва дигар сарчашмаҳо маҳфуз буда маърифат менамояд. Олими соҳа вақти маърифати илмӣ, масъалаи тадқиқотиро тавассути формулаҳо, теоремаҳо ва ё санҷишу озмоишҳо иҷро менамояд.

Вазифаҳои раванди таълимро олимон ва омӯзгорон дар се омил асоснок ва муайян кардаанд:

а) *вазифаи маълумотдиҳӣ ё маърифатӣ*;б) *вазифаи инкишофдиҳӣ*;в) *вазифаи тарбиявӣ ё тарбиядиҳӣ*.

Вазифаи маълумотдиҳӣ ё маърифатии таълим онро талаб мекунад, ки толибилмон донишҳоро аз худ кунанд, дар онҳо маҳорату малакаҳои фаъолияти хониш ташаккул ёбад, ба хондан ва мутолиаи мустақилона муҳаббат пайдо намоянд ва ҳамеша дар ҷустуҷӯй сирри ҳастӣ бошанд.

Вазифаи инкишофдиҳии таълим пеш аз ҳама бояд пешрафт, инкишофи фикрии хонандагонро таъмин намояд. Як ё маҷмуъи донишҳо метавонанд ба дараҷаи инкишофи ақлонии хонандагон таъсир расонанд. Инкишофи дониш, малака ва маҳорати хонандагон аз сабаб ва омилҳои зиёди ҳавасмандкунӣ, назорат ва танбеҳдиҳию роҳнамоии педагогӣ вобаста мебошанд. Дар тадқиқотҳои илмӣ ва таҷрибаи педагогӣ қобилияти фикрӣ ва инкишофи ақлии хонандагон гуногун ва зиддиятнок баҳогузорӣ карда мешавад. Фаъолияти таълим ва хониш бояд ҳамеша барои баланд бардоштани дараҷаи инкишофи фикрӣ – маърифатии хонандагон равона карда шавад.

Вазифаи сеюми раванди таълим – тарбиявӣ ё тарбиядиҳӣ мебошад, ки дар ҷараёни он хонандагон ҳам ба таълим ва ҳам ба тарбия фаро гирифта мешаванд. Дар хонандагон тавассути тарбия ҳисси ватандӯстӣ, сифатҳои ахлоқӣ, ақидаҳо, эътиқод, ҳисси зебоисандӣ, интизомнокӣ, меҳнатдӯстӣ ташаккул меёбад. Дарки вазифаҳои раванди таълим ба муаллими ҷавон мадад мерасонанд, ки ҳангоми кор онҳоро аз мадди назар дур накарда, мувофиқи мақсади дар наздаш гузошта корро ба роҳ гузорад. Муаллим бояд мунтазам ба инкишофи ақл, ҳиссиёт, иродаи бачагон таъсир расонда, сифатҳои одаму одамгариро дар онҳо пайдо намояд.

Иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир доир ба тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар мактабҳои олии омӯзгорӣ ва ҳарбӣ дар сурате имконпазир мегардад, ки агар онҳо дар баробари донишҳои назариявии марбути ихтисосашон дар мактаб, ҳамчунин, бо силсилаи дониши фанҳои педагогӣ – педагогика, психология ва методика (методикаи таълими фанни мушаххас, масалан, методикаи забони тоҷикӣ) ҳам мусаллаҳ карда шаванд. Он донишҳои

педагогӣ ба донишҷӯён, агар аз як тараф ба тавассути қироати лексияву ташкили дарсҳои амаливу таҷрибавии устодон ва бо роҳи сафарбар намуданашон ба таҷрибаи педагогӣ (омӯзгорӣ)-и кӯтоҳмуддат ва ё дарозмуддат, ки таҳти сарварии устодон аз се кафедра (педагогика, психология ва методикаи таълим) таъсис дода мешавад, баррасӣ гардад, аз тарафи дигар, бо роҳи китобҳои дарсии фанҳои мазкурро мустақилона омӯхтану конспект намуданашон (ҳангоми тайёрӣ дидан ба дарсҳои амаливу таҷрибавӣ ва ё омодагӣ гирифтан ба супоридани санҷишу имтиҳонот) дастрас хоҳанд гашт. Аммо то ба имрӯз, ба хусус, барои мактабҳои олии Тоҷикистон, аз ҷумла, мактабҳои олии ҳарбӣ китобҳои дарсӣ аз фанҳои педагогика, психология ва фанҳои алоҳидаи тахассусӣ ду – се маротибагӣ навишта ва ё аз забони русӣ тарҷума ва дастраси донишҷӯён гардонида шуда бошанд ҳам, мутаассифона, то ба ҳол китоби дарсии методикаи таълими ин ё он фанни алоҳида барои донишҷӯёни факултетҳои ҷудогонаи мактабҳои олӣ мураттаб нагардидааст.

Масалан, китобе бо номи «Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби миёна» (қисми 1.) соли 1985 аз тарафи М. Қурбонов китобе навишта шуда бошад ҳам, вале он гарчи ба ҳайси дастури таълим барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олӣ низ пешниҳод гардида бошад, фарогири на ҳамаи масъалаҳои умумию назариявии методикаи таълими забони тоҷикиро инъикос менамуд. [2, 63]

Дидактика истилоҳҳои зерини ба худ хосро молик аст, ки донистанашон ба ҳар муаллим зарур мебошад: таълим, маълумот, хониш, омӯзиш, худомӯзӣ, илмият, муназзамӣ, аёният, дастраси таълим ва фаъолиятнокии хонандагон, таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ, стандартӣ давлатии маълумоти миёна, дарс, синф, машғулиятҳои лабораторӣ ва амалӣ, экскурсияҳои таълимӣ, пешрафти хонанда ва ғайраҳо.

Як масъаларо қайд карда гузаштан ҷоиз аст. Ин навгонӣ ба дидактикаи муосири тоҷик низ асар намудааст. То солҳои сиюми асри сипаришуда таҳти мафҳуми дидактика таълиму тарбияро дар пайвастагӣ мефаҳмиданд. Вале сонитар тарбияро аз дидактика ҷудо карда танҳо назарияи таълимро ба он мутааллиқ донистанд. Солҳои охир бо саъю кӯшиши зумрае аз олимон тарбияи раванди таълимро ба он боз баргардониданд ва акнун дидактика маълумот, таълим, инкишоф ва як қисми тарбияро дар бар гирифтааст [8,42]

Масъалаи дигар ин, ки асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир хело зиёданд ва наметавон дар як мақола ҳамаи он андешаҳои бикрро ҷой дод. Дар омӯзиш ва тадқиқотҳои минбаъда ҷанбаҳои дигари ин масъала мавриди баҳсу андеша қарор ҳоҳад гирифт.

АДАБИЁТ:

1. *Бӯйдоқов, Х.* Роҳбарӣ ва назорати педагогӣ дар мактаб. – Душанбе, 1992. – 186 с.
2. *Зубайдов, У.* Таълими тафриқа: проблема, мулоҳиза, воқеият (Матн). – Душанбе, 2001. – 53 с.
3. *Занков, Л.В.* Дидактика и жизнь. - М, 1990. 76 с.
4. *Лутфуллоев, М*. Дарс. - Душанбе, – 1995. – 110 с.
5. *Лутфуллоев, М.* Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин (Матн). –Душанбе, 2006. – 48 с.
6. *Лутфуллоев, М*. Дидактикаи муосир (Матн). – Душанбе, 2001. – 135 с.
7. *Подласий, И.П*. Педагогика начальной школы, - М., 2000. – 124 с.
8. *Раҳимов, Х*. Педагогика. – Душанбе, 1987. – 210 с.
9. *Раҳимов, Х.,* Нуров А. Педагогика. – Душанбе, 2007. – 354 с.
10. *Қурбонов, Р*. Таълими муштарак (Матн). – Душанбе: Маориф, 1996. – 133
11. *Текучев, А.В.* Методика русского языка в средней школе. – М.: Просвещение, 1980. – 86 с.
12. *Сангинов, Н.* Дидактика. – Душанбе, 1992. – 154 с.

13.*Юнусов, Й*. Педагогика. – Душанбе, 2005. – 169 с.

Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Шароити муосир.

Котибова Шарифа Пирмамадовна,
Фозилов Шерафкан Орзухуҷаевич

Дар ин мақола муаллиф тавсифи асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар шароити муосир, ба қалам додааст. Барои кулли омӯзгорону донишҷуёни макотиби олии кишвар равшан аст, ки асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир мухталифанд. Бо тақозои давр дар аксари донишгоҳу донишкадаҳои кишвар иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Муаллифи мақола ҳамин нуқтаи нозуки таълим, яъне асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷуёнро дар шароити муосир ҳадафи таҳқиқ ва омӯзиш қарор додааст.

Калидвожаҳо: *иҷтимоишавӣ, педагогика, донишҷӯ, шароити муосир, омӯзиш, макотиб,тарбия, сифати таълим.*

Педагогические основы социализации студентов высших учебных профессиональных учреждений в современных условиях.

Котибова Шарифа Пирмамадовна,Фозилов Шерафкан Орзухуҷаевич

Автор в данной статье умело учел педагогические основы социализации студентов высших учебных профессиональных учреждений.
Для всех преподавателей и студентов вузов страны совершенно очевидно, что педагогические основы социализации студентов высших учебных профессиональных учреждений имеют противоречия. В силу обстоятельства времени в большинстве вузов и институтов страны хорошо осуществляется социализация студентов высших учебных профессиональных учреждений. Автор статьи поставил предметом своей цели этот деликатный момент образования, а именно социализацию студентов высших учебных профессиональных учреждений в современных условиях.

Ключевые слова: *социализация, педагогика, студент, современные условия, учёба, вузы, воспитание, качество образования.*

Pedagogical foundations of socialization of students of higher educational professional institutions in modern conditions.

Kotibova Sharifa, Fozilov Sherafkan Orzukhujaevich

The author in this article skillfully took into account the pedagogical foundations of socialization of students of higher educational professional institutions. For all teachers and university students in the country, it is evidently clear that the pedagogical foundations for the socialization of students at higher educational professional institutions have contradictions. Due to the circumstances of the time, in most universities and institutes of the country, the socialization of students of higher educational professional institutions is well carried out. The author of the article set the subject of his goal to this delicate point of education, that is, the socialization of students of higher educational professional institutions in modern conditions.

Key words: *socialization, pedagogy, student, modern conditions, study, universities, mentoring, quality of education.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Котибова Ш. П. – н.и.п., мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии*

Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А.Адҳамов. ***E-mail:*** *sharifa.kotibova@mail.ru., тел: (992) 559993120,*

Фозилов Шерафкан Орзухуҷаевич-унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А.Адхамов 11/2. Тел: (992) 935535025, Fozilov92@mail.com

Сведения об авторах: *Котибова Ш. П. – к.п.н., зав. отделом дошкольных учреждений и начального образования Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А.Адхамов.* ***E-mail:*** *sharifa.kotibova@mail.ru., тел: (992) 904 53 99 54,*

Фозилов Шерафкан Орзухуҷаевич – соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образовании Таджикистана; адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Атхамоов 11/2. Тел: (992) 935535025, Fozilov92@mail.com

Information about the author: *Kotibova Shfrifa. – c.p.s., the head of Department of preschool centres and elementary education of Institute of a development of education of a name of Abdurahmana Dzhami of Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 45 Ayni str.,* ***E-mail:*** *sharifa.kotibova@mail.ru., mob: (992) 904 53 99 54,*

Fozilov Sherafkan Orzukhujaevich – aspirant of the institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 A.Athamov 11/2. Tel: (992) 935535025, Fozilov92@mail.com

САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ РАБОТА - КАК СРЕДСТВО ПОВЫШЕНИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ СТУДЕНТОВ

Содиқова М.С.

Самостоятельная работа - это обязательная часть процесса обучения, которая включает в себя индивидуальную работу обучающихся в соответствии с установками преподавателя или учебника, программы обучения. Это означает, что учащиеся выполняют учебную деятельность без непосредственного контакта с преподавателем или с помощью специальных учебных материалов. В неязыковом вузе самостоятельная работа студентов по иностранному языку является особой формой самообразования. Он выполняет множество задач, включая помощь в овладении иностранным языком как необходимым профессиональным навыком, развитие навыков самостоятельного приобретения знаний и развитие информационной культуры. И.А. Зимней дает наиболее точное определение самостоятельной работы: «Самостоятельная работа определяется как целенаправленная, внутренне мотивированная, структурированная самим объектом в совокупности выполняемых действий и корригируемая им по процессу и результату деятельности». Для ее выполнения требуется достаточно высокий уровень самоосознания, рефлективности, самодисциплины и личной ответственности, что удовлетворяет объект обучения. Цель высшего профессионального образования состоит в том, чтобы создать творческих специалистов, способных к предпринимательству, саморазвитию, самообразованию и инновационной деятельности. Самостоятельная работа имеет решающее значение для достижения этой цели. Овладение базовыми знаниями, профессиональными навыками и умениями, а также опытом творческой и исследовательской деятельности являются основными целями самостоятельной работы студентов. Самостоятельная работа (СРС) — это форма, метод, средство и условия развития познавательной деятельности будущего специалиста. Основные цели достигаются за счет организации учебной и научно-исследовательской деятельности студентов во внеаудиторное время по заданию преподавателя и под методическим руководством преподавателя, но без его непосредственного участия.

Основные принципы самостоятельной работы включают целенаправленность, системность, систематичность, логичность, эффективность, полезность и безопасность. Логика процесса обучения определяет цели самостоятельной работы учащихся, которые включают следующее: - приобретение новых знаний и углубление и систематизация ранее приобретенных знаний; - приобретение практических навыков и умений по изучаемым дисциплинам, а также профессиональных навыков и умений по будущей специальности; - использовать полученные знания, навыки и навыки на практике.

Самостоятельная работа - сложный, многогранный, творческий процесс, который учащиеся используют для поиска, приобретения и усвоения знаний. Мировоззренческий, методологический и методический компоненты составляют эту работу. В мировоззренческом плане рассматривается место этого вида познавательной деятельности в современном образовании и профессиональной деятельности. В методологическом плане рассматриваются принципы или основы, на которые должна опираться самостоятельная работа. Методика описывает конкретные методы самостоятельной работы, а методические рекомендации дают советы по применению этих методов в конкретных ситуациях. Поскольку речь идет об одном и том же процессе - практических методах достижения результата, методы и методические рекомендации принято рассматривать вместе. Все части самостоятельной работы должны быть рассмотрены, чтобы полностью понять сущность, содержание и преимущества самостоятельной работы, а главное, чтобы ее эффективно использовать в процессе обучения. Это одна из важных проблем высшей школы, где формирование личностной одаренности студентов и качественных характеристик имеет решающее значение для их будущей профессиональной и научной деятельности. В значительной степени на каждого преподавателя и кафедру в целом влияют характер и качество самостоятельной работы студента, а также мировоззрение, методология и методические подходы к ее пониманию.

Мушкилоти роҳу воситаҳои гендерӣ ба таълиму тарбияи шахс дар шароити навсозии мазмуни таҳсилот ва дигаргунии шарту шароит ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти ҷиддӣ пайдо мекунад. Таҳсилоти гендерӣ ба ҳалли бисёр мушкилоти муҳими иҷтимоӣ мусоидат мекунад ва зарурати инкишофи он дар ҷамъомадҳои педагогӣ торафт бештар муҳокима мешавад. Бо вуҷуди ин, дар кишвари мо муносибати гендерӣ дар таҳсилоти мактабӣ ҳанӯз ҳам камёб аст. Дар Ғарб таълим ва тарбияи гендерӣ ҳанӯз аз кӯдакистон оғоз мешавад. Таълими ба баробарии гендерӣ нигаронидашуда қодир аст дар насли наврас шуури баробарҳуқуқиро ташаккул диҳад.

Дар китобҳои дарсии психология, педагогика ва воситаҳои методӣ одатан фарқияти фаъолияти маърифатии хонандагони синну соли гуногун нишон дода шудааст, аммо дар бораи тафриқаи байни духтарону писарон маълумот зиёд дода нашудааст. Духтарону писарон дорои равандҳои гуногуни психикӣ, маърифатӣ ва ҳолатҳои эмотсионалӣ мебошанд, ки дар навбати худ бо таркиби гуногуни сохторӣ ва функсионалии ҷинси мардона ва занона муайян карда мешавад. Ин масъаларо аз нуқтаи назари мушаххасоти функсионалии ду нимкураи майнаи сар дида мебароем.

Нимкураҳои чап ва рост мутаносибан аз паҳлӯҳои рост ва чапи бадан иттилоот мегиранд, зеро роҳҳои асабӣ фаъолияти самти муқобили баданро убур ва ба танзим медароранд. Фаъолияти кории нимкураҳои майнаи сар дар як вақт симметрӣ ва асимметрӣ сурат мегирад, зеро барои он тартиботи дарккунӣ, коркарди иттилоот, дархотирнигоҳдорӣ ва дубора ҳосил намудани он, танзими фаъолияти ҳаракатӣ ва эмотсионалӣ гуногунанд. Чунин тартиботи асосии танзими майнаи сар дар духтарону писарон якхелаанд.

Нимкураи чапро метавон қабати гузариши равандҳои ақлӣ-мантиқӣ, маърифатӣ, таҳлилӣ, таснифкунандаи майнаи сар номид. Он маҷмуи иттилоотро ба қисмҳо тақсим карда, тафсилоти мушаххаси ғайримуқаррариро рад мекунад, занҷирҳои ақлӣ ё мантиқӣ месозад ва мувофиқи тартиботи дар ҷараёнбуда амал мекунад. Шахс танҳо дар нимкураи чап марказҳои нутқ дорад, яъне танҳо ин қисмат соҳиби қоидаҳои граматикӣ ва синтаксисӣ, қонунҳои мувофиқати калимаҳо дар ҷумла, моҳирона сохтани баёнияҳои мураккаби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ мебошад. Ҳамаи ин ба сохти махсуси нимкураи чап вобаста аст.

Нимкураи рост равандҳои образӣ, фазоӣ, синтетикӣ, интуитивиро таҷассум мекунад. Он оламро дар маҷмӯъ яклухт ва воқеӣ идрок мекунад. Дар баробари он, тафаккур дар шакли образӣ сурат мегирад. Раванди фикрронӣ дар як вақт дар самтҳои гуногун ҷараён мегирад.

Тафаккури нимкураи чап танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки агар дар ҳар як ҳалқаи занҷираи фикрҳои сохташуда маълумоти кофӣ мавҷуд бошад. Агар иттилоот (дониш) нокифоя бошад, пас кори нимкураи чап суст шуда, занҷири тафаккур мешиканад ва фаъолияти минбаъдаи фикрӣ имконнопазир мегардад. Нимкураи рост занҷирҳои тафаккурро намесозад, аз ин рӯ, ҳатто агар дар дониши шумо норасоиҳо вуҷуд дошта бошанд ҳам, он қодир аст пурра қарори саҳеҳ қабул кунад.

Дар мактаб муаллим ҳамеша ба хонанда маълумоти муҳимро дар вақти зарурӣ медиҳад, то занҷири дониш боз ҳам устувор гардад, яъне мактаб асосан тафаккури чапи майнаи сарро инкишоф медиҳад. Аммо дар зиндагӣ ҳеҷ кас ба мо маълумоти заруриро сари вақт намедиҳад ва мо бояд маҳз ба тафаккури майнаи рости сар такя карда, қарор қабул кунем. Дар доираи таълимот оид ба хосиятҳои типологии системаи асаб ин равандҳо дар ҳар як хонандаи ҷинсҳои гуногун ба таври ба худ хос ифода мегарданд.

Маҳз дар хусусиятҳои кори ду нимкураи майнаи сар фарқиятҳои муҳимтарини байни духтарон ва писарон ба назар мерасанд. Дар писарон аломатҳои пешбарандаи фаъолияти таълимӣ-прогрессивии нимкураҳо бештар ба назар мерасанд, дар духтарон чунин манзара камтар ба чашм мерасад. Чӣ қадаре ки кӯдак хурд бошад, ҳамон қадар бартарии кори нимкурраи рости майнаи сар зоҳир мегардад.

Аммо писарон аз ҷиҳати синну соли биологӣ нисбат ба духтарон хурдтаранд. Маҳз дар писарони синну соли калони мактабӣ нимкураи чапи майнаи сар назар ба духтарони ҳамсолашон оқилона, мантиқӣ ва фарққунанда сурат мегирад. Дар давраи хурди синнусолӣ писарон бештар ба таълим ҷалб мегарданд, ки пеш аз ҳама ба равиши яклухт, синтетикӣ, ба образӣ, мушаххас ва ҳаётӣ асос ёфтаанд. Онҳо бояд тартиботу маъниро дарк карда, ҷузъиёти бемаъниро фарқ карда тавонанд. Дар духтарон низ асосан нимкурраи рости майнаи сар бартарӣ дорад, аммо дар онҳо нутқ ва тафаккури тафриқавии нимкурраи чапи майнаи сар беҳтар рушд меёбад. Аз ин рӯ, онҳо қоидаҳо, вазифаҳои маъмулиро хубтар медонанд, ҷавоби беҳтари шифоҳӣ ва хаттӣ медиҳанд, қодиранд чизи яклухтро ба қисмҳо тақсим кунанд.

Мактаббачагон бинобар танзими махсуси майнаи сарашон дар фаъолияти маърифатӣ як қатор душвориҳои дигар низ доранд. Ду нимкураи майнаи сари мо бо якчанд банди нахҳои асаб ба ҳам пайвастанд ва дар мубодилаи иттилоот фаъолӣ зоҳир мекунанд.

Аммо дар кӯдакон, пурқувваттарини ин нахҳои асабӣ номутаносибан хурд аст. Илова бар ин, дар мардон ва писарон шумораи чунин нахҳои асаб нисбат ба занон ва духтарон 20% камтар аст. Аз ин рӯ, дар писарон муқоисаи иттилоотӣ аз тарафи нимкураҳои гуногун гирифта ва коркардшуда хеле душвортар ба амал меояд. Ин барои писарон дар синфҳои ибтидоӣ ва то андозае дар мактаби миёна душворӣ эҷод мекунад, аммо аз тарафи дигар имкон медиҳад, ки равандҳои такрорӣ дар кори ду нимкура то андозае коркард шаванд. Дар синну соли кӯдакӣ духтарон ҳангоми омӯзиш бартарӣ ва такя ба тафаккури нимкураи чапи майнаи сар доранд.

Педагогика дар ибтидо аз рӯйи мазмуни худ илм барои тарбияи мардон буд, зеро назарияҳои онро асосан омӯзгорон-мардон эҷод мекарданд. Вале аз рӯйи шакл илми занона мебошад. Аксарияти муаллимон, махсусан дар зинаи ибтидоии таҳсилот занон мебошанд. Маҳз онҳо барнома ва усулҳоеро амалӣ месозанд, ки онҳоро омӯзгорон-олимон ва методистҳо таҳия кардаанд. Аксар вақт онҳо фикрҳои худро дар шакли хаттӣ ифода мекунанд, яъне дар онҳо фаъолии нимкураи чапи майнаи сар бартарӣ дорад. Матнҳои навиштаи нафарони бартаридоштаи нимкураи чапи майнаи сар хусусиятҳои худро доранд. Матнҳои навиштаи онҳо аз ҳад зиёд калон, аз ҷиҳати имлоӣ мураккаб, ғанӣ аз истилоҳоти беасоси илмӣ, маъниҳои аз воқеият дур ва аз ҳад зиёд абстрактӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, кӯдаки бо бартарии нимкураи рости майнаи сар ба мактаб меояд ва ба муҳити таълимии пур аз маводи таълимии аз ҷониби омӯзгорону олимони нимкураи чап сохташуда ва ташкилшуда ворид мешавад, ки чунин муҳити таҳсилот ба тафаккури алгоритмӣ ва тамоми раванди таълим мусоидат мекунад.

Кӯдакони бо хусусиятҳои инфиродӣ ва ҷинсии танзими функсионалии майнаи сар фарққунанда қодиранд ба ин муҳити таълимӣ ворид шуда, аълохон шаванд ва мо аз муваффақиятҳои онҳо шод гардем.

Дар психология, генетика, физиология, нейропсихология дар бораи тафовути танзими майнаи сар ва психикаи духтарону писарон маълумот ҷамъ карда шудааст. Зарурати роҳу воситаҳои гендерӣ ба таълимро ҳам назария (фарқият дар идрок, эҳсосот, тафаккур, муошират ва равандҳои маърифатӣ) ва ҳам амалияи таълими тафриқавии кӯдакони ҷинси гуногун муайян мекунад. Ба мақсад мувофиқ будани чунин муносибатро амалияи таълими алоҳида дар минтақаҳои гуногуни мамлакати мо ва берун аз он исбот кардааст.

Натиҷаҳои фаъолияти инноватсионии мактабҳои озмоишӣ, ки дар реҷаи таълими алоҳида-якҷояи мактаббачагон амал мекунанд, на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълим, азхудкунии кофии нақшҳои иҷтимоӣ, балки барои такмили сифати донишандӯзӣ низ нигаронида шудаанд. Ҳамин тариқ, идеяи таълими гендерӣ ба ҷорӣ намудани низоми нави донишандӯзӣ вобаста ба типҳои мизоҷ ва хосиятҳои хоси онҳо дар таълим шароит фароҳам оварда, ба тарбия ва рушди шахсияти писарону духтарон мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, дар бораи роҳҳои рушди муассисаҳои озмоишӣ фикр карда, тасмим гирифтем, ки роҳу воситаҳои гендериро ҳамчун яке аз шаклҳои тафриқа дар таълим истифода барем, барои ба даст овардани натиҷаи назаррас дар таълиму тарбия аз хусусиятҳои гендерии рушд истифода кунем, зеро чунин роҳу воситаҳо барои омӯзиши типҳои мизоҷ шароит фароҳам оварда, ҷузъҳои асосии муносибати тафриқавии таълим дар МТМУ мебошанд.

Духтарон ва писарон аз рӯйи табиати худ аз якдигар фарқ мекунанд. Онҳо бо бозиҳои гуногун машғул мешаванд, талабот ва манфиатҳои гуногун доранд. Ба як ҳодиса як хел муносибат намекунанд, муносибати худро ба хониш, ба падару модар ва муаллим, ба ҳайвонот ва асбобу анҷоми рӯзгор, ба дӯстию меҳру муҳаббат ба таври инфиродӣ зоҳир мекунанд.

Дар даҳсолаи охир татбиқи ғояҳои муносибати гендерӣ ба таълим ва тарбияи мактаббачагон дар доираи масъалаи ташкили низоми таҳсилоти гендерӣ бештар инкишоф ёфт.

Гендер ин ҷинси иҷтимоӣ-психологии инсон, маҷмӯи хусусиятҳои психологӣ ва рафтори иҷтимоиро таҷассум намуда, дар муошират ва муносибати мутақобила ифода меёбад.

Низоми таълими ба гендер нигаронидашуда рушди равонӣ ва синну солии хонандагонро дар зинаи дахлдори таҳсил ба назар гирифта, ба инкишофи мутаносиби шахсият вобаста ба ҷинс мусоидат намуда, барои такмили муносиби типҳои мизоҷ ва хосиятҳои ба худ хоси писарону духтарон замина мегузорад.

Чунин низом туфайли ҷорӣ намудани тартиботи таҳсилоти фарқкунанда барои такмили мутаносиби типҳои мизоҷ ва хосиятҳои ба худ хоси хонандагон шароит фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки писарону духтарон дар рафти донишандӯзӣ бо ҳамдигар ва ҷомеа ҳамкории муассир дошта бошанд.

Хусусиятҳои фарқкунандаи гендерӣ вобаста ба хосиятҳои типологии мизоҷ дар раванди донишандӯзӣ

Ҷадвали №1

Амалҳои ба писарон хосбуда вобаста ба хосиятҳои типологии мизоҷ	Амалҳои ба духтарон хосбуда вобаста ба хосиятҳои типологии мизоҷ
- Ба мушкилӣ машғули кор гашта, бо гузашти ними дарс фаъолӣ пайдо мегардад; - Фаъолии баланди кори ақлӣ, суръати баланди интиқоли мавод, мавҷудияти захираи донишҳои иловагии гуногунҷабҳа; - Мустақилият дар қабули қарор; - Истифодаи маълумоти гуногунсамта, ғайримуқаррарӣ ва усули фаъоли таълим дар раванди омӯзиш; - Тарзи фаъоли ҷустуҷӯӣ, ҷиду ҷаҳди ақлонӣ, хулосаҳои мантиқӣ; - Тағйири намудҳои фаъолият; - Супоришҳои хусусияти истеҳсолидошта; - Қоидаҳо туфайли амалҳои дар олами	- Давраи фаъолияти таълимӣ кӯтоҳтар буда, авҷи фаъолӣ дар аввал ва охири дарс дида мешавад; - Доираи муайяни азхудкунии дарс, интиқоли маводи нав; - Вобаста ба муносибат амал намуда, дар рафти дарс аз омӯзгор тасдиқи ҷавоби дурустро интизоранд; - Ба эмотсияҳо бештар дода мешаванд ва онҳоро эмотсияҳои мусбӣ ба фаъолият водор месозанд; - Коркарди муфассал ва тафсилоти иттилоот, иҷрои амиқи кор аз рӯйи усули қадам ба қадам; - Инкишофи хуби малакаҳои ҳаракатӣ,

воқеъият ифодагашта; - Арзёбии мусбии кори иҷрошуда; - Шакли гурӯҳии кор бо мақсади рақобатпазирии фаъолияти таълимӣ	ҳаҷми зиёди корҳои хаттӣ, риояи тартибот; - Супоришҳои хусусияти тазаккурдоштаро ба осонӣ ҳал намуда, дар ворид шудан ба супориши нав мушкилӣ мекашанд; - Қобилиятҳои шифоҳӣ нағз инкишоф ёфтаанд, ба онҳо муҳориба писанд нест, дар ҳолати ба эмотсияҳо мубтало гаштан ба танқидкунӣ рӯ меоранд, дар кори якҷоя ба ҳамшарикон кӯмак мерасонанд; - Барои онҳо алоқамандии маводи нав бо пешина хеле муҳим аст

Дар миёнаи асри XX таваҷҷуҳи олимон ба хосиятҳои типологии мизоҷ, системаи асаб, мизоҷ ва хосиятҳои ба худ хоси онҳо махсусан дар заминаи омӯзиши гендерӣ афзуд ва ин имконият дод, чуноне ки Н.Н. Обозов 3 қайд мекунад, оиди хосиятҳои асосии системаи асаб фикру мулоҳизаҳо аниқ ва васеъ дида баромада шаванд. Олимони мактаби Б.М. Теплов махсусан В.Д. Небилитсин қайд карда буд, ки қувваи системаи асаби инсон, ки ба сифати дараҷаи қобилияти корӣ баромад мекунад, на танҳо аҳамияти мусбӣ, балки ҷиҳатҳои манфӣ низ дорад. Исбот шудааст, ки дар намояндагони типи сусти системаи асаб қобилияти кории паст ҳасосии баландро ба вуҷуд меорад, ки чунин хосият тағйиротҳоро дар олами иҳотакарда аниқ мекунад 1, 1.

Дар татбиқи роҳу воситаҳои гендерӣ дар амалияи низоми маориф ба як қатор мушкилот дучор мешавад:

- муносибати норавшан дар ҷомеа ва муҳити касбии омӯзгорон;
- набудани дониши махсуси омӯзгорони мактабҳо дар соҳаи педагогикаи гендерӣ;
- таҳияи нақшаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ бе назардошти принсипҳои гендерии таълим.

Агар яке аз ҷамбаҳои гендерӣ-заминавии психика хосияти системаи асаб бошад, онгоҳ хосиятҳои инфиродии психика, аз он ҷумла хосиятҳои мизоҷ аз хосиятҳои инфиродии системаи асаб вобастаанд. Бинобар ин, аввалин нишонаи асосии хосиятҳои мизоҷ ин вобастагии онҳо бо хосиятҳои системаи асаб мебошад. Дар хусуси хосиятҳои инфиродии системаи асаб танҳо аз рӯйи хосиятҳои инфиродии мизоҷ муҳокима рондан мумкин аст. Худи ҳозир дар психофизиология аз ҳама назарияи амиқ коркардшудаи системаи асаб назарияи рефлексҳои шартӣ мебошад. Дар он нишондиҳандаҳои хосиятҳои системаи асаб хусусиятҳои инфиродии рефлексҳои гуногуни шартӣ, ҳамчунин аксуламалҳои кӯтоҳмуддат дар ҷавоб ба ангезанда мебошанд. Табиатан агар ин ва ё он хосиятҳои инфиродии психикӣ бо хосиятҳои инфиродии рефлексҳои шартӣ мувофиқат кунанд, онгоҳ ин яке аз нишонаҳои комилан фарқкунандаи гендерии хосиятҳои мизоҷ мебошад.

Ин маънои онро надорад, ки хосиятҳои психикие, ки бо ягон дигар хусусиятҳои инфиродии системаи асаб мувофиқат мекунанд, ба хосиятҳои мизоҷ мутаалиқ нестанд. Алаккай дар корҳои лабораторӣ маълум гашта буд, ки якқаттор хусусиятҳои инфиродии психикӣ на танҳо бо хусусиятҳои инфиродии рефлексҳои шартӣ, балки бо хусусиятҳои инфиродии ҳолатҳои шартӣ-функсионалӣ ва ё ба таври дигар рефлексҳои шартии муввақатӣ мувофиқат мекунанд. Дар чунин навъ хосиятҳои инфиродии системаи асаб зоҳир мешаванд, чунки хосиятҳои психикӣ низ хосиятҳои мизоҷ ба ҳисоб мераванд.

Дар натиҷаи тадқиқотҳои физиологӣ тассавуроти аввалини И.П. Павлов дар бораи ҳам хосиятҳои асосии системаи асаб ва ҳам оиди мувофиқати ин хосиятҳои шарҳдиҳандаи типи умумии системаи асаб метавонад хеле тағйир ёбад. Далелҳои дар лабораторияҳои П.С. Купалов ва Б.М. Теплов ҷорикардашуда ҳоло алаккай чунин тағйиротҳоро талаб мекунанд. Вале аҳамияти муҳими нишонаи асосии фарқкунандаи мизоҷ то андозае тағйир намеёбад. Ба таври дигар гӯем, мундариҷаи мушахаси ин

нишона ба пуррагӣ аз рӯи дараҷаи донишҳоямон оиди физиологияи фаъолияти асаб муайян карда мешавад.

Пиндоштан мумкин аст, ки хосиятҳои системаи асаб ба монанди хосиятҳои дигар системаи физиологӣ умуман аз хусусиятҳои функсионалии организм вобаста ҳастанд. Аз ин рӯ, хосиятҳои мизоҷ низ аз хусусиятҳои функсионалии организм вобастагии калон доранд, вале ин вобастагӣ характери бевосита ва ғайримустақим дорад, ба монанди оне, ки мизоҷ аз хосиятҳои системаи асаб вобастагии бевосита дорад. Аз нуқтаи назари материалистӣ ҳодиса, ҳолат ва фаъолияти психикие вуҷуд надорад, ки аз кори қишри нимкурраҳои калони майнаи сар вобастагӣ надошта бошад, пас хосиятҳои психикие вуҷуд надоранд, ки аз хосиятҳои физиологии қишри нимкурраҳои калон, ҳамчунин аз типи умумии системаи асаб вобастагӣ надошта бошад. Фарқиятҳои махсуси хосиятҳои мизоҷро дар навъи чунин вобастагии асабӣ-физиологӣ дидан мумкин аст. Хосиятҳои мизоҷ нисбатан аз дигар хосиятҳои инфиродии психикӣ зоҳиран бевосита аз типи умумии системаи асаб вобастаанд. Ин маънои онро дорад, ки мизоҷ танҳо аз типи умумии системаи асаб вобаста аст. Дар ин сурат аз типи муайяни умумии системаи асаб танҳо як типи муайяни мизоҷ вобастагӣ дорад. Дар байни хусусиятҳои динамикии шавқу ҳавас хислатҳои характер ва дигар хосиятҳои шахсият натанҳо аз типи системаи асаб, балки аз дигар шартҳои физиологӣ, масалан, аз ҳолати функсионалии системаи асаб, системаҳои алоқаҳои шартӣ-рефлекторӣ ва механизмҳои гуногуни физиологӣ вобастаанд. Ҳамин хел вобастагии якзайли мизоҷ аз системаи асаб дар тадқиқоти психологӣ аҳамияти хеле калон дорад.

Ба ақидаи И.П. Павлов типи умумии системаи асаб типи конститутсионалӣ ба шумор меравад. Ҳамчунин хосиятҳои типи умумӣ дар рафти ҳаёт хеле оҳиста тағйир меёбанд. Бинобар ин, ба хосиятҳои мизоҷ чунин хосиятҳои психикиеро нисбат додан мумкин аст, ки онҳо дар рафти гузариши ҳаёт нигоҳ дошта мешаванд ва оҳиста-оҳиста дигаргун мешаванд. Вобастагии конститутсионалии типи умумии системаи асаб боиси устуворӣ ва доимии мизоҷ мегардад ва нишонаи фарқкунандаи мизоҷ буда наметавонад. Типи умумии системаи асаб натанҳо аз мизоҷ, балки аз эҳсосот, маром, хислатҳои характер ва ғ.ҳо вобаста аст. Фарқият дар байни хосиятҳои мизоҷ ва дигар хусусиятҳои инфиродии психикӣ дар он анҷом мепазирад, ки дар асоси чунин алоқамандиҳо ва шарту шароитҳои ҳаёту фаъолият ин ва ё он гурӯҳи хусусиятҳои инфиродии психикӣ ҷамъ карда мешавад.

Нишонаҳои фарқкунандаи мизоҷ на танҳо асабӣ-физиологӣ, балки ҳамчунин психологӣ низ бояд бошанд, чунки типи умумии системаи асаб на танҳо аз хосиятҳои мизоҷ, балки аз дигар хосиятҳои инфиродии психикӣ вобастаанд. Ин нишонаҳо бояд функсионалӣ бошанд. Лозим аст, ки хосиятҳои мизоҷ он функсияеро дар фаъолияти психикӣ бояд иҷро кунанд, ки хосиятҳои типи умумии системаи асаб дар фаъолияти физиологии майнаи сар ба ҷо меорад.

Типи умумии системаи асаб дар доираи таҳлили масъалаҳои илмӣ нақши танзимкунандаро мебозад. Аз хосиятҳои типи умумӣ динамикаи тамоми ҷараёнҳои шартӣ-рефлекторӣ вобаста аст. Пас хосиятҳои мизоҷ азбаски бо типи умумии системаи асаб вобастаанд, бояд чунин нақши танзимкунандаро дар фаъолияти психикӣ бозанд. Аз онҳо динамикаи тамоми ҷараёнҳои психикӣ вобаста аст. Бояд фаҳмид, ки чунин функсияро кадом хосиятҳои инфиродӣ ва психикӣ ба ҷо меорад. Пеш аз ҳама, чунин функсияро хусусиятҳои инфиродии эмотсия ва ирода иҷро мекунанд.

Бинобар ин, нишонаи фарқкунанда ва хусусияти гендерии зуҳуроти хосиятҳои мизоҷро худи типи мизоҷ муайян мекунад. Инак ба мо зарур аст, ки барои шарҳи ин масъала ба хосиятҳои мизоҷ хусусиятҳои инфиродиро нисбат диҳем, ки онҳо:

а) динамикаи фаъолияти психикиро ба танзим медароранд;

б) хусусиятҳои динамикаи ҷараёнҳои алоҳидаи психикиро тавсиф медиҳанд;

в) характери устувор ва доимӣ доранд ва дар рафти гузариши ҳаёт мустаҳкам мегарданд;

г) ифодакунандаи типи мизоҷ ҳастанд;

д) бевосита ба типи умумии системаи асаб алоқамандand.

Нишонаҳои номбаркардашударо истифода бурда, хосиятҳои мизоҷро аз тамоми дигар хосиятҳои психикии шахсият фарқ карда метавонем. Бояд фарқияти байни хосиятҳои мизоҷро аз марому муносибатҳои шахсият ва хислатҳои характер ошкор сохт. Динамикаи фаъолияти психикӣ на танҳо аз мизоҷ, балки инчунин аз марому муносибатҳои шахсият ва хислатҳои характер вобаста аст. Масалан, худдории шахс бо уҳдадорӣ ва муносибати ӯро ба меҳнат интизом ифода мекунад. Аммо дар фарқият аз мизоҷ марому муносибат ва хислатҳои характер боиси хусусиятҳои муайяни динамика мегарданд. Худдорӣ ҳамчун хосияти мизоҷ метавонад ҳам дар ҳолати меҳнат ва ҳам дар ҳолати бозӣ зоҳир гардад.

Умуман, типи системаи асаб асоси физиологӣ мебошад, ки дар он баъдан хусусиятҳои мизоҷи инсон ташаккул меёбанд, вале дар байни типи ин системаи асаб ва мизоҷи инсон қонуниятҳои ногузир мавҷуд нестанд. Хосиятҳои системаи асаб хосиятҳои мизоҷро муайян намекунанд, балки шаклёбии онҳоро сайқал медиҳанд. Масалан, сустии ҷараёнҳои асабӣ ба шаклёбии мизоҷи флегматикӣ имконият медиҳад, аммо вобаста ба шароитҳои таълиму тарбия дар ин асос метавон хосиятҳои дигар мизоҷҳоро тағйир дод, вале ин ба қадре мушкил ва заҳматталаб аст. Барои муайян намудани тағйиротҳои хосиятҳои мизоҷ талабот ба озмоишҳои лабораторияи психологӣ пайдо мегардад.

Таҳлили корҳои илмии иҷрогардида барои баровардани хулосаҳои мазкур мусоидат карда метавонад:

1. Муваффақияти таҳсили кӯдак дар мактаб аз бисёр омилҳо вобаста аст. Дар ин ҷода як хусусияти табиӣ, ба монанди мизоҷ нақши муҳим мебозад. Он хусусияти ирсӣ дошта, дар асоси он одатҳои зиёд, хусусиятҳои рафтор, тарзи фаъолият ва ғайра ташаккул меёбанд.

2. Таҳқиқу омӯзиши мавзуи тадқиқотӣ аз адабиёти психологӣ, педагогӣ, физиологӣ ва дигар сарчашмаҳои ба масъалаи марбутбуда нишон дод, ки асоси пешрафти фаъолияти таълимии хонандагон, махсусан дар самти донишандӯзӣ вобаста ба системаи асаб ва дар алоқамандӣ бо типи мизоҷи онҳо ба роҳ мондани раванди таҳсилот ба шумор меравад.

3. Тарзи фаъолияти таълимӣ дар ҳар як муассисаи озмоишӣ фарқкунанда мебошад. Вобаста будани усули инфиродӣ аз хосиятҳои системаи асаб ва мизоҷ асоси илмӣ дорад. Масалан, мактаббачагони дорои системаи асаб зур, дармувозинатбуда, серҳаракат суръати баланди фаъолият доранд, дар дарс фаъоланд ва ба ҷуз аз вазифаҳои асосӣ, онҳо метавонанд вазифаҳои иловагиро иҷро кунанд. Онҳо чун қоида, ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ бетанаффус кор мекунанд, кори худро муддати дароз ва бодиққат тафтиш мекунанд, иҷрои мустақилонаи супоришҳоро афзал медонанд, аз рафиқон супоришҳоро нусхабардорӣ намекунанд, вале дар давраи наврасӣ суръати баланди фаъолияти таълимӣ суст гашта, раванди донишандӯзӣ паст мегардад.

4. Б.М. Теплов кайд кардааст, ки одамон вобаста ба хусусиятҳои мизоҷ на аз рӯйи натиҷаҳои ниҳоии амал, балки бо роҳҳои ба даст овардани натиҷаҳо фарқ мекунанд. Муҳақиқон бо мақсади тасдиқи ин ақида таҳқиқот гузаронида, робитаи байни тарзи иҷроиши амал ва хусусиятҳои мизоҷро муайян карданд. Муайян карда шуд, ки ҳар як фард ҳангоми иҷрои кори муайян тарзи инфиродии фаъолиятро ба роҳ мемонад. Аз ин ҷост, ки баъзе хонандагон баъди дарс вазифаи хонагии худро иҷро мекунанд, дигарон бошанд пеш аз иҷрои он каме дам мегиранд. Ҳангоми навиштани иншо баъзеҳо нақша месозанд, дигарон бошанд, бе он корро анҷом медиҳанд. Ин тарзи инфиродии фаъолият воситаи самарабахштарин барои ба даст овардани натиҷа ва роҳи ҳалли масъалаи мушаххас мебошад. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки СМА, пеш аз ҳама қувва ва ҳаракати равандхои асабӣ ба ташаккули тарзи муайяни фаъолият таъсири калон мерасонад. Маҳсулнокии кори инсон ба хосиятҳои мизоҷи ӯ зич алоқаманд аст.

5. Наврасони дорои типи системаи асаби зур, дармувозинатнабуда ва серҳаракат ба таҳлили дуру дароз ва амиқи кори анҷомдодашуда майл надоранд, танҳо хонданро авлотар медонанд ва дар дарс камтар парешонхотир менамоянд. Наврасони дорои типи

системаи асаби зур-суст, дармувозинатбуда ва сустҳаракат дар дарс ба ғайр аз вазифаҳои асосӣ супоришҳои иловагиро иҷро карда, вақт сарф мекунанд, ҷавобҳои худро бодиққат фикр мекунанд, аз сабаби бепарвоӣ ба хатогиҳо роҳ медиҳанд, ба фаҳмонда додани дарс аз тарафи муаллим бодиққат муносибат мекунанд, дарс тайёр мекунанд.

6. Дар адабиёти психология, педагогика ва воситаҳои методӣ одатан фарқияти фаъолияти маърифатии хонандагони синну соли гуногун нишон дода шудааст, аммо дар бораи тафриқаи байни духтарону писарон маълумот зиёд дода нашудааст. Духтарону писарон дорои равандҳои гуногуни психикӣ, маърифатӣ ва ҳолатҳои эмотсионалӣ мебошанд, ки дар навбати худ бо таркиби гуногуни сохторӣ ва функсионалии ҷинси мардона ва занона муайян карда мешавад. Чунин низом туфайли ҷорӣ намудани тартиботи таҳсилоти фарқкунанда дар муассисаҳои таълимӣ барои такмили мутаносиби СМА, типҳои мизоҷ ва хосиятҳои ба худ хоси хонандагон шароит фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки писарону духтарон дар рафти донишандӯзӣ бо ҳамдигар ва ҷомеа ҳамкории муассир дошта бошанд.

АДАБИЁТ:

1. *Небылицын, В.Д*. Основные свойства нервной системы человека, М.: Просвещение, 1966. Гл. 1.
2. *Небылицын, В.Д*. Основные свойства нервной системы человека, Москва, 1966. Гл. 2.
3. *Обозов, Н.Н.* Типы личности, темперамент и характер ЛНПП «Облик», 2001. 39 с.
4. *Павлов, И.П*. Физиологическое учение о типах нервной системы, темпераментах тож, Полн. собр. соч., т. 3, кн. 2, М.—Л., 1951, с. 77—88
5. *Теплов, Б.М*. Исследование свойств нервной системы как путь к изучению индивидуально-психологических различий. Избр. психологические труды. М., 1985.
6. *Устоев, М.Б*. Физиологияи фаъолияти олии асаб ва системаи сенсорӣ / М.Б. Устоев // - Душанбе. 2013. -140с.
7.

ХУСУСИЯТҲОИ ГЕНДЕРИИ ЗУҲУРОТИ ХОСИЯТҲОИ ТИПОЛОГИИ МИЗОҶ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Бобоёров Холмаҳмад

Дар мақолаи мазкур муаллиф зарурати роҳу воситаҳои гендерӣ ба таълимро аз ҷиҳати психологӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар тавзеҳи мубрамияти масъала аҳамиятнокии таълими тафриқавии кӯдакони ҷинси гуногун ба таҳсил мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин, дар мақола таҳсилоти гендерӣ ҳамчун ҳалли бисёр мушкилоти муҳими иҷтимоӣ шарҳ дода шуда, зарурати таълими ба баробарии гендерӣ нигаронидашуда дар насли наврас бо мақсади ташаккули шуури баробарҳуқуқӣ равшану возеҳ таҳлил карда шудааст.

Калидвожаҳо: *баробарии гендерӣ, фаъолияти маърифатӣ, таҳсилоти гендерӣ, генетика, воситаҳои гендерӣ ба таълим.*

ГЕНДЕРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОЯВЛЕНИЯ ТИПОЛОГИЧЕСКИХ СВОЙСТВ ТЕМПЕРАМЕНТА В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

Бобоёров Холмахмад

В данной статье с психологической точки зрения автор проанализировал необходимость гендерных способов и методов обучения. В объяснении проблемы обсуждается важность дифференцированного обучения детей разного пола. Также в статье объясняется гендерное образование как решение многих важных социальных проблем, а также четко анализируется необходимость образования, ориентированного

на гендерное равенство у подрастающего поколения с целью формирования равноправного сознания.

Ключевые слова: гендерное равенство, познавательная деятельность, гендерное образование, генетика, гендерные способы и методы обучения.

GENDER CHARACTERISTICS OF THE MANIFESTATION OF TYPOLOGICAL PROPERTIES OF TEMPERAMENT IN THE LEARNING PROCESS

Boboyorov Kholmahmad

In this article, on a psychological point of view, the author analyzed the need for gender-specific teaching methods. The explanation of the problem discusses the importance of differentiated instruction for children of different genders. The article also explains gender education as a solution to many important social problems, and also clearly analyzes the need for education focused on gender equality among the younger generation in order to form an equal consciousness.

Keywords: *gender equality, cognitive activity, gender education, genetics, gender methods for education.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Бобоёров Холмахмад– ходими калони илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к. С.Айни 126.*

Сведения об авторе: *Бобоёров Холмахмад - старший научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, адрес: Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. С.Айни 126.*

Information about author: *Boboyorov Kholmahmad - senior researcher of Institute of development of education named after Abdurahman Jami of the Academy of education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S.Aini street, 126.*

***ТДУ-37.0* [575.3]**
ТКД-74.03 [5.ТОҶ]
В-20

ОМОДА НАМУДАНИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР ШАРОИТИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР БАРОИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Вализода Шоирахон

Омода намудани омӯзгори оянда барои таълиму тарбияи кӯдакони имконияташон маҳдуди саломатидошта вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад. Таҳсилоти фарогир имкон медиҳад, ки кӯдакон ба мактаб ворид гардида, баробари кӯдакони солим аз таълиму тарбия баҳраманд бошанд.

Хусусиятҳои асосии салоҳиятҳое, ки барои бомуваффақият фаъолият бурдани омӯзгор дар шароити таҳсилоти фарогир заруранд, муайян карда шудаанд:

- *ҳавасмандгардонӣ,*
- *таҳлил,*
- *ташхис,*
- *мундариҷаи кор,*
- *тарҳрезӣ,*
- *рефлексионӣ,*
- *муоширатӣ*
- *тадқиқотӣ .*

Омӯзиши технология ва усулҳои кор бо кӯдакон дар самти таҳсилоти фарогир асоснок карда шудаанд. Салоҳиятҳое, ки барои фаъолиятҳои бомуваффақияти омӯзгор дар

муҳити таҳсилоти фарогир мавҷудан барои омӯзгорони оянда, ки бо кӯдакони имконияташон равона гардидаанд, ҳамчун асос барои омӯзиши фанҳои психология ва педагогика дар муассисаҳои таълимӣ заруранд.

Дигаргуниҳои демократӣ, иҷтимоӣ дар кишвар, муносибати ҷомеаро ба шахсони имконияти маҳдуди саломатидошта,низ дигаргун намуда зарурати таълими ҳамгироро ба миён овард.

Барои фароҳам овардани шароити махсус, гирифтани маълумоти мукаммал дар раванди таълиму тарбияи имкониятҳои баробар байни кӯдакони имконияташон маҳдуд ва солим муассисаҳои таълимӣ шароит фароҳам оварда шудааст, ки он зинаҳои гуногуни Стандарти таълимро низ дар бар мегирад.

Дар Эъломияи Саламонӣ, ки соли 1994 қабул шуд, чунки таъкид гардидааст: Кӯдакони имконияташон маҳдуд то қадри имкон бояд ба таълими якҷоя ҷалб гарданд» [1,11]. Ҳамзамон, шиори «Мактаб барои ҳама» эълон шудааст, ки он асоси аввалиндараҷаи таъсиси таҳсилоти фарогир ё таълими инклюзивӣ дар системаи маориф мебошад.

Соли 1970-ум дар хориҷи кишвар бастаи коркарди барномаҳо таҳия ва амалӣ карда шуд, ки барои ба таълиму тарбия фарогир шудани кӯдакони имконияташон махсус мусоидат мекунад. Дар системаи таҳсилоти маорифи Аврупо барномаҳо равишҳо ба ин мушкилот таҳия шудаанд, ки он васеъ кардани дастрасӣ ба таҳсилот, ҳамгироӣ, фарогирӣ равона карда шудааст.

Дар айни замон ин муносибатҳо ҳаматарафа ба таълими кӯдакони имконияташон маҳдуд бо фарогирии онҳо ба мактабҳои таҳсилоти умумӣ алоқаманд аст.

Аз ин лиҳоз, истифодаи усулҳои нави методӣ дар самти таълим ва тарбия, ин омода намудани мутахассисони оянда, омодасозии омӯзгорони соҳавӣ, кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд ва ба таҳсилоти фарогир ҷалб намудани онҳо, азхудкунии салоҳиятҳои касбии мутахассисон шароити инклюзивӣ мебошад.

Ба таври васеъ ҷорӣ намудани ғояҳои ҳамгироӣ дар мактабҳои миёнаи кишвар бештар аз мутахассисони соҳибкасб вобаста буда, барои беҳтар намудани ҷараёни омода кардани муаллимони оянда фаъолияти босамарро тақозо дорад.

Омода кардани муаллими оянда барои фаъолият бо хонандагони имконияташон маҳдуд яке аз вазифаҳои муҳими донишгоҳҳои олии омӯзгорӣ ба ҳисоб меравад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки омӯзгорон барои кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд, дуруст ба роҳ мондани самти таълиму тарбия ҳамкорӣ бо оилаҳои онҳо омодагии кофӣ надоранд.

Таҳлилҳо нишон дода истодааст, ки омодагии мутахассисон дар шароити таҳсилоти фарогир оҳиста - оҳиста роҳи худро пайдо намудаистодааст. Дар самти омода намудани педагог- омӯзгори муосир то ҳол камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд яъне нафаҳмидани моҳияти таҳсилоти фарогир, нокифоягии нақшаи таълиму тарбия бо ин гуна кӯдакони ташхиси нодуруст, истифодаи усулхои куҳнашудаи таълиму тарбия.

Ин муаммо ба омӯзгорон кишварҳои дигар низ хос аст. Масалан, омӯзгори швед-Петр С.Гюнваль чунин қайд мекунад: Аксари омӯзгорон донишҳои касбӣ, таҷрибаи кор дар гурӯҳ надоранд, аз салоҳияти ҳамдигар дуруст истифода намебаранд [2, с78].

Таҷрибаи таълимӣ дар мактабҳои кишвар нишон медиҳад, ки аксари омӯзгорон барои кор бо кӯдакон дар шароити таҳсилоти фарогир пурра омода нестанд. Инро натиҷаҳои ташхиси пешакӣ собит мекунанд: зиёда аз 80% муаллимони мактабҳои

таҳсилоти умумӣ чи дар синфҳои анъанавӣ ва чи дар синфҳои таҳсилоти фарогир малакаҳои кофӣ барои босалоҳият ва дуруст фаъолият бурдан дар шароити таҳсилоти фарогир надоранд.

Дар таҷрибаҳои педагогӣ ба назар расидани омӯзгори касбӣ, ки барои ҳамкории самаранок бо кӯдакони имконияташон маҳдуд, бо волидони онҳо дар шароити таҳсилоти фарогир омода буда, барои ташаккули салоҳияти психологию педагогии дар раванди таълим дар донишгоҳҳо, муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгороне, ки дар ин самт фаъолият мебаранд, робитаи ҳамкориро дуруст ба роҳ мондаанд. Ҳамзамон омӯхтани ҳамкорӣ бо оилаи мактаббачагон асоси фаъолияти мутахассиси соҳа ба шумор рафта, дар фаъолияти касбии омӯзгор тарбия намудани маҳфуми "инсондӯстӣ", донишҳои зарурии дар таълими фарогир, ҳамчунин «таҳсилоти ҳамгироӣ шахсӣ фаҳмида мешавад, ки қобилияти иҷрои вазифаҳои касбиро дар раванди таҳсилоти фарогир муайян мекунад» [3, с. 7].

Дар айни замон зарурияти таълими нави парадигмативӣ, яъне аз ҷиҳати касбӣ омода намудани мутахассисони соҳибкасби босалоҳият асос ёфтааст. Он бояд ба такмили самти назариявию амалии нигаронидашудаи факултетҳои педагогикии донишгоҳҳои омӯзгорӣ нигаронида шавад.

О.Л. Жук таъкид мекунад, ки таълими педагогии донишҷӯён дар донишгоҳи касбӣ «Воситаи беҳтарини самараноки такмили шахсият ва касбияти мутахассисони оянда, ки тавассути он азхудкунии салоҳиятҳои психологию педагогӣ сурат мегирад" [4, с. 296].

Дар низоми тайёр намудани мутахассисони касбии омӯзгори оянда на танҳо азхудкунии донишҳои педагогӣ, балки фароҳам овардан шароит барои рушди фаъолияти эҷодӣ, ғояҳои нав, пайдо намудани мавқеи инсондӯстона муҳим аст. Доир ба ташаккул додани заминаи салоҳияти умумии касбии омӯзгор, мавқеи зиндагии инсондӯстона, салоҳияти касбӣ, намуди рафтор ва фаъолияти онҳоро бояд сайқал дод.

Аз ин лиҳоз, ворид намудани маълумот оид ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир дар факултетҳои педагогии донишгоҳҳои омӯзгорӣ муҳим буда, ташкили дарс-семинар бо салоҳиятҳои касбии коршиносон ва самаранок намудани фаъолияти амалии онҳо бояд ташаккул дод. Ин маънои онро дорад, ки таълими фарогир тағйирот ва дигаргуниҳои зиёд оид ба омода намудани мутахассисон равишҳо, сохторҳо ва стратегияҳои мушаххасро талаб менамояд. Савол ба миён меояд,- чӣ тавр таълими фарогирро ба роҳ монем, ки барои ҳамаи хонандагон мувофиқ боша ва онҳо худро нороҳат эҳсос накунанд.

Асоси таҳсилоти фарогир ҳамчун ғоя бояд асос ёбад, ки ҳама гуна табъиз нисбати кӯдаконро истисно намояд. Маҳз муносибати баробарӣ ҳуқуқи ҳамаи одамонро таъмин намуда, барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таҳсил шароити махсус фароҳам меорад. Ба хар як кӯдак имконият медиҳад, ки истедоди худро дарк намуда дар ҷамъият нафъ расонанд.

Дар ин замина, методи салоҳиятнокӣ заминаи методологии омода намудани омӯзгори оянда, кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таҳсилоти фарогир аст. Бо кӯмаки он метавон ба сифати баланди тайёр кардани мутахассисони соҳибтаҷриба ноил шуд. Ин маънои онро дорад, ки дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ, системаи салоҳиятнокиро ба роҳ монда, ҳамкориро бо кӯдакон ва оилаҳои онҳо барои ҳалли мушкилоти пайдошудаи таҳсилоти фарогир таъмин намоем.

Таҳсили фарогир, омӯзиши салоҳиятнокии омӯзгорони оянда

Салоҳияти касбии омӯзгор ин мавҷудияти захираи муайяни донишест, ки имкон медиҳад дар ҳалли масъалаҳои педагогӣ мустақилона амал намояд, қобилият, маҳоратҳои муайяни касбиро ҳангоми ҳалли масъалаҳои ба миёномада дар фаъолияти омӯзгорӣ ба кор барад, ки барои, муттаҳидсозии тачриба, донишҳои назариявӣ амалӣ, ташаккули фарҳангӣ, сифатҳои шахсии омӯзгор аҳамияти калон дорад.

Бо назардошти салоҳияти касбии омӯзгор чунин унсурҳоро барои муайян кардани хусусиятҳои асосии он номбар кардан низ муҳим аст:

- ҳавасманд намудан,
- салоҳияти касбӣ,
- маърифатӣ,
- рафторӣ,
- арзишӣ-маъноӣ,
- эмотсионалӣ-ихтиёрӣ.

Салоҳияти касбӣ як ҷузъи маърифатиро дар бар мегирад, яъне категорияҳои гуногуни дониш, банақшагирӣ, муайян кардани имкониятҳои донишҳои гирифташуда.

Категорияҳои зерини донишҳро метавон гурӯҳбандӣ намуд:

- дониш-тавсиф,
- дониш-пешгуӣ,
- дониш-шарҳ,
- дониши ботартиб,

донишхои идоракунанда.

Дар ин маврид дониш ҳамчун меъёри бошуурона амал карда, ба мазмуни шахсият дохил мешавад. Яке аз ҷузъҳои салоҳияти касбӣ ҷузъи амалиётӣ ва технологӣ мебошад, ки тачрибаи амалисозии фаъолиятро дар бар мегирад. Ин маҳорат ва қобилиятҳои бадастомадаест, ки шахс метавонад дар ҳолатҳои гуногуни мушкилот татбиқ намояд. Салоҳиятҳои касбӣ на танҳо ҷузъҳои маърифатӣ ва амалиётӣ-технологиро дар бар мегиранд, балки ҷузъи ҳавасмандкунӣ ҳадафро низ дар бар мегиранд. Ҳавасмандкунӣ аломати рафтори салоҳият аст. Ҳавасмандкунӣ траекторияи рушди инфиродӣ ва афзоиши салоҳияти шахсиро муқаррар мекунад. Беҳуда нест, ки дар матнҳои муосир ҳавасмандгардониро ҳамчун «ангезаи салоҳият» падидаи алоҳида мешуморанд, ки бо ҳавасмандии бомуваффақият алоқаманд аст. Салоҳияти касбии равонӣ ва педагогии ба омӯзгор имкон медиҳад, ки раванди педагогиро дар шароити таҳсилоти фарогир самаранок ба роҳ монда, бо оилаи хонанда робита зич пайдо намуда, дастгирии педагогиро дар шароити таҳсилоти фарогир амалӣ намояд. Парадигмаи инсондӯстӣ ин дастгирии оилае, ки кӯдаки имконияташ маҳдуд доранд. Салоҳиятҳои касбӣ на ба натиҷаҳои таълим ҳамчун маҷмӯи иттилооти гирифташуда, балки қобилияти истифодаи шахсро дар ҳолатҳои гуногуни мушкилот дар назар доранд [6, с. 26].

Дар заминаи тадқиқоти мо муайян гардид, ки салоҳиятҳои асосии психологию педагогии фаъолияти мутахассис ва омӯзгор дар шароити таҳсилоти фарогир муайян карда мешавад. Салоҳиятҳои психологию педагогӣ ҳамчун иқтидоридохилӣ яъне, донишҳо, ғояҳо, барномаҳо (алгоритмҳо) амалҳо, метод, арзиш ва муносибатҳоро дар бар мегирад, ки он ба кӯдакон имкон медиҳад, дар таҳсилоти фарогир ҳамкорӣ намояд, инчунин мавҷудияти сифатҳои зарурии шахсият- роҳнамоӣ, фаъолият, ирода, таваҷҷуҳ ба кӯдакон, хушмуомилагӣ, чандирии тафаккур, сифатҳои шахсӣ -одоб, бодиққатӣ,

хайрхоҳӣ, софдилӣ, некхоҳӣ, ҷавобгарӣ, ростгӯӣ, боинсофӣ, зиракӣ, эҳсосиятро дар онҳо пайдо кунад.

Дар низоми салоҳиятҳои психологию педагогӣ, барои фаъолияти самараноки омӯзгор бо кӯдакон ва волидони онҳо дар шароити таҳсилоти фарогир и н ташкили мониторинги салоҳият ба ҳисоб меравад. Он имкон медиҳад, ки раванди таълиму тарбияи кӯдакон дар шароити таҳсилоти фарогир назорат бурда шавад, натиҷаҳои воқеии бадастомада бо шавқу натиҷаҳои банақшагирифташуда мувофиқ карда, ба кӯдакони эҳтиёҷманд дар раванди фаъолият кӯмак расонида, бо волидони онҳо ҳамкорӣ карда шуда, хусусиятхои психологии онҳо, дар ҷараёни таълиму тарбия ба назар гирифта шавад.

Ташхиси педагогӣ қисми ҷудонашавандаи мониторинг буда, назорат, тафтиш, баҳодиҳӣ, ҷамъоварии маълумоти оморӣ, таҳлилу муайянкунии ҷараёни инкишофро дар бар мегирад.

Салоҳияти ташхисӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар ба омодагии омӯзгор, муносибати ӯ ба кӯдакони имконияташон маҳдуд, маълумоти корӣ ба даст орем, инчунин таъсири аъзоёни оила ба хонанда, дараҷаи маълумот, сатҳи иқтисодии, аҳли оила, шавқу ҳавас вазъи саломатии кӯдак, таъмини раванди таълиму тарбияи оилавӣ, дар синфҳои анъанавӣ ва синфҳои таҳсилаш фарогир тариқи воситахои ташхис -анкета, тест, суҳбат, муайян карда мешавад [7, с. 46].

Салоҳияти навбатии муҳими фаъолияти касбии омӯзгор ин мундариҷа мебошад, ки ба масъалаҳои таълиму тарбияи хонандагони синни хурди мактабҳо, дарки хусусиятҳои таҳсилоти фарогир, азхудкунии дониш ва маҳорат дар фаъолият бо кӯдакони имконияташон маҳдуд дар самти таълиму тарбия равона шудааст. Салоҳиятҳо имкон медиҳад, ки маълумотро доир ба кӯдакони имконияташон маҳдуди дорои мушкилоти омӯзиш ва рафтор, хусусиятҳои кор бо волидон, дарк кардани имкониятҳои иқтидори эҷодӣ, шумо, иттилоот, дастгирии техникӣ ва сатҳи омодагии хонандагон ва хусусиятҳои дошта бошем.

Азхудкунии омӯзиши салоҳияти омӯзгор ё мутахассиси оянда имкон медиҳад, ки рушди фаъолият, мушкилоти ба вуҷудомадаро дар кор бо кӯдакони эҳтиёҷманди махсус ва волидони онҳо мавриди омӯзиш қарор дода, моделҳои ҳалли онҳоро таҳия намуда, оқибатҳои натиҷаи қарорҳои истифодашударо пешбинӣ намоем. Омӯзиши ҳаматарафаи раванди педагогӣ ва натиҷаи он ба ташаккули чунин сифатҳои шахсии хонандагон, ба монанди қобилияти худтаҳлилӣ ва худэътимодӣ мусоидат мекунад. Вақте ки омӯзгор раванди ба даст овардани натиҷаро муайян мекунад, вай малакаҳои тафаккури навоварона, банақшагирӣ, идоракунии иттилоот ва тамоюли онҳоро инкишоф медиҳад.

Нақшаи салоҳият ба муаллими оянда имкон медиҳад, ки фаъолияти худро ба танзим дароварда, маънои ҳаёт, муносибати арзишмандӣ ба таълим ва тарзи ҳаёти солимро ташаккул диҳад ваонро ба самтҳои арзишманди мувофиқ намояд. Ин дастури муҳим дар кори тарбиявӣ кӯмак мерасонад.

Салоҳияти тарҳрезӣ ҷузъи асосии салоҳияти касбии омӯзгор мебошад. Он яке аз натиҷаҳои асосии омодагии педагогикаи касбӣ дониста шуда, омодагии омӯзгорро ба кор дар муҳити таҳсилоти фарогир ва ҳамкорро бо волидон таъмин менамояд. Салоҳияти тарҳрезӣ қобилияти пешгӯии натиҷаҳои фаъолияти худро муайян карда, пайдарпайии амалҳои худро дар самти ноил шудан ба ҳадаф дар бар мегирад, яъне стратегия ва тактикаи педагогиро ба ҳам наздик мекунад.

Дар раванди таълим ҷалб намудани муаллимони оянда ба фаъолияти лоиҳакашӣ дар асоси интихоби муҳими стратегияи кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуди саломатидошта, ва волидони онҳо муҳим аст. Зарур аст, ки қисмҳои асосӣ ва тағйирёбандаи мундариҷаи фанҳои давраи педагогӣ бо роҳи навсозии эҷодӣ, тавассути истифодаи усулҳои фаъоли таълим амалӣ карда шавад, зеро он ба омӯзгор имкон медиҳад, ки худро ҳамчун субъекти эҷодии фаъолият дар тарҳрезии кӯдакони таҳсилоти фарогир ва волидони онҳо нишон диҳад. Ҷузъи муҳими салоҳияти лоиҳакашӣ маҳорати тарҳрезии мутахассис мебошад, ки бояд ҳамчун маҷмуи фаъолияти амалии омӯзгор, ки воқеияти ташкили раванди таълимро пешбинӣ мекунанд, баррасӣ карда шавад.

Тағйир додани раванди таълимӣ бо мақсади ташаккули малакаҳои лоиҳакашӣ дар омӯзгорони оянда ин хусусияти мақсаднок, ботартиб, созанда ва эҷодкор дошта, ба мафҳумҳои таълими инноватсионӣ, ғояҳои муносибати алгоритмӣ асос ёфта, ташаккули тарҳи оптималии таълимро таъмин менамояд. Муаллими муваффақи муосир бояд технологияҳои тарҳрезии фаъолият, равандҳои таълиму тарбияро аз худ намояд,яъне тарҳрезии фаъолият дар шароити таҳсилоти фарогир, рушди инфиродии хонандагон.

Салоҳияти рефлексивӣ ба қобилияти муаллим, баҳодиҳии кори ӯ дар маҷмуъ, ҳадафҳо, истифодаи усулҳою, воситаҳо, шароит ва натиҷаҳо алоқаманд аст. Салоҳияти рефлексивӣ ин раванди огоҳӣ, таҳлилӣ, дарки интиқодӣ аз ҷониби субъекти раванди педагогӣ буда, чӣ гуна фаъолият, иҷрои он, усулҳои идоракунии раванди таълим аз ҷониби омӯзгорон дарк карда мешавад, ки ба иҷрои вазифаҳои таълиму тарбия мусоидат мекунад. Он ба фаҳмиши муаллим дар бораи раванд ва натиҷаҳои фаъолияти худ бо кӯдакон ва волидон нигаронида шудааст, ки дар рафти онҳо дониш, қобилият, хатогиҳо ва имкониятҳои худ аз нав дода мешавад.

Татбиқи ин салоҳият дар раванди таълим ин ба мактаббачагон фароҳам овардани шароит, барои рушди рефлекс, ташаккули худбинии субъектҳои раванди таълим тақозо мекунад.

Салоҳияти рефлексивӣ инчунин фаҳмиши муаллими ояндаро дар бораи иқтидои рушди шахсияти кӯдак оғоз мекунад.

Салоҳияти коммуникатсионӣ(робитавӣ). Ин намуди фаъолияти коммуникатсионӣ, муошират хонандагонро дар раванди таҳсилоти фарогир ва волидони онҳоро муайян мекунад. Он имкон медиҳад, ки мубодилаи шифоҳӣ ва ғайришифоҳии иттилоот ташкил карда шавад, хусусиятҳо ва сифатҳои шахсии ҳамсӯҳбат ташхис карда шавад; қобилияти таҳияи стратегия, тактика, усулҳои ҳамкорӣ бо кӯдакон ва волидони онҳо, фаъолияти муштараки онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайяни иҷтимоӣ, қобилияти шиносоӣ бо ҳамсӯҳбат фаҳмидани худи кӯдак аз ҷониби шарики муошират чӣ гуна қабул карда мешавад ва бо ӯ чӣ гуна муносибат мекунанд, муайян карда шавад.

Хулоса Салоҳияти конфликтологӣ, яъне низоӣ буда, қобилияти субъектӣ (ташкилот, гурӯҳи иҷтимоӣ, ҳаракати гурӯҳӣ ва ғ.) дар муноқишаи воқеӣ барои амалӣ намудани шаклҳои харобиовари низоъ ва интиқоли нофаҳмиҳои манфии иҷтимоӣ ба самти мусбати иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Он сатҳи рушди огоҳиро доир ба стратегияҳои ҷонибҳои даргир ва қобилият мусоидат намуда, амалисозии ҳамкории созанда дар вазъияти мушаххаси муноқишаро ифода мекунад. Салоҳияти низоӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

- ташаккул додани муносибати созанда ба муноқишаҳо дар дастаҳо;
- Доштани малакаҳои муоширатӣ бидуни низоъ дар ҳолатҳои душвор;

- қобилияти баҳо додан ва шарҳ додан дар ҳолатҳои пайдоиши мушкилот;
- мавҷудияти малакаҳои идоракунии низоъ;
- қобилияти таҳияи асосҳои конструктивии муноқишаҳои бавуҷудомада;
- пешгӯии оқибатҳои эҳтимолии низоъҳо;
- қобилияти танзими конструктивии зиддиятҳо ва низоъҳо;
- мавҷудияти малакаҳо барои бартараф кардани оқибатҳои манфӣ.

Ташаккули салоҳияти идоракунии муноқишаҳои муаллими оянда самаранок хоҳад буд, агар:

- хусусиятҳои таркибӣ ва функсионалии он муайян карда шавад;
- раванди таълим ба модели таҳияшудаи сохторию функсионалии ташаккули салоҳияти низоии омӯзгори оянда асос ёбад;
- дар раванди таълими донишгоҳи омӯзгорӣ курси махсуси таҳияшудаи «Салоҳияти муноқишавӣ» дохил карда шавад;
- маҷмуи шартҳои педагогӣ агар ба рушди самараноки салоҳияти донишҷӯён дар ҳалли муноқишаҳо тавассути инъикоси педагогӣ нигаронида шаванд.

Талаботи замон зарурати аз худ кардани салоҳияти илмии омӯзгоронро ба миён меорад. Муаллим омили тағироти таълиму тарбия буда, дар шароити тағйирот фаъолият мекунад, яъне зиёд намудани ҳаҷми маводҳои илмӣ, методӣ, таҳқиқотӣ дар сохтори фаъолияти педагогӣ, фароҳам овардани моделҳои нави амалияи педагогӣ ва дарки илмии онҳо самти муҳими азхудкунии салоҳияти тадқиқотӣ ин рушди қобилияти омӯзгор барои худтаҳликунӣ ва фаъолияти лоиҳавӣ мебошад.

Салоҳияти тадқиқотии омӯзгорро метавон ҳамчун қобилият ва омодагии шахс барои мустақилона ва самаранок анҷом додани фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, пешгӯии натиҷаҳои он ва татбиқи амалия дар шароити таҳсилоти фарогир муайян кард.

Фаъолияти тадқиқотӣ имкон медиҳад, ки бисёре аз малакаҳо ва қобилиятҳои дар фаъолияти касбӣ буда васеъ истифода бурда шуда, воситаи ташаккули малакаҳои зеҳнӣ, ки дар навбати худ то андозае муваффақияти ҳама гуна фаъолият, бахусус дар соҳаи маорифи фарогир ва тарбияи оилавиро фаро мегирад, таъмин карда шавад.

Мавҷудияти малакаҳои тадқиқотӣ ё салоҳияти тадқиқотӣ роҳи ҳалли ҳама гуна мушкилоти фаъолияти касбии педагогӣ мебошад.

Салоҳиятҳои марбут ба технологияҳо ва усулҳои кор бо кӯдакон дар таҳсилоти фарогир ва азхудкунии маҳорат ва малакаҳои кор бо кӯдакони имкониятташон маҳдуд аҳамияти хоса доранд. Муҳим аст, ки муаллими низоми кор бо хонандагони ниёзмандро аз худ кунад.

Барои татбиқи равиши салоҳиятнокӣ дар шароити таҳсилоти фарогир зарур аст, ки омӯзгор дорои сифатҳои муайяни шахсӣ бошад, ки ба ӯ имкон медиҳад, кори тарбиявиро бо мактаббачагон бомуваффақият пеш барад.

Салоҳиятҳои марбут ба технология ва усулхои кор бо кӯдакон дар тахсилоти фарогир, пайдо намудани маҳорат ва малакаҳои кор бо кӯдакони имкониятташон маҳдуд ахамияти калон дорад. Муҳим аст, ки муаллимони донишгоҳҳои олии омӯзгорӣ низоми кор бо кӯдакони ниёзмандро аз худ мекунад.

Барои татбқии равиши салоҳиятнокӣ дар шароити таъҳсилоти фарогир зарур аст, ки омӯзгор дорои сифатҳои муайяни шахс бошад, ки ин ба ӯ имкон медиҳад, кори тарбиявиро бо мактаббачагон бомуваффақият пеш барад.

АДАБИЁТҲО:

1. Саламанкская декларация и рамки действий по образованию лиц с особыми потребностями, принятые Всемирной конференцией по образованию лиц с особыми потребностями: доступ и качество, Саламанка, Испания, 7-10 июня 1994 года // http://www.un.org/russian/documen/declarat/salamanka.pdf Дата доступа - 28.10.2010 г.
2. *Пер Ч. Гюнваль* От «Школы для многих» к «Школе для всех» // Дефектология, 2006, № 2, С.73 – 78.
3. *Хафизуллина, И.Н.* Формирование инклюзивной компетентности будущих учителей в процессе профессиональной подготовки: автореф дис. … канд. пед. наук: 13.00.08 / И.Н. Хафизуллина. – Астрахань, 2008. – 22 с.
4. *Жук, О.Л.* Педагогическая подготовка студентов: компетентностный подход / О.Л. Жук. – Минск: ВИВШ, 2009. – 336 с.
5. *Феталиева, Л. П.* Достоинства и недостатки инклюзивного образования и интеграции / Л. П. Феталиева // Вестник Университета (Государственный университет управления). – 2015. – № 8. – С. 312–316.
6. *Раҳмонов, З. П.* Асосҳои олигофренопедагогика. Хуҷанд. Мероҷ. 2011.-96с.
7. Таҳсилоти фарогир. Дастури методӣ. Таҳти назари А.Байзоев Душанбе. Ирфон.2013-224с

ОМОДА НАМУДАНИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР ШАРОИТИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР БАРОИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Вализода Шоирахон

Дар мақола яке аз масъалаҳои мубрам - фаъолият бо кӯдакони имконияташон маҳдуд дар доираи барномаи таҳсилоти фарогир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллифи мақола хусусиятҳои асосии салоҳияти омӯзгор дар шароити таҳсилоти фарогир, омӯзиши технология ва усулҳои кор бо кӯдаконро дар самти таҳсилоти фарогирро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Ҳамчунин муаллифи мақола фаъолияти кӯдакони имконияташон маҳдудро дар муассисаҳои таълимӣ аз ҷиҳати инкишофи педагогиву психологӣ муайян менамояд.

Дар мақола муаллиф афзалияти таҳсилоти фарогир бо хусусиятҳои мушаххаси инкишофи кӯдакон, қобилият ва шавқу рағбатҳои онҳо мавриди назар шудааст. Вазифаҳои муҳимтарини муассисаи таълимӣ, рушд ва татбиқи чорабиниҳо оид ба инкишофи ҷисмонӣ, солим нигоҳ доштан, мустаҳкам намудани фаъолияи кӯдакон мебошад. Мақсади муаллифи мақола, низ муайян кардани хусусиятҳои асосии салоҳиятҳои касбии омӯзгор, фароҳам овардани фазои умумии гуманистии тарбиявӣ, шароити зарурии таҳсилот ва инкишофи ҳаматарафаи кӯдакони имконияти маҳдуди саломатидошта аст.

Калидвожаҳо: *таҳсилоти фарогир, кӯдакони имконияташон маҳдуд, шаклҳои таълим, баробарҳуқуқии кӯдакон, барномаҳои таълимӣ, марказҳои саломатӣ, дастгирӣ, ҳамкории хонандагон ва тарбияи гуманистӣ.*

ПОДГОТОВКА БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ К РАБОТЕ С ДЕТЬМИ ОВЗ В УСЛОВИЯХ ИНКЛЮЗИВНОГО ОБРАЗОБАНИЯ

Вализода Шоирахон

В статье исследованы актуальные вопросы современного образования. Автором рассмотрены вопросы подготовки будущих учителей в процессе обучения детей с ОВЗ в рамках программы инклюзивного образования. Автор статьи изучил основные особенности компетентностного подхода будущих учителей в условиях инклюзивного образования, технологию обучения и методы работы с детьми в условиях инклюзивного образования.

Также автор статьи определяет деятельность детей с ограниченными возможностями в образовательных учреждениях с точки зрения педагогического и психологического развития.

В статье автор отметил, что приоритетом инклюзивного образования является учет особенностей развития детей ОВЗ, учитываются их способностями и интересы. Важнейшими задачами образовательных учреждений являются разработка и реализация мероприятий по физическому развитию, сохранению здоровья и усилению активности детей ОВЗ. Также в статье автором определены основные характеристики профессиональных компетенций педагога. Автором даны рекомендации о создании создать общегуманистической образовательной среды, которые необходимы для условия для обучения и всестороннего развития детей с ограниченными возможностями здоровья.

Ключевые слова: *инклюзивное образование, дети с ограниченными возможностями здоровья, образовательная среда, профессиональная компетенция, образовательные программы, центры здоровья, поддержка, сотрудничество студентов и гуманистическое образование.*

.

PREPARING FUTURE TEACHERS FOR WORK WITH CHILDREN WITH DISABILITIES IN INCLUSIVE EDUCATION

Valizoda Shoirahon

Дар мақола мафҳуми тарз дар забони англисии муосир баррасӣ карда мешавад. Дар забони англисии муосир, тарз яке аз мураккабтарин ва душвортарин муайяншавандаи категорияи феъл мебошад. Ҳангоми муайян кардани тарз одатан бо мафҳумҳо ва истилоҳҳои сатҳи семантикӣ (субъект, объект), синтаксикӣ (мубтадо, пуркунанда) ва морфологӣ (шакли феъл)-и сатҳҳо амал мекунанд.

Дар забони англисӣ низ тарз одатан бо феълҳои гузаранда/ғайригузаранда алоқамандӣ дорад. Нахуст имконияти сухан гуфтан ҳам дар тарзи фоил ва ҳам мафъул эътироф карда мешавад. Дар шакли тарзи мафъули феъл дар забони англисӣ бошад на танҳо феълҳои дорои маънои асосии гузариш, балки феълҳое, ки ғайримустақиманд, метавонанд дар баъзан мавридҳо бо аъзои ҳол низ якҷоя карда шаванд.

Дар бораи ду нуқтаи назари муқобилмаъно оид ба тарз сухан гуфтан мумкин аст.

Мувофиқи яке тарз ҳамчун категорияи грамматикӣ эътироф карда намешавад, мувофиқи дигаре эътироф карда мешавад. Дар низоми феъли забони англисӣ эътирофи ду шакли тарз, фоил ва мафъулро ба таври умум эътироф кардан имконпазир аст.

Калидвожаҳо: *тарз, категорияи феълӣ, субъект, объект, синтаксисӣ, мубтадо, пуркунанда, морфологӣ, шакли феълӣ, тоҷикӣ, англисӣ.*

THE VOICE IN MODERN ENGLISH LANGUAGE

Kholikzoda Ainiddin

The article discusses the concept of the voice in modern English. In modern English, the voice is one of the most difficult and difficult to define verbal categories. When defining a pledge, concepts and terms of the semantic level (subject, object), syntactic (subject, complement) and morphological (verb form) levels are usually used.

In English, the voice is also usually associated with transitivity/intransitivity of the verb. The former is recognized as having the right to act both in an active pledge and in a passive (passive) pledge. In the form of a passive voice in English, not only verbs with a basic transitive meaning can act, but also verbs combined with an indirect complement, and sometimes with circumstantial terms.

We can talk about two opposite points of view on collateral. According to one, the pledge is not recognized as a grammatical category, according to the second, it is recognized. The recognition of two voices in the English verb system — active and passive - can be considered generally recognized.

Keywords: *Voice, verbal category, subject, object, syntactic, noun, complement, morphological, verb form, Tajik, English.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Холиқзода Айниддин – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17 Тел.: E-mail: aynijon@mail.ru, (+992) 918-78-00-47.*

Сведения об авторе: *Холикзода Айниддин – доцент общеуниверситетской кафедры английского языка Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Тел.: E-mail: aynijon@mail.ru, (+992) 918-78-00-47.*

Information about the author: *Kholikzoda Ainiddin – candidate of Philology, associate professor of the university Tajik national university, , Department of english Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: aynijon@mail.ru Tel.:(+992) 918-78-00-47.*

ТДУ: 802.0+809.1550

РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ МАРКЕТИНГИ ИНТЕРНЕТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Якубова М. Т.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Моҳияти омӯзиши истилоҳот дар замони муосир баҳснок аст, зеро истилоҳот аз як тараф, асоси зинаи пайдошавии мафҳумҳои гуногуни илмӣ бошад, аз тарафи дигар, воҳидҳои луғавии нав дар забоншиносии амалӣ ба ҳисоб меравад. Бо суръати кайҳонӣ тараққӣ ёфтани илму техника диққати махсуси муҳаққиқонро ба моҳияту мафҳумҳои истилоҳоти гуногун равона месозад. Ҳама истилоҳоти тамоми соҳаҳо дар раванди тарҷума мисли забони асл тобиши маъноӣ дода наметавонанд. Дар раванди тарҷума тобиши маъноӣ на ҳамавақт нигоҳ дошта мешавад. “Тарҷума ва тарҷумонӣ яке аз намудҳои фаъолияти куҳантарини инсонӣ ба шумор рафта, як раванди мураккаб ва пур аз муаммо мебошад. Аслан, дар раванди тарҷума на танҳо мубодилаи афкор аз як забон

ба забони дигар, балки бархӯрдани фарҳангу маданият, расму оин, дараҷаҳои рушди ҷомеа дар даврaҳои гуногун ба чашми тарҷумон мерасанд. Вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як тарҷумон ин интиқоли пурраи мазмуну мундариҷаи забони мабдаъ ба забони мақсад бо назардошти хусусиятҳои услубӣ, экспрессивӣ ва тамоми қоидаҳои сохтории грамматикаи забон мебошад. Ҳангоми тарҷума, тарҷумон бояд бо кадом роҳ ифодашавии мазмуну мақсади матни аслро дар матни тарҷума иброз карда тавонад.” [7, 83]. Истилоҳоти соҳаи маркетинг ва маркетинги интернетӣ як ҷузъи таърихиву фарҳангии ҳар як миллат буда, баёнгари даврaҳои мухталифи рушду инкишофи забон ба шумор мераванд. Истилоҳот бетағйир нестанд, онҳо мунтазам тараққӣ меёбанд, ҳудуди худро васеъ мекунанд. Мавриди ба зикр аст, ки то имрӯз роҷеъ ба таърифу тавсифи истилоҳот дар афкори забоншиносону истилоҳшиносон фикру андешаи ягона ба чашм намерасад. Масалан, забоншинос Д. Саймиддинов пайдоиши истилоҳотро дар забони форсиии миёна ва аз чанд роҳ сурат гирифтани онро чунин баён мекунад: «идомаи истилоҳоти бунёдии эронӣ бидуни тағйироти маъно ва ё тавсиаи маънои истилоҳии он дар забони форсии миёна; истифодаи луғати ғайриистилоҳӣ ба ҳайси истилоҳ; иқтибос аз забони авестоӣ; баргардон ва ё калкаҳои авестоӣ дар паҳлавӣ; иқтибос аз забонҳои ғайриэронӣ-юнонӣ ва ҳиндӣ; аз роҳи вожасозӣ (дар асоси қолабҳои вожасозӣ) [13, 23]. Мирзо Ҳасани Султон ҳам, ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба истилоҳ таърифи зайлро муносиб медонад: «….. аммо истилоҳ калимаи хос аст, саҳеҳтараш калимаи ба вазифаи хос аст. Вай калима ва ё ибораест, ки дар ҳавзаи амалкардаи як илми махсус маънои ба худ хоссе дошта, мафҳуми муайянеро ба шакли дақиқ ифода мекунад. Истилоҳ метавонад гоҳе дар матн маънии истилоҳии худро аз даст бидиҳад ва ба сифати калимаи маъмули забон истифода гардад» [8,67]**.** Ба андешаи П. Нуров «Истилоҳ чунин калима ё ибора, алоқамандии калимаҳо мебошад, ки ҳар яки онҳо фақат як мафҳумро ифода менамоянд ва дар доираи фанни мазкур ва ё ин ки дар доираи гурӯҳи фанҳои мазкур дорои як маъно мебошанд» [11, 95-96].

Бунёди ҳар як забон аз захираҳои луғавӣ ва сохти грамматикӣ иборат аст. Калимаҳо, истилоҳот, ибораю мафҳумҳои ашё, вожаҳо, ки дар муҳити кору зиндагии инсон вуҷуд доранд, ифодагарди онанд. Дар ҳар як забон вожаҳое мавҷуд мебошанд, ки тобишҳои миллӣ дошта, бо услубҳои гуногун дар дохили худи ҳамон забон ифода мешаванд ва тарҷумаи чунин воҳидҳои луғавӣ ба тарҷумон ғайриимкон менамоянд. Ба ҷумлаи ин гуна воҳидҳо, архаизмҳо, деалектизмҳо, истилоҳот ва баъзе калимаҳои мураккаб дохил мешаванд. Истилоҳоти маркетинг дар умум ва маркетинги интернетӣ низ хусусияти ба худ хоси маъно ва сохтор дошта, дар раванди рушду нумӯъ мебошад. Дар замони имрӯза тамоми фаъолияти бозоргонии одамон тариқи онлайн тавассути Интернет сурат мегирад. Дар ин ҷараёни рӯзмара мунтазам вожагон ва истилоҳоти маркетинги интернетӣ пайдо шуда истодаанд, ки ҳангоми баргардон кардан ва интиқол додани онҳо ба дигар забонҳо мушкилотро пеши рӯ меорад. Шояд дар олами муосир забоне вуҷуд надошта бошад, ки аз забонҳои дигар калимаю истилоҳотро иқтибос нагирад. Ҳатто дар асрҳои Миёна миқдори зиёди калимаҳои иқтибосшударо аз забонҳои скандинавӣ қабул карда, миқдори ин ҳамаи иқтибосоти зиёди аз забони фаронсавии Қадим ба забони англисӣ ворид гаштаанд. Дар натиҷа қариб нисфи луғати забони англисӣ аз калимаҳо ва истилоҳоти иқтибосшуда иборат мебошад. Инчунин забони англисӣ решаҳои забонҳои романӣ дорад ва барои бой шудани луғати забони англисӣ иқтибоскунӣ (*borrow*) манфиати зиёд оварда, барои рушди он саҳми худро гузоштааст. Дар айни замон истилоҳоти иқтибосшуда на танҳо дар шакли шифоҳӣ, балки дар шакли хаттӣ низ истифода мешаванд. Ин калимаҳо ва истилоҳот дар забони англисӣ шакл ёфта, коркард шуда, ба забони тоҷикӣ низ ворид шуда истодаанд. Масалан, дар соҳаи бозоршиносӣ (маркетинг) истилоҳоти маркетингӣ ва як қатор калимаву истилоҳот ба ин соҳа таалуқдошта бидуни тағйирот истифода мешавад. Аксар вақт калимаи истилоҳоти иқтибосшуда дар забони модарӣ (тоҷикӣ) ҳамчунин барои ифодаи калимаи нав кӯмак

мерасонад. Метавон тахмин кард, ки калимаҳои иқтибосшуда аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ аслан аз забонҳои дигар сарчашма мегиранд. Бештар аз каналҳои Youtube, аз телевизион калимаҳои ***manager, account, browser, hokcer, targeting*** ва дигар ба монанди ҳамин истилоҳотро шунидан мумкин аст. Вазифаи забоншиносон зери таҳлил қарор додани истилоҳоти нав ва калимаҳои иқтибосӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар мақолаи мазкур таҳлил ва пайдо намудани синонимҳои истилоҳот дар соҳаи маркетинг ва маркетинги интернетӣ зери таҳлилу баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Мусаллам аст, ки дар соҳаи иқтисодиёт махсусан маркетинг, ки раванди бозоргониро ташкил медиҳад рақобатҳои зиёд ба вуҷуд меояд. Барои фаҳмидан ва таҳлил кардани калимаву – истилоҳот зарурат ба амал меояд, ки забони англисиро бо тамоми нозукиҳо бояд аз худ намуд. Бо донистани забон ба мутахассиси ин соҳа имкон медиҳад, ки аз хабарҳои навин пеш аз рақобати самти бозоршиносӣ бархурдор бошад. Забони англисӣ бошад воситаи байналмиллалии муошират барои тамоми муассисаву, ташкилоту корхонаҳо ба шумор меравад. Адабиёти зарури ва муҳимро барои мутахасиссони самти маркетингро метавон ба забони англисӣ дарёфт намуд.

Омӯзиши забони тиҷоратӣ на танҳо раванди ворид шудан ба моҳияти соҳаи тиҷорати касбиро осон мекунад, балки дар бораи забони англисӣ ғояҳои иловагӣ низ медиҳад. Илова бар ин, маҷмуи истилоҳот барои пайдоиши донишҳои нави умумибашарӣ замина муҳайё мегардонад. Забон ва тафаккурро барои пазироии мафҳумҳои нав омода месозад ва дараҷаи рушди забонро ба сатҳи баландтар мебардорад. Дар замони истиқлолияти Тоҷикистони азиз рушду густариши илми иқтисод нахустин нуқтаи барномаи истилоҳоти иқтисодии кишвар ба шумор рафта, тибқи талаботу тақозои он мебояд барои сатҳи фаҳмиши иқтисодии мардумро ғанӣ гардонида ибтидо адабиёти иқтисодро бо забони давлатӣ мунташир намуд. Дар амри ин вазифаи ҳаётан муҳим қабл аз ҳама, тарҷума ва таҳқиқи истилоҳоти иқтисодӣ, бозорӣ (маркетингӣ), дар ҳамоҳангии вожаҳо ва калимаҳо қарор мегиранд. Яъне, то истилоҳоти мавҷуда бо забонҳои русиву англисии ин соҳа мукаммалан ба давлатӣ баргардонида нашавад, фароҳам омадану дастрасии адабиёти ин соҳа чандон манфиатовар нахоҳад буд. Истилоҳ узви системаи муайяни истелоҳотест, ки ба як соҳаи муаяни илми иқтисод, технология, истеҳсолот алоқаманд аст. Ҳар як истилоҳ дар байни як қатор истилоҳҳои дигари ҳамон соҳа таърифи дақиқи илмии худро дорад. Истилоҳ натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва фаҳмиши назариявии онҳоро инъикос мекунад. Мисол, истилоҳи маркетинг (marketing) – бозоршиносӣ, бозорёбӣ, (илми бозоршиносӣ, танзиму фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии ширкат бо мақсади ҳамоҳангсозии он бо талабот дар бозор мебошад**.** [14,127]. marketing manager – мудир, сарпараст, идоракунанда, роҳбар, бозоршинос, бозоргонӣ, ***marketing specialist – мутахасиси бозоршиносӣ, marketing expert – ташхисгари бозоршиносӣ***, ***marketer – фурушанда, бозорчи, бозоршинос яъни одатан marketer бештар дар фуруши маҳсулот диққат медиҳад нисбат ба (реклама) тарғиботи ӯ.***

Бояд қайд намуд, ки истилоҳоти маркетинги интернетӣ на фақат дар байни ихтисосмандони соҳа васеъ истифода бурда мешавад, балки дар фазои забонҳои робитадошта низ зери истифода қарор дорад. Аз ин лиҳоз, талаботи зиёди омӯзиши истилоҳоти маркетинги интернетӣ пеши рӯ меояд, ки яке аз ҳадафҳои махсус дар раванди омӯзиши истилоҳот мебошад. Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забоншниносии муосир яке аз бахшҳои асосии илми вожашиносӣ (лексикология) ба шумор меравад. Бинобарин, мо бояд дар истилоҳсозӣ равиши илмии истилоҳоти байналмиллалиро қабул карда, ҳарчи зудтар барои ба забони умумӣ ва илмӣ табдил ёфтани истилоҳоти мазкур ба забони тоҷикӣ мусоидат намоем.

Истилоҳ ҳамчун объекти омӯзиши забоншиносӣ амал карда, дар забонҳои муосир мавқеъи муҳимро ишғол менамояд ва нақши асосиро иҷро мекунад. Таҳқиқу пажӯҳиши мафҳуми истилоҳ аз назари англисишиносони рус Г.Б Антрушина, О.В. Афанасева ва Н.Н. Морозова низ дур намондааст. Онҳо истилоҳро чун калима ва ё иборае, ки

махсусан аз тарафи дастандаркорони соҳаи илм, техника, тиҷорат ва санъат барои ифодаи баёни мафҳумҳои хос истифода мешавад, яъне «Term, as traditionally understood, is a word or a word group which is specifically employed by a particular branch of science, technology, trade or the arts to convey a notion peculiar to this particular activity» [5, 20-26]. Ҳар як соҳаи касбӣ, илм ва техника дорои воҳидҳои луғавии махсус мебошад, ки вазифаи муҳимтарини рукни истилоҳот ин таъмини муошират дар раванди фаъолияти муштараки мутахассисон мебошад. Дар даврони муосир бо истифода бо техника ва технологияи муосири электронӣ ва истифодаи шабакаҳои компютерӣ ва бо рушди истилоҳоти маркетинги интернетӣ баҳри густариши забони адабии тоҷикӣ боз ҳам имкониятҳои васеътар пайдо шуда истодаанд. Ҳамин тавр, аз шарҳу тавзеҳи забоншиносону истилоҳшиносоне, ки фикру назарашон роҷеъ ба мафҳуми истилоҳ ва тафовути он аз вожагони уммумиистеъмолӣ зикр ёфт, маълум гардид, андешаҳои эшон ба ҳамдигар шабоҳат дошта, истилоҳро ба сифати калима ё ибораи хосси илмҳои мухталиф пазируфта, таъкид бар он мекунанд, ки истилоҳ бояд якмаъно буда, бар мабнои қоидаҳои калимасозиву ибораории забон сохта шавад, ки *истилоҳ* – калима ва ё ибораи дорои маънои ба худ хос буда, дар соҳаи ҳар як илми муайян истеъмол мегардад. Он маънои мушаххаси луғавии худро соҳиб буда, як ҷузъи низоми истилоҳот ба шумор меравад [15]. Дар баробари ин барои омӯзиши забон имрӯзҳо аз технологияи иттилоотӣ хеле самаранок истифода мебаранд, аз ин лиҳоз метавон қайд намуд, ки илму техника боиси таҳаввулоти истилоҳоти маркетинги интернетӣ мебошад. Воқеан айни ҳол нақши сомонаҳои иҷтимоӣ ва маркетинги интернетӣ дар таҳаввулоти луғавии забони тоҷикӣ низ хеле назаррас аст.

Истилоҳоти маркетинги интернетӣ таҳқиқоти муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, истилоҳот ҳамчун воҳиди забонӣ буда, ба қонуниятҳои фонетикӣ ва наҳви забон тобеъ аст. Инчунин, объекти муайян ва мустақили илми забоншиносӣ мебошад [13]. Бештари истилоҳоти маркетинги интернетӣ дар раванди интиқол ба забони дигар транслитератсия шуда, тарҷумаи худро намеёбад. Усули транслитератсия навиштани овозҳои калимаҳои як забонро бо ҳарфҳои забони дигар дарбар мегирад. Дар ҳолате, ки истилоҳ тарҷумаи шарҳи маънӣ шавад, хусусияти омонимӣ пайдо карда – хусусияти худро гум мекунад ва истифодаи воҳидҳои луғавии умумӣ интиқол меёбад. Мисол: ***brand, online, business, credit, navigator, chat, site, nickname***

Омӯзиши забони тиҷоратӣ натанҳо раванди соҳаи тиҷорати касбиро осон мекунад, балки дар бораи забони англисӣ ғояҳои иловагӣ низ ифода менамояд. Объекти таҳқиқот таҳлили маҷмуи истилоҳоти маркетинг ва маркетинги интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳлили муфассали истилоҳоти нави маркетинги интернетӣ дар давоми 4 даҳсолаи охир дар доираи шаклҳои калимасозӣ, шаклҳои нави маҷозӣ, аз рӯйи намудҳо ва зернамудҳои моделҳои интиқоли маъно дар забоншиносии амалӣ омӯхта мешаванд. Бо назардошти рушди муосири илму техника инсоният оид ба маркетинг ё сиёсати бозор маводи нави забонӣ ошкор кардааст. Таваҷҷуҳи ҷузъии илми техникии маркетинг тасодуфӣ нест, зеро ин соҳа аз неолигизмҳо, ихтисорот (акроним) ифода ёфта, соҳаи асоси истифодаи калимаҳои иқтибосӣ ва байналмиллалӣ ба ҳисоб меравад.

Солҳои охир масъалаи кӯтоҳнависӣ ва ё кӯтоҳ кардани калимаҳо дар вариантҳои амрикоӣ ва британиёии забони англисӣ таваҷҷуҳи олимон ва пажӯҳишгарони соҳа, омӯзгорон, донишҷӯён ва касонеро, ки ба омӯзиш ва истифодаи ҳамарӯзаи забони англисӣ сару кор доранд, ҷалб намудааст. Оини кӯтоҳнависӣ имрӯз дар забони англисӣ бисёр тараққӣ кардааст, ки тақрибан дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ истифода мешавад. Кӯтоҳнависӣ одатан дар амру фармоишҳо, феҳристнигорӣ (каталогҳо), поварақҳо, эълону рекламаҳо, васоити ахбори омма, воситаҳои интернетӣ, чат ва амсоли онҳо, ки кӯтоҳ навиштан барои онҳо матлуб ва хеле муҳим аст, ба назар мерасад. [9,18]. Дар навиштаҳои умум фақат баъзе ихтисораҳо ва ададҳо истифода

мешаванд. Ба ин гӯрӯҳ вожаҳои ихтисоршуда ё аббревиатура, акронимҳо ва ададҳо дохил мешаванд. Лозим ба ёдоварист, ки бештари истилоҳоти маркетинги интернетӣ дар шакли ихтисора таҷассум меёбанд. Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур аз як тараф кумак ба маркетологҳо (бозоршиносон) бошад, аз тарафи дигар пажӯҳиши ихтисораҳо дар забони англисӣ ва тарзи истифодаи он дар маркетинг, рӯзномаву маҷалла, васоити ахбори омма ва воситаҳои интернетӣ мебошад. Чӣ гунае, ки дар боло зикр гардид истилоҳоти маркетингӣ бо роҳи ихтисоркунӣ ташаккул ёфта истодааст. Аббревиатура – (итал. Abbreviature –ихтисоркунӣ, лот. Abbreevio –ихтисор мекунам) дар забоншиносӣ: а) намуди аввалияи калимаҳои ихтисоравии мураккаб аз ҳарфҳои аввали иборат аст, ба монанди **IP** address – Internet Protocol Address (аз маҷмуи сайтҳои ташкилотҳо ё воҳидҳои сохтори корпоративӣ хидматҳои гуногуни интерактивии интернетӣ мебошад, ки дар як сайт фаъолият мекунад) ва ё аз ҳарфҳои аввали ибора сохта мешаванд, аммо на аз рӯи номи ҳарфҳо, балки чун калимаи одӣ хонда мешаванд. Мисол, *(дар англисӣ)* ***SMM****. аз Social Media Marketing (ҷалби таваҷҷуҳ ба маҳсулот бо истифодаи аз шабакоҳои иҷтимои аз ҷониби маркетинг)*"; б) калимаҳои ихтисоравии мураккаб, ки аз унсурҳои (морфемаҳои) аввали ибора таркиб ёфтаанд, ба монанди (дар англисӣ) **Cash – Back** *(ба тоҷикӣ баргардонидан маблағ)* [18]. Ихтисоротро (акронимҳо) дар ҳама соҳаи тиҷоратӣ дар забони англисӣ пайдо кардан мумкин аст ва онҳо одатан барои сарфаи вақт ҳангоми муошират истифода мешаванд. Дар забони тоҷикӣ низ масъалаи ихтисора имрӯзҳо зиёд ба назар мерасад.

Муҳаққиқи тоҷик М.Султон перомуни масъалаи ихтисора дар соҳаи шабакаҳои иҷтимоӣ таҳқиқот бурда қайд мекунад, ки "аксарияти мафҳумҳои нав дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тавассути ибораҳо ва калимаҳои мураккаб ифода мегарданд, ки хусусан ин намуди истилоҳот имконият медиҳанд, ки аломати ин ва ё он мафҳум ба пуррагӣ ва дақиқ инъикос карда шавад. Аммо истилоҳот калимаҳои мураккаб ва ибораҳо осону вазнин аст. Бинобар ин, кӯшиши ба ҳар роҳ ихтисор кардани онҳо ба вуҷуд меояд" [4]. Таъкид кардан бамаврид аст, ки аббревиатура дар қисмати лексикология омӯхта мешавад. Усули сохтани аббревиатура, чун роҳи махсуси вожасозӣ, ки барои сохтани калимаҳои кӯтоҳ равона шудааст. Бояд зикр кард, ки барои хондани аббревиатура дар забони англисӣ ҳарфҳои ихтисоршударо мисли алифбои он бояд талаффуз кард.

Мисол: **PR** - **public relations** *ин таблиғ нест чӣ гуна бояд обрӯи мусбати ширкат ё шахсро нигоҳ дошт.*

URL (uniform Resource Locator) – *локатори ягонаи захираҳо. Локатер- таҷҳизоте барои муайян кардани ҷойгиршавии ҷисм бо истифода аз мавҷҳои садо ё электромагнитӣ.*

CTA – (call to action) *аз ҷониби маркетинг ҳамчун "тугмаи даъват ба амал" тасриф карда мешавад.*

Дар соҳаи маркетинги интернетӣ калимаву истилоҳоте мавҷуд аст, ки айни ҳол дар ҳаёту фаъолияти муосир махсусан дар байни ҷавонон серистеъмол шуда истодааст. Чи тавре, ки ба ҳамагон маълум аст, маркетинги интернетӣ бо мақсади тарғибот ва фурӯши маҳсулот ё хидмат ба муштариён ва идоракунии муносибатҳо бо онҳо мебошад. Маркетинги интернетӣ як ҷузъи тиҷорати электронӣ мебошад. Онро маркетинги онлайнӣ, яъне дар шабака фаъол низ меноманд [1,352]. Он метавонад қисмҳоро ба монанди ***SMM, SEO, PPC*** идоракунии иттилоот, таҳлили онлайн, рушди фармоиши ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳои муштариён барои беҳтар кардани маҳсулот ва хизматҳоро дар бар гирад.

Истилоҳоти маркетингӣ низ дар ҷомеъа дар самти маркетинг бисёр истифода мешавад. Ҳатто баъзе коршиносон маънои ***branding*** - ро зери пажӯҳиш қарор дода, аз калимаи ***branding*** як қатор истилоҳоти дигарро чун ***brand, brandaudit***, ***branding***, ***rebranding*** пайдо кардаанд. Коршинос муҳаққиқи рус Нозайкин А. Н. пайдоиши ин истелоҳро муфассал баррасӣ (шарҳ) мекунад. Калимаи ***brand*** аз забони англисӣ гирифта шудааст, ки

дар навбати худ аз забони куҳнаи скандинавӣ "***brand***" – дар гирёндан, оташ мондан (пайдо шудааст) маъноро ифода мекунад, тааллуқ дорад. Тарҷумаи ***brand*** ҳамчун тамғаи мол ёхуд маҳсулот, ё маркаи (тамғаи) маҳсулот, савдо мебошад.

Branding – раванди ташкилкунӣ ва рушди бренд; пайдо кардани робитаҳо ва муносибатҳои дарозмуддат бо истеъмолкунандагон роҳи асосии фарқ кардани маҳсулот, усули рушди мол ва пешбурди маҳсулот дар бозор дар асоси арзишҳое, ки ба истеъмолкунандагон дахл доранд тарғиб кардан аст.

Rebranding – маҷмуи тадбирҳо барои тағйир додани тамоми бренд ё ҷузъҳои он мисол ном, идеология, логотип, ҳолат, тарҳи визуалӣ ва ғайраҳо мебошад.

Brandaudit – ин таҳлили вазъи бренд яъни сифати маҳсулот дар бозор бо брендҳои рақобаткунанда мебошад.

Brandaudit – имкон медиҳад, ки сарфакорӣ карда мавқеъи брендро яъне тамғаи савдоро баланд бардошта онро мустаҳкам кард.

То соли 1990 истифодаи интернет барои тиҷорат аз ҷониби низомномаи бунёди миллӣ илмии ИМА манъ карда шуда буд, баъдтар ширкатҳои бузург ба он дастрасӣ пайдо карданд. Соли 1992 истифода барандагони Интернет васеъ шуд. Шабакаи интернетӣ миллионҳо одамон ва компютерҳоро дар саросари ҷаҳон пайваст кард. [3].

Ҳоло маркетинги онлайнӣ бештар аз фурӯши маҳсулоти иттилоотӣ мебошад. Тиҷорати фазои иттилоотӣ, моделҳои тиҷоратӣ, молҳои гуногун ва хидматҳои дигар идома дорад. Мақсади асосии омӯзиши фанни «Маркетинги рақамӣ» аз он иборат аст, ки фаҳмиш дар бораи мафҳумҳо, категорияҳо, системаҳо ва алгоритмҳои маркетинги рақамӣ дар соҳаҳои гуногун, аз худ намудани салоҳиятҳои интихоби каналҳо ва воситаҳои муошират рақамии маркетинг, ҳамгироии маркетинги онлайн ва ғайрирасмӣ, аз худкунии малакаҳои зарури барои кор бо пойгоҳҳои иттилоотӣ, барномаҳои махсуси технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои маркетинги рақамӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти маркетингӣ ва фаъолияти корхона дар маҷмуъ дар шароити муосири тиҷорат мебошад. Имруз одамон метавонанд дастрасӣ ба интернетро аз *интернетпровайдерҳо* аз *идоракунандагони интернет* харидорӣ намоянд. Якчанд сервисҳо ки аз интернет истифода бурда мешаванд ройгон мебошанд. Баъзе барноманависон бо ҷалби сармоядорон тавонистанд ки хидматҳои ройгони ҷустуҷӯ, шабакаҳои ичтимоӣ ва ғайраҳо шурӯъ карда бо фуруши паёмҳои тиҷоратӣ даромади зиёд ба даст оварданд. Номи алтернативи "нет" аз калимаи "интер(нет)" гирифта шудааст, ***net*** аз ***network*** шабака аст.

Интернет на танҳо ба эҷоди стратегияҳои самараноки маркетинг, балки дар ин соҳа андозаи навро мекушояд. Дар маркетинги онлайн, ҳамчун қисми маркетинги рақамӣ, шабакаро ба як канали алоқа, таблиғ ва садоқати муштариён бо имкониятҳои бузург табдил медиҳад. Нуфузи афзояндаи Интернет дар ҷомеа, инчунин такмил ёфтани суръати пайвастшавӣ ва хидмати арзон барои ҳамаи соҳибкорон ва мутахассисон, новобаста аз он ки онҳо дар соҳаи тиҷорати электронӣ кор мекунанд ё не, торафт осонтар мешаванд. Инчунин воситаҳо ва хидматҳоеро, ки ба бозор барои ташкили маркетинги онлайн ва маъракаҳои маркетинги рақамӣ меоянд, таҳлил хоҳем кард.

Вазифаҳои он ➢ *омӯхтани равишҳои гуногун ва динамикӣ доир ба маркетинги рақамӣ, аз он ҷумла маркетинги мобилӣ ва бисёрканалӣ, мансубият ва моделсозии омехтаи маркетинг дар интернет;*

➢ *азхудкунии технологияҳои муосири маркетинги рақамӣ;*

➢ *ба даст овардани донишу малака барои таҳияи стратегияҳои SEO ва SEM, алахусус веб-таҳлил, оптимизатсияи системаи ҷустуҷӯ;*

➢ *гирифтани донишҳои амалӣ дар рушди экосистемаи таблиғи интернет дар якҷоягӣ бо таҳлили васоити ахбори омма/шабакаҳои иҷтимоӣ ва маҷмӯи маълумотҳои калон барои қабули қарорҳои самараноки маркетингӣ;*

➢ *таъмини донишҳои зарурӣ дар самти банақшагирии фаъолияти маркетингӣ дар шабакаи интернет;*

➢ *ташаккули малакаҳои истифодаи воситаҳои маркетинги рақамиро раванди фаъолияти соҳибкорӣ;*

➢ *омӯзиши татбиқи маҳсулотҳои барномавӣ, системаҳои иттилоотӣ ва технологияҳо дар фаъолияти касбӣ.*

Маркетинги интернетӣ тачрибаи истифодаи ҳама ҷанбаҳои маркетинги анъанавӣ дар Интернет мебошад, ки ба унсурҳои асосии омехтаи маркетинг таъсир мерасонад: нарх, маҳсулот, ҷои фурӯш ва таблиғ. Ҳадафи асосӣ ин ба даст овардани самараи ҳадди аксар аз аудиторияи эҳтимолии сайт мебошад. Унсурҳои асосии омехтаи маркетинги интернет: ***Маҳсулот (Product)*** - он чизе, ки шумо тавассути Интернет мефурӯшед, бояд сифати хуб дошта бошад. Он на танҳо бо дигар сайтҳо, балки бо мағозаҳои анъанавӣ низ рақобат мекунад. ***Нарх (Price)*** - ба таври умум қабул карда мешавад, ки нарх дар Интернет нисбат ба мағозаи муқаррарӣ аз ҳисоби сарфаи хароҷот пасттар аст. Нархҳоро назорат мекунанд ва онҳоро бо рақибон мунтазам муқоиса мекунанд. ***Таблиғ (Promotion)***-маҷмӯи чораҳо барои пешбурди ҳам сайт ва ҳам дар маҷмӯъ маҳсулот дар Интернет мебошад, (пешбурди системаи ҷустуҷӯӣ, таблиғи контекстӣ, таблиғи баннерӣ, маркетинги почтаи электронӣ, маркетинги шарикӣ, маркетинги вирусӣ, маркетинги пинҳонӣ, таблиғоти интерактивӣ, кор бо блогҳо ва ғайра). ***Ҷои фурӯш (Place)*** - нуқтаи фурӯш, яъне вебсайт. Инчунин ба суръат боркунӣ, кор бо системаҳои пардохт, шароити интиқол, кор бо мизоҷон пеш аз фурӯш, ҳангоми фурӯш ва пас аз фурӯш диққат додан лозим аст. [16].

Дар бораи вижагиҳои маркетинги интернетӣ дар Тоҷикистон сухан ронда, бояд ба дастрасии интернет барои корбарони ватанӣ таваҷҷуҳ кард. Бояд гуфт, ки сатҳи эътимоди мардум ба навъҳои мухталифи расонаҳо ва пеш аз ҳама интернет дар рушди интернет-маркетинги ватанӣ нақши муҳим мебозад. Рушди интернет ба он оварда мерасонад, ки он ба манбаи асосии иттилоот табдил меёбад. Афзоиши фаъоли маъруфияти шабакаҳои иҷтимоӣ, ки имрӯз 90% аудиторияҳоро фаро гирифтааст, ба рушди маркетинги интернет таъсири назаррас мерасонад. Истифодаи Интернет ба ширкат имкон медиҳад, ки хароҷоти ғайриамалии пешбурди молҳо ва хидматҳоро коҳиш диҳад ва самаранокии заруриро нигоҳ дорад, хатари сармоягузории молиявиро коҳиш диҳад ва ин хатарро идорашаванда гардонад. Зарурати истифода аз маркетинги онлайн аз имкониятҳо ва бартариҳои зерини Интернети муосир нисбат ба дигар васоити ахбори омма вобаста аст. Маркетинги интернетӣ ҷузъи тиҷорати электронӣ мебошад. Он инчунин маркетинги онлайн номида мешавад. Ин метавонад ҳамгироии интернет, идоракунии иттилоот, хизматрасонӣ ба мизоҷон ва фурӯшро дарбар гирад. Тиҷорати электронӣ ва маркетинги онлайн бо афзоиши дастрасӣ ба Интернет маъмул гаштанд ва ҷузъи ҷудонашавандаи ҳама гуна маъракаи маркетингӣ мебошанд.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур аз як тараф кумак ба маркетологҳо (бозоршиносон) бошад, аз тарафи дигар пажӯҳиши ихтисораҳо дар забони англисӣ ва тарзи истифодаи он дар маркетинг, рӯзномаву маҷалла, васоити ахбори омма ва воситаҳои интернетӣ мебошад. Истилоҳоти соҳаи маркетинг ва маркетинги интернетӣ як ҷузъи таърихиву фарҳангии ҳар як миллат буда, баёнгари даврaҳои мухталифи рушду инкишофи забон ба шумор мераванд. Дар соҳаи маркетинги интернетӣ калимаву истилоҳоте мавҷуд аст, ки айни ҳол дар ҳаёту фаъолияти муосир махсусан дар байни ҷавонон серистеъмол шуда истодааст. Чи тавре, ки ба ҳамагон маълум аст, маркетинги интернетӣ бо мақсади тарғибот ва фурӯши маҳсулот ё хидмат ба муштариён ва идоракунии муносибатҳо бо онҳо мебошад. Маркетинги интернетӣ як ҷузъи тиҷорати электронӣ мебошад. Ҳоло маркетинги онлайнӣ бештар аз фурӯши маҳсулоти иттилоотӣ мебошад. Истилоҳ узви системаи муайяни истелоҳотест, ки ба як соҳаи муаяни илми иқтисод, технология, истеҳсолот алоқаманд аст. Ҳар як истилоҳ дар байни як қатор

истилоҳҳои дигари ҳамон соҳа таърифи дақиқи илмии худро дорад. Чӣ гунае, ки дар боло зикр гардид истилоҳоти маркетингӣ бо роҳи ихтисоркунӣ ташаккул ёфта истодааст. Омӯзиши забони тиҷоратӣ натанҳо раванди соҳаи тиҷорати касбиро осон мекунад, балки дар бораи забони англисӣ ғояҳои иловагӣ низ ифода менамояд. Объекти таҳқиқот таҳлили маҷмуи истилоҳоти маркетинг ва маркетинги интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мебошад.

АДАБИЁТ:

1. *Акулич. М.В.,* Дашков.К.М. интернет маркетинг 2016-352с
2. *Асламов Ҳ.А.,* словообразовательный анализ терминологии компьютерной технологии в таджикском и английском языках. дис канд. Филол. Наук: 10.02.19/ Асламов Ҳикматулло Акбархонович. – Душанбе, 2019.
3. *Белобородова А.Л.,* Новикова Е.Н., интернет маркетинг учебное пособие 2020- 130 с.
4. Большая Советская Энсиклопедия / Под ред. М.А. Прохоров. – М.: Советская Энсиклопедия, 1970. – Т.1. 13, с. 176,.
5. Г.Б *Антрушина, О.В.,* Афанасева ва Н.Н. Морозова. Истилоҳ аз назари англисишиносони рус [20, 26].
6. *Кесамирова С.Р.* Таҳлили муқоисавии дараҷаҳои муодилнокии байнизабонии воҳидҳои луғавӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) / С.Р. Кесамирова, - Душанбе: “ЭР - граф”, 2021. – 152с.
7. *Мирзо Ҳасани Султон*. Истилоҳоти илмии “Китоб-ут-тафҳим”-и Абурайҳони Берунӣ. Душанбе: дониш, 2003 (дар асоси қолабҳои вожасозӣ) [14, 23].
8. *Мусоямов З. М.,* Структурно – семантический анализ терминов программного обеспечения компютера (на материалах таджикского и английского языков). Дис канд филол. Наук: 10.02.20/ Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич. – Душанбе, 2017.
9. *Наврасов А.Б.*, Ибрагимова М.З. Таҳлили сохтории ихтисораҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ с. 18.
10. *Нуров П.* Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забони илмии тоҷикӣ. – Душанбе, 2006 [7, 95-96].
11. *Ромата. Е.В.* Тенденции и перспективы развития маркетинга в современных условиях: монография [Текст] // Е.В. Ромата.- Харьков.- ХНАДУ, 2013.-С. 319.
12. *Саймиддинов, Д.* Фарҳангномаҳои форсии миёна. / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Дониш, 1994.
13. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ/ С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. Ҷ.1.- 500с.
14. *Ҷамшедов М.Ҷ.,* Ҳабибов С. Ҳ. - илми бозоршиносӣ, танзиму фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии ширкат бо мақсади ҳамоҳангсозии он бо талабот дар бозор, саҳ – 127 луғати истилоҳоти иқтисодӣ.
15. Энсиклопедияи Миллии тоҷик. – Душанбе, 2019. – Ҷ.8. – С. 642. Муаллиф: М.Ҳ. Султон.
16. *Rozdolskaya I.V.*, Ledovskaya M.E. Marketing orientation of the regional market of consulting services at a stage of innovative transformations. [Text]I.V. Rozdolskaya. - International journal of applied and fundamental research.-2014. № 1. – P. 76.
17. LPgenerator. Словарь интернет-маркетолога: 58 терминов, которые должны знать професси-оналы. — Режим доступа: URL:http://lpgenerator.ru/blog/2014/07/15/slovar-internet-marketologa-58 terminov-kotorye-dolzhny-znat-professionaly/#ixzz4YCsNyAjR (17.05.2021)
18. *Назайкин А.Н*. Узнай о рекламе больше/ А.Н. Назайкин. — Режим доступа: URL: http://www.nazaykin.ru/_branding.htm (11.05.2021)
19. Источник: https://allinweb.ru/zaboni-tojiki/23989/

РАВАНДИ ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ МАРКЕТИНГИ ИНТЕРНЕТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Якубова Мафтуна Турсунбоевна

Дар мақолаи мазкур дарҷ гардидааст, ки омӯзиши истилоҳот дар замони муосир баҳсназар аст. Зеро истилоҳот аз як тараф асоси зинаи пайдошавии мафҳумҳои гуногуни илмӣ бошад аз дигар тараф воҳидҳои луғавии нав забоншиносии амалӣ ба ҳисоб меравад. Бо суръати кайҳонӣ тараққӣ ёфтани илму техника диққати махсус ба моҳияту мафҳумҳо ва ба истилоҳоти гуногун дода мешавад. Ҳама истилоҳоти тамоми соҳаҳо дар раванди тарҷума мисли забони асл тобиши маъно дода наметавонад.

Мақолаи мазкур натиҷаҳои таҳқиқот дар бунёди захираҳои истилоҳӣ вобаста ба рушди шаклҳои савдо, истиллоҳот ва муайян намудани самтҳои минбаъдаи омӯзиши истиллоҳоти маркетинги интернетиро дар бар гирифтааст. Шояд дар олами муосир забоне вуҷуд надошта бошад, ки аз забонҳои дигар калимаю истилоҳотро иқтибос нагирад. Ҳатто дар асрҳои Миёна миқдори зиёди калимаҳои иқтибосшударо аз забонҳои скандинавӣ қабул карда, миқдории ин ҳамаи иқтибосоти зиёди аз забони фаронсавии Қадим ба забони англисӣ ворид гаштаанд. Дар натиҷа қариб нисфи луғати забони англисӣ аз калимаҳо ва истилоҳоти иқтибосшуда иборат мебошад. Масалан, аксар вақт калимаи истилоҳоти иқтибосшуда дар забони модарӣ ҳамчунин барои ифодаи калимаи нав кӯмак мерасонад. Метавон тахмин кард, ки калимаҳои иқтибосшуда аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ва аз забонҳои дигар сарчашма мегиранд. Аҳамияти амалии кор дар он аст, ки маълумот дар амалияи таълими забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ гирифташуда, дар тайёр кардани тарчумонҳо, иқтисодчиён, маркетологҳои оянда кумак мерасонад. Муаллиф дар мақолаи худ аз адабиёти зарурат ва шабакаҳои интернетӣ мушфиқона истифода намуда, доир ба истиллоҳоти маркетинги интернетӣ як маводи мукаммал ва лозимиеро рӯйӣ даст овардааст.

Мақола роҷеъ ба таърифу тавсифи истилоҳоти маркетинги интернетӣ ва роҳу воситаи иқтибосшавӣ ва раванди тарҷумаи онҳо мебошад. Дар афкори забоншиносону истилоҳшиносон то ҳол фикру андешаи якранг ба чашм намерасад. Аз тадқиқоти гузаронидаи муаллиф бармеояд, ки мавзуи истиллоҳи маркетинги интернетӣ то ба ҳол роҳҳои ҳалношудаи худро дорад ва моро мебояд зери ин масъала тадқиқоти нав ба нав анҷом диҳем.

Калидвожаҳо: *истилоҳот, иқтибос, тарҷума, маҳсулот, интернет, маркетинг, забоншиносӣ, иқтисод, маркетинги интернетӣ, ихтисора.*

ПРОЦЕСС ФОРМИРОВАНИЯ ТЕРМИНОЛОГИИ ИНТЕРНЕТ-МАРКЕТИНГА НА АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ.

Якубова Мафтуна Турсунбоевна

В данной статье говорится, что изучение терминологии в настоящее время является спорным. Потому что термины, с одной стороны, являются основой возникновения различных научных понятий, с другой стороны, они являются новыми словарными единицами прикладной лингвистики. При развитии науки и техники с космической скоростью особое внимание уделяется сущности и понятиям и различным терминам. Все термины всех полей не могут иметь в процессе перевода то же значение, что и язык оригинала.

В данную статью включены результаты исследований по созданию терминологических ресурсов, связанных с развитием торговых форм, терминов и определением дальнейших направлений изучения терминов интернет-маркетинга. Пожалуй, в современном мире нет языка, в котором не цитировались бы слова и термины из других языков. Еще в Средние века большое количество заимствованных слов было заимствовано из скандинавских языков, а количество всех этих многочисленных цитат из старофранцузского языка вошло в английский язык. В

результате почти половина словарного запаса английского языка состоит из заимствованных слов и терминов. Например, часто слово цитируемого термина на родном языке также помогает выразить новое слово. Можно предположить, что цитируемые слова происходят из английского языка на таджикском языке и из других языков. Практическая значимость работы заключается в том, что информация, полученная в практике преподавания таджикского и английского языков, поможет в подготовке будущих переводчиков, экономистов, маркетологов. В своей статье автор использовал необходимую литературу и сети Интернет, а также получил полный и необходимый материал по условиям интернет-маркетинга.

В статье рассматриваются определение и описание терминов интернет-маркетинга, а также способов и средств цитирования и процесса их перевода. По мнению лингвистов и терминологов, единого мнения до сих пор нет. Из исследования, проведенного автором, следует, что тема интернет-маркетинга еще имеет нерешенные пути и нам необходимо провести новые исследования по этому вопросу.

Ключевые слова: *терминология, цитата, перевод, продукт, интернет, маркетинг, лингвистика, экономика, интернет-маркетинг, аббревиатура.*

THE PROCESS OF FORMATION OF INTERNET MARKETING TERMINOLOGY IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Yakubova Maftuna Tursunboevna

This article states that the study of terminology is currently controversial. Because terms, on the one hand, are the basis for the emergence of various scientific concepts, on the other hand, they are new vocabulary units of applied linguistics. With the development of science and technology at cosmic speed, special attention is paid to the essence and concepts and various terms. All terms of all fields cannot have the same meaning during the translation process as the original language.

This article includes the results of research on the creation of terminological resources related to the development of trade forms, terms and the determination of further directions for the study of Internet marketing terms. Perhaps there is no language in the modern world in which words and terms from other languages are not quoted. Back in the Middle Ages, a large number of loan words were borrowed from the Scandinavian languages, and a number of all these numerous quotations from Old French entered the English language. As a result, almost half of the English vocabulary consists of borrowed words and terms.

For example, often the word of the quoted term in the native language also helps to express the new word. It can be assumed that the words quoted come from English in Tajik and from other languages. The practical significance of the work lies in the fact that the information obtained in the practice of teaching Tajik and English languages will help in training future translators, economists, and marketers. In his article, the author used the necessary literature and the Internet, and also received complete and necessary material on the conditions of Internet marketing.

Key words: *terminology, quote, translation, product, Internet, marketing, linguistics, economics, Internet marketing, abbreviation.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Якубова Мафтуна Турсунбоевна – муаллими калон дар кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Суроға: 734019, ш Душанбе, кучаи Муҳаммадиев 17/6. E-mail: maftunaibragimova1@gmail.com*

Сведения об авторе: *Якубова Мафтуна Турсунбоевна - старший преподователь кафедры английской филологии Таджикский международный университет иностранных языков им. Улугзода,. Адрес: 734019, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6. Эл. адрес: maftunaibragimova1@gmail.com*

Information about the author: *Yakubova Maftuna Tursunboevna - lecturer of the department of english philology Tajik international university of foreign languages ulugzoda, senior. Address: 734019, Dushanbe, Muhammadiev street 17/6. Email the address: maftunaibragimova1@gmail.com*

ТКБ73+81.2 Анг+74.2 Ш26

ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА НАМУНАСОЗӢ ЗАМИНАИ РУШДИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Шамсиддинова М.Б.
унвончӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Мутахассисони соҳаи педагогика қайд мекунанд, ки иттилоотонии маориф ин раванди таъминоти соҳаи маориф бо методология, технологияю коркарди амалӣ ва истифодаи мувофиқи технологияҳои муосири иттилоотию иртиботие мебошанд, ки ба амалисозии мақсадҳои психологию педагогии таълиму тарбия равона шудаанд. Вобаста ба ин, яке аз ҷанбаҳои стратегии намунасозии таълими мактабӣ ва намунасозии дарсҳои забони англисӣ хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун тарзи инкишофи зеҳнӣ, иттилоърасоние мебошад, ки зери он раванди таъмини соҳаи маориф ва низоми намунасозӣ бо иттилооти зарурии назариявию амалӣ фаҳмида мешавад [7, С.22-24].

Табисит, ки рушди маориф вазифаи муҳимми ҷамъият мебошад ва дар ҷамъияти муосир ба ин мақсад ноил шудан, бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ғайриимкон аст. Асри XXI асри инқилоби иттилоотӣ мебошад. Таҳаввулоту инкишофи давлатҳои индустриалӣ, дар навбати аввал аз заминаҳои иттилоотии маориф вобастааст. Таълиму тарбияро бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Аз сарчашмаҳои оморӣ ва маълумоти мавҷуда, ба мо маълум аст, ки дар соҳаи маориф дар мамлакатҳои мутараққии индустриалӣ, ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, ба монанди компютерҳо ва интернет, барномаҳои таълимӣ ва воситаҳои гуногуни мултимедиявӣ аҳамияти калон медиҳанд.

Ақидаҳои олимон доир ба истифодаи технологияи инноватсионии иттилоотӣ дар раванди таълим гуногунанд: масалан, яке аз онҳо чунин аст: «мафҳумҳои илм ва технологияи иттилоотиро омехта кардан нашояд. Илм бо ҷустуҷӯи иттилоот аз табиат машғул буда, назарияи илмиро дорад ба табиати ашё оид ба инкишофи ҷамъият ва технологияи барои инсоният заруриро ташкил мекунад. Технологияҳои иттилоотӣ бо воситаҳои техникӣ барои ташаккули иттилооти нав бо мақсади инкишофи зеҳнию фарҳангии инсон истифода мешаванд». Таълим ба панҷ самти инкишофи иқтисодиёт тавассути инкишофи технологияи инноватсионии иттилоотӣ – кашфиёти илмӣ, инкишофи донишҳо аз фанҳои таълимӣ, ихтироот, навовариҳо ва инкишофи техника ишора мекунад, ки боиси беҳтар шудани сатҳи ҳаётии одамон мешаванд [10,С. 49-51].

Вобаста ба пайдошавии компютерҳо, намуди нави раванди омӯзиши проблемавии таълими проблемавӣ-компютерӣ ба вуҷуд меояд. Пайдо шудани компютер, ҳамчун унсури нав дар низоми педагогӣ аз бисёр ҷиҳат функсияҳои онро тағйир дода, имкон медиҳад самараи нави педагогӣ ҳосил шавад. Тавре натиҷаҳои таҳқиқоти психологию педагогӣ доир ба проблемам компютеризатсияи соҳаи маориф нишон медиҳанд, дар як қатор корҳо шароити асосии дидактикии истифодаи компютер дар омӯзиш оварда шуда, асосҳои консептуалии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таҳия шудаанд ва имкониятҳои компютер дар инкишофи сифатҳои эҷодии шахсиятии ҳам таълимгирандагон ва ҳам педагогҳо баррасӣ шудаанд.

Истифодаи технологияи иттилоотӣ ташаккул додани мушкилоти интихоби стратегияи ҷорӣ кардани компютер ба омӯзиш, ки ба истифодаи тамоми афзалиятҳои он

имкон дода, талафоти ба сифати раванди педагогӣ таъсиррасонанда канорагирӣ карда шавад. Академик Зубайдов У. З. доир ба ин масъала қайд мекунад, ки муаллим бояд пеш аз тарроҳии раванди таълим бо истифодаи технологияи иттилоотӣ, методикаи омӯзиш бо истифодаи компютерро ҳифз намояд. Бинобар ин, зарурияти ҷустуҷӯи ҳалли принсипиалӣ нави истифодаи компютер ҳамчун воситаи самараноки таълим ба миён меояд. Айни ҳол, ба муайянкунии технологияи иттилоотии таълим ду муносибати асосӣ вуҷуд дорад.

1.Технологияҳои иттилоотии таълим ҳамчун раванди дидактикии дар низоми таълим усулу воситаҳои ташаккулдиҳандаи коркарди маълумотҳо баррасӣ мешаванд.

2. Ҳамчун воситаи техникии таълим баррасӣ мешавад[4, С.91].

Ҳамин тавр, дар ҳолати якум онҳо ҳамчун технологияҳои иттилоотии таълим ва дар ҳолати дуюм бошад, ҳамчун воситаи техникии омӯзиш истифода мешаванд.

Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар соҳаи маориф, ба педагогҳо имкон медиҳад, ки мундариҷа ва шаклу усули ташкилии таълимро сифатан тағйир диҳанд. Худи технологияи иттилоотӣ бошад, метавонад ҳамчун маҷмӯйи усул, равандҳои истеҳсолӣ ва воситаҳои барномавию техникие баррасӣ шавад, ки бо раванди технологӣ ва таъминкунандаи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, хулоса ва паҳнкунии иттилоот барои кам кардани ҳаҷми корӣ (меҳнатталабӣ)-и равандҳои истифодаи захираҳои иттилоотӣ, баланд бардоштани эътимодияту фаврияти онҳо муттаҳид шудааст.

Танҳо вақте дар ӯ хоҳиши ягон кор кардан пайдо мешавад, ки ҳамон вақт ба кори фаъол шуруъ мекунад. Барои ин, хонанда бояд доир ба талаботе иттиллоот қабул намояд, ки ба ӯ имкон медиҳад, то кадом донишҳоро бо кадом тарз бояд ҳифз намояд; чӣ кор кардан лозим аст ва барои чӣ ин зарур аст, ва онро пешниҳод намояд;

- актуализатсияи ҳолатҳои ҳавасмандгардонӣ: хонанда аз таъсирҳои педагогӣ майлу хоҳиш ва амалҳои худро дарк мекунад;

- ҳадафмандии муштарак бо хонандагон: тавсияи мушкилот, мақсадҳои фаъолияти оянда:

-ташаккули тарзҳои назорат аз рӯйи амалҳои худ;

-ташаккули худбаҳодиҳӣ, муносибатҳо ба раванд ва натиҷаи фаъолият[8, С.84-107].

Технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон ин раванде мебошад, ки бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти нав бо васоитҳои иттилоотӣ ва технологияҳои навомӯхташуда истифода мешаванд. Ин раванд омилҳои гуногун, яъне интихоб, истифодабарӣ, ҷалбсозиҳои нав, таҳия ва рушди технологияҳоро дар бар мегирад.

Дар сарчашмаҳои гуногун истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун як раванд мушаххас истифода карда мешаванд. Аз ҳамин сабаб, барои идоракунии самараноки ин раванд дарки пурраи ҷараёни мазкур ва банақшагирии бодиққати он хеле зарур аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ ва инноватсионӣ раванди ҷалбсозии технологияҳои беруна дар истеҳсолоти худӣ бо мақсади беҳтар сохтани сатҳи иҷтимоӣ, баландбардории арзишҳо, инчунин бо мақсади омӯзиш, таълим ва рушд ба роҳ монда мешавад. Инчунин барои истифодабарии мунтазам ва пурраи технологияҳои инноватсионӣ омӯзиши бодиққатона ва пурраи он зарур аст. Дар раванди мазкур донишҳо ва мутобиқати он бо технологияҳо хеле муҳим ба шумор мераванд.

Навовариҳои пайдарпайи техника ва технологияҳо, бунёди сарчашмаҳои таълимии гуногуни рақамӣ аз омӯзгор кори мустақилонаи доимии гуногуннақшаро талаб мекунад. Маҷмуи фанни таълимӣ – методии рақамӣ барои ташаккулёбии идоракунии таълими инноватсионӣ шароит фароҳам меоранд.

Маҷмуи фанни таълимӣ – методии рақамӣ ин маҷмуи таъминоти техникӣ, барномавӣ, ташкилӣ – методии мунтазам ташаккулёфта аст, ки барои баланд бардоштани ангезиши (далелнокӣ) таълим ва қонеъ намудани талаботи хонандагон дар

манбаъҳои иттилоотии таълимӣ равона шудааст. Офариниши шароит барои идоракунии таълими инноватсионии босамар аз ҳисоби дастрасӣ ва гуногуншаклии матнӣ электронии мавзуъ ба миён меояд. Бунёди шароит барои фаъолияти тадқиқотӣ ва лоиҳавӣ ба миён меояд.

Қисми таълимӣ-методӣ иттилооти фаъолияти таълимиро таъмин менамояд, суръату сифати мавзуи таълимиро баланд мебардорад.

Истифодаи асбобҳои муосир имконияти мавзуи таълимиро афзоиш медиҳад.

Қисми санҷишӣ – ташхиси мавод дорост, ки омӯзгорон ва хонандагонро ба воситаи андоза, баҳодиҳӣ ва санҷиши дониш, маҳорату малака, усули фаъолият таъмин менамоянд. Барои гузаронидани мониторинг фаъолияти таълимии хонандагон такмил меёбад.

Қисми технологӣ дар таъмини сарчашмаҳо, маводу асбобҳои методӣ барои иштирокчиёни равиши педагогӣ нақши асосиро мебозад, ба мисли:

-барномаҳои мухталифи компютерӣ ва сервисҳо;

-сайтҳои таълимӣ;

-корҳои намоишии хонандагон;

-системаҳо барои ташаккулёбии амалиёти санҷишӣ;

-системаҳои нишондиҳандаҳои рейтингӣ ва ғайра.

Масоили дигари кори таҳқиқотӣ ин усули ташхисӣ мебошад, ки барои дарёфт кардани тарафҳои пурзур дар фаъолияти омӯзгорон, дархост ва пуррагии онҳо, дар маҷмуъ барои фаъолияти мақсаднок оид ба инкишофи фарҳанги касбию педагогӣ имконият дода, барои нишон додани ташаббус ва эҷодиёти ҳар як омӯзгор шароит фароҳам меорад.

Дар воқеъ, ба таври воқеӣ муайян кардани ҳолати корҳо дар ин ё он соҳаи фаъолият басо душвор аст. Вале вобаста ба талаботи ҷомеаи техногенӣ ва кор бо воситаҳои технологии муосир имконият даст медиҳад, ки роҳи ҳалли онҳоро ба осонӣ пайдо намоем. Бахусус, имрӯз тавассути барномаҳои компютерӣ, ки як омили муҳимми баҳисобгиранда мебошанд, метавон ин ҳолатро пурра татбиқ намуд. Зеро ин нишондиҳандаи таъминоти техникӣ бо ибораи дигар - мавҷудияти пойгоҳи зарурии техникаи компютерӣ ва сатҳи сифати техникии он мебошад.

Дар тӯли якчанд даҳсолаҳои охир дар дунё ба донишҳо ва истифодабарии мутобиқаткунандаи он диққати махсус ҷудо карда мешавад. Сатҳи донишҳои амалкунанда ва истеъдодҳо доимо рушд менамоянд, донишҳо рушди устувори одамро таъмин менамоянд.

Махсусан, дар асри ҳозира лаёқати рушд додани зеҳн ва ташкили технологияҳои нав моҳияти хеле муҳимме дорад. Дар шароити ҳозира барои ташкил намудани технологияҳои нави мувофиқ ва табодули донишҳо бо мақсади таъмин намудани рушди устувор кӯшишҳои зиёд сарф карда мешавад. Дастрасии технологияҳо, яъне дастрасӣ ба донишҳои нав ва истифодабарии мунтазами онҳо барои самаранокии технологияҳои инноватсионӣ талаботи махсусро дар даврaҳои мазкур фаро мегирад:

1. Интихоби технологияҳо, баҳогузории имкониятҳо ва лаёқат, баҳогузории тамоми тарҳу ҷамъҳо, пешгӯйиҳои минбаъда, ичунин баҳогузории технологияҳои мутобиқаткунанда барои интихоби технологияҳои нав.

2. Истифодабарии технологияҳо.

Яъне баъд аз интихоби технологияҳо ду самти дигар мавҷуд мебошад:

а) татқиқот ва рушде, ки таъминоти инкишофи дохилӣ ва ба анҷомрасии пажуҳиши муассисаро дар бар мегирад.

б) самаранокии технологияҳои инноватсионии ин давра дар худ рушди таълими донишҳои навро дар бар мегирад.

Ин ҷараёне мебошад, ки бо таъминсозии рушди устувор ва истифодабарии самараноки имкониятҳои технологӣ бо мақсади дастрасӣ ба ҳадафҳои стратегӣ алоқаманд аст.

Истифодабарии самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ин он шакли фаъолияте мебошад, ки бо самтҳои мушаххаси донишҳои муайян алоқаманд аст. Идоракунии технологияҳо дар худ маблағгузорӣ, ташкил ва имкониятҳои инсониро фаро мегирад. Дар сатҳи молиявӣ идоракунии технологияҳо ба ташаккулдиҳии сиёсати умумӣ дар сатҳи рақобатпазирии ташкилот кумак мерасонад. Дар сатҳи хусусӣ бошад, барои муайянсозии имконятҳои шахсӣ дар ҷомеа кумак мерасонад.

Идоракунии технологияҳо бо назардошти ҳадафҳои стратегии ташкилот ба низоми идоракунии ташкилот кумак менамояд. Истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ барои роҳбарият дар дастрасӣ ба сатҳи устувори рушд ва таъминсозии рақобатпазирии ташкилот боварӣ ва эътимоднокиро таъмин месозад.

Истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар рушди низоми салоҳиятнокии ба рушд ва истифодабарии технологияҳо, бо мақсади иттилооткунонӣ ва рушди баробари технологияҳои истифодашаванда барои таъминсозии рушди инсон равона карда шудааст. Истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар сатҳи миллӣ нақши сиёсати бузургро мебозад, ки дар навбати худ таъсирбахшии умумии технологиро дар ҷомеа, инчунин нақши он дар рушди донишҳо ва таъминсозии иқтисодиёти устувор баррасӣ менамояд.

Ҳадафи асосии татбиқ ва корбурди ин система он аст, ки фаъолият ва саҳмгирии омӯзгорону хонандагон дар ҷараёни амалияи омӯзиш бештар инкишоф ва тақвият ёбад ва системаи МТМУ дар Тоҷикистон бо меъёрҳои ҷаҳонӣ баробар гардад, чунки ин система имкониятҳои бештар ва беҳтареро барои хонандагон фароҳам меовард.

Дар ин система имкониятҳои воқеӣ аз ҷиҳати сарфаҷӯйии вақт ва пешрафти зиёд барои хонандагони болаёқат фароҳам мегардад ва меъёрҳои дақиқи фаъолият ва масоили дигари таъсисоти хонандагон ба кор гирифта мешавад. Дар ин система масъулият ва фаъолияти устодон низ бештар ҳадафманд мегардад.

Албатта, истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ дар рушди низоми худтаъсирбахшии тағйироти технологӣ ва талаб намудани донишҳоро дар алоқамандӣ бо технологияҳо, таъсири онҳо ба саломатии одамон ва натиҷаи истифодабарии онро фаро мегирад.

Сиёсати технологӣ дар рушди низоми таҳсилот ва сатҳи миллӣ, дараҷаи ташкили тағйироти технологиро бар нафъи ҷомеа ва кормандони ташкилот истифода мебарад. Масалан, олимони ватанӣ оид ба ин сиёсатҳои сатҳи миллидошта чунин андешаҳоро рӯйи кор оварданд:

Афғонов С. (с. 2009) мафҳуми омӯзишро ҳамчун «мушаххассозии дақиқи ҳолати фарҳангӣ бо мақсади дастрасии вазифаҳои гузошташуда дар шароити гуногун» муайян намудааст[3, с.132].

Ҳамин тавр, дар иртибот ба андешаҳои олимон бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ дар раванди фаъолияти таълимии хонандагон бошад, ин:

1. Интихоб ва истифодабарии технологияҳои омӯзиш.
2. Рушди маълумоти технологӣ.

Албатта, дар асоси метод ва усули гуногуни истифодаи технологияи инноватсионӣ, ки дар боло қайд гардид, метавон таҳқиқи як масоили омӯзиширо дар доираи фанни технологияи информатсионӣ дида бароем.

Дар дарсҳои забони англисӣ тарзи инкишофи зеҳнии хонандагон дар шумораи дигар омӯзишҳои мавзуи "Намунасозӣ" мебошад. Чунин амалиёти мантиқӣ, ба монанди умумигардонӣ, таснифот, таҳлили назариявӣ, муносибатҳои мафҳумҳо (аналогияҳо), ҳангоми намунасозӣ ва таҳлили намунаҳо истифода мешаванд, омӯзиши мавзуи "Намунасозӣ" бошад, дар навбати худ, ба ташаккули ин амалиёт мусоидат мекунад. Намунасозӣ ба фаҳмидани робитаи дуҷонибаи зуҳурот ва объектҳо кумак мекунад. Илова бар ин, намуна маводи аёниест, ки бо ёрии он ба хонандагон ҳифз кардани иттилоот, хулосаҳо ва умумигардониҳо баровардан осонтар аст.

Намуна имкон медиҳад сатҳи абстраксия кам карда шавад, ки ин зарур аст, инчунин имкон медиҳад пай дар пай сатҳи абстраксия баланд бардошта шавад (расм – нуқтаҳо – нақша) то ин, ки мафҳумҳои абстрактию муҳокимаҳо (масалан, луғатномаҳо) барои хонандагон фаҳмо бошанд.

Малакаҳои кор бо намунаҳо, ки мактаббачагон дар дарсҳои забони англисӣ (таҳлили намунаҳо, ҷустуҷӯйи хусусиятҳои монанд ва фарқкунанда, тартиб додани намунаҳо) ҳосил мекунанд, ҳангоми омӯзиши дигар ашё истифода шуда метавонанд. Одатан, ба хонандагон аллакай намунаҳои тайёре пешниҳод карда мешаванд, ки бояд ба онҳо кӯмак намоянд. Аммо аксаран онҳо маънои намунаро намефаҳманд, намунаро ҳангоми ҳалли вазифаҳо (дар дарси англисӣ), зимни истифодаи қоидаҳо (дар дарси забони англисӣ), ба ёд гирифтани ягон навъ маълумот дуруст истифода бурда наметавонанд. Бинобар ин, намуна ба ҷойи дар таҳсил ёрӣ кардан, душвориҳои иловагӣ эҷод мекунад: хонанда ҳам мундариҷаи мавзуи нав ва ҳам қоидаҳои кор бо намунаро, ки бо ёрии он вазифа ҳал карда мешавад, бояд аз худ намояд. Чунин «мушкилоти дучанд» ба хонанда имконияти бошуурона истифода бурдани намунаро намедиҳад, аз тарафи дигар, барои ҳифз кардани маводи омӯзишӣ ҳам монеа эҷод мекунад. Масалан, ҳал кардани супоришҳоро хонандагон ҳамин тавр ёд гирифта наметавонанд, аз он сабаб, ки дар намунаҳо «роҳгум мезананд».

Ҳадафҳо ва вазифаҳои таълим бо истифода аз нампунасозӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ, ки бо мундариҷаи раванди таълим, қонуну қонуният, қоидаву принсипҳо, навъҳо ва шаклҳои ташкили таълим муайян мегардад, набояд аз категорияи «методҳои таълим» ҷудо шаванд, ки маъмулан, дар бисёр китобҳои дарсии педагогика ва методикаи хусусӣ ба ҳисоб гирифта намешавад.

Нақши мушаххаси технологияи иттилотӣ ва намунасозӣ на танҳо дар он аст, ки омӯзгор ба хонанда бо роҳи гузоштани саволҳои водоркунанда, намунаҳо (мисолҳо) ба фаъолияти зеҳнии ӯ кумак мерасонад ва дар ин ҳол хонанда ба омӯзгор тақлид мекунад. Дар чунин ҳолат омӯзгор ба хонанда кӯмак намерасонад, хонанда мустақилона вазифаро иҷро менамояд. Тақлид низ имконпазир аст. Ҳамзамон, дар ҷараёни ҳалли мустақилонаи масъалаҳои гузошташуда хонанда дар ин ё он соҳаи фаъолият ба пеш ҳаракат мекунад.

АДАБИЁТ:

1. *Алиев, С.Н.* Асосҳои технологияи модулии таълим /Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии “Вазъи илми химия ва тадриси он дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. –Душанбе, 2015.
2. *Алиев, С.Н*. Методикаи умумии таълими забонҳои хориҷӣ: Васоити таълимӣ барои донишҷӯёни факултаҳои забони хориҷӣ. – Душанбе, 2013 – 336 с.
3. *Афгонов, С.С.* Омодагии касбии омӯзгори ояндаи забонҳои хориҷӣ дар асоси истифодаи технологияҳои компютерӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ (дар маводҳои забони англисӣ): Автор. дисс. д.п.н.-Душанбе, 2010. –С 87,123.
4. *Зубайдов, У.З*. Назария – асосҳои педагогӣ асоси омӯзиши дифференсионӣ дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дис. д.п.н.-Душанбе, 1999. – С.91.
5. *Қодиров, Б.* Алоқамандии фаннӣ: Инноватсия ва андешаи эҷодӣ инноватсионии хонандагон. - Душанбе. 2004.
6. *Лутфуллоев, М*. Дидактикаи муосир. – Душанбе, 2001. – 318 с.
7. *Махкамов, Д*., Усмонов С. Фаъолияти инноватсионӣ-омили педагогии рушди таҳсилот // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф №2(26) // Д. Махкамов, С.Усмонов, Душанбе-2019.-С.22-24.
8. *Раҳимов, Х.,* Нуров А., Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров Душанбе, – “Ирфон”, 2020.- С.84-107.
9. *Саидов, Н.Т*. Асосҳои педагогии банақшагирии усулҳои гуногуни омӯзиш ҳамчун воситаи рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ / Н.Т. Саидов [Текст]: автореф.дисс.канд. пед. наук. – Душанбе, 2019. – С.17-18, 43-45.

10. *Саидов, Н.Т.*, Саидов М.В. Нақши ҷанбаҳои муҳими таълим ва рушди хусусиятҳои синусолии мактаббача дар робита ба ташкили ҷараёни таълим / Н.Т. Саидов, М.В. Саидов *[Текст]* // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. 2018. - № 5-1.(77) –С. 49-51.
11. *Фрейд, З*. «Я и Оно». Труды разных лет / З. Фрейд *[Текст]* – Тибилиси, 1991.- С.86
12. *Хилд, Д*., Зиглер Д. Теория личности / Д. Хилд, Д. Зиглер *[Текст]* -М., 1997.– с. 63.

ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА НАМУНАСОЗӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ РУШДИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОЙ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Шамсиддинова Марҷона Бароталиевна

Дар мақолаи мазкур қайд гардидааст, ки иттилоотонии маориф ин раванди таъминоти соҳаи маориф бо методология, технологияю коркарди амалӣ ва истифодаи мувофиқи технологияҳои муосири иттилоотию иртиботие мебошанд, ки ба амалисозии мақсадҳои психологию педагогии таълиму тарбия равона шудаанд.

Муаллиф баён намудааст, ки дар шароити имрӯза тағйир додани низоми таҳсилот ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани он амри воқеист. Инчунин оварад шудааст, ки рушди маориф вазифаи муҳимми ҷамъият мебошад ва дар ҷамъияти муосир ба ин мақсад ноил шудан, бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ғайриимкон аст.

Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур баён гардидааст, ки зимни тадбиқи системаи технологияи иттилооти ва намунасозӣ имкониятҳои воқеӣ аз ҷиҳати сарфаҷӯйии вақт ва заминаҳои рушди зеҳнӣ барои хонандагони болаёқат фароҳам мегардад ва меъёрҳои дақиқи фаъолият ва масоили хонандагон ба кор гирифта мешавад. Дар ин система масъулият ва фаъолияти устодон низ бештар ҳадафманд мегардад.

Калидвожаҳо: *техналогия, иттилоот, намунасозӣ, замина, рушд, зеҳн, хонанда, раванд, омӯзиш, ҷанба, тадбир, муассир, таълим, инноватсия, омил, малака, маҳорат, иҷтимоӣ, коммуникатсионӣ, абстракт, инъикос.*

ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И МОДЕЛИРОВАНИЕ КАК ОСНОВА ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ УЧАЩИХСЯ СТАРШИХ КЛАССОВ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Шамсиддинова Марҷона Бароталиевна

В данной статье отмечается, что образовательная информация – это процесс обеспечения образования методологической, технологической и практической обработкой и соответствующим использованием современных информационно-коммуникационных технологий, направленния на реализацию психолого-педагогических целей образования.

Автор отметил, что в сегодняшних условиях необходимо изменить систему образования и адаптировать ее к потребностям дня.

Также отмечается, что развитие образования является важной задачей общества, и в современном обществе невозможно достичь этой цели без использования информационных технологий.

Также в данной статье констатируется, что при применении системы информационных технологий и моделирования будут созданы реальные возможности с точки зрения экономии времени и оснований для интеллектуального развития одаренных учащихся, а также четкие стандарты деятельности учащихся быть трудоустроенным.

В этой системе ответственность и деятельность учителей становятся более целенаправленными.

Ключевые слова: *технология, информация, моделирование, фон, развитие, интеллект, читатель, процесс, обучение, аспект, мера, эффективный, образование, новаторство, фактор, умение, социальное, коммуникативное, абстрактное.*

INFORMATION TECHNOLOGY AND MODELING AS THE BASIS OF INTELLECTUAL DEVELOPMENT OF HIGH SCHOOL STUDENTS IN THE PROCESS OF STUDYING ENGLISH LANGUAGE

Shamsiddinova Marjona Barotalievna

This article notes that educational information is the process of providing education with methodological, technological and practical processing and the appropriate use of modern information and communication technologies, aimed at realizing the psychological and pedagogical goals of education.

The author noted that in today's conditions it is necessary to change the education system and adapt it to the needs of the day.

It is also noted that the development of education is an important task of society, and in modern society it is impossible to achieve this goal without the use of information technology.

This article also states that when using an information technology and modeling system, real opportunities will be created in terms of saving time and grounds for the intellectual development of gifted students, as well as clear standards for students to be employed.

In this system, teachers' responsibilities and activities become more focused.

Key words: *technology, information, modeling, background, development, intelligence, reader, process, learning, aspect, measure, effective, education, innovation, factor, skill, social, communicative, abstract.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шамсиддинова Марҷона Бароталиевна – унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов 11/2. телефон: (+992) 972875187.*

Сведение об авторах: *Шамсиддинова Марҷона Бароталиевна – соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образовании Таджикистана; адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Адхамов 11/2 телефон: (+992) 972875187;*

***Information about the authors*: *Shamsiddinova Marjona Barotalievna – candidate of the Institute of Educational Development named after Abdurakhmon Jami Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe,, 11/2 A.Adhamov str. phone: (+992) 972875187.*

НАҚШИ ҲАРАКАТИ ОЛИМПӢ ДАР НИЗОМИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Файзуллозода Ҳ.Ф.

Таҳсилоти мактабӣ дар асоси идеалҳо ва арзишҳои олимпизм ҳамчун таҳсилоти олимпӣ амал карда, ба истифодаи назария ва амалияи олимпизм, идеалҳо ва арзишҳои он, мусобиқаҳои олимпӣ, маросимҳо, расму оинҳо, далелҳо ва ҳуҷҷатҳо, осори санъати марбут ба таърихи ҳаракати олимпӣ ва олимпизми муосир асос ёфта, ҷалби фаъолонаи донишҷӯёнро ба ҳаракати олимпӣ ва истифодаи дигар иштирокчиёни ин ҳаракат – олимпичиёнро барои тарбияи онҳо пешбинӣ менамояд.

Истилоҳи «Таҳсилоти олимпӣ» ҳам дар мамлакати мо, ҳам дар хориҷи мамлакат ҳамчун фаъолияти педагогӣ истифода мешавад, ки рисолаташ аз ташаккули донишҳо дар бораи олимпизм, ҳаракати олимпӣ ва Бозиҳои олимпӣ иборат мебошад ва чунин

фаъолият дар ҳалли масъалаҳои навсозии таҳсилот заминаи махсус мегузорад. Ин заминаест, ки тавасути он фарҳанги рафтори кӯдакону наврасон ташаккул ёфта, шахсияти зуд ба ҷомеа мутобиқшаванда тарбия карда мешавад. Таълимгирандагоне, ки маълумоти баланди олимпӣ доранд, дар бораи таърихи ҳаракати олимпӣ ва махсусан, дар бораи фалсафаи олимпӣ, дар бораи мақсаду вазифаҳои ҳаракати олимпӣ, дар бораи идеалҳо ва арзишҳои олимпизм донишҳои хеле амиқро бархӯрдоранд, бешубҳа дар варзиш ва зиндагӣ барои рушди арзишҳои инсонпарваронаи иҷтимоиву фарҳангӣ мусоидат мекунанд.

Дар бораи зарурати густариш ва фаъол гардонидани таҳсилоти олимпии наврасон ва ҷавонон солҳои охир дар бисёр ҳуҷҷатҳои расмии байналхалқӣ таъкидҳо ба амал оварда мешаванд. Ҳанӯз Хартияи байналхалқии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки аз тарафи ЮНЕСКО қабул гардида, ба он қариб ҳамаи давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид имзо гузоштаанд, даъвати ба барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию фарҳангӣ дохил кардани тарбияи кӯдакон ва ҷавононро дар рӯҳи принсипҳои олимпизм ба миён гузошт, ки тибқи назардошти он аз ҳамаи давлатҳо хоҳиш карда мешавад дар муассисаҳои таҳсилотӣ мувофиқи низоми маорифи худ таълим додани идеали олимпиро ҷорӣ намуда, онро то рафт пурзӯр намоянд [8,с.40].

Ҳаракати олимпӣ, ки дар заминаи варзиши олитарин ба вуҷуд омадааст, яке аз институтҳои асосии иҷтимоии ҷаҳонӣ ба шумор рафта, дар рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва муносибаҳои байналмиллалӣ ҳамчун рукни асосии фарҳанги иҷтимоӣ, инсонпарварӣ, шафқат ва хайрхоҳӣ, мубориза барои сулҳу баробарӣ нақши муҳим мебозад. Дар тӯли зиёда аз 120 соли мавҷудияти худ ғояи олимпӣ барои аксари мардум идеяи муттаҳидкунанда гардидааст, ки принсипҳои ҳамсоягии нек, шукуфоӣ, некӯаҳволӣ ва умед ба ояндаи дурахшонро дар бар мегирад. Мақсади асосии ҳаракати олимпӣ ин рушду инкишофи ҳамаҷонибаи варзиш ба хотири мусоидат намудан ба рушди мутаносиби инсон дар бунёди ҷомеаи осоишта, ҳифзи шаъну шарафи миллӣ маҳсуб меёбад [8,с. 38].

Дар Хартияи олимпӣ дар боби тавсифи «рисолат ва нақши МОК» махсусан таъкид шудааст, ки онҳо «бояд дар сатҳи миллӣ, дар доираи фаъолияти варзишӣ принсипҳои асосии олимпизмро тарғиб намуда, аз ҷумла, ба паҳн намудани олимпизм дар барномаҳои таълимии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар муассисаҳои таҳсилоти миёна мусоидат намоянд». Муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба таъсиси созмонҳое мусоидат мекунад, ки фаъолияташон ба таҳсилоти олимпӣ бахшида шудааст» [8, с.40]. Ҳалли ин масъала бо назардошти аз байн рафтани қолабҳои пешинаи идеологӣ, инчунин бо назардошти прагматизми аз ҳад зиёд, нигилизм ва бепарвоӣ нисбат ба арзишҳои маънавӣ, ки баъзе ҷавононро фаро гирифтааст, махсусан муҳим мебошад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло бояд мутазаккир шуд, ки ҳаракати олимпӣ дар ҳоли ҳозир ба буҳрони амиқи иҷтимоиву системавӣ дучор омадааст, зеро давраи кунунии рушди он ба омилҳои сиёсаткунонӣ, тиҷоратишавӣ ва воридшавии касбият вобаста буда, мутаносибан коҳишёбии шадиди иқтидори инсонпарвариро инъикос менамояд. Вобата ба ҳолати мазкур муҳаққиқ Волков қайд намудааст, ки бозиҳои олимпӣ аз рамзи гуманизм ба як лоиҳаи молиявӣ табдил меёбанд ва олимпизмро ҳамчун идеяи ҳаракати олимпӣ бо «постолимпизм» иваз мекунанд, яъне ҳолате, ки варзиш ҳамчун як воситаи иттилоот ва сиёсат ва ҳамчун воситаи назорати шуури омма қабул карда мешавад [3, с.18].

Таҳсилоти олимпӣ ба раванди тарбияи ҷисмонӣ ба таври ҷудонашаванда мувофиқат карда, аҳамияти он аз доираи ҳаракати олимпӣ берун мебарояд. Ин фаъолияти иҷтимоию педагогӣ ба ташаккул ва такмили низоми муайяни донишҳо, қобилиятҳо, шавқу ҳавас ва талаботи марбут ба варзиш дар ҷавонон нигаронида шудааст. Зимни таъсири ба қадри кофӣ тӯлонӣ ва муассири таҳсилоти олимпӣ низоми мазкур метавонад дар низоми умумии сифатҳои шахсиятии инсон ҷойгоҳи мустаҳкамро ишғол карда, ба

фалсафаи ҳаётие табдил ёбад, ки онро дар ҳамаи корҳо ва амалҳо, дар муносибат бо одамони дигар бо назардошти афзалиятҳои озодӣ ва шаъну шарафи шахсияти инсонӣ, ҳамкорӣ ва дигар арзишҳои маънавию ахлоқӣ роҳнамоӣ кунад. Ин фалсафа барои насли навраси мамлакати мо аҳамияти калон дорад. Аввалан, он ба вазифаҳое, ки дар марҳилаи ҳозираи рушди ҷомеа ҳал карда мешаванд, мувофиқат мекунад. Ҷомеа ба одамони фаъол, аз ҷиҳати эҷодӣ боистеъдод, масъулиятшинос, солим ва аз ҷиҳати ҷисмонӣ баркамоле ниёз дорад, ки барои рушди ҳамаҷониба ва зуҳури қобилиятҳои худ саъй намуда, арзишҳои маънавию ахлоқиро дар муносибати худ бо одамони дигар, бо табиат ва бо худ дар ҷойи аввал мегузоранд. Фалсафаи олимпизм маҳз ба ҳамин арзишҳои ҳаётӣ роҳнамоӣ мекунад. Сониян, олимпизм то андозае метавонад он холигии идеологиро, ки дар шуури ҷавонон дар натиҷаи дигаргуниҳои куллие, ки дар солҳои охир дар сиёсат ва иқтисоди мамлакат ба амал омадаанд, пур кунад. Мақсади асосии таҳсилоти олимпӣ аз шинос кардани кӯдакону наврасон ва ҷавонон бо ғояҳои инсондӯстонаи олимпизм, идеалҳо ва арзишҳои маънавию ахлоқии он иборат мебошад [12, с.134].

Ба андешаи мо, Олимпизм, ки варзишро бо фарҳанг ва маориф ба ҳам мепайвандад, саъй мекунад, ки дар асоси тантани саъю кӯшиш, яъне ба даст овардани ғалаба, арзиши тарбиявии намунаи хуб ва эҳтиром ба принсипҳои асосии ахлоқии умумибашарӣ тарзи зиндагӣ эҷод кунад. Ҳадафи олимпизм дар ҳама ҷо ба хидмати рушди мутаносиби инсон гузоштани варзиш аст, то ба бунёди ҷомеаи осоишта, ки дар бораи эҳтироми шаъну шарафи инсон ғамхорӣ кунад, саҳм гузорад. Барои ноил шудан ба ин максад ҳаракати олимпӣ, ҳам ба таври мустақилона, ё дар ҳамкорӣ бо дигар ташкилотҳо, инчунин дар доираи имкониятҳои худ дар фаъолияти ҳифзи сулҳу осоиштагӣ иштироки бевосита дорад.

Дар раванди ташаккули нерӯи эҷодии зеҳнии шахсият ғояҳои олимпизм ҳамчун принсипҳои муҳимтарини фаъолияти ҳаётии он мегарданд. Бо истифода аз воситаҳо, усулҳо ва шаклҳои таҳсилоти олимпӣ татбиқи қобилиятҳои инфиродии эҷодии хонандагон ва донишҷӯён ҳам дар таълим, ҳам дар тарбия амалӣ мешавад. Дар рафти омӯзиши амиқи фанҳои соҳаи таълимии «Тарбияи ҷисмонӣ» омӯзгорон саъй мекунанд, ки дар таълимгирандагон муносибати эҷодкорона ба донишҳо ва воқеияти атроф, инчунин мустақилият дар интихоби қарор ва баҳодиҳӣ оид ба масъалаҳои гуногун, озодии зеҳнӣ ва маънавиро тарбия намоянд. Ҳалли вазифаҳои гузошташудаи тарбиявӣ на танҳо дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, балки дар омӯзиши фанҳои таълимии дигар соҳаҳои таҳсилотӣ низ ба амал бароварда мешавад. Мубрамсозии донишҳои олимпӣ дар фанҳои дигар низ, инчунин иттилооти ҳамгирошуда оид ба олимпизм ҳамчун танзимгари муҳимтарини фаъолнокии фард амал мекунанд. Дар навбати худ, робитаҳои байнифаннӣ дар низоми таҳсилоти олимпӣ вазифаҳои таҳсилотӣ, тарбиявӣ ва ҳавасмандкунро иҷро мекунанд. Арзиши таҳсилотии робитаҳои байнифаннии низоми маорифи олимпӣ ҳам нақши ҳамгиросозанда, ҳам иттилооти мушаххаси пурмазмунро оид ба таърихи ҳаракати олимпӣ, идеалҳо ва арзишҳои олимпӣ дар бар мегирад [3, с. 135].

Қобили зикр аст, ки солҳои охир дар доираи ҳаракати олимпӣ ба фаъолияти педагогӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад, ки ҳадаф аз он шиносонидани кӯдакону наврасон ва ҷавонон ба идеалҳо ва арзишҳои инсондӯстонаи олимпизм мебошад. Барои ифодаи ин фаъолият дар адабиёт аксаран мафҳумҳои “таҳсилоти олимпӣ” ва “тарбияи олимпӣ” истифода мешаванд. Баъзан истилоҳоти дигар, аз қабили: “тарбия дар рӯҳияи олимпизм”, “тарбия дар рӯҳияи идеалҳо ва арзишҳои олимпӣ”, “тарбия тавассути ҳаракати олимпӣ”, “тарбия дар доираи ҳаракати олимпӣ” ва ғайра низ мавриди истифода қарор гирифтаанд [4, с. 122-130].

Ҳангоми тавсифи таҳсилоти олимпӣ тибқи назардошти Консепсияи умумии таҳсилоти олимпӣ одатан ду муқаррароте қабул гардидаанд, ки мавриди инкор қарор

намегиранд. Аввалан, таҳсилоти олимпӣ ҳамчун як намуди таҳсилот *фаъолияти педагогии* муайянро ифода мекунад. Аммо баъзан ифодаҳое дучор меоянд, ки дар онҳо таҳсилоти олимпӣ, воқеан, бо таҳқиқоти илмӣ шабоҳат дода мешавад, масалан: «Аз ҷиҳати консептуалӣ таҳсилоти олимпиро ҳамчун раванди мақсадноки шинохти қонунияти пайдоиши ҳаракати олимпӣ, таъсири он барои қонеъ гардонидани дархостҳои гуногуни фарҳангию маърифатии шахсият ва ҷомеа тавсиф кардан мумкин аст» [10, с. 49-50; 9, с. 84-87; 12, с.134]. Аммо ин истисно, одатан, бар хилофи фаҳмиши маъмулии таълим ҳамчун раванди педагогӣ ба ҳисоб меравад. Сониян, муқаррароти аз ҷониби умум қабулшуда- таҳсилоти олимпӣ фаъолияти педагогиест, ки дар доираи *ҳаракати олимпӣ* амалӣ карда шуда, бо ҳадафу вазифаҳои он алоқаманд мебошад. Ин фаъолият ба ғояҳои фалсафаи олимпӣ, ғояҳо ва арзишҳои олимпизм асос ёфтааст.

Қобил ба ёдоварист, ки соли 1961 Академияи байналмилалии олимпӣ ҳамчун созмоне дар назди Кумитаи байналмилалии олимпӣ (КБО), ки барои иҷрои вазифаҳои таҳсилотӣ ва тарбиявии ҳаракати олимпӣ масъул буд, таъсис дода шуд. Академия дар сессияҳои ҳарсолаи худ масъалаҳои тарбия ва таҳсилоти олимпиро мунтазам муҳокима карда, бахшида ба масъалаи мазкур маҷлисҳои махсусро баргузор менамуд. Таваҷҷуҳи назаррас ба масъалаҳои таҳсилоти олимпӣ ва дар рӯҳи ғояҳои олимпӣ тарбия намудани ҷавонон дар кори Академияҳои миллии олимпӣ, ки дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ташкил карда шудаанд, зоҳир мегардид. Масъалаҳои таҳсилоти олимпӣ ҳамчун мавзуи баҳсҳои илмӣ дар конгрессҳо, конференсияҳо, ҳамоишҳо, семинарҳои илмӣ ва ғайраҳо баррасӣ гардидаанд [13,18.]

Аввалин барномаи мукаммали таҳсилоти олимпӣ соли 1976 дар Канада таҳия шуда буд. Минбаъд чунин барномаҳо аз ҷониби Академияҳои миллии олимпии ИМА (с. 1984) ва Олмон (сс. 1988, 1992, 1994), инчунин гурӯҳҳои педагогҳо бо фармоиши Ташкилоти кумитаи бозиҳои олимпӣ дар Калгари (с. 1988), Албертвилл (с. 1992), Лиллехаммер (с. 1994) ва Мелбурн (с. 1996) таҳия карда шуданад [20, с.76.] Ҳамин тавр, ҳаракати олимпӣ дар он самте, ки дар бораи зарурати он олимон ва ходимони ҷамъиятии мамлакатҳои зиёд ҳарф задаанд, қадамҳои амалӣ гузошта истодааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои ҳаракати олимпӣ, идеалҳо ва арзишҳои олимпизмро баррасӣ намуда**,** ду муносибати куллан гуногунро ба масъалаи мазкур махсус қайд кардан лозим аст. Дар муносибати аввал *ҳаракати олимпӣ танҳо бо ҳаракати варзишӣ* айният дода мешавад. Вазифаи асосии он аз инкишофи ҳамаҷонибаи варзиш, алоқа ва робитаҳои варзишӣ, идоракунии варзиш, ташвиқу тарғиби комёбиҳои баланди варзишӣ, рекордҳо, ғалабаҳо, махсусан дар Бозиҳои олимпӣ иборат мебошад. Ин комёбиҳои баланд, рекордҳо, ғалабаҳо ҳамчун арзиши асосии ҳаракати олимпӣ дониста шуда, варзишгари дараҷаи олӣ, рекордсмен, ғолиби бозиҳои олимпӣ, чемпион ҳамчун идеал қабул карда мешавад.

Муносибати дуюм ба дарки афзалияти арзишҳои миллӣ тавассути ҳаракати олимпӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳаракати муосири олимпӣ равона гардидааст. Дар асоси муносибати дуюм консепсияе қарор гирифтааст, ки дар асарҳои асосгузори ин ҳаракат Пер де Кубертен таҳия шуда, ӯ ин ҳаракатро бо ғояҳои башардӯстӣ пайваст кардааст. Ба ибораи дигар, ҳаракати олимпӣ яке аз ҷавобҳо ба дархости ҷомеаи байналмилалӣ оид ба интернасионализатсия буд ва пайдоиши он на танҳо барои густариши варзиш, балки, пеш аз ҳама, барои муттаҳидшавии инсоният тавассути мусобиқаҳо, ки имкон медиҳанд одамон аз тамоми ҷаҳон ба як чорабинии хеле муҳим гирд омада, дар шароити баробар рақобат кунанд, ба ҷойи он ки мубориза баранд, табдил ёфт. Ин паёми асосии яке аз асосгузорони ҳаракати олимпӣ Пер де Кубертен буд, ки мехост ҷаҳонро тавассути варзиш беҳтар кунад [15]. Асоси чунин муттаҳидшавӣ эҷоди фалсафаи универсалии ҳаракати олимпӣ - Олимпизм буд, ки таърифи онро болотар овардем.

Ба андешаи мо ҳақ бар ҷориби Пер де Кубертен аст. Зеро башардӯстӣ аз низоми афкоре иборат аст, ки ҳамчун арзиши олӣ худи инсонро дар назар дорад. Ба сифати

башардӯстӣ ҳамаи он чизе эътироф карда мешавад, ки дар фаъолияти ҷомеа ва шахсият барои инсон ба хотири инкишофи пуразиши вай, барои талаботаш, барои саломатиаш пешбинӣ гардидааст. Ва дар баробари ин, ҳатто фаъолияти хеле муташаккилона, аз ҷиҳати техникӣ мукаммал, агар он ба муқобили шахс (мавҷудияти ӯ, бахту саодати ӯ, худтатбиққунии ӯ) нигаронида шуда бошад, ҳамчунин ғайриинсондӯстона дар кадом шакл ва дар кадом соҳае, ки он зуҳур накунад, ҳарбӣ, саноатӣ, истироҳатӣ, варзишӣ ва ғайра, дониста мешавад [2, с. 25- 29]. Аз ин рӯ, башардӯстӣ ҳамеша ҳамчун «тарбияи инсоният»- studium humanitatis дар худи инсон қабул карда мешуд ва мешавад. Тасодуфӣ нест, ки ҳатто дар давраи Ҷумҳурии Рим «одами комил»- homo humanus, ба «одами ваҳшӣ»- homo barbarus муқобил гузошта мешуд. Ба шумори «сифатҳои инсонии шахс», ки барои башардӯстӣ арзиши бештарро бархӯрдоранд, озодӣ, шаъну шараф, эҷодкорӣ, инкишофи ҳаматарафа ва ҳамоҳанги шахсият ва ғайра ба ҳисоб мераванд. Башардӯстӣ инчунин сулҳ, дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми ҳамдигар, муошират ба таври мутақобила ғанигардонандаи одамон ва ғайраро ҳамчун арзишҳои муҳимтарин, бунёдӣ дар бар мегирад.

Чунин муносибат, ки мо низ онро ҷонибдорӣ мекунем, инчунин аз он бармеояд, ки ҳаракати олимпӣ бо варзиш ва махсусан бо варзиши дастовардҳои олӣ алоқаи зич дорад. Аммо дар баробари ин, он нуқта ба назар гирифта мешавад, ки ҳаракати олимпӣ аз лаҳзаи таъсиси худ ҳамеша дар навбати аввал он одамонеро муттаҳид мекард, ки кӯшиш мекардан ҳадафу вазифаҳои худро бо ҳадафҳои сирф варзиш маҳдуд накарда, идеалҳои башардӯстиро нисбати варзиш бо кумаки худи варзиш дар амал татбиқ намоянд.

Ин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки Пер де Кубертен ҳамчун яке аз вазифаҳои асосии ҳаракати олимӣ пешгирӣ кардани тафовути байни инкишофи ҷисмонӣ ва маънавии варзишгарон, мусоидат ба инкишофи ҳамоҳангиии онҳоро мешуморид. Кубертен саъй мекард, ки варзиш (мусобиқаи варзишие, ки дар асоси принсипҳои бозии одилона- fair play)-ро ба як соҳаи муҳими тарбия табдил дода, дар доираи варзиши олимпӣ идеали қадимии шахсияти ба таври ҳамоҳанг инкишофёфтаро амалӣ созад.

Чуноне ки маълум аст, конгрессе, ки соли 1894 бо ташаббуси ӯ дар Париж ташкил карда шуда, баъдтар ҳамчун Конгресси I-и олимпӣ номида шуда буд, расман ҳамчун «Конгресс оид ба таҷдиди Бозиҳои олимпӣ» номида мешуд. Аммо Кубертен пайваста баробари фароҳам омадани имконият дар ин конгресс таъкид мекард, ки сухан дар бораи аҳамияти варзиш барои «навсозии инсоният тавассути таълим» ва барқарор намудани робитаҳои байналмилалӣ меравад [16,с.79]. Соли 1931 дар ёддоштҳои худ ӯ чунин навишта буд: «Чаро ман Бозиҳои олимпиро аз нав зинда кардам? То ки варзишро ободу таҳким бахшида, барои он истиқлолият, умри дарозро таъмин намуда, инчунин нақши тарбиявиеро, ки барои варзиш дар ҷаҳони муосир тахсис дода шудааст, пурзӯр намоям [5,с.14-20, 15, с. 57]. Бесабаб нест, ки дар Конгрессҳои минбаъдаи олимпӣ бо ташаббуси Кубертен на танҳо масъалаҳои ташкилӣ, балки масъалаҳои педагогӣ ҳам мавриди муҳокима қарор мегирифтанд.

Ба ақидаи Кубертен, машғулиятҳои фаъол набояд ба рушди якҷониба ва зишти варзишгари олимпӣ оварда расонанд. Мусобиқаҳои варзишӣ қодиранд “хислатро ташаккул диҳанд ва қувваҳои ахлоқиро таҳким бахшанд», инчунин «ташаббус, суботкорӣ, нерӯ, майл ба такмили худ ва беэътиноӣ ба хатарҳои имконпазирро инкишоф диҳанд» ва аз ин рӯ, на танҳо ба такмили ҷисмонӣ, балки ба «инкишофи ҳамоҳанги нафари калонсол» мусоидат намоянд. Аз ин мавқеъҳо Кубертен нисбат ба шахсияти олимпичӣ низ талаботи муайянро ба миён мегузошт. Вай ниҳоят муҳим мешуморид, то ки варзишгар камолоти ҷисмониро бо фарҳанги баланди маънавӣ ба ҳам омезиш диҳад [15, с. 57-79, 7,с.6-7, 19.,с.10; 17].

Тибқи Хартияи олимпӣ ҳадафи Ҳаракати олимпӣ ин “мусоидат ба бунёди ҷаҳони осоишта ва беҳтар тавассути тарбияи ҷавонон бо машғулиятҳои варзиш бидуни ҳеҷ гуна табъиз ва дар рӯҳияи олимпӣ, ки дар худ ҳамдигарфаҳмӣ, рӯҳияи дӯстӣ, ҳамбастагӣ ва

бозии одилро дар бар мегирад» мебошад [7,с.6]. Ҳангоми номбар кардани вазифаҳои асосии КБО дар Хартия қайд карда шудааст, ки ин Кумита: «... 5) ба риояи одоби варзишӣ мусоидат намуда, ба он ташвиқ мекунад; 6) саъю кӯшиши худро ба бартарии рӯҳияи бозии одилона дар майдончаҳои варзишӣ ва дур кардани зӯроварӣ аз онҳо мебахшад» [7, с. 7]. Дар матни «Манифест оид ба бозии одилона», ки дар ҷаласаи Кумитаи байналмилалии бозии одилона соли 1992 қабул шудааст, қайд карда мешавад, ки ғояи олимпии Пер де Кубертен (олимпизм) ҳамчун «принсипҳои бозии одилонаи хусусияти зарурӣ ва бартаридошта ба шумор меравад» [7, с. 6]. Аммо, аксар вақт ҳангоми равшан кардани ҳадаф ва вазифаҳои таҳсилоти олимпӣ ба тавсифи дар боло зикршуда, ки Пер де Кубертен дар суханронии худ дар маросими тантанавии 17 апрели соли 1927 ба муносибати эҳёи Бозиҳои олимпӣ дар сарзамини Олимпия дода буд, такя мекунанд. Ӯ дар ин нутқи худ қайд карда буд, ки «дар ҷаҳони муосир, ки пур аз имкониятҳои тавоно ва ҳамзамон хатарҳои харобиовари фалокатбор мебошад, ҳаракати олимпӣ метавонад ба мактаби тарбияи наҷибият ва покии ахлоқ, инчунин тобоварӣ ва қувваи ҷисмонӣ ва тавоноӣ табдил ёбад. Аммо ин танҳо он вақт рӯй медиҳад, ки агар фаҳмиши шумо дар бораи шарафи варзишӣ ва беғаразӣ мисли мушакҳои шумо қавӣ ва устувор бошад» [15 с.100]. Худи инкишофи ҳамоҳангии шахсият бештар ба маънои дар боло зикршуда, ки Кубертен ба он додааст - пеш аз ҳама ҳамчун ҳамоҳангии камолоти ҷисмонӣ, маҳорати варзишӣ ва фарҳанги ахлоқӣ фаҳмида мешавад.

Ҳамаи ин ва шояд баъзе дигар сифатҳо ва қобилиятҳои варзишгар аз лиҳози башардӯстӣ назар ба сифатҳои ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва зебоишиносии ӯ на камтар муҳим бошанд. Ва дар худи Хартия, тавре ки аллакай қайд карда шуд, ба сифати ҳадафи олимпизм «рушди ҳамаҷонибаи варзиш ба хизмати инкишофи ҳамоҳангии инсон» низ нишон дода мешавад, ки бо сифатҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ, фарҳанги зебоишиносӣ маҳдуд намешавад.

Сарфи назар аз аҳамияти худ ин соҳаи фаъолияти педагогӣ дар ҳаракати олимпӣ набояд танҳо бо ҳамин маҳдуд карда шавад. Аз нуқтаи назари мо, ҳадди ақал 3 ҷузъи ба ҳам алоқаманд, вале ҳанӯз ҳам алоҳидаи таркибии фаъолияти мавриди баррасиро ҷудо кардан мумкин аст, ки ташаккул ва такмили: 1) донишҳо, 2) ҳавасмандӣ (шавқу рағбат, талабот, самтҳо, муносибатҳои арзишӣ ва ғайра) ва 3) қобилиятҳо, маҳорату малакаҳоеро, ки дар фаъолият ё рафтори муайян зоҳир карда мешаванд, пешбинӣ менамоянд. Гузашта аз ин, чизи аз ҳама муҳим на ташаккул ва баланд бардоштани сатҳи дониши олимпӣ, ҳарчанд ин вазифа бешубҳа муҳим аст ва ҳатто на самти эълоншуда ба идеалҳо ва арзишҳои олимпизм, балки ташаккули рафтори воқеӣ, тарзи ҳаёти солим, ки ба ин идеалҳо ва арзишҳо мувофиқат мекунад, маҳсуб меёбад. Бесабаб нест, ки дар Хартияи олимпӣ ҳамчун вазифаи муҳими олимпизм, ки «варзишро бо фарҳанг ва маориф» алоқаманд мекунад, вазифаи ташкил кардани «тарзи ҳаёти солим”дар асоси хушҳолӣ аз саъю кӯшиш, арзиши тарбияви намунавӣ ва эҳтиром ба принсипҳои умумиинсонии ахлоқӣ нишон дода шудааст [7, 6].

Тафсири хеле танги таҳсилоти олимпӣ, аз нуқтаи назари мо, аз он низ иборат аст, ки ҳангоми тавсифи вазифаҳои он, вазифаҳое, ки бо ташаккули варзиш ва бо ёрии варзиш иҷро мегарданд, чунин сифатҳо аз қабили фарҳанги зебоишиносӣ, бадеӣ, экологӣ, зеҳнӣ ва ғайраи ба шахсият алоқаманд сарфи назар карда мешаванд. Дар баробари тафсири танги фаъолияти педагогӣ дар доираи ҳаракати олимпӣ, аксар вақт боз ҷанбаи дигари он – шарҳу тавзеҳи хеле васеъи мақсаду вазифаҳои он ба миён меоянд. Ба вазифаҳои ин фаъолият қариб ҳамаи вазифаҳое нисбат дода мешаванд, ки бо ин ё он тарз бо соҳаи варзиш, бо тамрини варзишӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ, ба ташаккули фарҳанги ҷисмонӣ, тарбияи ҷисмонӣ, нигоҳ доштан ва мустаҳкам намудани саломатии одамон ва ғайра ё ҳатто вазифаи тарбияи башардӯстона дар маҷмуъ алоқаманданд.

Муҳаққиқон А.В. Бочко, В. Титов ва В.Я. Кудлин дар мақолаи худ «Нақш ва ҷои таҳсилоти олимпӣ дар ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонони донишҷӯ» таҳсилоти олимпиро ҳамчун «методологияи ташаккули тарзи ҳаёти солим» нишон додаанд. Ба ақидаи онҳо, ин фаъолияти педагогӣ «аз якчанд самтҳои инкишоф ва ташаккули шахсияти донишҷӯ: ҷисмонӣ, зеҳнӣ, иқтисодӣ ва экологӣ иборат мебошад. Ва ҳамаи ин унсурҳо бояд бо пайванди ягонаи низомнок бо паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҳаррӯзаи инсон муттаҳид шаванд» [1, с. 94-95].

Ба ақидаи Ю.П. Симаков, «консепсияи таҳсилоти олимпӣ муқаррароти зерин: самтгирии шуури ҷамъиятӣ ба ташаккули тарзи ҳаёти солими кӯдакон ва наврасон; такмили тарбияи варзишӣ-солимгардонӣ ва бадеию зеҳнӣ дар оила ва мактаб бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоию демографӣ ва ҳолати ҷисмонии бачагон; мустаҳкам намудани базаи моддию техникии инфрасохтори варзишию фарҳангии бачагон, аз ҷумла кӯдакони маъюб, бачагоне, ки дар минтақаҳои гуногуни иқлимию географӣ зиндагӣ мекунанд» ва ғайраро дар бар мегирад [11, с. 8-11].

Аз алоқаи ҳаракати олимпӣ бо низоми таҳсилот бармеояд, ки фаъолияти педагогӣ дар доираи ин ҳаракат бояд ба ташаккул ва инкишоф додани муносибати фаъол ба варзиш ва фарҳанги варзишӣ дар инсон, ки дастовардҳои олиро дар варзиш таъмин менамояд, нигаронида шавад. Ин муносибат ва ин фарҳанг инҳоро дар бар мегирад:

- шавқу рағбат ба варзиш, талабот ба машғулятҳои мунтазами варзишӣ, иштироки мунтазам дар мусобиқаҳои варзишӣ, хоҳиши нишон додани натиҷаҳои баландтари варзишӣ;

– донишҳо дар соҳаи тайёрии варзишӣ ва ташкили мусобиқаҳои варзишӣ;

- маҳорати истифодаи ин донишҳо барои ташкили самараноки омодагии варзишӣ ва ҳунарнамоии бомуваффақият дар мусобиқаҳо;

- тарзи ҳаёти варзишӣ, ки машғулиятҳои фаъол ба варзиш ва иштироки мунтазам дар мусобиқаҳои варзиширо пешбинӣ менамояд.

Аз ин рӯ, ҳаракати олимпӣ дар низоми таҳсилот бояд ҳамчун ҳадафи худ ташаккули муносибати башардӯстона ба варзиш, фарҳанги варзишӣ бо тамоюли равшан ифодаёфтаи башардӯстиро фаро грифта бошад, яъне ҳамчун таҳсилот, тарбия ва таълими «варзишӣ- башардӯстӣ” амал кунад. Чунин ҳаракат ташаккул ва инкишоф додани «донишҳо дар бораи он идеалҳо ва арзишҳои башардӯстона, ки метавонанд дар варзиш ва тавассути варзиш татбиқ карда шаванд, шавқу рағбат ба онҳо, хоҳиши (ва ҳатто талаботи) амалӣ намудани онҳо, он маҳорат ва малакаҳое, ки воқеан ба ин имкон медиҳанд, инчунин он аксуламалҳои эҳсосотиеро, ки ба ин мусоидат мекунанд, пешбинӣ менамояд.

Бояд махсус қайд кард, ки ба тамоюлхои асосии инкишофи харакати олимпии муосир ҳамчун падидаи ҷамъиятии ҷаҳонӣ ҳам тамоюлхои мусбат ва ҳам манфӣ хосанд, ки таҳлилу дарк ва роҳҳои халли минбаъдаро талаб мекунанд.

АДАБИЁТ:

1. *Бочко А.В.*, Титов В.С., Кудлин В.Я., 1997. Роль и место олимпийского образования в формировании здорового образа жизни студенческой молодежи // Физическая культура и олимпийское движение Урала: Матер. IV Всеуральской научно-практической конференции. Ч. I. - Уфа: Республиканский научно-методический и информационный центр физической культуры и спорта, с. 94-95.

2. *Быховская И.М.,* 1989. Гуманизм или технократизм: два стиля мышления в спорте // Нравственный потенциал современного спорта: Матер. IV Всес. методол. семинара, г. Суздаль, 10-12 марта 1988 г. - М.: Сов. спорт, с. 25- 29.

3. *Волков А.В.* Философия постолимпизма: Тенденции развития и кризиса олимпийской глобализации. Позиция России: Сб. науч. трудов V Международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы глобальных исследований: Ценности глобального мира». М., 2018.

4. *Дьюри Ж.* Олимпийское движение и воспитание // Всемирный научный конгресс «Спорт в современном обществе»: Сборник научных материалов. - М., 1974, с. 122-130.

5. *Лотц Франц*, 1983. Наука и олимпийское движение // Межд. спорт. движение: Экспресс-информация, вып. 19. - М.: ЦООНТИ-ФиС, с. 14-20. Адам Ивон, 1981. Олимпийские игры в Москве и будущее олимпийского движения // Теория и практика физической культуры, № 5, 1981, с. 57-58.

6. *Лубышева Л.И.,* 1997. Олимпийская культура как основа содержания олимпийского образования // Современные проблемы и концепции развития физической культуры и спорта, ч. 2. - Челябинск, 1997, с. 155-157. С. 155.

7. Олимпийская Хартия. ВСУЗ. - М., 1991. С. 6.

8. Олимпийская Хартия, 1996, с. 40. Олимпийская хартия // Олимпийский комитет России. URL: http://olympic.ru/upload/ 2019/02/charter_09_10_2018-russkaya-versiya. (Санаи мурочиат 15.04.2018).

9. *Печерский Н.В.,* Сучилин А.А., 1994 б. Об олимпийском образовании // Олимпийское движение и социальные процессы: Сб. мат. Международ. конф. - СПб, 1994, с. 84-87.

10. *Печерский Н.В.,* Самчук А.А., 1995. Олимпийское образование: опыт и проблемы // III научно-практич. конф. «Физическая культура и олимпийское движение Урала». Тезисы конф. - Ижевск, 1995, с. 49-50;

11. *Столяров В.И.,* 1984 в. К вопросу об идеалах и целях современного олимпийского движения // Роль, функции и актуальные проблемы олимпийского движения. - М., ВНИИФК, с. 22-33; Столяров В.И., 1997 б. Спорт и культура: методологический и теоретический аспекты проблемы // Спорт, духовные ценности, культура. Вып. первый. Исторические и теоретико-методологические основания: Сб./Сост. и ред. В.В.Кузин, В.И.Столяров, Н.Н.Чесноков. - М.: Гуманитарный Центр «СпАрт» РГАФК, с. 84-209.

12. *Сучилин А.А.* Олимпийское образование: учебник А.А.Сучилин, Н.В.Печерский. Волгоград: ООО «Принт», 2001. С. 134.

13. Abstracts. 1988 Seoul Olympic Scientific Congress «New horizons of human movement», v. II, Sport history, Sport philosophy, Sport sociology. - Seoul: SOSCOC; 257. Centennial Olympic Congress Report. Congress of Unity. - International Olympic Comittee, 1994.

14. Coubertin Pierre, 1966. The Olympic Idea: Discourses and Essays. rev. ed. eds. L.Diem and O. Andersen. translated from the French by J.G.Dixon. Lausanne: Carl-Diem-Institut, Editions Internationales, Olympia. C, 57;

15. Coubertin Pierre, 1966. The Olympic Idea: Discourses and Essays. rev. ed. eds. L.Diem and O. Andersen. translated from the French by J.G.Dixon. Lausanne: Carl-Diem-Institut, Editions Internationales, Olympia. C. 108.

16. Coubertin Pierre, 1966. The Olympic Idea: Discourses and Essays. rev. ed. eds. L.Diem and O. Andersen. translated from the French by J.G.Dixon. Lausanne: Carl-Diem-Institut, Editions Internationales, Olympia. C. 79.

17.Diem C., 1970. The Olympic Idea: discourses and essays. - Koln: Carl-Diem-Institut.).

18. Education for International Understanding, Cooperation and Peace, and Education Relating to Human Rights and Fundamental Freedoms, UNESCO. - Paris, 1974.

19. Manifesto // Fair Play for All. Declaration of the CIFP. Munchen, Paris, 1992, pp. 10-17. C. 10.

20. Muller Norbert, 1996. Olympic Education Programmes // Program and Abstract Book. The 1996 International Pre-Olympic Scientific Congress, 10-14 July 1996, Dallas, Texas, USA, p.76.]

НАҚШИ ҲАРАКАТИ ОЛИМПӢ ДАР НИЗОМИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Файзуллозода Ҳусейн Файзулло

Дар мақола муаллиф роҷеъ ба нақш ва моҳияти ҳаракати олимпӣ дар низоми тарбияи ҷисмонӣ сухан ронда, иброз доштааст, ки ҳаракати олимпӣ дар заминаи варзиши олитарин ба вуҷуд омада, яке аз институтҳои асосии иҷтимоии ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Он дар алоқамандӣ бо фаъолияти педагогӣ дар рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва муносибаҳои байналмиллалӣ ҳамчун рукни асосии фарҳанги иҷтимоӣ, инсонпарварӣ, шафқат ва хайрхоҳӣ, мубориза барои сулҳу баробарӣ нақши муҳим мебозад. Мақсади асосии ҳаракати олимпӣ ин рушду инкишофи ҳамаҷонибаи варзиш ба хотири мусоидат намудан ба рушди мутаносиби инсон дар бунёди ҷомеаи осоишта, ҳифзи шаъну шарафи инсон, бунёди ҳаёти солим, ташаккули арзишҳои миллӣ дар наврасону ҷавонон мебошад.

Калидвожаҳо: *ҳаракати олимпӣ, ташаккули арзишҳои миллӣ, варзиш,фаъолияти педагогӣ, олимпизм, ҳаёти солим, ғояҳои башардӯстӣ, хайрхоҳӣ рушди иҷтимоии инсон, ҷавонону наврасон.*

РОЛЬ ОЛИМПИЙСКОГО ДВИЖЕНИЯ В СИСТЕМЕ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ

Файзуллозода Хусейн Файзулло

В статье рассматривая роль и сути олимпийского движения в системе физического воспитания, подчеркивается, что олимпийское движение зародилось в сфере спорта высших достижений и в своем развитии стало одним из столпов в области искусства, гуманизма, милосердия и благотворительности, борьбы за мир и равноправие. Цель олимпизма - повсеместно поставить спорт на службу гармоничному развитию человека с тем, чтобы способствовать созданию мирного общества, заботящегося о соблюдении человеческого достоинства, формирование в молодежи и подросткового поколения национальных ценностей.

Ключевые слова: *олимпийское движение, формирование национальных ценностей, педагогическое деятельность, спорт, олимпизм, гуманизм, милосердия, благотворительность, создание мирного общество, гармоничное развитие человека, молодёжь, подростковое поколение, борьба за мир и равноправие.*

ROLE OF THE OLYMPIC MOVEMENT IN THE SYSTEM OF PHYSICAL EDUCATION

Faizullozoda Hussein Faizullo

The article, considering the role and essence of the Olympic movement in the system of physical education, emphasizes that the Olympic movement originated in the field of elite sports and in its development became one of the pillars in the field of art, humanism, mercy and charity, the struggle for peace and equality. The goal of Olympism is to put sport at the service of the harmonious development of man everywhere in order to contribute to the creation of a peaceful society that cares about respecting human dignity, and the formation of national values among young people and the teenage generation.

Key words: *Olympic movement, formation of national values, pedagogical activity, sports, Olympism, humanism, mercy, charity, creation of a peaceful society, harmonious human development, youth, teenage generation, struggle for peace and equality*.

Маълумот дар бораи муаллиф*:Файзуллозода Ҳусейн Файзулло – номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети "Тарбияи ҷисмонӣ", омӯзгори калони кафедраи забонҳи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов. Сурога: 735140, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳраки Лучоб, 53. Тел.: (992)988-41-41-90*

Сведение об авторе: *Файзуллозода Хусейн Файзулло - кандидат педагогических наук, декан факультета «Физическое воспитание», старший преподаватель кафедры языков Института физической культуры Таджикистана имени С. Рахимова. Адрес: 735140, г. Душанбе, Республика Таджикистан, поселок Лучоб, 53. Тел.: (992)988-41-41-90*

Information about the author: *Faizullozoda Hussein Faizullo - candidate of pedagogical sciences, dean of the "Physical Education" faculty, senior teacher of the language department of the Institute of Physical Education of Tajikistan named after S. Rahimov. Address: 735140, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Luchob town, 53. Tel.: (992)988-41-41-90*

ТДУ372.851
ТКД74.262
Ш-32

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА ШАКЛҲОИ АРЗЁБИИ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ҚИЁС БО ЗАМОНИ МУОСИР

Нугмонов М., Шарипов Қ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мақсади ба роҳ мондани раванди таълим ин ҳал кардани вазифаҳои асосии таълиму тарбия - ташкили дарс ба ҳисоб рафта, назорат ва натиҷагирии азхудкунии донишу малакаҳо бо арзёбӣ ҷамъбаст карда мешавад. Аҳамияти таълиму тарбия ва натиҷаҳои арзёбии раванди таълим дар ҳамин аст, ки он мунтазам ба рушди ташаккули шахсияти донишҷӯён таъсир мерасонад. Ташкили дурусти раванди арзёбӣ дар донишҷӯён хусусиятҳои худидоракунӣ, мустақилият ва ҳисси ифтихору вазифашиносиро тарбия мекунад.

Системаи анъанавии арзёбии донишу малакаҳои донишҷӯён, ки ба назорати ҷамъбастӣ дар шакли имтиҳон ва ё санҷиш асос ёфтааст, кори мунтазами донишҷӯёнро дар давоми семестр ё соли хониш ҳавасманд мекунад. Гарчанде ки фаъолияти ҳаррӯзаи таълимӣ-тарбиявии донишҷӯён дар ҷараёни дарсҳо мунтазам арзёбӣ шавад ҳам, ба супоридани имтиҳон зимни баҳогузории ниҳоӣ афзалият дода мешавад. Шакли қабули имтиҳони шифоҳӣ на танҳо дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯёнро ошкор менамояд, балки дониши онҳоро низ мустаҳкам месозад [7].

Тибқи нақшаҳои таълимии анъанавӣ вобаста ба тақсимот аз рӯйи курс ва семестрҳо дар давоми нимсола вобаста ба миқдори соатҳои таълимӣ гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо дар назар дошта шудааст. То оғози сессияи имтиҳонӣ қабули санҷишҳо роҳандозӣ мегардид, ки ин ба сарбории донишҷӯён то супоридани имтиҳон сабукӣ меовард. Имтиҳон аз фанҳои таълимии асосӣ барои арзёбӣ ба донишу қобилиятҳои донишҷӯён дар давоми семестр, ки тамоми давраи нимсоларо дарбар мегирад, гузаронида мешуд.

Дар вақти арзёбӣ ба дониши донишҷӯён омӯзгор ба тайёрии ҳақиқии донишҷӯ, ба маҳорат ва малакаҳи ҳосилнамуда бояд эътибори ҷиддӣ диҳад. Дар ин росто ба назар гирифтани аҳволи ҷисмониву руҳии онҳо, омодагӣ ба саволҳои пешниҳодшуда ба таври умумӣ зарур ҳисобида мешавад [4].

Тадқиқоти психологӣ тасдиқ мекунанд, ки дар вақти арзёбии донишу малака аксар толибилмони хубу аълохон ба ҳаяҷон меоянд. Чунин вазъият бояд аз мадди назари омӯзгор берун намонад ва тавсия дода мешавад, ки бо кадом роҳҳо мушкилиҳоро бартараф карда, шогирдон нишондиҳандаи хуб бадаст оранд [1].

Меъёрҳои санҷишие, ки дар арзёбии шифоҳӣ ва хаттии дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён истифода бурда мешуданд:

- донистани формулаҳо ва таърифҳо ё қоидаҳои математикӣ;
- қобилияти таҳлилнамоӣ ва ҷараёни фикрронӣ;
- қобилияти баён намудани фикр бе воситаҳои дигар;
- кор бо истилоҳоти математикӣ ҳангоми шарҳи мисол;
- фаҳмиши эҷодӣ доштан;
- васеъ будани дараҷаи фикрронӣ ва тахайюл;
- мулоҳиза карда, баъд баё кардани матлаб;
- иҷрои пурраи супоришҳо;

- дуруст ҷавоб додан ба саволу супоришҳо;
- тарҳрезии дурусти роҳи ҳалли масъалаҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои саҳеҳ;
- қобилияти ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ пешниҳод намудани саволҳо ва бехато иҷро кардани онҳо.
- қобилияти мустақилона ва асоснок ташкил кардани фаъолияти маърифатии худ;
- қобилияти баҳо додан ва ба низом даровардани рафтори худ дар муҳити зист;
- қобилияти дарёфти роҳи амалӣ намудани ҳалли масъалаҳо дар ҳаёт;
- қобилияти кор кардан дар як даста ва инкишоф додани муошират ва малакаҳо.

Аммо дар низоми нав арзёбӣ тибқи низоми кредитии таҳсилот ҳангоми аз худ намудани маводи таълимӣ ба таври холдиҳӣ-рейтингӣ ҷамъбаст карда мешавад, ки тибқи нақшаи таълимӣ донишҷӯ дар давоми нимсола аз фанҳои омӯхташаванда пурра имтиҳон месупорад, ки ин ҳолат сарбории донишҷӯро гаронтар месозад. Агар фарқи имтиҳони анъанавиро бо имтиҳони низоми кредитии таҳсилот муқоиса намоем, ба чунин тафовутҳо рӯ ба рӯ мешавем:

- дар низоми анъанавӣ танҳо як баҳо ба сатҳу сифати дониши донишҷӯ гузошта мешуд;

-тибқи низоми кредитӣ ба сатҳу сифати дониши донишҷӯ дар ҳар нимсолаи соли таҳсил ду имтиҳони фосилавӣ (рейтинги 1 ва 2) ва имтиҳони ҷамъбастӣ гузаронида мешавад, ки натиҷаи ниҳоии онҳо ба 100 бал (хол) баробар мебошад.

Агар арзёбиро дар низоми анъанавӣ ва низоми кредитии таҳсилот муқоиса намоем, маълум мегардад, ки дар низоми анъанавӣ танҳо як баҳо ё санҷиш ба сатҳу сифати дониши донишҷӯ гузошта мешавад, аммо дар низоми кредитии таҳсилот бошад, ба таври холдиҳӣ-рейтингӣ холи миёнаи аз рӯйи натиҷаи фанҳои алоҳида бадастоварда бо ифодаи ададӣ ба миқдори умумии кредитҳо муайян карда мешавад. Масалан, миқдори соатҳои таълимии фанни омӯхташаванда чор кредитро дар бар мегирад, ки донишҷӯ дар ҷамъбасти он соҳиби ҳаштод хол гаштааст. Пас, агар ҳаштод ифодаи ададӣ бошад, 4,0 миқдори кредити фан, яъне 4*4,0=16 ва холи миёнаи фан ба шонздаҳ баробар аст. Ҳамин тариқ, миқдори умумии кредитҳо ба миқдори умумии ифодаи ададӣ зарб карда, холи умумии фанҳо муайян карда шуда, боз ба кредитҳои умумӣ тақсим мешавад, холи миёнаи умумии нимсола ва солона ҳамин тавр муайян карда мешавад.

Дар низоми кредитии таҳсилот танҳо барои дониши донишҷӯ дар вақти имтиҳони ҷамъбастӣ баҳо гузошта мешавад, аммо маҳорату малака ва фаъолияти донишҷӯён дар дарс ҳангоми имтиҳони ҷамъбастӣ ба назар гирифта намешавад. Чӣ тавре ки Я.А. Каменский дар асараш “Принсипҳои дидактикӣ” қайд мекунад, донишҷӯ бояд дар бораи таълиму тарбия маълумоти ҳаматарафа дошта бошад, то ин ки шавқу завқ ва ҳавасмандии ӯ нисбат фан бедор гардад [5].

Яке аз тарафдорони низоми баллӣ В.А. Евтушевский (солҳои 1836-1888) буд. Ӯ чунин ҳисоб мекард, ки оқибати манфии истифодаи низоми баллӣ бештар аз бемаҳоратӣ ва бевиҷдонии омӯзгорон рӯй медиҳад, бинобар ин, «ба дасти ин қабил одамон додани на танҳо баллҳо, балки дигар чизҳо низ зараровар аст… Яъне, ман барои нигоҳдории рақамҳои куҳнае, ки дар тамоми Аврупо ва дар мо истифода мекарданд ва дар ҳеҷ кучо зарар наоварда буданд, пофишорӣ хоҳам кард» [10].

Методҳои имтиҳони шифоҳӣ имконият медиҳанд, ки байни муаллим ва донишҷӯ ҳатман муоширати шифоҳӣ оид ба мазмун ва мундариҷаи фанҳои таълимӣ барқарор шавад, то дараҷаи азхудкунии он муқаррар гардад. Натиҷаҳои имтиҳони шифоҳӣ ба омӯзгор имконият медиҳанд, ки аз ҷониби донишҷӯён шарҳу эзоҳ додани маводи омӯхташуда ва истифодаи он дар тайёрии касбии маҳорату малакаи омӯзгори ояндаи математика дар раванди таълим амалӣ карда шавад.

Меъёрҳои баҳодиҳии сатҳи дониши донишҷӯён низ дар силлабусҳои фанҳои таълимӣ инъикос ёфтаанд. Шаклҳои назорати ниҳоии фанҳои таълимӣ ба Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқанд ва муҳтавои фанҳои тадрисшаванда ҳар сол дар ҷаласаҳои кафедраҳои дахлдор муҳокима ва тасдиқ

карда мешаванд. Ҷадвали сессияи имтиҳониро садорати факултет дар асоси тақвимӣ академӣ таҳия намуда, барои тасдиқ ба раёсати донишгоҳ пешниҳод менамояд.

Шакл ва тартиби гузаронидани имтиҳон барои ҳар як фанни таълимӣ вобаста ба талаботи барномаи таълимии он ва хусусиятҳои касбии тахасус дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, тестӣ ва омехта (бо истифода аз технологияи иттилоотӣ ё дар шакли анъанавӣ) гузаронида мешаванд. Шакли шифоҳӣ ва хаттии қабули имтиҳонҳо вобаста ба талаботи барномаи таълимии фан аз тарафи кафедра муайян карда шуда, бо қарори Шӯрои методии факултет асоснок гардида, барои баррасӣ ва тасдиқ ба Шӯрои илмию методӣ ва Шӯрои олимони донишгоҳ пешниҳод карда мешавад [8].

Шакли раванди таълими анъанавӣ меҳнатталабии кори ҳам омӯзгор ва ҳам донишҷӯёнро дар давоми нимсола сабук мекунад.

Санҷиш ва имтиҳони анъанавӣ ҳамчун шакли санҷиши сифати корҳои мустақилони донишҷӯён [7], корҳои санҷишӣ ва азхудкунии маводҳои таълимӣ бо дониш қобилияту маҳорат донишҷӯён хизмат мекунанд. Баҳодиҳӣ барои санҷиш ва имтиҳон гузошташуда ба дониши донишҷӯён дар ин давра дар шакли санҷиш: “гузашт ё комёб” ва “нагузашт ё ноком” ё навъи миқдорӣ дар имтиҳон ба баҳогузорӣ аз рӯи ҷадвали панҷбала “аъло”, “хуб”, “миёна” ва “бад” ба роҳ монда шуда буд.

Баҳои «5» (панҷ) «аъло» ба донишҷӯе гузошта мешавад, ки корҳои пешниҳодшударо бо сифати баланд иҷро карда, дараҷаи иҷрои ҳамаи супоришҳои амалӣ қонеъкунанда буда, мазмуни назариявии фан пурра азхуд карда шудааст. Малакаҳои амалии кор дар бобати азхудкунии мавод ташаккул ёфтаанд. Ҳамаи супоришҳои таълимии дар барнома пешбинишуда иҷро шудаанд.

Баҳои «4» (чор) «хуб» дараҷа ё худ савияи иҷрои бештари талаботе, ки нисбат ба баҳои панҷ ё “аъло” гузошташуда мебошад, ки дар ин замина дар донишҷӯ малакаҳои корҳои амалӣ (таҷрибавӣ) бо аз худ кардани мавод асосан ташаккул ёфтаанд, супоришҳои таълимии дар барнома пешбинишуда аксаран иҷро шуданд, сифати иҷрои баъзе супоришҳо дар сатҳи баланд сурат нагирифтааст.

Баҳои «3» (се) «миёна» ба толибилмоне гузошта мешавад, ки сатҳи иҷрои корҳои пешниҳодшуда ба талаботи асосӣ ҷавобгӯ буда, мазмуни назариявии фан қисман азхуд карда шудааст ва фосила барои малакаҳои амалии кор зарурат надорад, аз ин сабаб он барои пешравии сифати дониш манфиатбахш нест, дар онҳо баъзе хатогиҳо ба чашм мерасад. Натиҷаи “қаноатбахш” ба кори суст, ки дар онҳо иҷрои аксарияти талаботҳо дар сатҳи паст қарор дорад, мазмуни назариявии фан қисман иҷро шудааст, баъзе корҳои амалӣ нотамом монда, аксариятти супоришҳои барномавӣ иҷро нашудаанд ва сифати корҳои басомонрасида низ дар сатҳи паст қарор дорад.

Баҳои ду «2» (ду) ё “ғайриқаноатбахш” – ба донишҷӯе гузошта мешавад, ки мазмуни мавзуъҳо фанро қисман азхуд кардааст, малакаҳои амалии мустақилона иҷро намудани корҳо дар онҳо суст ташаккул ёфта, аксарияти супоришҳои дар барномаи пешбинӣ иҷро нашудаанд ва ё сифати иҷрои онҳо дар сатҳи хеле паст қарор дорад; ҳангоми иҷрои кори мустақилонаи иловагӣ оид ба маводҳои фан имконпазирии зиёдшавии сифати супоришҳои таълимӣ ё кор аз болои маводҳои фанро ба миён намеорад.

Ба андешаи муҳаққиқ Ф.О. Раҷабова ҷорӣ намудани системаи ягонаи арзёбӣ дар раванди таълим, афзалияти шакли шифоҳӣ ва хаттиро нисбат ба шакли тестӣ нишон диҳад ҳам, вале истифодаи анвои гуногуни санҷишҳои тестӣ ё монитории компютерӣ ҳамчун воситаи ёрирасон барои ноил шудан ба нишодиҳандаҳои дақиқи баҳодиҳӣ ба сатҳи азхудкунӣ ва малакаву маҳорати донишҷӯён дар раванди таълим мусоидат мекунад [11, с. 212-220].

Муҳаққиқон М.А. Ибрагимова ва У.С. Умаров бар он ақидаанд, ки баҳодиҳӣ на танҳо ба донишу малакаву маҳоратҳои хонандагон ва фаъолиятҳои универсалии омӯзишии таҳияшуда бояд назорат карда шаванд, балки инчунин, дар раванди

азхудкунии барномаи таълим натиҷаҳои банақшагирифташуда бояд таҳлилу баррасӣ низ карда шаванд [3 с. 198-206].

Солҳои 2004-2005 баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ба шакли низоми кредитии таҳсилот гузашта, усулҳои нави арзёбиро дар раванди таълим ба таври таҷрибавӣ ҷорӣ намуданд, ки ҳанӯз дар ин самт мушкилот ва нофаҳмиҳо ба назар мерасанд. Асоси чунин навъи арзёбиро низоми бисёрхолгузорӣ (аз 0 то 100), ки ҳамчун системаи холдиҳӣ-рейтингӣ маълум аст, ташкил медиҳад [7, с. 3].

Системаи холдиҳӣ-рейтингӣ (баллӣ)-и арзёбӣ ба дониши донишҷӯён аз фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо асос ёфтааст, ки дар тӯли ҳафта ҳавасманд карда мешаванд. Дар ин шакли арёбӣ воситаҳои технологияи иттилоотӣ ба кор бурда мешаванд, ки он ҳам кори омӯзгор ва ҳам кори донишҷӯёнро сабук мекунад [6, с. 43]. Аммо дар ҳолати дастрасии пурра надоштан ба чунин чунин воситаҳои технологӣ сарбории омӯзгору донишҷӯён дучанд зиёд мешавад. Гарчанде ки дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ин низоми технологияи иттилоотӣ дар қабули имтиҳонот пурра ба роҳ монда шуда бошад ҳам, мутаассифона, нишондиҳандаҳои сифатии он ҳанӯз қонеъкунанда нестанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бо мақсади мушаххас намудани дониши донишҷӯён дар системаи холдиҳӣ-рейтингӣ ба эътибор гирифтани якчанд хулосаи муҳимро қайд намудан зарур аст:

- ҳавасмандгардонии кори мунтазами ҳаррӯзаи донишҷӯён;
- ҳавасмандгардонии дар вақти қабули имтиҳонҳо тестӣ;
- кам кардани сарборӣ ҳангоми супоридани имтиҳонҳо тестӣ;
- баланд бардоштани рақобатпазири донишҷӯён дар давоми таҳсил;
- арзёбӣ ба дониш ва муваффақиятҳое, ки донишҷӯён дар байни ҳамдигар ишғол мекунанд;
- ҳавасмандгардон дар вақти таҳсил ва таҳсилоти давомдор (магистр, доктор PhD, аспирантура ва ғайра);

Технологияи иттилоотӣ ё воситаҳои техникӣ дар раванди таълим метавонад ҳангоми супоридани кори мустақилонаи донишҷӯ ё дигар намуди корҳо истифода шавад. Ин шакли назоратро, яъне қабули имтиҳонот тавассути воситаҳои техникии компютериро дар шакли доимӣ бо шакли назорати хаттӣ ва шифоҳии арзёбӣ ба малакаю маҳорат, қобилият ва неруи эҷодии донишҷӯён иваз намудан қобили қабул нест.

Тавассути технологияи иттилоотӣ аз шаклҳои гуногуни санҷиши тестии электронӣ истифода бурдан мумкин аст:

- саволномаҳои тестии пӯшида;
- саволномаҳои тестии мувофиқоварӣ.
- саволномаҳои тестии кушода;
- саволномаҳои тестии пайдарпайӣ

Ғайр аз намудҳои гуногуни саволномаҳои тестӣ, инчунин супориши тестӣ дар намуди графикӣ низ мавҷуданд. Дар супоришҳои тестии намуди графикӣ донишҷӯ супоришро дар рӯи қоғаз иҷро карда, қиматҳои функсияро дар ячейкаҳои нармафзор хонапурӣ менамояд, дар ҳолати дуруст иҷро намудани масъала дар объект расми график тасвир карда мешавад. Ин намуди тести графикӣ дар ҳолати коркард қарордошта ба таври пурра дар амалияи арзёбӣ ҳанӯз мавриди истифода қарор нагирифтааст.

Вобаста ба намуди саволномаҳои тестии пӯшида дар ҳар як супориш ҳатман бояд як ҷавоби дуруст вуҷуд дошта бошад. Дар намуди саволномаҳои тестии мувофиқоварӣ мувофиқат аз рӯи принсипи 1:1, яъне ба як ҷузъи гурӯҳи як, фақат якто тавсифоти гурӯҳи дуюм мувофиқ меояд, тартиб дода мешаванд. Дар саволномаҳои тестии навъи кушода, ҷавобҳои тайёр дода намешаванд, ҷавобро бояд худи донишҷӯ пешниҳод намояд. Намуди саволномаҳои тестии пайдарпайиро аз ҷониби системаи нармафзор дар асоси алгоритми муайян дода мешавад, ки бояд пайдарпай ҳал карда шавад [12, с. 224-227].

Барои имтиҳони ҷамъбастӣ танҳо ба ҷавоби дурусти тест 100 хол гузошта мешавад. Вобаста ба шакли тест холгузори карда мешавад:

Намуди тести пӯшида дар ҳаҷми 10 саволномаи тестӣ бо 10-холӣ (10*10=100 хол);

Тести мувофиқоварӣ дар ҳаҷми 5 саволи тестӣ бо 5 холӣ (5*5*4=100 хол);

Тести кушода ба миқдори 5 савол бо 20 холӣ (5*20=100 хол);

Тести пайдарпайӣ бошад, ба миқдори 5 савол бо 20 холӣ (5*20=100 хол) холгузори карда мешавад.

Ба таври умумӣ дар якҷоягӣ тестҳои пӯшида, мувофиқоварӣ, кушода ва пайдарпайӣ холгузори намудан лозим аст: тести пӯшида дар ҳаҷми 6 саволи тестӣ бо 8-холӣ (6*8=48 хол); тести мувофиқоварӣ дар ҳаҷми 2 саволи тестӣ бо 4 холӣ (2*4*4=32) ва тести кушода бошад, ба миқдори 2 совол бо 10 холӣ (2*10=20 хол), ки дар маҷмуъ 10 саволи тестӣ (48+32+20=100) ва тести пайдарпайӣ бошад, ба миқдори 5 савол бо 3 холӣ (5*3=15 хол), дар маҷмуъ 25 саволи тестӣ (45+40+15=100) хол холро ташкил медиҳад.

Барои омода намудани омӯзгорони оянда на танҳо мутобиқшавии бомуваффақияти иҷтимоии онҳо дар ҷомеаи муосир бо нишон додани донишҳои амиқи илмӣ, балки эҷодкорона амалӣ сохтани қобилият маҳорат ва салоҳиятҳои касбӣ дар фаъолияти тахассусӣ ва ҳаёти рӯзмарра муҳим мебошанд.

Омӯзгор барои ҳалли ин масъала аз роҳҳои зерин истифода мебарад: бештар бо донишҷӯён пешниҳод кардани мисолҳои мантиқӣ ва дар якҷоя кор намудан бо онҳо, ошкор намудани маъно, мантиқ ва хусусиятҳои тағйиротро нишон диҳад, тарзи кор бо матн ва баъзе мисолу масъалаҳоро худаш ҳамчун намуна ҳал намуда нишон диҳад, роҳҳои ҳалли мисолҳоро ба таври гурӯҳӣ ё мустақилона дар шакли инфироди иҷро кардан лозим аст.

Вақтҳои охир дар қабули имтиҳонҳо барои муайян намудани сатҳи воқеии донишу малакаҳои донишҷӯён аз ҷониби омӯзгорон диққати ҷиддӣ дода намешавад. Дар натиҷаи гузаронидани суҳбату мулоқотҳо бо омӯзгорон муайян карда шуд, ки идоракунии раванди таълим ва баланд бардоштани сифати таълим ин аз натиҷаҳои имтиҳон вобаста мебошад. Пас саволе ба миён меояд, ки имтиҳони тестӣ беҳтар аст ё имтиҳони шифоҳӣ (хаттӣ)? Баҳсҳои гуногун дар байни омӯзгорон ва имтиҳонгирандагон тавассути тестӣ сурат мегирифт, ки ҳангоми мунозираҳо ба мо пешниҳодҳои худро баён доштанд хоҳиш намудаанд, ки ному насабро дар тадқиқот дарҷ нанамоем.

Омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ имтиҳонро бояд дар шакли омехта ҳам ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ ҳам ба таври тестӣ мунтазам қабул карданро тавсия доданд, то ки якшаклии қабули имтиҳонот боиси дилгир шудани донишҷӯён нашавад.

Омӯзгорони фанни таърихи халқи тоҷик пурра тарафдори шифоҳӣ қабул намудани имтиҳонот буда, қайд намудаанд, ки то донишҷӯён барои ба таври мустақилона иҷро намудани супоришҳо омода набошанд, зарурати қабули шакли тестӣ муҳим нест.

Омӯзгорони фанни забони англисӣ низ шакли анъанавӣ ва ё қабули шифоҳиро беҳтар меҳисобанд, то ки малакаҳои нутқи шифоҳӣ ва муошират дар шогирдон бештар рушд ёбанд.

Омӯзгорони фанни технологияи информатсионӣ иброз доштаанд, ки барои дар шакли тестӣ қабул намудани имтиҳон донишҷӯён бояд ба таври инфиродӣ омода бошад. Дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ бошад, донишҷӯ танҳо малакаи дар тахтаи синф (доскаи электронӣ) кор карданро пайдо мекунад.

Омӯзгорони фанни ҳуқуқ ҳар ду навъи қабули имтиҳонро беҳтар меҳисобанд, ба шарте ки имтиҳон шафоф ва беғаразона баргузор карда шавад.

Омӯзгорони фанни фалсафа ва фарҳанг донистани анъанаҳои гузаштаро, ки барои рушди нутқ ва маданияти гуфторро дар ташкил ва баргузории шакли шифоҳии имтиҳонот дар мадди аввал мегузоранд.

Омӯгорони фанни психология қайд кардаанд, ки дар вақти қабули имтиҳони шифоҳӣ донишҷӯ маҳорат, малака ва қобилият пайдо мекунад. Дар шакли тестӣ танҳо дониш ба даст меорад.

Омӯзгорони фанни педагогика чунин мепиндоранд, ки дар шакли шифоҳии қабули имтиҳонҳо барои рушди малакаву маҳорат, қобилият ва истеъдодҳои донишҷӯён зимни баёни фикр, тарзи дуруст навишти ҷумлаҳо вобаста ба масъалаҳои гузошташуда шароит бештар муҳайё карда мешавад. Дар имтиҳонҳои тестӣ азхудкунӣ дар намуди гирифтани дониши кӯтоҳ мушоҳида карда мешавад.

Омӯзгорони фанни математика чунин меҳисобанд, ки бо вуҷуди душвор будан фанни математика бисёр шавқовар аст ва ҳалли мисолҳои ба тест тааллуқ дошта қобилияти фикронии донишҷӯёнро бедор карда метавонад. Ҳалли мисолҳои шифоҳӣ ва хаттӣ (кори назоратӣ), мисолу масъалаҳои матнӣ, мантиқӣ ва ҳалли мисолҳои гуногун аз донистани тарзи иҷрои он, мавҷуд будани қобилияту маҳорат барои дар оянда ҳамчун омӯзгори фанни математика вобаста буда, барои дар донишҷӯён ташаккул ва рушд ёфтани салоҳияти ба хонандагон фаҳмондани роҳи ҳалли мисолу масъалаҳо мусоидат мекунад.

Омӯзгорони фанни физика шакли шифоҳӣ ва хаттии қабули имтиҳонотрол аз шакли тестӣ афзалтар дониста, аҳамияти ин шаклро дар он медонанд, ки дар вақти ба саволҳо ҷавоб додан донишҷӯён моҳияти истилоҳоту мафҳумҳо ва формулаҳоро мустақилона шарҳ дода, роҳи ҳалли мисолу масъалаҳои физикиро дуруст муайян намуда, малакаҳои тахассусии худро тадриҷан ташаккул ва инкишоф медиҳанд.

Ба ҳамин тариқ, агар қабули имтиҳони тестӣ тавассути технологияи информатсионӣ ба роҳ монда шавад, бо мақсади самаранокии истифодаи он ҷорӣ намудани чунин шаклро аз давраи таҳсил дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ ба роҳ мондан лозим аст. Имтиҳоноти тестӣ танҳо ба дониши ҳосилнамуда баҳогузорӣ мекунад, донишҷӯ қобилияти фикрронӣ, маданияти гуфтор ва муоширатро дар раванди омӯзиши фанҳои забони тоҷикӣ ва ҳусни баён, педагогика, психология ва методикаи таълим пайдо карда метавонад. Шакли шифоҳӣ ва хаттии арзёбӣ на танҳо ба дониш, балки барои тарбияи рафтору кирдор, рушди малака ва маҳорати донишҷӯён мусоидат намояд ҳам, дар баргузории он омӯзгору донишҷӯ вақти зиёде сарф мекунанд, баъзе омилҳои субъективии муносибати байни омӯзгору донишҷӯ боиси халалдор гардидани ташкили муҳити шаффоф дар ҷараёни имтиҳонот низ шуда метавонад. Дар вақти қабули имтиҳони шифоҳӣ омӯзгор ба донишҷӯён дар муайян ва ислоҳ намудани ғалатҳо кумак мерасонад, ки чунин омил барои паст гардидани мустақилиятнокӣ ва суст шудани дарки ҳисси масъулиятшиносӣ мешавад. Арзёбии натиҷаҳои раванди таълим барои пешрафти сатҳи маърифатнокӣ, қиёси дастовардҳо, талош барои ба даст овардани натиҷаи беҳтар ба донишҷӯ ёрии амалӣ мерасонад.

АДАБИЁТ:

1. *Ананьев, Б.Г.* Психология педагогической оценки. // Избранные психологические труды. - М: Педагогика, в 2 т. – 2000.

2. Болонский процесс между Прагой и Берлином: отчет для министров образования стран участников Болонского процесса. -Берлин, 2003. - 63с.

3. *Ибрагимова, М.А.,* Умаров У.С. Методҳои ташаккул додани маданияти суханварии донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар раванди омӯзиши физика // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. –Душанбе, 2023. №4 (14). –С. 198-206.

4. История педагогики и образования. От зарождения воспитания в первобытном обществе до конца XX в.: Учебное пособие для педагогических учебных заведений. Под ред. А. И. Пискунова.- М., 2001.

5. *Коменский, Я.А*. Дидактические принципы государственное учебно-педагогическое издательство наркомпроса РСФСР. – М., 1940.

6. *Назаров, А. П*. Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ. -Душанбе – 2023.

7. *Насимова, Ҷ.Б.* Беҳтарсозии низоми баллӣ-рейтингии баҳодиҳии дониши донишҷӯён оиди омӯзиши физика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: Дисс. ... номз. илм. педаг. – Душанбе, 2019. – 157 с.

8. Низомномаи «Низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - Душанбе, 2016 – 32 с.

9. *Нуъмонов, М*. Тавсияҳои методӣ оид ба таҳияи корҳои санҷишӣ дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. -Душанбе, 2014. – 15 с.

10. *Пискунова, А.И*. История педагогики и образования. От зарождения воспитания в первобытном обществе до конца XX в.: Учебное пособие для педагогических учебных заведений. - М.: ТЦ «Сфера», 2001.-512 с.

11. *Раҷабова, Ф. О*. Усулҳои баҳодиҳии сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. № 3. –С. 212-220.

12. *Шарипов, Қ.* Аз таърихи арзёбии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ «НОМАИ ДОНИШГОҲ»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. –Хуҷанд, 2021. - №1 (66). - С. 138-142.

13. *Шарипов, Қ.,* Карабаев Б. Хусусиятҳои методии амалӣ гардонии низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ - ҳамчун омили болоравии сатҳи сифати таълим // Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2020.-№1(5). – С. 224-227.

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА ШАКЛҲОИ АРЗЁБИИ ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ҚИЁС БО ЗАМОНИ МУОСИР

Нугмонов Мансур, Шарипов Қаҳрамон.

Дар мақолаи мазкур муаллифон доир ба яке аз самтҳои муҳими раванди таълиму тарбия – мақом ва шаклҳои арзёбӣ дар гузашта ва замони муосир, нақши арзёбӣ дар рушд ва болоравии сатҳи сифати таълиму тарбия, мақоми баҳодиҳии монитории тестӣ дар муқоиса бо намудҳои анъанавии он (шифоҳӣ ва хаттӣ), баҳодиҳии бисёрхола дар шароити гузариш ба низоми кредитии таҳсилот ва таъсири он ба инкишофи маҳорату малака ва салоҳиятҳои касбии донишҷӯён маълумот додаанд. Ба ақидаи онҳо, фаъолияти ҳаррӯзаи таълимӣ - тарбиявии донишҷӯён дар раванди дарсҳои математика аз ҷониби омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад. Шакли қабули имтиҳони шифоҳӣ на танҳо дараҷаи дониш маҳорат ва малакаи донишҷӯёнро ошкор менамояд, балки дониши мавҷудбудаи онҳоро низ мустаҳкамтар низ месозад.

Системаи холдиҳӣ-рейтингӣ (баллӣ) ҳамчун як шакли арзёбӣ барои ба донишу малакаҳои донишҷӯён дар тӯли ҳафта баҳодиҳӣ кардан нақши ҳавасмандкунӣ дошта, шакли ниҳоии назорати азхудкунии маводи таълим бо қабули имтиҳон ҷамъбаст карда мешавад. Шакли монитории арзёбӣ тавасути технологияи иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад ва барои сабук кардани кори омӯзгору донишҷӯён, сарфаи вақти онҳо нигаронида шудааст. Дар раванди таҳқиқи мавзуъ ақидаи омӯзгорони фанҳои гуногун, ки дар ихтисосҳои математикӣ дарс мегӯянд, оид ба самаранокии ин шаклҳои имтиҳонгирӣ дар асоси пурсишномаи гузаронидашуда низ инъикос ёфтааст.

Калидвожаҳо: *арзёбӣ, низоми бисёрхолӣ, таълим, тарбия, муқоиса,санҷиш, имтиҳон, дониш, малака ва маҳорат, супоришҳои тестӣ,муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, низоми кредитӣ, хол, ҳавасмандӣ.*

НЕКОТОРЫЕ ВЗГЛЯДЫ О ФОРМАХ ОЦЕНИВАНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ В СОПОСТАВЛЕНИИ С СОВРЕМЕННОСТЬЮ

Нугмонов Мансур, Шарипов Кахрамон

В данной статье авторы представляют информацию об основных направления обучения и воспитания, роль и форма оценивания в прошлом и в современности, роль

оценивания в развитии и повышении качество образования, место тестового мониторинга по сравнени с традиционным .(устный и письменный), многозначное оценивание в период перехода в кредитную систему образования и его влияние на развитие умений, навыков и профессиональных компетенций. По мнению авторов, учебно-воспитательная деятельность в процессе занятий по математике оценивается со стороны преподавателя ежедневно. Форма устного экзамена не только определяет уровень знаний, умений и навыков студентов, но и укрепляет имеющие знания.

Ретингоғйалловая система как форма оценивания знаний и навҷков студентов происходить еженедельно, и имеет мотивирующий характер, а итоговой формой контроля освоенния учебного материала, является итоговый экзамен. Форма технического оценивания осуществляется с помощью информационно-коммуникативных технологий, и направлено на облегчения нагрузки преподавателя и студентов, а также экономии времени. В процессе исследования данной тематики, отражены также и мнения преподавателей разных дисциплин об эффективности данных форм итогового контроля, в специальностях математического направления.

Ключевые слова: *оценивание, многобальная система, обучениу, воспитание, сопоставление, зачёт, экзамен, знание, умение и мастерство, тестовые задания, высшее учебное заведение, кредитная система, балл, мотивация.*

SOME VIEWS ABOUT FORMS OF STUDENTS ACTIVITIES' ASSESSMENTS IN COMPARISON WITH MODERNI TIME

Nugmonov Mansur, Sharipov Qahramon

In this article, the authors present information about the main directions of training and education, the role and form of assessment in the past and in the modern time, the role of assessment in the development and improvement of the quality of education, the place of monitoring testing in comparison with traditionaly forms (oral and written), multiple-valued assessment during transition to the credit education system and its impact on the development of skills, abilities and professional competencies. According to the authors, teaching and educational activities during mathematics classes are assessed by the teacher on a daily basis. The form of the oral examination not only determines the level of knowledge, skills and abilities of students, but also strengthens their existing knowledge.

The scores-rating system as a form of assessing the knowledge and skills of students occurs weekly, and has a motivating nature, and the final form of monitoring the development of educational material is the final exam. The form of technical assessment is carried out using ICT, and is aimed at easing the workload of the teacher and students, as well as saving time. In the process of researching this issue, the opinions of teachers of different disciplines about the effectiveness of these forms of exams in mathematics majors are also reflected.

Key words: *assessment, multi-point system, training, education, comparison, test, exam, knowledge, skill and mastery, test-tasks, higher education institution, credit system, score, motivation.*

Маълумот дар бораи муаллифон: *Нугмонов Мансур - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Тел: (+992) 938647629; почтаи электронӣ: nugmonov@mail.ru*

Шарипов Қаҳрамон - муаллими калони кафедраи Асосҳои технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Тел.: (+992)93599-22-88; почтаи электронӣ: kahramons@mail.ru

Сведение об авторах: *Нугмонов Мансур - доктор педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания математики Таджикского государственного*

педагогического университета имени Садриддина Айни, почтаи электронӣ: nugmonov@mail.ru. Тел: (+99) 938647629

Шарипов Кахрамон - старший преподаватель кафедры основы информационной технологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни. e-mail: kahramons@mail.ru Тел.:+992 93 599-22-88.

About the author: *Nugmonov Mansur - Doctor of pedagogical sciences, professor of the chair of math teaching methodology, Tajik state pedagogical university named after Sadriddin Aini, Phone: (+99) 938647629; e-mail: nugmonov@mail.ru*

Sharipov Qahramon - senior teacher of the chair of basis informational technology, Tajik state pedagogical university named after S. Aini. e-mail: kahramons@mail.ru. Tel.:+992 93 599-22-88

20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
20TH ANNIVERSARY OF THE STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

УДК:372.861

ДАР ХОНАНДАГОН ТАШАККУЛ ДОДАНИ ДОНИШҲО ОИД БА ОПЕРАТОРҲОИ ДОХИЛКУНИИ ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗИИ PASCALABC.NET

Умедҷони Х. Ғ.

Унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ

Дар амалияи барномасозӣ методҳо ва технологияи гуногуни дохилкунӣ истифода бурда мешавад. Аввалин технологияи дохилкунӣ, ки ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълим дода мешаванд, ин дохилкунии додаҳои ибтидоӣ ба аргументҳои барнома тавассути клавиатура мебошад. То ба хонандагон омӯзонидан ва ташаккул додани донишҳо оид ба операторҳои дохилкунии забони барномасозии PascalABC.Net, оператори бахшиш ва табдил додани ифодаҳо ба забони барномасозӣ таълим дода мешаванд [1, саҳ. 55]. Дар раванди таълими он мавзуъҳо мисолу масъалаҳоеро дида мебаромаданд, ки додаҳои ибтидоии онҳо (аргументҳо) пешакӣ маълум буда, тавассути оператори бахшиш дода мешуданд. Инчунин бо мафҳуми аргументҳо дар барнома ва натиҷаҳои барнома шинос шуда, донишҳои муайяне мегиранд ва ташаккул медиҳанд. Мисол:

$$k = \frac{sin g + 2{,}3}{|g + 1{,}7| + r^2} .$$

Омӯзгор ба хонандагон мерасонад, ки дар ифодаи мазкур тағйирёбандаҳои g ва r аргументҳои ифода мебошанд. Дар раванди барномасозӣ ё пас аз иҷрои барнома ба онҳо қиматҳояшон дода мешаванд. То ин дарси омӯзишӣ додаҳои ибтидоиро дар барномаҳо бо ёрии оператори бахшиш, яъне то иҷрои барнома мебахшиданд. Инчунин технологияи бахшидани додаҳои ибтидоӣ ба тағйирёбандаҳо (аргументҳо) бо ёрии кортежҳо ва оператори бахшиши кортежӣ омӯзонида шудаанд. Онҳо дар шакли литерал дар матни барнома ва пеш аз ба кор омода шуданаш навишта мешуданд. Масалан, агар қиматҳои ададии тағйирёбандаҳои g

ва *r* мувофиқан -23,84 ва 17,65 бошанд, пас дар матни барнома дар яке аз шаклҳои зерин менависанд:

а) Var g:=23.84; Var r:= 17.65;

б) Var (g,r) := (23.84,17.65).

Ба саҳми хонандагон расонида мешавад, ки агар типи додаҳои ин тағйирёбандаҳо пешакӣ тавсиф шуда бошанд, пас калимаи калидии **Var** навишта намешад.

Тарзу усули дар мисоли сархати пештара овардашуда, яъне бо истифода аз операторҳои бахшиш додани қимати аргументҳо хеле кам вомехӯранд. Ин ҳолатҳо аксар вақт мушкилӣ эҷод менамоянд. Ҳангоми иваз намудани қимати додаҳои ибтидоӣ (литералҳо) ва гирифтани дигар натиҷа, мо маҷбур мешавем дар матни барнома тағйирот дохил кунем. Аммо ин роҳи ҳалли мушкилӣ нест. Дар барномасозӣ барои ҳалли ин мушкилӣ аз амал ва технологияи дохилкунӣ истифода мебаранд. Ин амалро дар барномасозӣ технологияи дохилкунии додаҳои ибтидоӣ тавассути клавиатура меҳисобанд. Додаҳои ибтидоӣ дар ин маврид пас аз ба кор омода гардидани барнома ва дар ҷараёни кори он дохил карда мешаванд [1, саҳ. 79]. Ин фарқро ба хонандагон омӯзонидан ва фаҳмонидан зарур аст. Хонандагон донишҳои муайяне гирифта, минбаъ ташаккул ва инкишоф медиҳанд. Ба хонандагон фаҳмонидан зарур аст, ки дохилкунии додаҳои ибтидоӣ аз тарафи истифодабарандаи барнома амалӣ карда мешавад, на аз тарафи барномасоз. Барномасоз танҳо ҳангоми аз озмоиш гузаронидани барнома, додаҳои ибтидоиро дохил карда, натиҷаҳои ба дастовардаашро санҷида мебарояд ва хулосабарорӣ мекунад.

Забони барномасозии PascalABC.Net дорои якчанд операторҳои дохилкунӣ мебошад, ки барои технологияи дохилкунӣ истифода карда мешаванд. Бо ин имконоташ аз забони барномасозии қаблии Паскал ба куллӣ фарқ мекунад. Аммо он имконоти забони барномасозии PascalABC.Net дар бахши технологияи дохилкунии додаҳои ибтидоӣ то ба ҳол пурра омӯхта нашуда, методикаи таълимашон дар сатҳи зарурӣ коркард нашудааст [2, саҳ. 303]. Бинобар ин, зарурат ба коркарди методикаи таълими операторҳои дохилкунии забони барномасозии PascalABC.Net ба миён омадааст. Бо ин мақсад он операторҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, методикаи таълимашонро коркард менамоем.

Ба операторҳои дохилкунӣ ва умуман ба дигар операторҳои забони барномасозӣ таъриф ё қоидаи якранг дода намешавад. Онро омӯзгор аз нуқтаи назари худ эҷод карда, ба хонандагон мерасонад. Мо дар кори мазкур аз қоидаҳои дар [1, саҳ. 81] ва [2, саҳ. 303] овардашуда истифода мебарем: “***Операторҳои дохилкунӣ барои дохил намудани қимати додаҳои ибтидоӣ тавассути клавиатура ва бахшидани онҳо ба тағйирёбандаҳо хизмат мекунанд***”.

Оператори дохилкунии **Read** аз забони пештараи барномасозии Паскал боқӣ мондааст. Сохтор ва тарзи кораш дар аксар адабиёт омӯхта шудааст. Он барои ба аргументҳои (тағйирёбандаҳои) типашон гуногуни барнома дохил намудани додаҳои ибтидоиашон тавассути клавиатура дар ҷараёни кори барнома истифода бурда мешавад. Ин оператор бо реҷаи муколама кор карда, тарзи кораш чунин аст. Ҳангоми иҷро шудани он, иҷрои кори барнома боздошта шуда, компилятори забони барномасозии PascalABC.Net ба реҷаи интизорӣ гузашта, дар қисми поёнии майдони кориаш майдони дохилкунии додаҳои ибтидоӣ бо номи “***Ввод данных***» пайдо мешавад (Расми 1). Акнун истифодабаранда дар ин майдон додаҳои ибтидоиро дохил мекунад. Дар ҳолати аз якто зиёд будани додаҳои ибтидоӣ, истифодабаранда метавонад ҳар кадоми онҳоро навишта, аз ҳамдигар бо аломати холигӣ (танҳо типи ададӣ!) ҷудо карда, дар охир тугмаи Enter –ро пахш кунад. Ё пас аз навиштани яке, тугмаи Enter –ро пахш карда, дигарашро дохил карда, боз тугмаи Enter –ро пахш кунад ва ҳамин хел то ба охир давом диҳад. Кадом тарзашро интихоб кард, ба ихтиёри худи истифодабаранда аст. Дар ҳар ду ҳолат ҳам, пас аз пахши тугмаи Enter додаҳои навишташуда дигар иваз карда намешаванд. Дар ҳолати якум то пахши тугмаи Enter ислоҳ ё иваз кардан мумкин аст. Ин оператор дар шакли **ReadLn** низ навишта мешавад. Тавре мебинем, дар он бандаки **Ln** илова гардидааст. Ин бандак аз ҳарфҳои аввали калимаҳои ибораи Line New – сатри нав гирифта шудааст. Тарзи кораш монанд ба оператори **Read** аст. Фарқаш дар он аст, ки пас аз дохил карда шудани

қимати аргументҳо ва пахши тугмаи Enter, оператори **ReadLn** курсори матнии барномаро ба аввали сатри нави оянда мекӯчонад. Аммо истифодаи бандаки **Ln** ба типпи додаҳои ададӣ ягон таъсир намерасонад ва хонандагон ин фарқиятро бояд ба ҳисоб гиранд.



Расми 1. Майдон барои дохилкунии додаҳои ибтидоӣ

Имкониятҳои оператори дохилкунии **Read** хеле маҳдуд аст. Ба хонандагон мефаҳмонанд, ки аргументҳои дар оператор истифодашаванда бо типи додаҳояшон пешакӣ бо истифода аз оператори *Var* тавсиф карда мешаванд. Дар ҷараёни дохилкунии қимати аргументҳо ба истифодабаранда мушкилиҳои зиёдеро ба миён меорад. Яке аз мушкилиҳо ин типи додаҳои аргументҳо мебошад. Дигар мушкилӣ ва норасоиаш он аст, ки имкони дар экран инъикоскунии шарҳдиҳиҳо, паёмакҳо ва матнҳои ёрирасонро барои истифодабарандаи барнома надорад. Яъне реҷаи муколамагиаш маҳдуд аст. Айни замон дар барномасозии муосир аз ин оператор умуман истифода намебаранд, ё кам истифода мебаранд. Бинобар ин ба хонандагон операторҳои навтари дохилкуниро таълим дода, сохтор ва тарзи кори онҳоро меомӯзонанд.

Забони барномасозии PascalABC.Net боз дорои дигар операторҳои дохилкунӣ мебошад, ки имкони якҷоя намудани тавсифкунии тағйирёбанда ва қимати дохилшавандаи онро доранд. Ба замми ин имкони дар экран инъикоскунии шарҳдиҳӣ, паёмак ва матни ёрирасонро барои истифодабарандаи барнома зимни дохилкунии додаҳои ибтидоӣ (қимати аргументҳо) дорад. Тавре мебинем, мушкилиҳои дар сархати пештара дарҷгардида ҳалли худро меёбанд. Омӯзонидани онҳоро ба хонандагон ва татбиқашонро дар амалияи барномасозӣ мувофиқи мақсад меҳисобем. Дар тафовут аз операторҳои аввалаи дохилкунӣ, **ин операторҳоро операторҳои дохилкунии кортежӣ** меноманд.

Омӯзгори фаннӣ мафҳуми оператори дохилкунии кортежиро ворид намуда, ба хонандагон мефаҳмонад, ки дар сохтори он аломати оператори бахшиш ":=" истифода бурда мешавад. Онҳоро мавриди таълимдиҳӣ қарор медиҳад. Сохтори умумии операторҳои дохилкунии кортежиро нишон медиҳад, ки чунинанд:

Var (*арг-ҳо*) := **Read***Тип**Миқдор*('*Шарҳдиҳӣ*');

ё **Var** (*арг-ҳо*) := **ReadLn***Тип**Миқдор*('*Шарҳдиҳӣ*');

Сохтори ин операторҳо, калимаҳо ва параметрҳои дар онҳо бударо аз ҷиҳати методӣ содатар мефаҳмонад. Бо калимаи калидии **Var** шинос ҳастанд, ки барои тавсифи тағйирёбандаҳо истифода бурда мешавад, дар ин маврид барои аргуметнҳо истифода мешавад.

1) Дар сохтори операторҳо ва тарзи навишти онҳо *арг-ҳо* аргументҳои масъала барои дохилкунӣ ва бахшидани додаҳои ибтидоӣ буда, то 4-то шуда метавонанд. Аргументҳо дар дохили қавсҳо (...) нависташуда, аз ҳамдигар бо аломати вергул "," ҷудо карда мешаванд.

2) Калимаи **Read** ё **ReadLn** оператори дохилкунӣ аст.

3) *Тип* – типи аргументҳоро нишон медиҳад. Типи додаҳо дар [1, саҳ. 9] ва [саҳ, 37, 59,] ба таври муфассал омӯхта шуда, мавод оварда шудааст. Омӯзгори фаннӣ ба хонандагон мерасонад, ки дар ин маврид типи ҳама аргументҳо ҳатман якхела мебошанд. Тавре қайд карда будем, агар типи аргументҳо типи ададӣ бошанд, пас истифодабарии бандаки **Ln** шарт нест ва ягон нақшро бозӣ намекунад. Зарурат ҳангоми истифода бурдан бо типҳои рамзию сатрӣ ба миён меояд.

4) *Миқдор* – миқдори аргументҳои дохилшавандаро нишон медиҳад, ки на зиёда аз 4-то шуда метавонанд. Ҳолати хусусӣ, ҳангоми танҳо як аргумент будан, онро пеш аз аломати бахшиш ":=" бе қавс менависанд ва ба ҷои *Миқдор* рақами 1-ро наменависанд.

5) Матни дар қавс будаи ('*Шарҳдиҳӣ*') ҳамчун матни ёрирасон барои истифодабаранда аст. Ҳангоми иҷро шудани оператор, дар аввал ин шарҳдиҳӣ инъикос мегардад. Ба маънои дигар, даъвати истифодабаранда барои дохилкунии қимати аргументҳо мебошад (Расми 1). Дар ин даъват одатан миқдор ва типи аргументҳоро дарҷ мекунанд. Ба хонандагон фаҳмонида мешавад, ки истифодабарии ('*Шарҳдиҳӣ*') шарт нест, вале истифодабариаш аз аҳамият холӣ нест.

6) Агар ҳама аргументҳои дохилшаванда пешакӣ тавсиф шуда бошанд, пас оператори **Var** –ро дар аввали ин операторҳо истифода намебаранд. Аз ҳама беҳтараш бо оператори дохилкунӣ якҷоя тавсиф кардан аст ва ин ба манфиати кор дар самти барномасозӣ аст.

Омӯзгори фаннӣ ба таълими ҳолатҳои хусусии операторҳои дохилкунии кортежӣ мегузарад. Омӯзиш ва таълими намуд ва сохтори ин операторро аз ҳолати як аргумента вобаста ба типҳои додашудаи аргументҳо оғоз менамояд. Ҳолатҳои хусусии операторҳои дохилкунии кортежиро бо як пайдарпайии аз ҷиҳати методӣ асоснок оғоз менамоем.

а) **Барои типи ададии ҳақиқӣ**:

Var *арг* := **ReadReal**(‘*Адади ҳақиқиро дохил кунед*’);

Пас аз иҷро шудани он, дар экрани компютер матни ёрирасони дар дохили апострофҳо буда (агар бошад), инъикос мегардад. Иҷрои кори барнома боздошта шуда, компилятори забони барномасозии PascalABC.Net ба реҷаи интизорӣ мегузарад. Истифодабаранда дар майдони “Ввод данных” (Расми 1) додаи ибтидоиро дохил мекунад (типи ададии ё ҳақиқӣ, ё бутун). Баъд тугмаи Enter –ро пахш мекунад ва кори барнома давом меёбад. Адади дохилкардашуда ба тағйирёбандаи *арг* бахшида шуда, типаш ададии ҳақиқӣ мегардад.

Акнун дигар ҳолатҳои хусусиашро омӯзгор тариқи кутоҳ мефаҳмонад ва бисёр вақт сарф намекунад, зеро мафҳумҳои асосиашон фаҳмонида ва омӯзонида шуданд.

б) **Барои типи ададии бутун**:

Var *арг* := **ReadInteger**(‘*Адади бутунро дохил кунед*’);

Монанд ба оператори дар а) буда мебошад. Дар фарқият аз а), дар ин ҷо танҳо адади типаш бутунро дохил мекунанд. Адади дохилкардашуда ба тағйирёбандаи *арг* бахшида шуда, типаш ададии бутун мегардад.

в) **Барои типи ададии бутуни int64**:

Var *арг* := **ReadInt64**(‘*Адади бутунро дохил кунед*’);

Ин ҳолати хусусӣ ба оператори дар а) ва б) буда монанд аст, вале танҳо адади бутуни типаш **int64** -ро дохил мекунанд. Адади дохилкардашуда ба тағйирёбандаи *арг* бахшида шуда, типаш ададии бутуни **int64** мегардад.

г) **Барои типи рамзии Char**:

Var *арг* := **ReadChar**(‘*Рамзеро дохил кунед*’);

ё **Var** *арг* := **ReadLnChar**(‘*Рамз арг=*’);

Монанд ба оператори дар а) буда, вале танҳо як рамзро дохил мекунанд. Рамзи дохилкардашуда ба тағйирёбандаи *арг* бахшида шуда, типаш рамзӣ мегардад. Ҳангоми дохил намудани зиёда аз як рамз, танҳо рамзи якум қабул карда мешавад. Рамзҳои дигар ба инобат гирифта намешаванд.

ғ) **Барои типи сатрии String**:

Var *арг* := **ReadString**(‘*Матнро дохил кунед*’);

ё **Var** *арг* := **ReadLnString**(‘*Сатри матнӣ арг=*’);

Монанд ба оператори дар а) буда, вале танҳо сатри матниро дохил мекунанд. Сатри дохилкардашуда ба тағйирёбандаи *арг* бахшида шуда, типаш сатрӣ мегардад. Ҳангоми дохил намудани адад, он адад ҳамчун сатр қабул карда мешавад. Зимни навиштани сатр ё адад, онро бе апострофҳо менависанд.

Дар ҳолати дохил намудани қимати ду аргументҳо, оператори дохилкунии кортежӣ истифода карда мешавад. Ин оператор кортежро бармегардонад, масалан: *(арг1, арг2)* := *(қим1, қим2)*. Ин оператор ба таври зерин навишта мешавад:

д) **Барои типи ададии ҳақиқӣ**:

Var *(арг1, арг2)* := **ReadReal2**(‘*Ду адади ҳақиқиро дохил кунед*’);

Пас аз иҷро шудани он, дар экрани компютер матни ёрирасони дар дохили апострофҳо буда (агар бошад), инъикос мегардад. Давомаш монанд ба оператори дохилкунии кортежии якаргумента аст. Яъне, иҷрои кори барнома боздошта шуда, компилятори Забони барномасозии PascalABC.Net ба реҷаи интизорӣ мегузарад. Истифодабаранда дар майдони “Ввод данных» ду додаи ибтидоиро дохил мекунад (типи ададии ё ҳақиқӣ, ё бутун). Онҳоро аз ҳамдигар бо гузоштани холигӣ ё бо пахши тугмаи Enter дохил мекунад. Пас аз навиштани

адади дуюм тугмаи Enter –ро пахш мекунад ва кори барнома давом меёбад. Ададҳои дохилкардашуда ба *арг1* ва *арг2* бахшида шуда, типашон ададии ҳақиқӣ мегарданд.

е) **Барои типи ададии бутун**:

Var *(арг1, арг2)* := **ReadInteger2**(‘*Ду адади бутунро дохил кунед*’);

Монанд ба оператори дар а) буда, вале танҳо ду адади бутунро дохил мекунанд. Ададҳои дохилкардашуда ба *арг1* ва *арг2* бахшида шуда, типашон ададии бутун мегарданд.

ё) **Барои типи рамзии Char**:

Var *(арг1, арг2)* := **ReadChar2**(‘*Ду рамзеро дохил кунед*’);

ё **Var** *(арг1, арг2)* := **ReadLnChar2**(‘*Ду рамз арг1 ва арг2 =*’);

Монанд ба оператори дар а) буда, вале танҳо ду рамзро дохил мекунанд. Рамзҳои дохилкардашуда ба *арг1* ва *арг2* бахшида шуда, типашон рамзӣ мегарданд. Ду рамзро бе гузоштани холигӣ якбора навиштан беҳтар аст. Компилятор худаш ба ду рамзи ҷудогона ҷудо менамояд. Ҳангоми дохил намудани зиёда аз як рамз, танҳо рамзи якум ва дуюм қабул карда мешаванд. Рамзҳои дигар ба инобат гирифта намешаванд.

ж) **Барои типи сатрии String**:

Var *(арг1, арг2)* := **ReadString2**(‘*Ду матнро дохил кунед арг1, арг2 =*’);

ё **Var** *(арг1, арг2)* := **ReadLnString2**(‘*Матнҳоро дохил кунед*’);

Ду сатри матниро дохил мекунанд. Аввал сатри (матни) якумро навишта, тугмаи Enter –ро пахш мекунанд. Сатри дохилкардашуда ба *арг1* бахшида шуда, типаш сатрӣ мегардад. Баъдан сатри дуюмро навишта, тугмаи Enter –ро пахш мекунанд. Сатри дохилкардашуда ба *арг2* бахшида шуда, типаш сатрӣ мегардад. Ҳангоми дохил намудани ададҳо, онҳо ҳамчун сатр қабул карда мешаванд. Зимни навиштани сатр ё адад, онҳоро бе апострофҳо менависанд.

Дар ҳолати дохил намудани қимати се аргументҳо низ оператори дохилкунии кортежӣ истифода карда мешавад. Омӯзгор ба хонандагон мефаҳмонад, ки ин оператор кортежро бармегардонад, масалан: *(арг1, арг2, арг3)* := *(қим1, қим2, қим3)*. Тарзи навишт ва истифодабариашон ба ҳолати ду аргумента монанд аст ва хонандагон онҳоро мустақилона омӯхта метавонанд..

Дар ҳолати дохил намудани қимати чор аргументҳо низ оператори дохилкунии кортежӣ истифода карда мешавад. Ин оператор кортежро бармегардонад, масалан: *(арг1, арг2, арг3, арг4)* := *(қим1, қим2, қим3, қим4)*. Тарзи навишт ва истифодабариашон ба ҳолати ду ва се аргумента монанд аст.

Пас аз омӯзонидани қисми назариявии маводи таълимӣ, бо мақсади мустаҳкамкунии донишҳои гирифта, омӯзгори фаннӣ баъзе мисолу масъалаҳоро ба хонандагон нишон медиҳад. Матни барномаашонро бошад, то он ҷое, ки маводро омӯхтаанд, меорад, яъне нопурра.

1. Қимати ифодаи зеринро барои додаҳои ихтиёрии аргументҳо ёфта, то садякӣ яклухт кунед:

$$tr = \sqrt[4]{|t| + u^2} + \frac{tgj + 3{,}42}{ln|t + u| + 1{,}38} - 2e^{ut}.$$

Ҳал: Дар аввал омӯзгори фаннӣ сохтори дар тарафи рости ифода бударо мефаҳмонад. Функсияҳо ва тағйирёбандаҳои дар он истифодашударо ёдовар мешавад. Тағйирёбандаҳои t, j ва u, ки дар тарафи рости ифода истифода шудаанд, аргументҳои ифода мебошанд. Азбаски типи онҳо дар шарти мисол гуфта нашудаанд, пас мустақиман типи онҳоро ададҳои ҳақиқӣ меҳисобанд. Инро хонандагон фаҳмида, дар ёд мегиранд. Ба онҳо дар ҷараёни кори барнома додаҳои ибтидоияшонро дохил менамоянд. Барои ин аз оператори дохилкунӣ истифода мебаранд. Худи ифодаро бошад, бо истифода аз оператори бахшиш ва функсияҳо ба забони барномасозии PascalABC.Net табдил медиҳем. Қисми матни барнома бо истифода аз оператори дохилкунии кортежӣ оварда мешавад.

```
Begin
  Var (t, j, u) := ReadReal3('Ададҳои ҳақиқии t, j, u=');
  Var tr:=(abs(t)+j*j)**(1/4)+(tan(j)+3.42)/ (ln(abs(t+u))+1.38)-2*exp(u*t);
  Tr := Round(tr,3);
```

```
//..... ..... матни барнома давом дорад
end.
```

2. Ду ададӣ ҳақиқӣ дода шудаанд. Ҳосили зарби суммаи онҳо ба решаи квадратӣ аз қимати мутлақи суммаи онҳоро ёбед.

Ҳал: Аргументҳои масъала аз ду адад иборатанд ва онҳоро ихтиёран бо *g* ва *q* ишорат мекунем. Натиҷаи масъаларо бо *h* ишорат мекунем. Омӯзгори фаннӣ ба таври формулавӣ навиштани шарти масъаларо бо истифода аз ин тағйирёбандаҳо нишон медиҳад. Аз рӯйи шарти масъала мо ба ифодаи зерин мерасем:

$$h = (g + q)\sqrt{|q + g|}$$

```
Begin
   Var (v, f) := ReadReal2('v, f  - ҳақиқӣ = ');
   Var w := (v+f)/2*sqrt(abs(v*f));
//..... ..... матни барнома давом дорад
end.
```

3. Се ададӣ натуралӣ дода шудаанд. Тақсими бутун аз ададӣ якум ба дуюм, бақия аз тақсими ададӣ дуюм ба ададӣ сеюм ва тақисми ададӣ сеюм ба ададӣ якум то ҳазорякӣ ёфта шавад.

Ҳал: Хонандагон то ин супориш соҳиби донишҳои муайяне гардида, онҳоро ташаккул додаанд. Барои ҳалли ин супориш омӯзгор якбора сохтани барномаашро нишон медиҳад.

```
Begin
   Var (m, N, p) := ReadInteger3('Се ададӣ натуралӣ M, n, p = ');
   var h := M div n; var d := n mod P;
   var g:=Round(p/m,3);
//..... ..... матни барнома давом дорад
End.
```

Ҳангоми истифодабарии операторҳои дохилкунии якаргумента, пеш аз худи оператор функсияҳои математикиро низ истифода кардан мумкин аст. Бо ин мақсад дар дарси назариявии навбатӣ омӯзгори фаннӣ ин технологияи нави барномасозиро ба хонандагон меомӯзонад. Масалан:

```
a)  Var g := Abs(ReadLnReal('Ададӣ мусбати дилхоҳро дохил кунед'));
b)  Var g := Sin(ReadReal('Ададеро дохил кунед'));
c)  Var g := Abs(ReadInteger('Ададӣ натуралии дилхоҳро дохил кунед'));
d)  Var g := Round(ReadLnReal('Ададӣ мусбати дилхоҳро дохил кунед'),3);
```

Ин технология хело муфид аст, зеро дар шарти аксар масъалаҳои барномасозӣ додаҳои ибтидоӣ танҳо ададҳои мусбат ё натуралӣ шуда метавонанд, монанд ба намунаи мисоли 3).

Хулоса, операторҳои дохилкунии забони барномасозии PascalABC.Net -ро бо чунин пайдарпайӣ ба хонандагон омӯзонидан мумкин аст: оператори дохилкунии Read -и дар варианти кӯҳнаи забони Паскал буда – омӯзгор маълумоти мухтасар медиҳад; оператор дохилкунии кортежии якаргумента, сохтор ва тарзи кори он – омӯзгор маълумоти бештар медиҳад; оператори дохилкунии кортежии дуаргумента, сохтор ва тарзи кори он – омӯзгор каме маълумот дода, фарқияташро аз оператор дохилкунии кортежии якаргумента мефаҳмонад; оператори дохилкунии кортежии сеаргумента, сохтор ва тарзи кори он – омӯзгор каме маълумот дода, ба хонандагон супориш медиҳад, ки давомашро мустақилона омӯзанд; оператори дохилкунии кортежии чораргумента, сохтор ва тарзи кори он – мисли оператори дохилкунии кортежии сеаргумента; баъзе имконот ва ҳолатҳои хусусии оператори дохилкунии кортежии якаргумента. Барои таълими ин мавзӯъ се соат дарс ҷудо намудан мумкин аст.

Хонандагон пас аз омӯхтан ва шинос шудан бо операторҳои нави дохилкунии кортежӣ хулоса мебароранд, ки маҳдудият дар операторҳои дохилкунии кортежӣ асосан дар миқдори аргументҳои дохилшаванда дида мешаванд. Ин ягон мушкилиро ба миён намеорад. Масалан, агар зиёда аз чор аргументи типашон якхеларо дохил кардан зарур бошад, пас аз ду ва ё зиёда

оператори бахшиши кортежӣ истифода бурда метавонанд. Маҳдудияти дигар, ҳангоми дохилкунии типи додаҳои ададии бутун танҳо типи Integer ва ҳангоми дохилкунии типи додаҳои ададии ҳақиқӣ танҳо типи Real истифода карда мешаванд. Типи ададии бутуни Int64 ҳангоми дохилкунии як аргумент истифода карда мешавад.

АДАБИЁТ:

1. *Назаров, А.П.* Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalAbc.Net. Китоби дарсӣ [Матн] / А.П. Назаров // – Душанбе: ҶДММ «Меҳроҷ-граф». - 2021. - 756 с.

2. *Назаров, А.П.* Методикаи таълими информатика. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ [Матн] / А.П. Назаров // – Душанбе: ҶДММ «Меҳроҷ-граф». - 2019. - 462 с.

3. *Осипов, А.В.* PascalABC.NET: Введение в современное программирование [Текст] // А.В.Осипов /– Ростов-на-Дону 2019 (Электронный ресурс на сайте pascalabc.net). - 572 стр.

4. Сомонаи расмии pascalabc.net.

5. *Абрамян, М.Э.* Структуры данных в PascalABC.NET. Выпуск 1. «Массивы и последовательности. Запросы» [Текст] // М.Э. Абрамян / Ростов-на-Дону - 2016. Электронная книга на сайте http://pascalabc.net.

6. *Абрамян М.Э.* Структуры данных в PascalABC.NET. Выпуск 2. «Минимумы и максимумы. Списки, множества, словари, стеки и очереди. Многомерные структуры» [Текст] // М.Э. Абрамян / Ростов-на-Дону - 2016. Электронная книга на сайте http://pascalabc.net.

7. *Назаров, А.П.* Баъзе бартариҳои забони барномасозии PascalABC.Net [Матн] // А.П. Назаров / Маҷаллаи “Масъалаҳои методикаи таълим”, №6. Душанбе – 2018.

8. *Назаров, А.П.* Технологияи дохилкунию хориҷкунӣ ва бахшиш дар забони барномасозии PascalABC.Net [Матн] // А.П. Назаров / Маҷаллаи “Масъалаҳои методикаи таълим”, №7. Душанбе – 2018.

ДАР ХОНАНДАГОН ТАШАККУЛ ДОДАНИ ДОНИШҲО ОИД БА ОПЕРАТОРҲОИ ДОХИЛКУНИИ ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗИИ PASCALABC.NET

Умедҷони Хайруллои Ғафурӣ

Номгӯйи операторҳои дохилкунии забони барномасозии PascalABC.Net бештар, имконоти васеъро доранд. Аммо онҳо то ба ҳол дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудаанд ва методикаи таълимашон коркард нашудаанд. Пайдарпайии таълимии мавод дар дарсҳо низ коркард нашудааст. Бо ин мақсад дар мақолаи мазкур тамоюлҳои асосии омӯзиш ва таълими операторҳои нави дохилкунии забони барномасозии PascalABC.Net дар курси информатикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ карда мешаванд. Методикаи таълим ва пайдарҳамии таълими маводи дарсӣ коркард мегарданд. Хусусиятҳои асосии операторҳои дохилкунии кортежӣ, сохтор ва тарзи кори онҳо ва методикаи таълими онҳо ба хонандагон дида баромада мешаванд.

Калидвожаҳо: *оператор, оператори дохилкунӣ, операторҳои дохилкунии кортежӣ, аргумент, барномасозӣ, таълими операторҳои дохилкунӣ, методикаи таълим, пайдарҳамии таълим, омӯзгор, хонандагон.*

ФОРМИРОВАНИЕ У УЧАЩИХСЯ ЗНАНИЙ ПО ОПЕРАТОРАМ ВВОДА ЯЗЫКА ПРОГРАММИРОВАНИЯ PASCALABC.NET

Умеджони Хайрулло Гафури

Наименование операторов ввода языка программирования PascalABC.Net имеют массу возможности. Но они еще не были изучены на должном уровне, также их методика обучения не была разработана. Последовательность обучения материалов на уроках также не разрабатывалась. С этой целью в данной статье будут рассмотрены основные тенденции обучения и обучения новых операторов ввода языка программирования PascalABC.Net рассматриваются в курсе информатики общеобразовательных учреждений. Разрабатываются

методики обучения и последовательность обучения учебных материалов. Рассматриваются основные характеристики операторов кортежного ввода, их структура и способ работы, а также методика обучения учащихся.

Ключевые слова: *оператор, оператор ввода, операторы кортежного ввода, аргумент, программирование, обучение операторов ввода, методика обучения, последовательность обучения, учитель, ученики.*

FORMATION OF STUDENTS' KNOWLEDGE OF PROGRAMMING LANGUAGE INPUT OPERATORS PASCALABC.NET

Umedjoni Khayrulloi Ghafuri

The name of the input operators of the PascalABC programming language.Net moreover, their capabilities are wider. But they have not yet been studied at the proper level, and their teaching methods have not been developed. The sequence of teaching materials in the lessons was also not developed. To this end, this article will review the main trends in learning and teaching new input operators of the PascalABC programming language.Net is considered in the computer science course of general education institutions. Teaching methods and the sequence of teaching educational materials are being developed. The main characteristics of tuple input operators, their structure and method of operation, as well as the methodology of teaching students are considered.

Keywords: *operator, input operator, tuple input operators, argument, programming, training of input operators, teaching methodology, learning sequence, teacher, children's.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Умедҷони Хайруллои Ғафурӣ – устоди кафедраи кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ. umedjonikhairullo@gmail.com. Тел.: 918-80-6307.*

Сведения об авторе: *Умеджони Хайрулло Гафури – преподаватель кафедры информационных и коммуникационных технологий ТГПУ им. С. Айни, аспирант института развития образования имени А. Джами, umedjonikhairullo@gmail.com. Тел.: 918-80-6307,*

Information about the author: *Umedjoni Khayrulloi Ghafuri– assistant of the chair of information and communication technologies, Tajik state pedagogical university named after S.Ayni. umedjonikhairullo@gmail.com. Tel. 918-80-6307.*

ТДУ: 372.853(575.3)

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ БЕҲДОШТИ САЛОМАТӢ ВА ТАФАККУРИ ТЕХНИКИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУҲИТИ ИҶТИМОӢ

Сафаров М.С., Қодиров Б. Р.

Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон

«Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад. Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад» [11].

Эмомалӣ РАҲМОН

Физика як илми бунёдӣ буда, баъзе илмҳо системаҳоеро тавсиф менамояд, ки ба қонунҳои табиат (физикӣ) итоат мекунанд. Агар онро васеътар дида бароем, масалан, восита ва усулҳои асосии тибби муосир, микроскопҳои электронӣ, протонӣ, таҳлили дифраксияи рентгенӣ, дифраксияи электронҳо, атомҳои тамғагузорӣ мебошад, ки маҳз аз илми физика гирифта шудаанд. Алоқамандии фанни физика бо дигар илмҳо имкон медиҳад, ки дониши физикии худро пурратар намуда, тарғиби тарзи ҳаёти солим барои хонандагон фаҳмо, дастрас ва бо шакли аёнӣ асоснок карда шавад.

Технологияҳои беҳдошти саломатӣ, дар раванди таълим ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд: технологияҳое, ки шароити аз ҷиҳати гигиенӣ оптималии раванди таълимро таъмин мекунанд; муҳити хуб ва шароити гигиенӣ дар синфхона, ҷойи нишасти талабагон ва ғайра; технологияи ташкили оптималии раванди таълим ва фаъолияти ҷисмонии хонандагон; ташкили дурусти дарс; технологияҳои психологию педагогӣ, ки дар дарс ва дар корҳои беруназсинфӣ ва амалӣ истифода мешаванд.

Маҳз салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаро метавон ҳамчун маҷмӯи малакаю маҳоратҳои мушаххасе тавсиф кард, ки ба хонандагон зимни муошират дар ҷомеа, барқарор кардани муносибат бо дигарон ва бомуваффақият мутобиқ шудан дар муҳити иҷтимоӣ кӯмак мерасонанд. Дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёна ин салоҳиятҳо на танҳо барои бомуваффақият таҳсил кардан, балки барои ташаккули шахсияти масъулияти иҷтимоӣ низ муҳиманд.

Зимни таълими фанни физика дар асоси талаботи ҳифзи саломатии хонандагон дар муҳити иҷтимоӣ, масъалаҳои зерин иҷро мегарданд: бартараф намудани сарбории таълимии хонандагон, ки онро ба ҳолати аз ҳад бештар кор кардан водор месозад; ҳифзу таҳкими солимии равонии хонандагон; ташаккул додани фарҳанги саломатии хонандагон.

Мушкилоти саломатӣ, рушд ва тарбияи фарзанд мушкилоти муҳимтарини дилхоҳ давлат боқӣ мемонад. Ҳар як муассисаи таълимӣ на танҳо раванди таълимро таъмин мекунад, балки ба рушди муқаррарии хонандагон ва беҳдошти саломатии онҳо мусоидат мекунад. Саломатии наврасону кӯдакон сиёсатест, ки ояндаи давлату ҷомеаро дар бар мегирад, аз ин рӯ вазифаи асосии омӯзгорон, волидон ва ҷомеа тарбияи насли солимро фаро мегирад [12].

Дар раванди омодагӣ ба дарсҳо, бо истифода аз технологияи беҳдошти саломатии хонандагон, чунин меъёрҳо ба назар гирифта мешаванд: риояи гигиена дар муҳит ва синфхона; шумораи намудҳои фаъолияти дар таълим ва давомнокии онҳо; пайдарпаии онҳо; мавҷудияти усулҳое, ки ба фаъолгардонӣ мусоидат мекунанд; мавҷуд будани вақти фароғатӣ ва барқароршавӣ дар дарс; мавҷуд будани ҳавасмандӣ ба фаъолияти хонандагон дар дарс; фазои равонӣ дар синф пеш аз оғози дарс. Ҳангоми танаффус ва омода кардани синфхонаи лабораторӣ ба дарс, бояд чунин тадбирҳо андешида шаванд: аз назар гузаронидани ҳолати мизу курсиҳо, тахтаи синф, асбобу анҷоми таълимӣ, ҳолати таъминоти барқ, тоза кардани боду ҳавои синфхона барои баргузории дарс.

Машқҳои кӯтоҳмуддат - ин силсилаи машқҳои ҷисмонӣ вақти кам мебошад, ки асосан барои истироҳати фаъол ва барқарор кардани қобилияти корӣ истифода мешаванд [9].

Хусусияти таъсири ранг ва равшанӣ низ, бояд ба хонандагон барои ҳифзи асаб ва мутадилии онҳо ба назар гирифта шавад. Тадқиқотҳои таҷрибавии олимон дар муҳити иҷтимоӣ нишон доданд, ки доираи рангҳои оптималие муайян карда шаванд, ки ба инсон бештар таъсири мусбат мерасонанд, ки ин гуна рангҳо рангҳои сабз, зарду сабз ва сабз-кабуд мебошанд.

Мафҳуми "саломатӣ" дар замони муосир на танҳо ҳамчун набудани беморӣ ё нуқсони ҷисмонӣ, балки ҳолати некӯаҳволии пурраи ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ низ баррасӣ мешавад [6].

Пас, дар синфхонаҳои физика беҳтар мебошад, ки рангҳои сабзи равшан ва зарду сабзро истифода бурда, ҳама чизи нолозимро аз деворҳо, ки боиси нороҳат ва зиёд шудани сатҳи изтироби хонандагон мегардад, гирифтан лозим аст. Моро зарур аст, ки аз дақиқаҳои аввали дарс бо чеҳраи кушода, муҳити хуб, табъи хуши эмотсионали бо хонандагон корро оғоз намоем.

Ҳамаи технологияҳои дар боло овардашуда имкон медиҳанд, ки иҷрои вазифаи асосӣ, яъне, ташаккули салоҳиятҳои асосӣ, рушди малакаҳои маърифатии хонандагон, қобилияти мустақилона тарҳрезӣ кардани дониши худ, сайругашти мустақилона дар

фазои иттилоотӣ, инкишофи тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ диққат диҳем. Шахсияти ҳар як хонанда дар раванди фаъолияти омӯзишии ӯ ташаккул ёбад, ки ин танҳо дар муошират бо калонсолон, дар муомила бо онҳо ва таҳти роҳбарии доимии онҳо имконпазир мебошад. Муошират, ин роҳи хуби шиносоӣ, наздикшавӣ ба монанди хешу табор ва меҳру муҳаббати байниҳамдигарии одамон тарбия ёфтан мебошад.

Хусусияти эҷодии раванди таълим шарти хеле зарурии беҳдошт ва сарфаи саломатӣ мебошад. Ворид кардани кӯдакону наврвсон ба раванди эҷодӣ эҳтимолияти фарорасии хастагиро коҳиш медиҳад. Занҷираи иртибот дар ин ҷо хеле оддӣ аст: омӯзиш бидуни қувваи эҷодӣ ҷолиб нест ва аз ин рӯ, то андозае фишор нисбати худ ва дигарон аст [5].

Тафаккури физикӣ гуфта, ин ташаккули дарки илми физика ва муҳимтарин ҳадафи фанни физика дар замони муосир мебошад. Ва дар тафаккури физикӣ ҷойи марказиро қобилияти фаҳмиши сабаб ё механизми ҳодисаҳое, ки раванди онро муайян карда, аз нуқтаи назари моделсозӣ - ин сохтани модели физикии таҷриба ва ё ҳодиса ба шумор меравад.

Тафаккур пеш аз ҳама фаъолияти муайян аст, маҳз фаъолият оид ба таълим ё ташаккули дониш мебошад. Муносибати фаъолият ба баррасии тафаккур дар психология таҳия карда мешавад. Ҳамин тавр, ба гуфтаи С.Л. Рубинштейн, "Намуди аввалияи тафаккур ин тафаккур дар амал ва амалист, яъне тафаккурест, ки дар амал анҷом дода мешавад ва дар амал ошкор карда мешавад" [10].

Дар дарсҳои омӯзишӣ, моделсозии физикӣ хеле васеъ пешниҳод карда шудаанд. Шумораи хеле зиёди дарсҳои физика ва ё дарсҳои лабораторӣ, бидуни баррасӣ ва истифодаи ин ё он модели (амсила)-и физикӣ анҷом дода мешавад. Аз ин ру, бешӯбҳа, фанни физика ба хонандаи босавод кобилияти устувори дарк намудани маълумотро фароҳам меоварад.

Тавре, ки маълум аст, дар баробари ин таҷрибаи хонандагон ҳангоми ҳалли масъала ва иҷрои корҳои лабораторӣ нишон медихад, ки бо коркарди маълумот аз ҷиҳати ташаккули физикии инъикоси ходиса вазъият начандон хуб аст. Пас, ин як сабаби объективӣ дорад, яъне характери эчодии моделсозии физикӣ, зарурати соҳиб шудан дар баробари малакаҳои амалӣ, тафаккури мантиқӣ, интуицияи инкишофёфта мебошад, ки дар физика чизи аз ҳама муҳим ба шумор меравад. Тасодуфӣ нест, ки бисёре аз коркардҳои амсилаи фундаменталӣ ва базавӣ маҳз ба физикхои барчаста тааллуқ дорад.

Вақте омӯзгор шавқу завқи маърифатии хонандагонро ба инобат мегирад, дараҷаи мустақилияти онҳоро аз рӯйи моделсозии физикӣ рушд медиҳад, ин мутобиқи технологияи собитшудаи таълимӣ амал намудани ӯро ифода менамояд. Дар фанни физика ҳалли масъалаҳо воситаи муҳимтарини ташаккули фарҳанги моделсозӣ мебошад ва он боқӣ мемонад. Вале дар ин ҷо, ба ғайр аз ин захираи дар боло номбаргардида, захираҳое, низ мавчуданд,ки мазмуни бисьёр супоришҳоеро, ки аз рӯйи анъана ба хонандагон пешниҳод карда мешаванд, тағйир додан лозим меояд.

Бояд ба ҷойи супориши расмӣ ҳангоми иҷрои масъала, масалан, дар мавзуи конунҳои ҳаракат, куввахои амалкунанда, майдонҳои электрикӣ, магнитӣ ва ғайраҳоро нишон додан мувофиқ максад аст, ки онҳо дар муҳити табиӣ чи тавр ба вуҷуд меоянд. Дар ин раванд ҳалли масъала барои хонандагони синфҳои 7-9, аз бисёр ҷиҳат характери моделсозии равониро пайдо мекунад.

Мавриди зикр аст, ки дар барномаи таълимии фанни физикаи синфҳои 7-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, вазифаҳо бояд ба ҳадди аксар ҷалб карда шаванд, ки ҳалли онҳо сохтан ва таҳлил намудани модели физикии ҳодисаҳо бошад. Ин ҳамчун ба раванди инфиродии ҳалли масъалаҳо ва ҳам ба муқаррар намудани маънои физикии натиҷаи ба даст овардашуда дахл дорад.

Дар корҳои амалӣ, бояд ҳалли масъалаҳо ҳамчун усули босифат нишон дода шавад, зеро татбиқи онҳо бавуҷудоии дарки физикиро нишон медиҳад. Дар ин маврид халли масъалаҳои сифатии моделсозии физикӣ низ роли калонро мебозад. Ҳангоми сохтани

моделҳои физикии ҳодисаҳои таҳқиқшаванда бояд барои ошкор намудани имкониятҳои салоҳиятнокии хонандагон талош варзем.

Бинобар ин, дар омӯзиши фанни физика ва ташаккул додани салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони синфҳои 7-9 монеаҳои зиёде мавҷуд аст. Ин ҷо, гап дар бораи он меравад, ки китоби дарсии фанни физика ва барномаи таълими фанни физики ба талаботи муосир, яъна ба ташаккули салоҳияти физикии хонандагон мувофиқат намекунад. Инчунин такмили ихтисоси омӯзгорон, ба васеъ намудани қобилияти маърифатии хонандагон ва ташаккул додани салоҳияти физикии ҷавобгӯ намебошанд.

Мутаассифона, баъзан хонандагон бисьёр мафҳуму ҳодисаҳои мураккаби физикиро азхуд карда наметавонанд ё хеле душворӣ мекашанд. Вале ин душвориҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки сохти дарси замони муосир ва усулҳои дар таълим истифодашаванда фаъолиати зарурии равонии хонандагонро таъмин карда наметавонанд. Аз ин ру, роҳҳои сифатан беҳтар ташкил кардани раванди таълим ва усулҳои самарабахши таълими фанни физикаро ҷустуҷӯ кардан лозим аст.

Зарур аст, ки фаъолияти маърифати хонандагонро дар раванди дарс пурзӯр намоем ва шароите фароҳам оварем, ки дар он хонанда на танҳо шунаванди ғайрифаъол бошад, балки донишу андешаашро татбиқ намояд, хешро зоҳир созад. Хонандагонро бояд ба дарс, кор бо китоби дарсӣ, иҷрои таҷрибаҳои физикии фронталӣ, иҷроии супоришҳои эҷодӣ, масъалаҳои босифат ва ададӣ фаъол гардонидан зарур аст.

Ҳамин тавр, захираи асосии баланд бардоштани дониш ва сифати таълим такмил додани усулҳои гузарондани дарсҳои омӯзишӣ мебошад. Хонандагон бояд байни якдигар робитаи ҳамкорӣ дошта бошанд ва фаъолияти худро бо чунин шакл танзим диҳанд:

- сабабҳои фаъол гардиданашон ба таълим ва бедоршавии шавқашон ба маводи таълимиро донанд;

- фаҳмиши дуруст аз ҷониби хонандаю омӯзгор вобаста ба вазифа ва талаботи гузошташуда дар таълим дар ташаккули салоҳиятҳо;

- кушода дода тавонистани мазмуни дарс мувофиқи концепцияи методологӣ, бо мусаллаҳ намудани хонандагон бо усулҳои гуногуни илмӣ;

- муносибатҳои умумӣ доштан бо маводи омӯхташаванда, мувофиқи назардошти тамоюли инкишофи маърифати физикӣ;

- ба низом даровардан ва умумгардонии маводи таълимӣ, мустаҳкамкунии он тавассути машғулият ва кори мустақилона ба воситаи китоби дарсӣ ва ё конспект;

- санҷиш ва арзёбии дониш, инчунин сатҳи фаъолияти таълимии хонандагон дар дарси физика.

Ҳамаи ин талошҳо истифодабарии воситаҳои интерактивии таълимро таъмин месозад. Ба монанди, китобхонаҳои визуалии электронӣ, ки қобилияти тасаввур кардани ҳодиса ва равандҳои мураккаби физикӣ ва сохтори дохилӣ ва хусусиятҳои ҷараёни онҳоро таъмин мекунанд. Аҳамияти дидактикии истифодаи воситаҳои интерактивии таълим аз рӯи қобилияти онҳо дар ташаккул додани малакаҳои мураккаби хонандагон, оид ба тасвир ва таҳлили ҳодисаҳои физикӣ, равандҳо ва қонунҳо, умумигардонӣ ва бо хулосаҳо муайян карда мешавад.

Истифодаи китобхонаҳои электронӣ ва барномаҳои озмоишии физикии визуалӣ аз шабакаи интернетӣ, ҳангоми фаҳмонидани таҷрибаҳои физикие, ки дар лабораторияи физикӣ гузаронидан душвор аст, дар шароити нокифоя будани таҷҳизот, дар синфхонаи физикаи мактабӣ аҳамияти махсус дорад. Барномаҳои лабораторияҳои физикии визуалӣ, барои такмил додани усули ташаккули малакаю маҳорати амалӣ ва таҷрибавии хонандагони муассисаҳои таълимӣ аз фанни физика пешбинӣ шудааст.

Дар қатори лабораторияҳои физикии визуалӣ, корҳои лабораторӣ компютерӣ, шакли сабти видеоии гузаронидани корҳои лабораторӣ, дар лабораторияи физикӣ ва барномаҳои лабораторияҳои физикии визуалӣ, аз шабакаи интернетӣ шомил

мебошанд.Ҳамин тавр, истифодаи маҷмӯи воситаҳои электронӣ, чунин мақсадҳои таълимиро фароҳам меоварад:

- омӯзиш аз маводи назариявӣ пайдарпай ва ё интихобӣ;
- мустаҳкамкунии маводи таълимӣ, ки бо усули анъанавӣ омӯхта мешавад;
- омӯзиши ҳодиса ва равандҳои мураккаби физикӣ бо истифода аз моделсозии компютерӣ;
- бо ёрии системаи тестии махсус таҳияшуда, мустаҳкам намудани маводи омӯхташуда;
- иҷрои корҳои лабораторӣ визуалӣ ва виртуалӣ дар ташаккули салоҳияти хонандагон;
- омодагӣ барои гузаронидани корҳои лабораторӣ озмоишӣ дар лабораторияҳои мактабӣ;
- гирифтани маълумоти лозимӣ ҳангоми кор бо китобхонаҳои электронӣ;
- ташкил намудани кори гурӯҳӣ ва инфиродии хонандагон;
- истифодаи маводи махсуси тасвирӣ, видеоклип ва амсилаҳо ҳангоми дарсҳои анъанавӣ, тавассути проексия дар экрани проектор, телевизор ва ё мониторҳои компютерӣ;
- эҷоди дарсҳои аслӣ (муаллифӣ);
- ташкил кардани худсанҷишӣ ва санҷиши сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ аз фанни физика дар муносибати босалоҳият;
- омӯхтани ҳалли масъалаҳои физикӣ ва санҷиши ташаккули малака ва маҳорати амалии хонандагони синфи 7-9 аз фанни физика.

Аз таҷрибаи олимони самти педагогика, ки омӯзиши технологияи таълими физикаро таҳия кардаанд, бармеояд, ки асоси консептуалии технологияи таълим, равиши салоҳиятнокиро дар омӯзиш ташкил медиҳад, ки ташаккули малакаҳои умумии таълимӣ, усулҳои универсалии фаъолият ва салоҳиятҳои асосиро дар бар мегирад.

Як қисми технологияро мазмуни барномаи таълими физикаи умумӣ ва мақсади он дар чунин шакл дар бар мегирад: баҳри азхуд намудани дониш аз фанни физика ҳамчун асоси дониши касбӣ; маҳорати азхуднамоӣ; истифодаи дониш ҳангоми шарҳи ҳодисаҳои табиат; рушди завқу ҳаваси маърифатӣ ва қобилияти эҷодӣ; тарбия ва ташаккули шахсияти хонандагон, хамчун намояндаи ояндаи интеллигенсияи техникӣ; истифодаи дониш ва малакаи бадаст омада, барои ҳалли масъалаҳои амалӣ ва ғайраҳо хизмат менамояд.

Ба ташкили раванди таълим инҳо шомил шуда метавонанд: лексияҳо, машгулиятҳои амалӣ, оид ба ҳалли масъалаҳои физикӣ, машғулиятҳои лабораторӣ ва ғайраҳо. Усули таълим ба назария асос ёфтааст: дар дониши аз худ кардаи хонандагон метавонад, инъикоси объективии олами беруниро бинанд; дарки ашё ва ҳодисаҳои олами беруна бо роҳи ошкор намудани робита ва инкишофи онҳо ба амал меояд; аз худ намудани конунҳо ва назарияҳо бо фаъолонаи амалии хонандагон таъсир бахшида, онҳоро ба ҳаёти мустақила бештар омода месозанд.

Усул ва шакли кори омӯзгори фанни физика бошад, ин омода намудани лексияҳои пурмазмун, гузоштани проблема дар раванди лексия, таъмини иштироки фаъолонаи хонандагон ва кори мунтазами онҳо вобаста ба иҷрои вазифаи хонагӣ барои лексияҳо, мубоҳисаҳо, ҳалли масъалаҳои физикии мураккаби сатҳии гуногундошта мебошад. Таълими бисёрзинагӣ дар дарсҳои амалӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар аввали соли хониш ва охири соли хониш ташкили санҷишҳои тестиро талаб менамояд.

Дар раванди омӯзиши фанни физика дар аввал ва охири қисмҳои омӯхташудаи барномаи таълим, истифодабарии технологияҳои иттилоотии муосир ниҳоят муҳим мебошад. Чунин технологияи педагогии пешниҳодшударо ҳангоми дарсҳои лексия, амалӣ ва лабораторӣ барои хонандагони муассисаҳои таълимӣ истифода бурдан мумкин

аст, ки ба ташаккули салоҳиятҳои умумии таълимӣ ва касбии мутахассисони оянда мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, муайян намудани шароити таълими инноватсионӣ дар муҳити иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки механизми ташаккули муҳити иттилоотӣ-таълимӣ, ки самаранокии баланди натиҷаи фаъолияти таълимиро таъмин менамояд, ошкор шудаанд. Асосан, тамоюли муҳими таълими инноватсионӣ аз талаботи «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» бар меояд, ки дар муассисаҳои таъимӣ, таъсис додани комиссияи фаъолияти инноватсиониро зери роҳбарии муовини директор оид ба корҳои таълим талаб менамояд.

Ҳамгиро гардонидани фанҳои таълимӣ, фарогирии тамоми хонандагонро ба раванди фаъоли ташаккули дониш ва усулҳои умумии фаъолият, тавассути эҷоди моҳирона ва идоракунии эҳсосот, бо истифодаи бештари захираҳои дониш, маҳорат ва малака, кушодашавии ҳавасмандии дохилии хонандагон дар назар дорад.

Дар технологияи инноватсионии таълим, дар раванди омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ, нишонаҳои арзишманд гуногунрангии мавқеъи касбиро инъикос намуда, имкони муколама ва ташаккули шаклҳои нави технологияи педагогиро муҳйё намудан зарур мебошад.

Супоришҳои эҷодӣ дар таълими физика. Стандартҳои муосири таълим, ҳамчун талаботи комилан дигарро, ба натиҷаи таълими хонандагон ҳангоми аз худ кардани барномаи асосии таълимӣ, пешниҳод менамояд. Дар ин стандартҳо малакаю маҳорати умумии таълимӣ, усулҳои фаъолият, ташаккули фаъолияти универсалии таълимӣ, ҷойи марказиро ишғол мекунад.

Ба масъалаҳои маъмултарини таълим расмӣ, яъне, дар ёд гирифтан ва ҳалли автоматии масъалаҳои маъмулӣ шомил мебошад. Мазмуни маводи навро ба омӯзгор барои он тайёр пешниҳод мекунанд, ки то омӯзгор онро дар ҳамон шакле, ки дар китоби дарсӣ ба хонандагон пешниҳод шуда буд, пешкаш намояд. Стандарти таҳияшуда, истифодаи донишҳои назариявиро дар амалия ва дар шароити тағйирёбанда ба хонандагон омӯзонидани истифодаи дониши гирифташударо дар фаъолияти амалӣ, ташаккули қобилияти тафаккури хонандагон, навоварӣ дар қабули қарорҳои блитс, пурсишҳо тавсия медиҳад.

Ҳоло дар ҳама соҳаи фаъолият, ба мутахассисони эҷодкор эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ҳис карда мешавад. Ташаккул ва инкишофи минбаъдаи дониш, малакаю маҳорат ва тафаккури эҷодкории хонандагон, яке аз проблемаҳои аввалиндараҷаи муассисаҳои таълимӣ боқӣ мемонад. Нишон додани омодагии худ, зарурати дарк кардани имкониятҳои мавҷуда, ангезаест, ки баъдан дар ҳама шаклҳои ҳаёти фардии инсон пайдо шуда, майли рушд, ташаккул, такмил, камолот, тамоюли худнамоӣ ва муайян кардани шахсияти худ, қобилиятҳои мавҷуда шуда метавонад.

Яке, аз усулҳо дар муҳити иҷтимоӣ, ки ба хонандагон имкон медиҳад, фаъолияти универсалии таълимии худро нишон диҳанд, донистани тарзи истифодаи вазифаҳои эҷодкорӣ мебошад, ки ҳалли онҳо аз рӯи маводи фаннӣ таълимӣ амалӣ карда мешавад. Истифодаи супоришҳо, таъмини муносибати эҷодӣ, навъоварӣ ва ихтирокориро дар хонандагон таъмин намуда, ба дониш, малакаю маҳорати онҳо таъсири назаррас расонида, онҳоро такмил медиҳад.

Хонандагон, натиҷаи талошҳои худро пайгирӣ намуда, муваффақиятҳои худро арзёбӣ мекунанд, ҳисси эътимодро ба қувват ва дониши худ эҳсос менамоянд, ки онҳоро барои муваффақ шудан ва пешравии натиҷаи баланди таълим илҳом мебахшад. Дар ин шакл, дониш, маҳорат ва малакаи онҳо, дар шакли фаъолият, сифатҳои нави самарабахш ва устувор пайдо намуда, салоҳиятмандии онҳо ташаккул меёбад.

Дар ин раванд, хонандагон ҳангоми иҷрои вазифаҳои дорои хусусияти эҷодӣ, на танҳо аз дониш, малака, маҳоратҳои мавҷудаи худ истифода мебаранд, балки онро аз нав барқарор ва такмил дода, онро дар нақшаҳои гуногуни корҳои амалӣ истифода

мебаранд. Донистани формулаҳо ва қобилияти ҳалли масъалаҳои эҷодии дорои дараҷаи олӣ, фаъолияти маърифатии хонандагон ба ҳисоб рафта, ҳангоми дар муносибати бештари боандешона ва тарзи пурсиши онҳо, муайян намудан ва барпо намудани робитаҳои нави байни ҳодиса ва равандҳои баррасишаванда, дар муқаррар намудани имкони амалисозии мазмуни омӯхтаи маводи таълимӣ ба вуҷуд меояд. Масалан, омӯзгор метавонад бо ячанд шакли ин усул истифода аз формулаҳо тафаккури зеҳнӣ ва эҷодии хонандаро бедор намояд: аз формулаи фишор масса ва аз қонуни Нютон зичиро бо воҳидҳояш ёбед?

1). $\boldsymbol{P=\frac{\vec{F}}{s}}$; аз ин ҷо $\boldsymbol{\vec{F}=m\cdot\vec{a}}$, пас $\boldsymbol{P=\frac{m\cdot\vec{a}}{s}}$ ва $\boldsymbol{m=\frac{P\cdot s}{\vec{a}}=1\frac{\frac{\text{Н}}{\text{м}^2}\cdot\text{м}^2}{\frac{\text{Н}}{\text{кг}}}=1\frac{\text{Н}}{\text{Н}}\cdot}$ кг $=$ **1кг** мешавад.

2). $\vec{a}=\frac{\vec{F}}{m}$; аз ин ҷо $\rho=\frac{m}{V}$; $\boldsymbol{m=\rho\cdot V}$, пас $\vec{a}=\frac{\vec{F}}{\rho V}$ **ва** $\rho=\frac{\vec{F}}{\vec{a}\cdot V}=\frac{\text{Н}}{\frac{\text{Н}}{\text{кг}}\cdot\text{м}^3}=\frac{\text{кг}}{\text{м}^3}$ мешавад.

Супориш бояд чӣ гуна бошад, ки онро категорияи супориши эҷодӣ номанд? Ба инбат гирифтани супориши эҷодӣ дар таҳқиқоти назариявии педагогикаи муосир ва бозёфтҳои амалии омӯзгорон то ҳол мавзуи баҳсу мунозира қарор гирифтааст:

Аввалан ин, ки мафҳумҳои супориши эҷодӣ ва вазифаи эҷодӣ, аз ҳам ҷудо нестанд. Дар мавриди дуюм, бошад барои муайян кардани супоришии эҷодӣ ва инкишофи тафаккури хонандагон миқдори кофии муносибатҳо коркард гардидаанд. Дар навбати сеюм, таснифҳои гуногуни вазифаҳои эҷодӣ мавҷуданд, вале барои мафҳуми вазифаи эҷодӣ як хусусияти умумие мавҷуд аст, ки он навоварии субъективӣ ва барои субъекти дарккунандаи навоварии маводи омӯхташуда мебошад.

Дар раванди фаъолияти эҷодӣ, хонанда, бояд на амалҳои муқаррариро иҷро намояд, балки дорои тафаккури чандирӣ, аксуламали фаврӣ ва лаёқати эҷодкорӣ дар ҳалли масъалаҳои гуногун бошад. Супоришҳои эҷодӣ зимни тадқиқоти муосири педагогӣ, ба супоришҳои шакли кушода ва пӯшида ҷудо мешаванд. Супоришҳои шакли пӯшида, чун қоида ҳалли ягона доранд, вале шакли кушода нишон медиҳад, ки ҳалли он ягона набуда, бо роҳҳои гуногун ҳалл мегарданд.

Навъҳои зерини супоришҳои эҷодиро А.В. Хуторской баён кардааст: - супоришҳои эҷодӣ ба маърифатӣ, эҷодӣ ва ташаккулдиҳанда (ва ё методӣ) ҷудо мешаванд. Супоришҳои маърифатӣ ба рушди малакаҳои маърифатии хонандагон нигаронида шудааст. Чунин малакаю маҳоратҳо имкон медиҳанд, ки саволҳои дурустро тартиб дода, қобилияти эҳсос намудани ҷаҳони атроф, гузаронидани таҷриба ва фаҳмонидани натиҷаҳои таҷриба, ҷустуҷӯи сабабҳои ҳодисаҳои табиатро дониста гирифта тавонанд.

Тафаккури эҷодӣ ба андешаи Эдвард де Боно як навъ тафаккури ғайристандартиро ифода мекунад ва доираи нисбатан васеътарро фаро мегирад [13]. Дар натиҷаи тафаккури ғайриқолабӣ метавонад ё як идеяи олиҷаноб пайдо шавад, ё танҳо назари дигар ба ҳалли ин ё он масъалаи мушаххас, мутаносибан, чизи камтар муҳим аз эҷодиёти ҳақиқӣ бошад. Вай чунин меҳисобад, ки тафаккури эҷодӣ танҳо барои одамони боистеъдод хос аст.

Дар ин ҷо, матни супориши эҷодӣ, ки ба супоришҳои маърифатӣ мувофиқ аст намоиш дода мешавад. М. В. Ломоносов, дар яке аз қайдҳои худ чунин саволро ба миён гузоштааст: «Дилхоҳ ранг ҳангоми ба об тар кардан, таркибаш ғафс мешавад. Бояд фикр кунем, ки чаро чунин аст?». Вобаста ба ин савол, мушоҳидае пешниҳод менамоем, ки мақсади он, ёфтани ҷавоб ба саволи М. В. Ломоносов мебошад. Ҳангоми ба нақша гирифтану гузаронидани таҷриба, дилхоҳ таҷҳизоти мавҷудаи кабинети физикаро барои истифода пешниҳод менамоем. Иҷрои вазифаҳои эҷодӣ, ба хонандагон имконият медиҳад, ки хислатҳои шахсияти эҷодкорро ба монанди: қобилияти пешгӯӣ кардани ҳодиса, тобовар ба мушкилотҳои ногаҳонӣ, пурқувват ва такмилдиҳанда ва дорои қобилияти тафаккури эҷодӣ бошанд. Фаъол будан дар омӯзиш, шакли асосии ташкилии

фаъолияти хонанда, ба шумор меравад. Дар байни воситаҳое, ки тафаккури хонандаро инкишоф дода, боиси ташаккул ёфтани фаъолияти эҷодии ӯ мегарданд, ҷойи асосиро супоришҳои шавковар ташкил медиҳанд. Супоришҳои «мантиқӣ», «барои инкишофи интуиция», муаммоҳо, супоришҳои ғайристандартӣ ва мантиқӣ ниҳоят заруранд, ки дар дарсҳои физика ҳамчун воситаи иловагии ёрирасони инкишофи тафаккур ва моделсозии қисмҳои фаъолияти эҷодӣ метавонад бомувафаққият татбиқ карда шавад.

Ҳамин тавр, мушкилоти саломатӣ, рушд ва тарбияи фарзанд проблемаи муҳимтарини дилхоҳ давлат боқӣ мемонад. Дар муҳити иҷтимоӣ ҳар як муассисаи таълимӣ на танҳо раванди таълимро таъмин мекунад, балки ба рушди муқаррарии хонандагон ва беҳдошти саломатии онҳо мусоидат мекунад. Саломатии наврасону кӯдакон сиёсатест, ки ояндаи давлату ҷомеаро дар бар мегирад, аз ин рӯ вазифаи асосии омӯзгорон, волидон ва ҷомеа тарбияи насли солимро фаро мегирад [12].

Боиси зикр аст, ки салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаро метавон ҳамчун маҷмӯи малакаю маҳоратҳои мушаххасе тавсиф кард, ки ба хонандагон зимни муошират дар ҷомеа, барқарор кардани муносибат бо дигарон ва бомуваффақият мутобиқ шудан дар муҳити иҷтимоӣ кӯмак мерасонанд. Дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёна ин салоҳиятҳо на танҳо барои бомуваффақият таҳсил кардан, балки барои ташаккули шахсияти масъулияти иҷтимоӣ низ муҳиманд.

Ҳамин тавр, **барои** технологияи беҳдошти саломатӣ ва тафаккури техникии хонандагон дар муҳити иҷтимоӣ **бояд мо салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагонро рушд диҳем. Маҳз салоҳиятҳои иҷтимоӣ** малакаю маҳорат, маҳорати байниифодӣ ва иҷтимоии одамон буда, барои ба роҳ мондани муошират, ҳамкорӣ ва амалҳои иҷтимоии муфид дар ҷомеа зарур мебошанд. Ва он ба донишу маҳорати инсон дар амалияи иҷтимоӣ ва муносибатҳои байни одамон тааллуқ дошта он имкон медиҳанд, ки инсонҳо дар муҳити иҷтимоӣ муваффақ бошанд ва дар назди дигарон муносибатҳо ва ҷараёнҳои мусбати иҷтимоии худро нишон диҳанд.

Адабиёт

1. Амонашвили Ш.А. Педагогика здоровья / Ш.А. Амонашвили, А.Г. Алексин. М.: Педагогика, 1990. - 232 с.

2. Антропова М.В. Нормализация учебной нагрузки школьников : экспериментальные физиолого-гигиенические исследования / М.В. Антропова. М.: Педагогика, 1988.- 158 с.

3. Антропова М.В. Обучение с учетом психофизических особенностей подростков / М.В. Антропова, Г.Г. Манке // Педагогика. 1993. - № 6. - С.8 -13.

4. Антропова М.В. Инновации, учебная нагрузка и здоровье детей / М.В. Антропова // Народное образование. М.: АПН СССР, 1985. - 33 с.

5. Безруких М. М. Здоровьесберегающая школа.-М.: Московский психолого-социальный институт, 2004. – 240 с.

6. Борисова И. П. Обеспечение здоровьесберегающих технологий в школе // Справочник руководителя образовательного учреждения. – 2005. – № 10. – С. 84–92.

7. Брызгалова Т. Система, сберегающая здоровье школьников : физиоло-го-гигиенические и педагогические аспекты : школьная среда / Т. Брызгалова, О. Кирпичев, В. Федулов, В. Фадеев // Директор школы. 2003. - № 4. - С. 28.

8. Величковский В.И. Здоровье человека и окружающей среды : учеб. пособие / В.И. Величковский. М.: Новая школа, 1997. - 240 с.

9. Игровые и рифмованные формы физических упражнений: сценки, игры-подражания, комплексы упражнений, стихотворения с движениями / Авт.-сост. С.А.Авилова, Т.В.Калинина. -Волгоград:Учитель,2008.-111 с.

10. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии .–М.,1989. –С.361–362.

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023 16:00, шаҳри Душанбе.

12. Приказ МЗ РФ «Об утверждении Инструкции по внедрению оздоровительных технологий» № 139 от 04. 04. 2003 г.

13. Эдвард де Боно. Использование латерального мышления. Москва, 2005. 55 с.

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ БЕҲДОШТИ САЛОМАТӢ ВА ТАФАККУРИ ТЕХНИКИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУҲИТИ ИҶТИМОӢ

Муаллиф оид ба технологияи беҳдошти саломатии хонандагон ва тафаккури физикӣ ибрози андеша намуда, зимни андешҳо муаллиф восита ва усулҳои асосии тибби муосирро ба илми физика алоқаманд намудааст. Ӯ қайд кардааст, ки алоқамандии фанни физика бо дигар илмҳо имкон медиҳад, ки дониши физикии хонандагон пурра гардида, тарғиби тарзи ҳаёти солим барои хонандагон фаҳмо, дастрас ва асоснок гардад. Роҷеъ ба технологияи беҳдошти саломатии хонандагон, яъне риояи гигиена; намудҳои фаъолияти дар таълим, давомнокӣ ва пайдарпаии фаълиятҳо, усулҳои фаъолгардонӣ, вақти фароғатӣ ва барқароршавӣ, ҳавасмандӣ, фазои равонӣ, омода кардани синфхонаи лабораторӣ, ҳолати мизу курсиҳо, тахтаи синф, асбобу анҷоми таълимӣ, ҳолати таъминоти барқ, тоза кардани боду ҳавои синфхона андешаҳои худро нигоштааст.

Дар мақола тафаккури физикӣ, ки ин ташаккули дарки физика ва муҳимтарин ҳадафи фанни физика дар замони муосир мебошад, вобаста ба қобилияти фаҳмиши сабаб ва ё механизми ҳодисаҳое, ки раванди онро муайян карда, аз нуқтаи назари моделсозӣ - сохтани модели физикии ҳодиса ба шумор меравад, пурра баён шудааст.

Калидвожаҳо: *таълим, физика, тафаккур, илм, дониш, ташаккул, саломатӣ, беҳдошт, технология, қобилият, хонандагон, омӯзгор, муосир, синф, усул.*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТЕХНОЛОГИЯ УЛУЧШЕНИЯ ЗДОРОВЬЯ И ТЕХНИЧЕСКОЕ МЫШЛЕНИЕ УЧАЩИХСЯ В СОЦИАЛЬНОЙ СРЕДЕ

Автор высказал свое мнение о технологиях улучшения здоровья учащихся и физического мышления, и в ходе своих размышлений автор связал основные средства и методы современной медицины с физической наукой. Он отметил, что связь дисциплины физики с другими науками позволит дополнить физические знания учащихся, сделать пропаганду здорового образа жизни понятной, доступной и обоснованной для учащихся. Внедрение технологии улучшения здоровья учащихся, а именно соблюдения гигиены; виды деятельности в обучении, непрерывности и последовательности занятий, методы активизации, досуг и восстановление, мотивация, умственное пространство, подготовка лабораторного класса, состояние столов и стульев, классная доска, учебные инструменты, состояние электрического питания, очистка ветра и воздуха в классе сохранили свои мысли.

Статья представляет собой физическое мышление, которое является формированием понимания физики и важнейшей целью дисциплины физики в наше время, полностью выражено в зависимости от способности понять причину или механизм событий, определяющих ее процесс, с точки зрения моделирования - построения физической модели явления.

Ключевые слова*: образование, физика, мышление, наука, знания, формирование, здоровье, улучшения, технология, способность, ученики, учитель, современность, класс, метод.*

USING TECHNOLOGY TO IMPROVE HEALTH AND TECHNICAL THINKING OF STUDENTS IN THE SOCIAL ENVIRONMENT

The author expressed his opinion on technologies for improving student health and physical thinking, and in the course of his reflections, the author linked the basic tools and methods of modern medicine with physical science. He noted that the connection of the discipline of physics with other sciences will complement the physical knowledge of students, make the promotion of a healthy lifestyle understandable, accessible and reasonable for students. The introduction of technology to improve the health of students, namely hygiene; types of learning activities, continuity and sequence of classes, methods of activation, leisure and recovery, motivation, mental space, preparation of the laboratory class, the condition of tables and chairs, blackboard, educational tools, the state of electric power, wind and air purification in the classroom have retained their thoughts.

The article represents physical thinking, which is the formation of an understanding of physics and the most important goal of the discipline of physics in our time, fully expressed depending on the ability to understand the cause or mechanism of events that determine its process, from the point of view of modeling - building a physical model of the phenomenon.

Keywords: *physics, education, thinking, science, knowledge, formation, health, well-being, technology, abilities, students, teacher, modern, class, method.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Сафаров М.С. - мудири лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.А.Адҳамов 11/2, E-mail: muhammadsattorovich @mail.ru. тел: +(992) 918 74 11 73.*

Сведения об авторе: *Сафаров М.С. - зав. научно-исследовательской лаборатории Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, город Душанбе, улица А.Адхамов 11/2. E-mail: muhammadsattorovich @mail.ru., тел: (992) 918 74 11 73.*

Information about the author: *Safarov M.S. - the head. research laboratory of the Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A.Adamov str., E-mail: muhammadsattorovich @mail.ru., mob: (992) 918 74 11 73.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Қодиров Бахтиёр Розиқович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои табиатшиносии филиали дар шаҳри Борисоглебски будаи Донишгоҳи давлатии Воронеж. E-mail: bakhtiyor_0663@mail.ru. Тел: +79515497964*

Сведения об авторе: *Кадиров Бахтиёр Розикович, доктор педагогических наук, профессор кафедры естественных наук филиала Воронежского государственного университета в г. Борисоглебске. Электронная почта: bakhtiyor_0663@mail.ru . Телефон: +79515497964*

Information about the author: *Kadirov Bakhtiyor Rozikovich, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Natural Sciences of the branch of Voronezh State University in Borisoglebsk. E-mail: bakhtiyor_0663@mail.ru. Phone: +79515497964*

УДК 378

ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ОМӮЗИШИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛӢ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

Шодиева Р. Р.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Математика амсилаҳои математикии равандҳои воқеиро меомӯзад, амсилаҳо бошанд, бо забони математикӣ тавсиф меёбанд. Пас, забони математикаро бояд омӯхт, то ки бо кумаки ӯ амсилаҳои мураккабтар сохтан имконазир гардад. Маҳорати сохтани амсилаҳои математикии равандҳои воқеӣ ва корбаст намудани онҳо – ҷузъи таркибии маданияти инсон маҳсуб ёфта, дар давраи ҳозираи воридшавии фаъоли математика ба соҳаҳои мухталифи дониш махсусан мубрам ва зарурӣ ҳисобида мешавад.

Дар шароити муосир донишҳо оид ба амсиласозии математикӣ арзиши умумифарҳангӣ ва умумитаҳсилотӣ доранд ва имконияти дар донишҷӯёни мактабҳои олӣ ташаккул додани тасаввурот оид ба нақши амсилаҳо ва амсиласозӣ на танҳо дар математика, балки дар физика, химия, биология, экология, георафия, иқтисодиёт ва ғ. фароҳам месозанд [1, с.5]. Амсилаи математикӣ дар фасли муодилаҳои дифференсиалии таҳлили математикӣ мафҳуми меҳаварӣ мебошад. Беҳуда нагуфтаанд, ки “Табиат дар забони муодилаҳои дифференсиалӣ гуфтугӯ мекунад”

Методистон тавсия медиҳанд, ки баёни назарияи нав аз масъалаҳои амалӣ, ки ин назарияро ба амал овардаанд, оғоз шуда, сипас соҳаҳои татбиқи онҳо шарҳ дода шаванд. Барои истифодаи ин тавсия фасли муодилаҳои дифференсиалӣ хеле мувофиқ мебошад.

Назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ дар соҳаҳои мухталифи илм татбиқи васеъ доранд. Раванди тағйирёбии фишори атмосферӣ вобаста аз баландии сатҳи уқёнус, раванди пошхурии радий, раванди тағйирёбии аҳолӣ, раванди хунукшавии ҷисм ва ғайраро бо воситаи муодилаҳои дифференсиалии одии тағйирёбандаҳояшон ҷудошаванда тавсиф додан мумкин аст [1, с.5].

Фасли муодилаҳои дифференсиалӣ дар ташаккули донишҳои бунёдии донишҷӯён нақши муҳим бозида, ҷаҳонбинии илмӣ ва маданияти математикии онҳоро таҳким мебахшад. Омӯзиши муодилаҳои дифференсиалӣ қобилияти донишҷӯёнро ҷиҳати дарк намудани моҳияти самти амалии таълими математика, азхудкунии методи амсиласозии математикӣ ва ҳамгиро намудани фанҳо ташаккул медиҳад.

Амсиласозии математикӣ – маҷмуи объектҳои математикӣ (ададҳо, символҳо, маҷмуъҳо ва ғ.) ва алоқаи байни онҳо мебошад, ки хусусиятҳои муҳими супориши таълимиро инъикос мекунанд [3, с.208].

Дар робита ба гуфтаҳои болоӣ ва ба назардошти нақши муҳими муодилаҳои дифференсиалӣ дар математика ва фанҳои табиӣ шинос намудани донишҷӯёни мактабҳои олӣ бо элементҳои назария ва татбиқи ин муодилаҳо басо муҳим арзёбӣ мегардад. Зарурат ва мувофиқи мақсад будани таълими тартиб додан ва ҳал кардани муодилаҳои дифференсиалӣ ба донишҷӯён ба миён меояд. Инчунин интихоб намудани масъалаҳое, ки ҳаваси донишҷӯёнро нисбати ҳал кардани онҳо, таҳлил ва муҳокимаи натиҷаҳои ҳосилшуда меафзоянд, низ муҳим арзёбӣ мегардад.

Ихтисосҳои математикӣ фасли муодилаҳои дифференсиалиро дар якчанд нимсола ба пуррагӣ меомӯзанд, зеро он барои омӯзиши дигар фанҳо зарур аст. Вале ихтисосҳои ғайриматематикӣ бо назарияи кӯтоҳи муодилаҳои дифференсиалӣ шинос карда мешаванд, ё умуман омӯзонида намешаванд. Дар муҳтавои фанни математикаи олӣ барои ихтисосҳои иқтисодӣ, техникӣ, гуманитарӣ ва ғ. мафҳуми муодилаҳои дифференсиалӣ, ҳалли умумӣ ва хусусии онҳо ба таври мухтасар омӯзонида мешаванд. Аксар вақт аз сабаби маҳдудии соати дарсӣ мафҳумҳо бе фаҳмонида додани самти амалии онҳо дохил карда мешаванд.

Маълумоти назариявии кӯтоҳи муодилаҳои дифференсиалӣ дар фанни математикаи олӣ чунин мавзуъҳоро ба монанди муодилаҳои дифференсиалии тартиби якуми тағйирёбандаҳояш ҷудошаванда, муодилаи дифференсиалии якҷинсаи тартиби як, муодилаи дифференсиалии хаттии тартиби як, муодилаи дифференсиалии хаттии тартиби ду, ёфтани ҳалли умумии муодилаи якҷинсаи тартиби ду, усулҳои ёфтани ҳалли хусусии муодилаи дифференсиалии хаттии тартиби дуро дар бар мегиранд.

Барномаи математикаи олӣ омӯзиши ҳамаи фаслҳои ҳисоби дифференсиалӣ ва интералиро дар бар мегирад ва имкон медиҳад, ки ба донишҷуён мунтазам элементҳои назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ ва бо воситаи онҳо ба амсиласозии математикии зуҳурот ва равандҳои воқеии ҳаёти ҳаррӯза омӯзонида шаванд.

Ҳамин тавр, таълими муодилаҳои дифференсиалӣ ба донишҷӯёни мактабҳои олӣ чунин вазифаҳоро дар бар мегирад:

– ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ;

– ташаккули дониш, маҳорат, малака, азҷумла маҳорати амалии математикӣ;

– ташаккули донишҳои бонизом оид ба методҳои муосири назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ, нақш ва мавқеи он дар низоми донишҳои математикӣ;

– ташаккули сатҳи баланди тафаккури абстрактӣ, математикӣ ва фазоӣ;

– ҳосил кардани таҷрибаи кофии фаъолияти математикӣ, ки амсиласозии равандҳои воқеӣ, коркарди дастгоҳи таҳқиқи амсилаҳои математикӣ, баргардонидани маводи илмиро ба таълимӣ имконазир мегардонад;

– ташаккули сатҳи баланди маданияти математикӣ, ҳисоббарорӣ ва алгоритмӣ, ки вобаста ба омӯзиши муодилаҳои дифференсиалӣ маҳорати интихоб намудани мазмуни асосӣ, сатҳи пуррагӣ ва мукаммалии баёнро тибқи мақсад ва вазифаҳои таълим дар бар мегирад;

– тарбияи шавқу ҳавас ба математика ва инкишофи қобилияти математикӣ;

– васеъ ва чуқур кардани мафҳумҳо вобаста ба муодилаҳои дифференсиалӣ ва ҳалли он.

Муҳтаво ва методикаи таълими маводи назариявии муодилаҳои дифференсиалӣ бояд ба муносибати фаъоли донишҷӯён такя намуда, фаъолияти фикриро фаъол созад, муодилаҳои дифференсиалиро ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои касбӣ муаррифӣ намояд ва алоқаи байни фанҳоро таъмин созад.

"Яке аз вазифаҳои худомӯзӣ ва тарбияи бакалаврҳо ҳангоми омӯзиши математикаи олӣ ташаккули шахсият мебошад. Худомӯзӣ бо тарбия дорои хусусиятҳои шабеҳ мебошанд. Ин раванди мақсадноки мулоҳизакоронаи рушди хислатҳои маънавӣ ва психологии шахсият мебошад. Дар алоқа бо ин, гуфтан мумкин аст, ки худомӯзии бакалаврҳо ҳангоми омӯзиши фанни математикаи олӣ – ин кори дарккардашуда аз болои худ мебошад, ки барои инкишофи чунин хислатҳои шахсият ба роҳ монда шудааст, ки ҷиҳати рушди муътадили тарбияе, ки ба талаботҳои ҷомеа ҷавобгӯянд, заруранд" [9, с.185].

Кори мустақилонаи донишҷӯён ҳангоми омӯзиши муодилаҳои дифференсиалӣ пеш аз ҳама омӯзиши маводи назариявӣ, ҳалли мисолу масъалаҳои инфиродӣ, азҷумла супоришҳои самти касбӣ-амалидошта ва эҷодӣ, кор бо дастурҳои таълимии электорониро дар бар мегирад.

Истифодаи маводи самти амалидошта дар раванди таълими муодилаҳои дифференсиалӣ машғулиятҳоро шавқовар намуда, барои инкишофи тахайюлот ва тафаккури донишҷӯён замина мегузорад, нишон медиҳад, ки муодилаҳои дифференсиалӣ воситаи омӯзиши ҳодисаҳои табиат бо ёрии амсилаҳои математикӣ мебошад.

Якчанд масъалаҳои физикӣ ва химиявиро мисол меорем, ки самти амалӣ дошта, бо ёрии муодилаҳои дифференсиалӣ ҳал карда мешаванд ва барои ташаккули салоҳияти амсиласозии донишҷӯён мусоидат менамоянд [6, с.80].

Масъалаи 1.

Тибқи таҷрибаҳо маълум аст, ки дар давоми сол аз ҳар як грамми радий 0,44 мг-и он мерезад. Баъд аз чанд сол 10%-и он мерезад?

Эзоҳ. Қонуни пошхӯрии радиоактивӣ, яъне миқдори моддаи радиоактивӣ, ки дар воҳиди вақт пош мехӯрад, ба миқдори ин моддаи дар ин лаҳзаи вақт мавҷуда мутаносиб аст. Пас, функсияи y(t), ки дар ин ҷо t- вақт, y(t)- массаи моддаи радиоактивӣ мебошад, ба қонуни $y'=ky$ (k- доимӣ) итоат мекунад.

Масъалаи 2.

Ҳарорати аввалаи ҷисм 100°C аст. Дар муддати 10 дақ. он то 40^0 C хунук мешавад. Ҳарорати ҳавои муҳит N^0 нигоҳ дшта мешавад. Дар кадом лаҳзаи вақт ҳарорати ҷисм то 30^0C хунук мешавад?

Эъзоҳ. Суръати гармшавӣ (ё хунукшавии) ҷисм ба фарқи ҳарорати ҷисм ва ҳарорати ҳавои муҳит мутаносиб аст. Пас, функсияи y(t), ки дар он y – ҳарорати ҷисм, t – вақт мебошад, ба қонуни $y'=k(h-y)$ итоат мекунад. Дар ин ҷо k – коэффитсиенти мубодилаи гармӣ, h(t)– ҳарорати ҳавои муҳит.

"Барои татбиқ кардани робитаи байнифаннӣ дар раванди таълими фанҳои математикӣ дар донишгоҳ, омезиши технологияҳои гуногуни педагогӣ, аз технологияи анъанавӣ то технологияи фаъол, лозим аст. Дар дарс дохил кардани робитаи байнифаннӣ дар шакли марҳилаи алоҳидаи он, ки дар он масъалаи иқтисодии маърифатӣ ҳал карда мешавад, тавсия дода мешавад. Ҳалли ин масъалҳо ҷалби донишро аз соҳаи иқтисодиёт талаб мекунад" [1, с.265].

"Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки насли наврас ба технологияҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳи зиёд дошта, афзалияти самараноки истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар ҳамаи самтҳо дарк намудааст. Насли навраси имрӯза муҳиммият ва афзалиятҳои технологияҳои иттилоотиро нисбат ба насли солҳои пеш даҳҳо маротиба зиёдтар дарк намудааст" [7, с.169].

Олим-математик А.Д. Мишкис ироа доштааст, ки пайдо ва паҳн шудани бастаи барномаҳои амалиро ба эътибор гирифта, вазнинии таълими математикаро ба самти

дарки моҳияти объектҳои математикии баррасишаванда, истифодаи масъалаҳои матнии самти амалидошта, ки амсилаҳои математикии омӯхташавандаро хуб муаррифӣ мекунанд, равона намудан лозим аст. Масъалаҳои хусусияти алгоритмидошта – ҳосила, интеграл, муодилаҳои дифференсиалӣ бояд сода ва аёнӣ бошанд. Талаботи асосӣ ба таълимгирандагон – сохта тавонистани амсилаи математикӣ, бигзор мураккаб набошад, ва таҳқиқ намудани он мебошад [8, с. 3].

Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар омӯзиши ҳамаи мавзуъҳои муодилаҳои дифференсиалӣ истифода шуда метавонанд, зеро онҳо бисёр зуҳуроти дар ҷаҳони воқеӣ баамалоянда ва воқеияти иҳотакунандаро тавсиф менамоянд. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар омӯзиши муодилаҳои дифференсиалӣ имкон медиҳад, ки шавқу ҳаваси донишҷӯёнро нисбати фан инкишоф дода, технологияҳои комютерӣ азхуд карда шаванд [4].

Бисёр масъалаҳои амалӣ ба ҳалли муодилаҳои оддии дифференсиалӣ ё системаи муодилаҳо оварда мешаванд. Барои баъзе муодилаҳои одии дифференсиалӣ, масалан, барои муодилаҳо ва системаҳо бо коэффитсиенти доимӣ, формулаҳои ёфтани ҳалли аниқро ёфтан мумкин аст. Элементҳои математикаи символии бастаи MATLAB, имкон медиҳад, ки намуди аналитикии ҳалли ин намуди муодилаҳо ёфта шаванд. Аммо агар функсияҳо канишдошта, шикаста, интегрониданашаванда бошанд, намуди аналитикии онҳоро ёфтан мушкилтар аст. Бинобар ин истифодаи методҳои тақрибӣ низ муҳим аст ва дар MATLAB алгоритмҳои зиёди ҳалли ададии муодилаҳои оддии дифференсиалӣ мавҷуд аст [5, с.1].

Аз нуқтаи назари методологӣ чунин таълим бояд самараноктар гардад, зеро дар таълими анъанавӣ муносибати инфиродӣ, суръати тез ва пайдарпайии азхудкунии маводи таълимиро таъмин кардан ғайриимкон аст.

Вале баъзе муҳаққиқон [8, с.136] чунин мешуморанд, ки: «Афзалияти омӯзиши фанни математика ва шавқи инкишофи ҷаҳонбинии донишҷӯён нисбати он бевосита ба усули таълиму тадриси математика вобаста аст. Ҳангоми омӯзиши ин фан бисёртар шаклҳо ва воситаҳои анъанавӣ – баёни маълумот оид ба воқеаҳо ва масъалаҳои шавқовар, дар хусуси далелҳои муайяни соҳаи математика истифода бурда мешавад». Қайд кардан бамаврид аст, ки заминаи методҳои анъанавии таълимро методҳои замонавии таълим ташаккул медиҳанд.

Хулосаҳо:

– омӯзиши муодилаҳои дифференсиалӣ нерӯи гуманитарии математикаро муайян намуда, ба ташаккули умумии донишҷӯёни мактабҳои олӣ мусоидат менамояд;

– дар омӯзиши фасли муодилаҳои дифференсиалӣ гузориши ин масъаларо ба донишҷӯён мукаммалтар фаҳмонидан лозим аст;

– дар ташкили шаклҳои кори таълимии донишҷӯён дар раванди омӯзиш бояд самти касбӣ ба назар гирифта шавад;

– дар мавриди иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён фасли муодилаҳои дифференсиалӣ интихоб карда шуда, имкониятҳои ин муодилаҳо таҳлил карда шаванд;

– имкониятҳои технологияҳои комютерӣ дар таълими муодилаҳои дифференсиалӣ самаранок истифода бурда шуда, дар ин самт ҳамкориҳо бо дигар кафедраҳои информатика ба роҳ монда шавад.

Барои намоиш додани самти васеи амалии муодилаҳои дифференсиалӣ таъминоти методии раванди таълими он дар намуди коркардҳо ва дастурҳои таълимию методӣ, маводҳои дидактикӣ ва ғ. лозим аст. Инчунин барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯён маводҳои электронӣ муҳим аст.

Дар раванди таълими муодилаҳои дифференсиалӣ ба донишҷӯён на танҳо усули аналитикӣ, балки сифатӣ, ададӣ ва тақрибии ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ, ки онҳо низ истифодаи васеъ доранд, хеле муҳимманд. Ба кафедраи фанҳои математикӣ коркард намудани тавсияҳои методӣ оид ба таълими назария ва амалияи фасли муодилаҳои дифференсиалӣ, ки истифодаи методи амсиласозии математикӣ-методи асосии математикии ҳалли масъалаҳои касбӣ ва амалиро дар бар мегирад, зарур аст.

АДАБИЁТ:

1. *Азимова, Н.С.* Моҳияти байнифаннии ташаккули салоҳиятнокии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии иқтисодӣ [Матн] / Н.С.Азимова // Паёми донишгоҳи миллӣ. – 2020. – №3. – С.264-270.
2. *Асланов, Р.М*. Методическая система обучения дифференциальным уравнениям в педвузе: автореф. дис. докт. пед. наук: 13.00.02 / Р.М. Асланов. – Москва, 1997. – 36 с.
3. *Восидов, Ш.Ю*. О проблеме математического моделирования учебных задач в высших учебных заведениях / Ш.Ю. Восидов, Х.Ш. Джураев, М. Нугмонов // Вестник национального университета. – 2018. – №8. – С. 208 – 213.
4. *Лобанова, Н. И.* К вопросу изучения дифференциальных уравнений в системе дополнительного образования. Математическое образование в школе и вузе: инновации в информационном пространстве: Материалы VIII международной научно-практической конференции (Казань, 17-21 октября 2018 г.), https: // dspace. kpfu. ru / xmlui / handle / net / 146598.
5. *Доля, П.Г.* Использование MATLAB. Решение дифференциальных уравнений [Электронный ресурс] / П.Г. Доля – Режим доступа: http: // docplayer. Ru / 34139081-Ispolzovaniematlab-reshenie differencialnyh-uravneniy.html#show_full_text.
6. *Нахман, А.Д*. Компетентностно-ориентированные задачи по математике [Электронный ресурс]: учебное пособие / А. Д. Нахман, С.В. Плотникова. – Тамбов: Изд-во ФГБОУ ВО «ТГТУ», 2016. – 111с.
7. *Саидзода, И.М*. Истифодаи самараноки MS EXCEL дар ҳалли масъалаҳои зинаи таҳсилоти умумӣ / И.М. Саидзода, А.И. Саидҷаҳфаров // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2023. – №1-(46). – С.169 – 178.
8. *Шодиён, М.С*. Оид ба масъалаи таърихи математика дар ташаккули дониши донишҷӯён / М.С. Шодиён, Ҷ.А. Абдулакимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – №1-1(51). – С.136 – 139.
9. *Қодиров, Б.Р*. Мирзоев Р.Р. Баъзе хусусиятҳои ҳавасмандгардонии худомӯзии фанни математикаи олӣ тибқи барномаи бакалаврият дар шароити низоми кредитии таҳсилот / Б.Р. Қодиров, Р.Р. Мирзоев // Паёми донишгоҳи миллӣ. – 2019. – №9. – С.184 – 189.

ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ОМӮЗИШИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛӢ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

Шодиева Раъно Раҳимовна

Дар мақола ҷанбаҳои педагогии таълими муодилаҳои дифференсиалӣ дар мактабҳои олӣ баррасӣ гардидааст. Мубрамии таҳқиқоти мазкур бо зарурати таълими донишҷӯён ҷиҳати ҳалли ҳолатҳои муаммоии амалӣ бо методҳои математикӣ, бахусус муодилаҳои дифференсиалӣ, шинос намудани онҳо бо методҳои муосири дарки муҳити атроф бо методҳои амсиласозии математикӣ, инчунин ҳаҷми ками соатҳои таълимӣ барои омӯзиши муодилаҳои дифференсиалӣ вобаста аст.

Муҳтаво ва методикаи таълими маводи назариявии муодилаҳои дифференсиалӣ бояд ба муносибати фаъоли донишҷӯён такя намуда, фаъолияти фикриро фаъол созад, муодилаҳои дифференсиалиро ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои касбӣ муаррифӣ намояд ва алоқаи байни фанҳоро таъмин созад.

Муаллифи мақола иброз медорад, ки бо назардошти нақши муҳимми муодилаҳои дифференсиалӣ дар математика ва фанҳои табиӣ шинос намудани донишҷӯёни мактабҳои олӣ бо элементҳои назария ва татбиқи ин муодилаҳо басо муҳим арзёбӣ мегардад. Зарурат ва мувофиқи мақсад будани таълими тартиб додан ва ҳал кардани муодилаҳои дифференсиалӣ ба донишҷӯён ба миён меояд. Инчунин интихоб намудани

масъалаҳое, ки ҳаваси донишҷӯёнро нисбати ҳал кардани онҳо, таҳлил ва муҳокимаи натиҷаҳои ҳосилшуда меафзоянд, низ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар мақола муаллиф тавсияҳои методиро ҷиҳати ташкили раванди таълими фасли муодилаҳои дифференсиалӣ аз фанни математикаи олӣ овардааст.

Калидвожаҳо: *амсилаҳои математикӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, маданияти математикӣ, дониш, маҳорат, малака, амсиласозии равандҳои воқеӣ, самти амалӣ, масъалаҳои амалӣ, технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ.*

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ИЗУЧЕНИЯ ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ В ВУЗЕ

Шодиева Раъно Раҳимовна

В статье рассматриваются педагогические аспекты преподавания дифференциальных уравнений в вузах. Важность данного исследования связана с необходимостью научить студентов решать проблемные задачи математическими методами, особенно дифференциальными уравнениями, ознакомить их с современными методами познания окружающей среды методами математического моделирования, а также недостаточным объемом учебных часов для изучение дифференциальных уравнений.

Содержание и методика преподавания теоретического материала дифференциальных уравнений должны быть основаны на активной позиции студентов, активизировать мыслительную деятельность, представлять дифференциальные уравнения как средство решения профессиональных задач, обеспечивать связь между дисциплинами.

Автор статьи утверждает, что, учитывая важную роль дифференциальных уравнений в математике и естественных науках, очень важно знакомить студентов вузов с элементами теории и применения этих уравнений. Возникает необходимость и целесообразность обучения студентов составлению и решению дифференциальных уравнений. Также важно выбирать задачи, которые повышают интерес студентов к их решению, анализу и обсуждению полученных результатов.

В статье автором представлены методические рекомендации по организации процесса обучения дифференциальным уравнениям в курсе высшей математики.

Ключевые слова: *математические модели, дифференциальные уравнения, научное мировоззрение, математическая культура, знания, умения, навыки, моделирование реальных процессов, практическая направленность, практические задачи, информационно-коммуникационные технологии.*

PEDAGOGICAL ASPECTS OF STUDYING DIFFERENTIAL EQUATIONS AT UNIVERSITY

Shodieva Rano Rakhimovna

The article discusses the pedagogical aspects of teaching differential equations in universities. The importance of this study is related to the need to teach students to solve problematic problems using mathematical methods, especially differential equations, to familiarize them with modern methods of understanding the environment using mathematical modeling methods, as well as the insufficient amount of training hours for studying differential equations.

The content and methodology of teaching theoretical material of differential equations should be based on the active position of students, intensify mental activity, present differential equations as a means of solving professional problems, and provide connections between disciplines.

The author of the article argues that, given the important role of differential equations in mathematics and natural sciences, it is very important to familiarize university students with the elements of the theory and application of these equations. There is a need and expediency for

teaching students how to compose and solve differential equations. It is also important to choose problems that increase students' interest in solving them, analyzing and discussing the results obtained.

In the article, the author presents methodological recommendations for organizing the process of teaching differential equations in a course of higher mathematics.

Key words: *mathematical models, differential equations, scientific worldview, mathematical culture, knowledge, skills, modeling of real processes, practical orientation, practical problems, information and communication technologies.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Шодиева Раъно Раҳимовна − Муассисаи таълимии Россия ва Тоҷикистон ба номи А.П. Чехов дар ш.Хуҷанд, унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров". Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: r.shodieva@mail.ru. Тел.: +99292992808.*

Сведения об авторе: *Шодиева Раъно Рахимовна – Российско-таджикская школа имени А. П. Чехова в городе Худжанде, соискатель кафедры методики обучения математики и информационной технологии ГОУ «Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова". Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр.Мавлонбекова 1. E-mail: r.shodieva@mail.ru. Тел.: +99292992808.*

Information about the author: *Shodieva Rano Rakhimovna − Russian-Tajik school named after A.P. Chekhov in the city of Khujand, applicant for the department of teaching methods of mathematics and information technology of the state educational institution "Khujand state university named after B. Gafurov". Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1. E-mail: r.shodieva@mail.ru. Tel.: +99292992808.*

ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ МАКТАББАЧАГОН ҲАМЧУН МУАММОИ МУҲИМИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР

Темирӣ М.И.
«ДДТ БА НОМИ АКАД.Б.ҒАФУРОВ»

Дар марҳилаи муосир вазъи кунунии иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо паст шудани нишондиҳандаҳои экологии муҳити зисти инсон робитаи зич дорад. Фаъолияти инсон дар қарни имрӯза дар сатҳи таъсири ӯ ба табиат қариб аст бо таъсири равандҳои табийи ҷаҳонӣ баробар гардад. Хавфу хатари бавуҷудомадаи тағйироти муҳити табиӣ таҳти таъсири фаъолияти антропогенӣ яке аз хусусиятҳои равшани давраи мо - дарки воқеияти бухрони амиқи экологиро муайян мекунад, ки сабаби асосии он паҳншавии арзишҳои хато мебошад, истисмору истифодаи нооқилонаи номаҳдуди муҳити табииро асоснок ва сафед мекунанд.

Бартарафкунии бӯҳрони экологӣ тариқи тағйир додани равону афкори иҷтимоӣ, баланд бардоштани арзишҳои экологӣ ба сатҳе, ки ба миқёс ва суръати дигаргуншавии вазъи экологии ҷаҳони муосир мувофиқ аст, имконпазир мебошад. Дурнамои ҳаллу фасли муаммоҳои экологӣ аз сатҳи фарҳанги экологии аҳолии сайёра вобаста аст.

Фарҳанг - яке аз мафҳумҳои сермаъно мебошад. Дар айни замон, коршиносон зиёда аз панҷсад таърифи онро ҳисоб кардаанд. Ин истилоҳ маротибаи аввал зиёда аз 2,5 ҳазор сол пеш зикр шуда будааст. Ба ақидаи Иванников, мафҳуми «фарҳанг» бори аввал дар адабиёт дар таълифоти файласуфи римӣ Сисерон «Мунозираҳои Тускулан» дар соли 45 пеш аз милод истифода шудааст [3]. Истилоҳи «фарҳанг» ба афкори иҷтимоии Аврупо дар нимаи дуюми асри XVIII ворид шуд. Он аз калимаи лотинии cultura – парвариш, тарбия, таълим, рушд, эҳтиром ба вуҷуд омадааст ва маънои роҳи махсуси ташкил ва инкишофи ҳаёти инсон, ки дар маҳсули меҳнати моддӣ ва маънавӣ, дар низоми меъёрҳо ва ниҳодҳои иҷтимоӣ, арзишҳои маънавӣ, дар муҷтамеи муносибати одамон ба табиат, байни худ ва ба худ муаррифӣ мешавад [8, с.615].

Дар ибтидо мафҳуми фарҳанг таъсири максадноки инсонро ба табиат, инчунин тарбия ва таълими худи инсонро дар назар дошт. Сершумор будани равишҳо нисбати тафсири мафҳуми истилоҳи «фарҳанг», гуногун тафсир шудани он то ба имрӯз идома дорад. Дарки муосири он фарҳангро ҳамчун фарқияти умумии фаъолияти ҳаётии инсон ва шаклҳои биологии ҳаёт, ҳамчун аломати сифатии фарқкунандаи шаклҳои мушаххаси таърихии ин фаъолиятро тафсир мекунад.

Фарҳанг, қабл аз ҳама, низоми арзишҳои ҷомеа аст. Аз нуқтаи назари аксиологӣ фарҳанг низоми арзишҳои асосии ҷомеа дар марҳилаи муайяни иникшофи таърихӣ маҳсуб мешавад.

М.С. Коган ду вазифаи асосии фарҳангро муайян кардааст:

- таъмини ҷомеа бо ҳамаи ашёҳои зарурӣ барои муқовимати бомуваффақияти ӯ бо табиат, рушди пай дар пай, мунтазам баланд бардоштани сатҳи он;

- таъмини ҷомеа бо ҳаракат, сайёр будан, маҳсулнокӣ, самаранокии тамоми механизмҳои он, такмили бефосила.

Зернизоми табиӣ-экологӣ мутобиқшавии ҷомеаро ба муҳити биофизикӣ тавассути таҳаввули он ифода менамояд. Таҳкурсии зернизоми мазкур фарҳанги истеҳсолоти моддӣ мебошад. Зернизоми ҷамъиятӣ-экологӣ ҳамчун зуҳуроти фарҳанги муносибатҳои байниҷамъиятӣ хизмат мекунад. Зернизоми танзими иҷтимоии фарҳанг ҳамкории муайяни шахсиятҳои зиёдеро бо муҳити зист бо ҳадафи қонеъ гардонидани талаботи онҳо ифода мекунад [7, с. 63-78].

Фарҳанги инсониро метавон ҳамчун ифодаи камолот ва инкишофи тамоми низоми сифатҳои шахсиятии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, ки дар фаъолияти инфиродӣ самаранок амалӣ мегардад, тавсиф додан мумкин аст. Фарҳанг натиҷаи инкишофи сифатии дониш, шавқмандӣ, эътиқод, меъёрҳои фаъолият ва рафтор, қобилият ва ҳиссиёти иҷтимоӣ мебошад. Вобаста ба ин, фарҳанги шахсият раванди ягонаи ҷамъоварии дониш, таҷриба ва татбиқи сифатии онҳо дар фаъолият ва рафтор мебошад. Фарҳанги шахсият ҳам ҳолат, ҳам натиҷа ва ҳам раванди истеҳсолии азхудкунӣ ва эҷоди арзишҳои иҷтимоӣ мебошад. Он инкишоф ва ҳамоҳангии тамоми ҷузъҳо ва ташаккули якҷояи онҳоро дар фаъолият пешбинӣ менамояд.

Фарҳанг дар заминаи ҷаҳонбинӣ ва рафтори инсон инкишоф ёфта, меъёри инсондӯстӣ дар инсон, хусусияти инкишофи инсонро ҳамчун махлуқи иҷтимоӣ ифода менамояд [6, с.267].

Ҷомеаи инсонӣ бо табиат робитаи ногусастанӣ дорад. Дар ин робита табиат ҳамчун шарти зарурӣ ва муҳимтарини инкишофи инсоният амал мекунад. «Дар ҳамоҳангӣ бо табиат зиндагӣ кардан» - ин мавқеи фалсафаи антиқа то ҳол ба маънои томаш дурусту саривақтӣ боқӣ мемонад. Инсон вазифаи пайванди байни ду намуди таҳаввул - табиӣ ва фарҳангиро иҷро менамояд. Фарҳанг тадриҷан объекти худро ба муносибат бо табиат мубаддал месозад, яъне фарҳанги фаъолияти экологии инсон ё фарҳанги экологӣ арзи ҳастӣ мекунад. Вазифаи он - арзёбии муносибати табиат ва инсонро ба зинаи нав бардошта, воридкунии дониш дар бораи муносибатҳои мазкур ба низоми арзишҳои фарҳангӣ аст. Бо сатҳи баланди фарҳанг танҳо ҷомеа ё шахсе тавсиф карда шуда метавонад, ки фаъолияти ӯ ба донистани қонунҳои ташаккули низомҳои экологӣ, донистани равандхо ва падидаҳои табиати зинда ва нақши инсон такя мекунад [4,с.131 -133].

Фарҳанги экологӣ ҷузъи таркибии фарҳанги умумӣ буда, ҳамоҳангсозии муносибатҳои байни одамон ва ҷаҳони атрофро дар бар мегирад. Фарҳанги экологӣ тамоми бахшҳои ҷомеаро дар заминаи умумӣ будани манфиатҳои давлат, ҷомеа ва соҳибкорӣ муттаҳид месозад.

Истилоҳи «фарҳанги экологӣ» дар осори илмӣ дар ибтидои солҳои 70-ум асри XX мустаъмал гардид. Яке аз аввалин муҳаққиқони муаммои фарҳанги экологӣ С.Д. Дерябо, Х. Вересов, Л.Н. Коган, И.Д. Зверев, А.Н. Захлебний, И.Т. Суравегина, Л.П. Печко, В.А.Левин ва диг. буданд. Муаммоҳои моҳият ва мундариҷаи фарҳанги экологӣ дар таълифоти А.Н. Боу, А. Гусейнова, И.Д. Лаптева, Е.В. Никонорова, И.Н. Пономарева, А.Б. Сахно, В.П. Тугаринов, С Янавичус ва диг. мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар пажӯҳишҳои муосир таърифҳои хеле гуногуни моҳияти ин мафҳум мавҷуданд. Ҳамзамон ҳамаи муҳаққиқон зарурати фарқ кардани фарҳанги экологии ҷомеа ва фарҳанги экологии шахсиятро эътироф намудаанд.

Равишҳои мухталиф нисбати омӯзиши фарҳанги экологӣ ҳамчун низоми арзишҳои инсонӣ имкони тафсирҳои гуногуни истилоҳи мазкурро фароҳам овардаанд, аз ҷумла:

- шуур, эътиқод, тарзи зиндагии экологӣ;
- ҷаҳонбинии экологӣ, дарки экологии ҷаҳон;
- рафтор ва фаъолияти экологӣ роҷеъ ба эҷоди арзишҳои моддию маънавӣ;
- дониши экологӣ ва забони илм;
- низоми арзишҳои ахлоқии экологӣ ва фарҳангӣ;
- истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва маҳсулоти он;
- муассиса ва ташкилотҳои экологии дорои самти илмӣ, педагогӣ, идоракунӣ, амалӣ;
- меъёр ва усулҳои мутаносиби ҳамкории ҷомеа ва муҳити зист;
- низоми муносибатҳои экологӣ-иҷтимоӣ дар ҷомеа.

Ҳамаи ҷузъҳои зикршуда фарҳанги экологиро ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги умумибашарии инсонӣ, ташаккулдиҳандаи ангезаҳои рафтори инсон, рушди маънавии ӯ, тарзи ҳаёти солим ва маърифати экологии ӯ муайян мекунанд.

Моҳияти фарҳанги экологии шахсият, ба фикри Б.Т.Лихачёв, метавон ҳамчун ягонагии табиии шуури аз ҷиҳати экологӣ инкишофёфта, ҳолатҳои эҳсосӣ-равонӣ ва фаъолияти аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаи ихтиёрии муқаррарӣ-амалӣ ҳисоб кард. Фарҳанги экологӣ бо моҳияти шахсият дар маҷмӯъ, бо ҷанбаҳо ва сифатҳои гуногуни он пайвастагии табиӣ дорад. Ҳамин тавр, масалан, фарҳанги фалсафӣ имкон медиҳад, ки инсон аз ҳадафи инсон ҳамчун маҳсули табиат ва ҷомеа огоҳ шавад ва онро дарк кунад; сиёсӣ - имкон медиҳад, ки мувозинати экологии фаъолияти иқтисодии инсон ва ҳолати табиат таъмин карда шавад; ҳуқуқӣ - инсонро дар доираи иҷозатдодашудаи қонунҳои ҳамкорӣ бо табиат нигоҳ медорад; эстетикӣ - барои дарки эҳсосии зебоӣ ва ҳамоҳангии табиат шароит фароҳам меорад; ҷисмонӣ - шахсро ба инкишофи самараноки нерӯи асосии табиии худ равона мекунад; маънавӣ – ба муносибати шахсият бо табиат илҳом мебахшад ва ғ. Фаъолияти муштараку ҳамкории ҳамаи фарҳангҳои дар боло зикршуда фарҳанги экологиро тавлид мекунад. [5].

Таҳлили баргузоршуда имкон дод, ки мафҳуми умумии фарҳанги экологии шахс дар шакли зерин тартиб дода шавад: фарҳанги экологии шахсият - ташаккули нави бисёрҷонибае мебошад, ки низоми донишҳои экологӣ, малакаҳои фаъолияти ҳифзи муҳити зист, арзишҳои экологӣ ва эҳсоси масъулиятро барои қарорҳои қабулшуда оиди муносибат бо табиатро дар бар мегирад.

Ҷузъҳои асосии фарҳанги экологии шахс донишҳои экологӣ, тафаккури экологӣ, рафтори аз ҷиҳати экологӣ дуруст ва эҳсоси муҳаббат ба табиат маҳсуб мешаванд [2, с.44].

Фарҳанги экологӣ – ин тавсифи умумишудаи сифатҳои шахсият буда, раванд ва натиҷаи ташаккули шуури экологии шахсро инъикос намуда, ягонагии устуворро байни маҷмӯи донишҳо, тасаввурот дар бораи табиат, муносибати эҳсоснок ва арзишӣ нисбати ӯ ва табиатро дар назар дорад, ягонагии малакаҳои мутобиқ, маҳорат ва ниёзҳои ҳамкориро бо он, ки дар заминаи ҳамоҳангсозии муносибатҳо дар низоми «табиат-инсон» асос меёбанд, дар назар дорад. Фарҳанги экологӣ – ин дониш дар бораи қонуният ва муносибатҳои асосии табиат ва ҷомеа, эҳсосоти шахсӣ, муносибати эҳсосӣ-арзишӣ ва фаъолиятӣ-амалӣ нисбати табиат, ҷомеа, ба воқеият мебошад. Он дар ҳамгироии се самт: шуури экологӣ, муносибати маънавӣ-эстетикӣ ва фаъолиятӣ-амалӣ ташаккул меёбад.

Дар натиҷаи омӯхтани нуқтаҳои дар илм мавҷудбуда мо ба чунин хулоса омадем, ки фарҳанги экологӣ - хусусияти интегралии шахсият буда, сохтори дорои унсурҳои зиёд мебошад. Ҳангоми равшанӣ андохтан ба моҳият ва ҷузъҳои асосии он нисбат ба хонандагони синфҳои самти табиатшиносӣ мо як қатор омилҳоро ба инобат гирифтем.

1. Ҳадафҳои асосии таҳсилоти самтнок таъмин намудани омӯзиши амиқи фанҳои алоҳидаи барномаи таҳсилоти пурраи умумӣ; васеъ намудани имкониятҳои иҷтимоишавии хонандагон, таъмини муттасиливу пайдарҳамии таълими умумӣ ва касбӣ, барои азхудкунии барномаҳои маълумоти олии касбӣ нисбатан самаранок омода кардани хатмкунандагони мактаб.

2. Таълими фанҳои самти табиатшиносӣ ҳамчун қисми таркибии таҳсилоти умумии асосӣ ва миёна барои ноил шудан ба ҳадафи умумии мактаб, аз худ намудани асосҳои фанҳои таълимӣ, ташаккули тафаккур ва қобилияти эҷодии хонандагон, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, ташаккул додани фарҳанги экологӣ саҳми арзандаи худро ворид мекунад.

Омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ дар синфҳои 10-11 бо самти табиатшиносии таълим бо мақсади омода намудани хонандагони ҳавасманд ва хонандагони болаёқат ба фаъолияти илмии касбӣ дар соҳаи мушаххас амалӣ карда мешавад. Самти табиатшиносии таълимро ҳамчунин марҳилаи ибтидоии омодакунии касбии мутахассисони соҳаи иктисодиёт, истеҳсолот, идоракунии истеҳсолот ва ғ. баррасӣ кардан мумкин аст.

3. Барои мутахассисони соҳаҳои зикршуда фарҳанги экологӣ ҳамчун хусусияти шахсии аз ҷиҳати касбӣ муҳим ва нишондиҳандаи маҳорати касбӣ дониста мешавад.

4. Фарҳанги экологии хонандагон дар самти табиатшиносӣ бояд на танҳо ҳамчун хислати шахсии шаҳрванд, балки ҳамчун замина, сатҳи ибтидоии фарҳанги экологии коршинос ташаккул ёбад.

Ҳамин тариқ, мо таърифи зерини консепсияи асосии тадқиқоти худро таҳия кардем:

Фарҳанги экологии хонандаи самти табиатшиносӣ - ин *тарбияи муҷтамеи шахсият мебошад, ки ҷузъи марказии он низоми арзишҳои экологӣ мебошад, ки шуури экологӣ, тафаккури экологӣ, рафтори экологӣ ва фаъолияти экологии хонандагонро муайян менамояд. Он заминаи ташаккули фарҳанги экологӣ ҳамчун сифати муҳими касбии мутахассис эътироф мешавад.*

Фарҳанги экологӣ ҳамчун сифати заминавии шахсият хусусиятҳои мураккаби сохторӣ ва ҷузъӣ дорад. Дар осори илмӣ маъмулан дар низоми фарҳанги экологӣ ду ҷанба ҷудо карда мешавад: моддӣ (тамоми шаклҳои ҳамкорӣ ва робитаи мутақобилаи ҷомеа ва табиат ва натиҷаҳои ин ҳамкорӣ) ва маънавӣ (донишҳои экологӣ, эътиқод, арзишҳо).

Равиши аксиологӣ барои муайян кардани фарҳанги экологӣ дар таълифоти Н.М.Верзилин, Н.Ф.Виноградова, Е.В.Гирусов, С.И.Глазачев, Н.С.Дежникова, А.Н.Захлебний, И.Д.Зверев, Б.Т.Лихачев, Н.М., Н.Мамедов, Н.И. Салеева-Симонова, И.Т.Суравегина ва д. баррасӣ гардидаанд. Дар осору таҳқиқоти муҳаққиқони зикршуда ҷузъҳои зерини фарҳанги экологиро тасниф шудааст: аксиологӣ, фаъолиятӣ, шахсиятӣ-эҷодӣ.

Ҷузъи аксиологии фарҳанги экологӣ ҳамчун қисми фарҳанги умумӣ бо маҷмӯи арзишҳои моддӣ ва маънавӣ ифода меёбад. Мундариҷаи фаъолияти ҳаётии инсон бо таваҷҷӯҳи шахс ба маърифат ва дарки арзишҳои умумибашарӣ муайян мешавад. Онҳо, аз як ҷониб, чун сифати объективии объект, ки новобаста аз шахс мавҷуд аст ва инчунин ба сифати танзимкунандаи фаъолияти ӯ, ки дар арзёбии худи шахс ҳамчун идеал, чизи дилхоҳ, беҳтарин зоҳир мешавад, баромад мекунанд. Аҳамияти дониш, одамон, ашё, арзишҳо, ҳадафҳо, воситаҳои фаъолият, сифатҳо ва муносибатҳо барои шахсият ченаки омодагии ахлоқӣ, эстетикӣ, ғоявӣ, зеҳнӣ, эҳсосӣ баромад мекунад, ки на танҳо омодагӣ ба омӯхтани он, балки тағйир додани олами ашёӣ, иҷтимоӣ ва олами ботинии ӯро ифода мекунад.

Фарҳанги экологӣ ҳамчун фарҳанги ваҳдати инсон ва табиат, ба таври мутаносиб ба ҳам пайвастани ниёзҳо ва эҳтиёҷоти иҷтимоии одамон бо мавҷудияти муқаррарӣ ва инкишофи худи табиат баромад мекунад. Вобаста ба зарурати ҳаётан муҳими дарки масъулияти иҷтимоӣ ва маънавии шахс барои вазъи муҳити зист ҷанбаи ахлоқӣ дар дарк намудани моҳияти фарҳанги экологӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанги умумии шахсият ба таври равшану возеҳ намоён мегардад. Он, қабл аз ҳама, ба муносибати арзишманди шахс нисбати падидаҳои олами атроф такя мекунад. Агар дигар гуна гӯем, фарҳанги экологӣ сатҳи шуури фард мебошад, ки ҳам тафаккур ва ҳам тамоми фаъолияти инсонро дар заминаи қабул шудани арзиши мутлақи ҳаёт аз ҷониби ӯ идора мекунад.

Шахсияти аз ҷиҳати экологӣ бофарҳангӣ бояд соҳиби тафаккури экологӣ бошад, яъне қобилияти дуруст таҳлил ва муайян кардани робитаҳои сабабу оқибати мушкилоти экологӣ ва пешгӯии оқибатҳои экологии фаъолияти инсонро дошта бошад.

Рафтори экологии шахс дар ҳаёти маишии ҳаррӯза, дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ, дар вақти рухсатӣ ва ғ. бояд аз ҷиҳати экологӣ асоснок ва мутаносиб бошад. Рафтори шахси аз ҷиҳати экологӣ фарҳангӣ эҳсоснокӣ, боақлӣ ва шуурнокиро дар бар мегирад.

Шахси аз ҷиҳати экологӣ бофарҳанг ҳангоми омӯзиши табиат ва муошират бо он тавассути эҳсосоти худ (вақд, ҳайрат, хурсандӣ, тааҷҷуб, хашм, ғазаб, дилсӯзӣ ва ғ.) муносибати худро ба он эҳсос мекунад ва кӯшиш мекунад, ки табиати ваҳширо ҳифз намояд ва бо ин ба олами табиат эҳсоси муҳаббату ғамхориро зоҳир намояд.

Эҳсоси муҳаббат ба табиат тавассути дарки олами табиат ташаккул меёбад, ки сатҳи эстетикии дарки табиатро дар бар мегирад; вокуниш ба зуҳуроти ҳаётан муҳими объектҳои табиӣ; кашфи эстетикии табиат; дониши олами табиат бо коркарди иттилооти гирифташуда; муносибатҳои амалӣ бо олами табиат. Шахсияте, ки тамоми ҷузъҳои фарҳанги экологиро дорад, ҳангоми муошират бо табиат метавонад ба дарки он баҳои равонӣ ва эмотсионалӣ диҳад ва дар худ ҳиссиёти муайянеро нисбати олами табиат (мусбат, манфӣ, бетараф) бедор намояд ва ҳамин тавр, дар хуж эҳсоси муҳаббатро нисбати табиат тарбия намояд. Барои он, ки дар шахсияти аз ҷиҳати экологӣ бофарҳанг нисбати олами табиат эҳсосоти муайян пайдо шавад, ба ӯ ҳам таъсиру вокуниши ҳам манфии (омилҳои) табиии табиат, ҳам мусбӣ зарур аст.

Бо назардошти зикршуда мо чунин ҷузъҳои асосии фарҳанги экологии хонандагонро дар самти табиатшиносӣ муайян намудем: *ҳавасмандӣ, аксиологӣ, маърифатӣ (шуур ва тафаккури экологӣ), фаъолиятӣ*.

Ҷузъи ҳавасмандкунанда муносибати шахсро ба муҳити табиӣ, ки ба низоми ангезаҳои бартаридоштаи фаъолият ва рафтор ҳамгироӣ шудааст, эътиқодро ба зарурати ҳифзи муҳити табиӣ ҳамчун муҳимтарин арзиши умумибашарӣ; таваҷҷӯҳи зиёд ба масоили экологӣ; дарк намудани мансубияти шахсӣ дар ҳалли муаммоҳои муносибатҳои байни одам ва табиат. Ҷузъи зикршуда муносибати мусбати шахсро нисбати фаъолияти экологӣ, шавқмандӣ завқ, хоҳишу майл дар ҳалли мушкилоти экологӣ, ноил шудан ба мутаносибгардонии муносибати байни инсон ва табиат тавсиф медиҳад.

Шуури экологӣ дар шакли низоми донишҳои илмии экологӣ, дониш дар бораи рӯйдоду падидаҳои олами атроф, арзишмандии онҳо барои инсон; низомҳои меъёру қоидаҳо нисбат ба табиат падид мешавад. Мундариҷаи донишҳои экологӣ тавассути ақидаҳои пешбарандаи зерин: инкишоф ва ягонагии табиат дар ҳаёт, робитаи мутақобилаи таърихи ҷомеа ва табиат, таҳаввули табиат дар раванди меҳнат, таъсири муҳити зист ба саломатии инсон, мутаносибгардонии ҳамкории байни инсон, ҷомеа ва табиат муайян карда мешавад. Низоми донишҳои шахсият - таҳкурсии ташаккули малакаҳои экологии ӯ аст, ки омодагиро ба амалигардонии фаъолияти экологӣ, омодагиро ба амалҳои бошууронаи экологӣ инъикос мекунад.

Тафаккури экологӣ малакаи саҳеҳи таҳлил ва муқаррар намудани робитаи сабабу оқибат дар муаммоҳои экологӣ ва пешгӯии оқибатҳои экологии фаъолияти инсон мебошад.

Ҷузъи аксиологӣ бо арзишҳо-ҳадафҳо - арзиши мутлақи ҳаёти инсон ва ҳама чизе, ки ӯро иҳота мекунад, саломатӣ, инкишофи устувору бомароми инсон ва табиат, татбиқи қобилиятҳои шахсият, худтакмилдиҳӣ ва ғайра ифода меёбад; арзишҳо-воситаҳо – донишҳо, малакаҳои экологӣ, тарзҳои безарар, бидуни хисороти зиндагӣ ва рафтор, эҷод, муносибат ба инсон ва табиат ҳамчун ҷузъҳои ба ҳам тавъаму пайваст ва ба ҳам вобастаи муҳити зист; арзишҳо-сифатҳо - меҳрубонӣ, масъулиятшиносӣ, маҳдудкунии шахсӣ ва ғайра муаррифӣ мешавад.

Ҷузъи фаъолиятии фарҳанги экологӣ бо тарзҳои махсуси ҳаёт ва рафтор дар раванди ҳалли масоили мухталифи ҳамкории мутақобила бо муҳити зист ифода меёбад [1].

Ҳамин тавр, хусусияти зарурии фаъолияти экологӣ моҳияти безарар, созандаи муносибат бо муҳити зист ба манфиати ҳифз ва инкишофи устувори табиат ва ҷомеа, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои табиӣ мебошад.

АДАБИЁТ:

1. *Асафова, Е.В*. Развитие экологической культуры в процессе переподготовки конкурентноспособного специалиста [Текст]: / Е. В. Асафо- ва//Саморазвитие и самообразование. - 2006.-№1 - с.72.

2. *Водзинская, В.В*. Понятие установки, отношения и ценностной ориентации в социологическом исследовании [Текст]: Науч.докл.высш.школы. Философ.науки. - М., 1968, №2. - С.48-54.

3. *Гайсин, И.Т.* Эколого-нравственное воспитание учащихся [Текст] /И.Т. Гайсин. - Казань: Изд-во КГПУ, 1996.- 165 с.

4. *Кучер, Т.В*. Эколого-экономический аспект формирования ответственного отношения учащихся к окружающей среде [Текст]: //Экология и культура.- Красноярск, 1991.-с. 131-133.

5. *Лихачев, Б.Т*. Педагогика. Курс лекций: учеб. пособие для студентов пед. учеб. заведений и слушателей ИПК и ФПК / Б. Т. Лихачев. — М.: Прометей, Юрайт, 1998. — 464 с.

6. *Марканян, Э.С.* Теория культуры и современная наука (логико - методологический анализ),-М.: Мысль, 1983.с-284.

7. *Мухутдинова, Т.З*. Формирование и развитие региональной системы непрерывного экологического образования специалиста. - Казань: Издат. КГУ, 2003.- 352 с.

8. Философский энциклопедический словарь [Текст] - М., 1989. - 615с.

9. Экологическое и биологическое образование: методология, теория и методика обучения [Текст]: Материалы Науч.-практ. конф. / [Науч. ред. Н.Д. Андреева] СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена, 2002.

10. Экологическое образование школьников [Текст]: /Под ред. И. Д. Зверева, И.Т. Суравегиной; Научно-исслед. ин-т содержания и методов обучения АПН СССР.- М.: Педагогика, 1983.- 160 с.

ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ МАКТАББАЧАГОН ҲАМЧУН МУАММОИ МУҲИМИ ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР

Темирӣ Муаззама Илҳомзода

Дар мақола баъзе масъалаҳои фарҳанги экологии мактаббачагон ҳамчун муаммои муҳими педагогикаи муосир баррасӣ гардидааст.Қайд шудааст, ки хавфу хатари бавуҷудомадаи тағйироти муҳити табиӣ таҳти таъсири фаъолияти антропогенӣ яке аз хусусиятҳои равшани давраи мо - дарки воқеияти буҳрони амиқи экологиро муайян мекунад, ки сабаби асосии он паҳншавии арзишҳои хато мебошад, истисмору истифодаи нооқилонаи номаҳдуди муҳити табииро асоснок ва сафед мекунанд. Бартарафкунии бӯҳрони экологӣ тариқи тағйир додани равону афкори иҷтимоӣ, баланд бардоштани арзишҳои экологӣ ба сатҳе, ки ба миқёс ва суръати дигаргуншавии вазъи экологии ҷаҳони муосир мувофиқ аст, имконпазир мебошад. Дурнамои ҳаллу фасли муаммоҳои экологӣ аз сатҳи фарҳанги экологии аҳолии сайёра вобаста аст. Хулоса шудааст, ки хусусияти зарурии фаъолияти экологӣ моҳияти безарар, созандаи муносибат бо муҳити зист ба манфиати ҳифз ва инкишофи устувори табиат ва ҷомеа, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои табиӣ мебошад.

Калидвожаҳо: *фарҳанги экологӣ, ҳавасмандӣ, аксиологӣ, маърифатӣ, фаъолият, омузгор, мактаббачагон, тарбия, ташаккул, ҳифзи муҳити зист*

ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ КУЛЬТУРА ШКОЛЬНИКОВ КАК ВАЖНАЯ ПРОБЛЕМА СОВРЕМЕННОЙ ПЕДАГОГИКИ

Темири Муаззама Илҳомзода

В статье рассматриваются вопросы экологической культуры школьников как важная проблема современной педагогики. Отмечается, что возникшая опасность изменений природной среды под воздействием антропогенной деятельности определяет

одну из особенностей нашей эпохи - осознание реальности глубокого экологического кризиса, наиболее существенной причиной которого является распространение ошибочных ценностей, оправдывающих неограниченную эксплуатацию природной среды. Преодоление экологического кризиса возможно посредством изменения общественной психологии, поднятия экологических ценностей на уровень, соответствующий масштабам и скорости изменения экологической ситуации в современном мире. Перспективы разрешения экологических проблем зависят от уровня экологической культуры населения планеты. Сделан вывод о том, что необходимой характеристикой экологической деятельности выступают безущербный, преобразующий характер взаимодействия с окружающей средой в интересах сохранения и устойчивого развития природы и общества, охрана окружающей среды и рациональное природопользование.

Ключевые слова: экологическая культура**,** *мотивационный, аксиологический, когнитивный, деятельностный, учитель, школьник, воспитание, формирование, охрана окружающей среды*

ECOLOGICAL CULTURE OF SCHOOLCHILDREN AS AN IMPORTANT PROBLEM OF MODERN PEDAGOGY

Temiri Muazzama Iljomzoda

The article examines the issues of environmental culture of schoolchildren as an important problem of modern pedagogy. It is noted that the emerging danger of changes in the natural environment under the influence of anthropogenic activities determines one of the features of our era - the awareness of the reality of a deep ecological crisis, the most significant reason for which is the spread of erroneous values that justify the unlimited exploitation of the natural environment. Overcoming the environmental crisis is possible through changing social psychology, raising environmental values to a level corresponding to the scale and speed of change in the environmental situation in the modern world. The prospects for resolving environmental problems depend on the level of environmental culture of the planet's population. It is concluded that the necessary characteristics of environmental activities are the harmless, transformative nature of interaction with the environment in the interests of conservation and sustainable development of nature and society, environmental protection and rational use of natural resources.

Key words: *environmental culture, motivational, axiological, cognitive, activity-based, teacher, schoolchild, education, formation, environmental protection*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Темирӣ Муаззама Илҳомзода –унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».735700. ш.Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1. Тел.+992-92-866-11-77.*

Сведения об авторе: *Темири Муаззама Илҳомзода – соискатель общеуниверситетской кафедры общей педагогики ГОУ «ХГУ имени академика Бабаджана Гафурова». 735700. г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1. Тел.+992-92-866-11-77.*

Information about the author: *Temiri Muazzama Iljomzoda – applicant for the university department of general pedagogy of the State Educational Institution "KhSU named after Academician Babajan Gafurov". 735700. Khujand, Mavlonbekov Ave. 1. Tel. +992-92-866-11-77.*

МАВҚЕИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Зиёвиддинзода З.З.

Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Дар бораи тарзи ҳалли масъалаҳо чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз корҳои татқиқотии зиёде мавҷуданд. Муаллифони ин корҳо намунаҳои тайёри масъалаҳоро меоранд, гузориш ва чӣ тавр ба даст овардани ҳалли масъала, ки ба фикри мо яке аз проблемаҳои муҳим ба шумор меравад, аз мадди назари онҳо берун мондааст.

Ҳаёти одам хеле аҷиб ва гуногунранг аст. Чӣ қадаре, ки ҷаҳонӣ ботинии одам мураккаб, васеъ ва ҳаматарафа инкишофёфта бошад, ҳамон қадар ӯ ба муҳити атрофаш ва бо вобастагиҳои зиёди алоқаманд мешавад, дар назди хиради ӯ боз ҳамон қадар проблемаҳои бисёре пайдо мегардад ва бо ин ӯ кашфиётеро ба ҷо меоварад, ки маҳсули эҷодӣ ӯ ҳисоб мешавад.

Қисми асосии эҷодиёт ва маҳсули фикрии одам ба ҳалли масъалаҳо алоқаманд аст. Фикри ӯ ба ягон мақсадравона карда мешавад, вай тарз ва воситаҳои ба даст оварда шудани мақсадҳои пеш гузошташударо меҷӯяд. Фақат одам ба ҳал кардани масъала қодир аст, аз ин сабаб масъалаҳо дар ҳаёти одам роли калон мебозанд.

Масъалаҳое, ки ҳар фард дар назди худ мегузорад ва инчунин он масъалаҳое, ки дар назди ӯ дигарон ва ҳаёт мегузорад, тафаккури эҷодии ӯро муташаккил ва самт медиҳанд. Бинобар ин омӯзиши масъалаҳо роли басо муҳим мебозанд ва нишон додани фанне, ки дар он масъалаҳо истифода бурда мешаванд, кори чандон осон нест. Аз ин ҷо актуалнокии мавзӯъ пеши назар меояд. Дар замони ҳозира омӯзиш «бо масъалаҳо» тамоми протсесси таълимро дар бар гирифта методи ҳалли масъалаҳо дар бисёр фанҳо чун воситаи асоси хизмат мекунанд. Агар сухан аз масъалаҳо равад, дар навбати аввал ба функсияҳои хизматии онҳо ишорат мекунанд, яъне бо гузориши проблемаҳо, дохил кардани мафҳумҳои нав, такрор ва мустаҳкамкунии мавзӯъҳои омӯхта шаванда, тафтиш намудани дараҷаи аз худкунӣ, дар амалия татбиқ намудани донишҳои омӯхташаванда ва ғайраю ҳоказо. [4]

Дар ҷараёни кор агар мо имкониятҳои татбиқи усулҳои омӯзиши ҳали масъалаҳои матниро дар таълими математика муайян карда, методикаи истифодаи онҳоро таҳия намоем, ин ҳалли мушкилоти ташаккули шахсияти эҷодии хонандаро ба таври назаррас осон мекунад ва сатҳи дониш ва малакаи математикии ӯ афзоиш меёбад.

Донишҳои математикӣ аз тарафи мактаббачагон аз рӯи системаи муайян ва мувофиқ ба фаҳмиши онҳо аз худ карда мешавад. Дар ҳолати бошуурона аз худ намудани донишҳои математикӣ хонанда амалиётҳои асосии тафаккур: таҳлил, таркиб, муқоисакунӣ, абстраксия, мушаххасгардонӣ ва ҷамъбасткуниро дар намудҳои барояш дастрас буда истифода мебарад: хонандагон хулосаҳои индуктивӣ мебароранд, муҳокимаронии дедуктивӣ мекунанд.

Таҳлил ва таркиби амалиётҳои бо ҳам алоқаманди тафаккур мебошанд ва ба таври доимӣ ва чӣ дар вақти омӯзонидани элементҳои назарияҳои математикӣ ва чӣ ҳангоми ҳал намудани эмисолу масъалаҳо аз тарафи муаллим дар ҷараёни таълим истифода бурда мешавад.

Дар вақти омӯзонидани кадом боби математика, ки набошад, ба амалиётҳои таҳлилу таркиб такя кардан лозим меояд.

Таҳлил ва таркиб ҳамчун амалиётҳои бо ҳам алоқаманд дар ҳалли масъалаҳои арифметикӣ низ татбиқи худро меёбанд. Барои ҳал намудани ҳатто масъалаҳои сода, масалан бо як амалиёти иҷрошаванда низ хонандагон таҳлил ва таркибро истифода мебаранд. Бигузор хонанда чунин масъаларо ҳал намояд:

Аз як ҷӯяк 5 сабзӣ ва аз ҷӯяки дигар 4 сабзи канда гирифта шуд. Аз ду ҷӯяк ҳамагӣ чанд сабзӣ канда гирифта шуд? Хонанда бо роҳбарии муаллим аввал мазмуни масъаларо, ки онро ба рақамҳои ададӣ ҷудо карда (5 сабзӣ ва 4 сабзӣ) шарти онро аз ҷӯяки якум ва дуюм канда гирифт ва саволи аз ду ҷӯяк чанд сабзиро канда гирифтаро таҳлил менамояд. Дар бораи саволҳои дар масъала буда фикр карда хонанда ба назар мегирад, ки калимаҳои аз ду ҷӯяк канда гирифта шуда, маънои онро дорад, ки сабзиҳо аз як ҷӯяк ва боз ҷӯяки дигар канда гирифта шудаанд: пуррагии умумӣ ва яклухтии

сабзиҳои канда гирифташуда ба қисмҳо ҷудо карда мешавад. Адади 5 ва 4 сабзиро истода, хонанда онҳоро фикран мувофиқ ба саволи масъала якҷоя мекунад.

Бо ин усул интихоби амалиёти ҷамъкунӣ асоснок карда мешавад, то ин ки ба саволи масъала ҷавоб гардонида шавад. Дар вақти ҳалли масъалаҳои сертаркибаи арифметикӣ истифода бурдани таҳлилу таркибҳои мураккаб гардонида шударо истифода бурдан лозим меояд, вале моҳияти умумиашон якхела аст. Ҳамин тавр ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки дар ташаккулдиҳии тафаккури мантиқии математикӣ методҳои индуктивию дедуктивӣ дар алоқамандӣ бо методҳои таълимии фаҳмондадиҳӣ айёнӣ ва амалӣ роли асосӣ мебозанд. Дар ҷараёни таълими курси математика чӣ бо мақсади донишдиҳӣ ва чӣ бо мақсади тараққӣ додани тафаккури мантиқӣ – математики хонандагон амалиёти тафаккур ё худ усули таълимӣ муқоисакунӣ яъне муайян намудани нишонаҳои умумӣ ва фарқкунандаҳои омӯхташуда дар ҳал кардани мисолу масъалаҳои арифметикӣ истифода бурда мешавад. Далелҳои математикӣ барои муайян намудани умумият ва фардият имкониятҳои калон медиҳанд, то ин ки онҳо ҳангоми ҷамъбасткунию хулосабарорӣ истифода бурда шаванд. Усули муқоисакунӣ дар вақти ҳал кардани масъалаҳо васеъ истифода бурда мешавад. [7]

Хонандагон зери роҳбарии муаллим масъалаҳоро муқоиса менамоянд, дар масъалаҳо ададҳои якхела ҷой доранд.

Ин тарзи муҳокимаронӣ бевосита ба ташаккули тафаккури мантиқии математикии хонандагон ёрӣ мерасонад. Баъд аз ҳал кардани ҳар як масъала хонандагон муқоиса менамоянд, ки ин ё он масъала бо кадом шарт ҳал карда мешавад: яке бо тарзи ҷамъкунӣ, дигаре бо роҳи зарбкунӣ, сипас тарзҳои ҳалли масъалаҳо аз рӯи фарқияти шартҳои он муқоиса карда мешавад. Чунин муқоисакунӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки моҳияти ифодаҳои якчанд воҳид зиёд аст, чанд баробар зиёд аст ва алоқаи байни шартҳои ҳар як масъаларо устувор гардонад.

Ҳамин тариқ маълум мегардад, ки муқоиса ба ифодаи методҳои аналитикӣ ва синтетикӣ асос ёфтааст: ҳар як масъаларо бо элементҳои онро ташкил дода ҷудо кардан лозим ва фарқиятҳои асосиро муайян кардан зарур меояд. Муайян намудани баъзе хусусиятҳо ё нишонаҳои умумии предметҳо ва ҳодисаҳо барои аз рӯи аналогия (ҳам монанд) муайян намудани монандӣ боз ҳам гуногунтарафию васеъгии байни онҳо ҳамчун асос хизмат мекунад.

Мисол, баъди омӯхтани қоидаҳои ҷамъу тарҳи ададҳои серақама хонандагон аз рӯи аналогия ин қоидаҳоро ҷамъу тарҳи ададҳои бисёррақама низ истифода мекунанд. Дар ин ҷо асос монанди амалиётҳои иҷрошаванда ва монанди таркиби даҳиҳои ҷамъшаванда мебошад.

Ҳангоми ба хонандагон фаҳмонидани амали тарҳ барои онҳо навъи ҳал кардани масъалаҳоро ба истифодабарии ададҳои бисёрррақама усули аналогия истифода бурда мешавад. Муаллим ба хонандагон супориш медиҳад, ки масъалаи монандро, ки аз ададҳои на он қадар калон иборат аст ва ҳатто тарҳкуниро даҳонӣ иҷро кардан мумкин аст, ҳал намоянд. Вале дар назар доштан лозим аст, ки натиҷаи бо ёрии аналогия ҳосил шуда на ҳама вақт дуруст аст ва санҷиши иловагиро талаб мекунад. Хонандагон аналогияро истифода карда на ахма вақт хулосаҳои дуруст мебароранд. Бинобар ин ба муаллим лозим меояд, ки дар бораи аналогияро нодуруст истифода бурдани хонандагон диққат диҳад. [7]

Анҷоми чунин вазифаҳо кӯдаконро водор мекунад, ки дар байни унсурҳои маҷмӯа мувофиқати арзишӣ ба роҳ монанд, ки ин дар ташаккули мафҳуми ададҳои натуралӣ муҳим аст.

Он ба маводи мавзӯии методҳои педагогӣ асос ёфтааст, ки дар маҷмуъсозӣ истифода мешаванд ва дар навбати худ ҳамчун дастур дар рушди методҳо хидмат мекунад. Методологияи математикӣ бо психологияи педагогӣ ва психологияи ҷавонон

алоқаманд аст. Дар ҳалли бисёр масъалаҳои тарбия ва таълим дониши зиёди психологияи педагогӣ ва психологияи ҷавононро истифода бурдан лозим аст.

Психологияи ҷавонон қонунҳои ташаккули симои маънавии шахсро дар зери таъсири таълим, хусусиятҳои психологии кӯдакони синну соли гуногун, инчунин қонунҳои психологии дониш ва малакаи кӯдакон, инкишофи мустақилият ва эҷодкории онҳо, қонунҳои рушди шахсӣ.

Усулҳои дигари таълим бо усулҳои забони модарӣ, табиатшиносӣ, расмкашӣ, коктейлҳо ва илмҳои дигар алоқаманданд. Барои ба ҳам пайвастани робитаҳои байнисоҳавӣ инро ба назар гирифтани муаллим муҳим аст.

Дар синфҳои болоӣ ба роҳ мондани робитаҳои байнисоҳавӣ мушкилтар аст, зеро ҳар як фанро муаллими мушаххас таълим медиҳад.

Дар синфҳои ибтидоӣ чунин нест. Ҳама фанҳоро як муаллим таълим медиҳад ва аз ин рӯ, вай имкон дорад, ки робитаҳои байнисоҳавӣ барқарор кунад.

Ғайр аз ин, дар протсесси ҳал кардани масъалаҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ мо талабагонро бо бузургиҳои геометрию физикӣ (масалан: дарозии порча ва масофаи роҳи тайкардашуда, масоҳат ва ҳаҷми баъзе ҷисмҳои геометрию физикӣ, вазн, вақт, сурат ва ғ) шинос менамоем, дар бораи методҳои элементрии тасвиркунии бузургиҳои гуногун ва вобастагии байни онҳо маълумотҳои содатаринро медиҳем (диаграммаҳо, графикҳо ва тартибдиҳии ҷадвалҳои гуногуни қиматҳои бузургиҳо амсоли инҳоянд) навиштани формулаҳои ададии баъзе масъалаҳоро меомӯзонем, қоида ва баъзе қонунҳои математикиро бо ифодаҳои ҳарфӣ менависонем, чунончӣ: қонуни «аз ҷойивазкунии компонентҳо ҳосили ҷамъ ё ҳосили зарб тағйир намеёбад» бо ифодаҳои ҳарфии $a + в = в + a$ ва $a \cdot в = в \cdot a$ ишорат карда мешаванд.[6]

Ба ҳама маълум аст, ки масъалаҳалкунӣ барои ҳосил намудан ва мустаҳкам кардани як қатор малакаҳо, қонунҳо ва ҷумлаҳои математикӣ дар курси математика омӯхташаванда низ роли басо муҳим мебозанд. Ҳамаи ин гуфтаҳо ба он шаҳодат медиҳад, ки масъалаҳои курси мактабии математика ҳам барои омӯхтани худи ин предмет ва предметҳои дигари мактабӣ ва ҳам барои мустаҳкам намудани донишҳои ҳосил карда шуда нақши хеле муҳимро мебозидаанд. Ин нақшҳои муҳим фақат ба масъалаҳои математикӣ мансуб набуда, балки ба масъалаҳои (алгебра, геометрия ва тригонометрия) низ тааллуқ доранд. Дар айни ҳол роли масъалаҳои курси мактабии математика бо ҳамин маҳдуд намешаванд. Онҳо барои дар талабагон тарбия кардани як қатор хислатҳои неки барои аҳли ҷомеа зарур хизмати калонеро ба ҷо меоранд. Ба чунин хислатҳо дар навбати аввал такомулдиҳии ҳиссиёти ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дохил мегарданд. Ин хислатҳоро дар мактаб бо ёрии масъалаҳое, ки дар матни онҳо оид ба муваффақиятҳои бузурги соҳаҳои гуногуни сохтмони ҷамъиятӣ (тараққиёти хоҷагии халқ, маданият, маориф, илм ва техника) сухан меравад, инкишоф додан мумкин аст.

Вале ҳаминро ҳам гуфтан зарур аст, ки маҳз барои ташаккулдиҳии масалан, тафаккури иантиқии хонанда ё ин ки барои ба вуҷуд овардани суботкорию матонатнокии вай интихоб карда гирифтани масъалаҳои мушаххас лозим нест, зеро барои ба дастдаровардани чунин мақсадҳо сохти математикии ҳар як масъалаи додашаванда ёрии хуберо мерасонад.

Ҳама масъалаҳои математикӣ аз рӯи шумораи амалҳои барои ҳалли онҳо иҷрошуда ба содда ва мураккаб тақсим мешаванд. Масъалае, ки барои халли он як маротиба амали арифметикиро иҷро кардан лозим аст, содда номида мешавад. Вазифаеро, ки барои ҳалли он якчанд амал бояд иҷро кард, вазифаи таркибӣ номида мешавад.

Вобаста ба қалли масъалаҳои оддӣ хонандагон усулҳои асосии кор кардани масъаларо азхуд мекунанд.

Омӯзонидани бошуурона интихоб кардани амалҳо ва муайян кардани ҷузъҳои ин амалҳо. Ҳалли ин масъаларо бо як пайдарпаии мушаххас ҷойгир кардан мумкин нест. Дар дарсҳо бо хонандагон аксар вақт на паи ҳам ба натиҷаҳо ноил шудан, балки барои

ноил шудан ба якчанд ҳадафҳо дар як вақт, тадричан инкишоф ва васеъ кардани муваффақиятҳои бадастомада дар якчанд самт зарур аст.

Ҳангоми шиносоӣ бо масъала ва ҳалли онҳо аз истилоҳҳои мушаххас канорагирӣ кардан мумкин нест, аммо барои фаҳмидани маънои масъала талабагон бояд онҳоро дарк кунанд. Кор бо талабаҳо оид ба азхуд кардани истилоҳот аз рӯзҳои аввали таҳсил оғоз ёфта, дар давоми тамоми солҳои таҳсил мунтазам сурат мегирад.

Вазифаи мураккаб як қатор вазифаҳои оддиро дар бар мегирад, ки бо ҳам пайвастанд, ки вазифаҳои дилхоҳ барои баъзе вазифаҳои оддӣ ҳамчун маълумот барои дигарон хизмат мекунанд. Ҳалли масъалаи мураккаб ба тақсим кардани он ба як қатор масъалаҳои оддӣ ва ба ҳалли пайдарпайи онҳо оварда мерасонад. Ҳамин тавр, барои ҳалли масъалаи мураккаб системаи алоқаи байни додаҳо ва матлубро муқаррар кардан лозим аст, ки мувофиқи он амалҳои арифметикиро интихоб кардан ва баъд иҷро кардан лозим аст.

Масъаларо мисол меорем: «Дар мактаб 8 нафар духтарон навбатдор буданд ва боз 2 нафар писарон буданд. Чанд нафар талабагон дар мактаб навбатдор буданд?

Ин масъала 2 масъалаи оддиро дар бар мегирад:

Дар мактаб 8 нафар духтарон ва боз 2 нафар писарон навбатдор буданд. Дар мактаб чанд нафар писарон навбатдор буданд?

Дар мактаб 8 нафар духтарон ва 10 нафар писарон навбатдор буданд. Дар мактаб чанд нафар талабагон навбатдор буданд?

Тавре ки шумо мебинед, рақаме, ки дар вазифаи аввал талаб карда мешуд, ба рақами дуюм табдил ёфт.

Ҳалли пайдарпайи ин масъалаҳо ҳалли масъалаи мураккаб аст:

1) 8 + 2 = 10; 2) 8 + 10 = 18.

Сабти ҳалли масъалаи мураккаб бо роҳи кашидани ифодаи он ба хонандагон имкон медиҳад, ки ба тарафи мантиқии кор аз рӯи масъала диққат диҳанд, рафти ҳалли онро умуман бубинанд. Дар баробари ин талабаҳо нақшаи ҳалли масъала навиштанро ёд мегиранд ва вақтро сарфа мекунанд.

Сабти ҳалли бисёр масъалаҳои мураккаб ва аз рӯи онҳо сохтани ибораҳо бо истифодабарии қавс алоқаманд аст. Қавсҳо аломати математикӣ мебошанд, ки барои тартиби амалҳо истифода мешаванд. Амале, ки аввал бояд иҷро шавад, дар қавс дохил карда мешавад.

Масъалаи 1. Аз рӯи формулаи x = 276 + (276 + 124) масъала тартиб диҳед.

Ба формулаи мазкур диққат медиҳем. Дар ин ҷо 176 ҷамъшавандаи якум, (276 + 124) ҷамъшавандаи дуюм буда, ёфтани сумма талаб карда мешавад. Бинобар ин масъаларо ба намуди зерин тартиб додан мумкин аст:

Мотосиклист рӯзи якум 276 км, рӯзи дуюм назар ба рӯзи якум 124 км зиёд роҳ тай намуд. Мотосиклист дар ду рӯз чанд км роҳ тай намудааст? Ё худ ҳамин масъаларо ин тавр ҳам баён кардан мумкин аст: Мотосиклист рӯзи якум 276 км роҳ тай намуда ки ин назар ба рӯзи дуюми тайкардааш 124 кам буд.

Мотосиклист дар ду рӯз чанд километр роҳ тай намудааст?

Барои инкишоф додани тафаккур ва нутқи талабаҳо кӯшиш кардан лозим аст, ки онҳо ҳар як қисми корро доир ба таҳлили масъала ва ҳалли он асоснок кунанд. Бачаҳо бояд кӯтоҳ ва аниқ фаҳмонда диҳанд, ки дар масъалаи ҳалшаванда чӣ маълуму чӣ номаълум, аз шарти масъала чӣ натиҷа мебарояд, ба саволи масъала бо ёрии кадом амалҳои арифметикӣ ва бо кадом пайдарпайи ҷавоб додан мумкин аст. Онҳо бояд интихоби ҳар як амалро асоснок карда, натиҷаи ҳосилшударо фаҳмонанд, аз рӯи масъала (бо тамоми тафсироти зарурӣ) ифода ё муодила тартиб дода, онҳоро ҳал карда тавонанд, ба саволи масъала (даҳонакӣ) ҷавоби пурра гардонда, дурустии ҳалро санҷанд.

АДАБИЁТҲО:

1. Барномаи математика барои синфҳои ибтидоӣ. Душанбе «Матбуот», 2002.

2. *Демидова, Т.Е.*, Козлова С.А., Тонких А.П. и др. Математика. Учебник для 4-го класса (Моя математика) в 3-х частях. - М.: Баласс, Издательский дом РАО, 2006

3. *Исаханова, С.П.* Как помочь детям полюбить математику//Начальная школа. - 2002. - № 5. - С. 73 - 79

4. *Истомина, Н.Б.* Методика обучения математики в начальных классах. Учебное пособие для студентов средних и высших педагогических учебных заведений. - М.: Академия, 2000. - 288 с.

5. *Қодиров, Н.* Математика. Китоби дарсӣ барои синфи V. Нашриёти «Офсет», Красноярск – 2009.

6. Математика: Китоби дарсӣ барои синфи 4 – ум (М.И. Моро ва дигарон). Дар зери таҳрири Ю.М.Колягин. Душанбе, Маориф, 1990.

7. *Шарифов, Ҷ.* Дарси математика. Васоити таълимӣ – методӣ барои муаллимони навкор. – Душанбе, «матбуот», 2002.

8. *Шарифов, Ҷ.* Ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон аз математика. – Душанбе, «Матбуот», 2002.

МАВҚЕИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин

Дар ин самт диққати асосӣ ба асосҳои назариявии методикаи ҳалли масъалаҳои матнӣ, инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон дар ҷараёни таълими математика, нақши масъалаҳо дар таълими математика, дигар маълумоти ба ҳалли масъалаҳои матнӣ алоқаманд нишон дода шудааст.

Ҳамин тариқ, масъалаи ҳалли шаклҳои ташкили таълими математика ба талаботи ҷомеаи муосир, алалхусус ташаккули шахсияти фаъолу эҷодкори хонанда, мубрам мегардад. Мо ҳамчун яке аз имкониятҳои ҳалли ин масъала истифодаи масъалаҳои матнӣ дар таълими математикаи синфҳои ибтидоиро дар таълими математика муҳим медонем.

Калидвожаҳо: *масъала, дарс, мафҳум, математика, ҷадвал, график, нақша, паргор, нуқта, таъриф, теорема, таълим, метод, ташаккул, рушд.*

ПОЛОЖЕНИЕ ТЕКСТОВЫХ ЗАДАЧ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКИ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин

В этом направлении основное внимание уделяется теоретическим основам метода решения текстовых задач, развитию логического мышления учащихся в процессе обучения математики, роли задач в обучении математике и другой информации, связанной с решением текстовых задач.

Таким образом, становится актуальной проблема решения форм организации математического образования, отвечающих потребностям современного общества, прежде всего формирования активной и творческой личности школьника. В качестве одной из возможностей решения этой проблемы мы считаем важным в обучении математики использование текстовых задач в обучении математике младших классов.

Ключевые слова: *проблема, урок, понятие, математика, таблица, график, план, страница, точка, определение, теорема, учение, метод, формирование, развитие.*

POSITION OF TEXT PROBLEMS IN THE PROCESS OF TEACHING MATHEMATICS IN PRIMARY CLASSES

Ziyoviddinzoda Zuloliddin Ziyoviddin

In this direction, the main attention is paid to the theoretical foundations of the method of solving word problems, the development of students' logical thinking in the process of teaching mathematics, the role of problems in teaching mathematics and other information related to solving word problems.

Thus, the problem of solving the forms of organization of mathematical education that meets the needs of modern society, first of all, the formation of an active and creative personality of a schoolchild, becomes urgent. As one of the possibilities for solving this problem, we consider it important in teaching mathematics to use word problems in teaching mathematics to elementary grades.

Keywords: *problem, lesson, concept, mathematics, table, graph, plan, page, point, definition, theorem, doctrine, method, formation, development.*

Маълумот дар бораи муаллиф: *Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин, сардори маркази таҳсилоти фосилавии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Панҷакент, Тел:928243636, E-mail: zulik.zul@mail.ru*

Сведения об авторе: *Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин, руководитель Центра дистанционного обучения Таджикского педагогического института в городе Пенджикент, 735500, Республика Таджикистан, г.Пенджикент, Тел:928243636, E-mail: zulik.zul@mail.ru*

Information about the author: *Ziyoviddinzoda Zuloliddin Ziyoviddin, Head of the distance learning center Tajik Pedagogical Institute in Penjikent, 735500, Republic of Tajikistan, Penjikent, Tel: 928243636, E-mail: zulik.zul@mail.ru*

ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ТАЛАБОТИ МАЪНАВӢ

Самадов М. С.,
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Барои қонеъ гардонидани талаботи маънавии инсон бисёр омилҳо мавҷуданд. Масалан, барои қонеъ гардонидани талаботи аввалиндараҷа, ки мақсад аз он пайдо кардани ғизо ва пӯшок аст, тарбияи ҷисмонӣ лозим аст. Инсони носолим ва касе, ки ба тарбияи ҷисм машғул нест, ин талаботро бароварда гардониданаш мушкил аст.

Олими иқтисодшинос Маслоу аз нуқтаи назари психологӣ ва иҷтимоӣ талаботи инсонро таҳлил намуда, онҳоро ба якчанд намудҳо ҷудо кардааст, ки ҳар кадоми онҳо бо тарбияи ҷисмонӣ робитаи мустаҳкам доранд. Аз нуқтаи назари ин олим талабот инҳоянд:

Талаботи ҷисмонӣ
Талабот ба бехатарӣ ва солимӣ
Талабот ба муҳаббат ва дӯстӣ
Талабот ба эҳтиром
Талабот ба захираҳои молиявӣ ва суббот
Талабот ба ҳаловат
Талабот ба имиҷи иҷтимоӣ
Талабот ба доштан
Талабот ба додан
Талабот ба маълумот
Талабот ба гуногуншаклӣ.

Дар ин ҷо перомуни робитаи ҳар як талабот бо тарбияи ҷисмонӣ мехоҳем, ки андешаамонро баён кунем. Барои қонеъ гардонидани талаботи ҷисмонӣ ва ё худ биологӣ барои инсон зарур аст, ки ғизо истеъмол кунад. Ба ғайр аз ин дар доираи ин талабот хоб рафтан, нафаси тоза кашидан ва монанди инҳо нақши муҳимро мебозад. Агар инсон пас аз истеъмоли ғизо ҳаракат надошта бошад, пас ӯ мумкин аст, ки ба беморӣ гирифтор гардад. Агар талаботи ҷисмонӣ ба ҳадди лозима қонеъ нагардад, онро бо истилоҳи илмӣ **деприватсия** меноманд. Деприватсия сабаби изтироб, носолимии руҳӣ ва ноумедӣ

мегардад. Деприватсияи зиёд бошад, ба тағйир ёфтани шахсият оварда мерасонад. Деприватсия ва гуруснагии зиёд метавонад, ки норасогии моддаҳои заруриро ба мағзи сар ба амал орад.

Муддати тӯлонӣ дар биёбон бе об гардидан сабаби пайдо шудани сароб (глютсинатсия) мешавад, ки инро олимон реаксияи организм барои худмуҳофизаткунӣ номидаанд [1].

Яке аз самтҳои талаботи ҷисмонӣ – талабот ба ҳаракат мебошад. Агар инсон ҳаракат накунад, талаботи ҷисмонии ӯ қонеъ намешавад. Аз ҳамин хотир, талабот ба ҳаракат, талабот ба тарбияи ҷисмонӣ яке аз талабҳои биологӣ барои инсон аст. Яке аз роҳҳои муҳими қонеъ гардонидани ин намуди талабот – **тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва сайёҳӣ** мебошад.

Талабот ба бехатарӣ ва солимӣ ҳам робитаи ногусастанӣ бо тарбияи ҷисмонӣ дорад. Мисоли оддии ин дар ҳолатҳои мухталифи зиндагӣ мушоҳида мегардад, масалан, ҳангоме ки инсонро саг ва ё ҷонваре сур мекунад, ӯро лозим аст, ки аз хатар давида наҷот ёбад ва ё ба лолои дарахт ва баландие барояд. Донистани намудҳои гуногуни варзиш ҳам метавонад, ки шахсро муҳофизат кунад, ки ин ҳолатро дар ҳангоми ҳуҷуми авбошон, сар задании низоъҳо метавонем ба назар гирем. Вобаста ба ҳолатҳои мухталифи талабот ба амният ба бехатарии инсон дар таърихи тамаддуни тоҷикон бисёр бозиҳо ва анъанаҳои миллии варзишӣ ба вуҷуд омадаанд. Барои мисол чанд намуди бозиҳои варзишии миллиямонро метавонем номбар намоем: бузкашӣ, гупсарсаворӣ, гӯштингирӣ, рустшавакон, дорбозӣ, нахчирбозӣ, пойга, чавгонбозӣ ва ғайраҳо. Мақсади омӯхтани бузкашӣ омода кардани ҷавонон ба шикор ва қонеъ гардонидани талаботи ҷисмонӣ аст. Ҳадафи гупсарсаворӣ, оббозиро омӯхтан бошад, муҳофизат карда тавонистани худи инсон ҳангоми ғарқшавӣ дар об аст. Рустшавакон бошад, то андозае ба наврасон омӯзонидани кори ҷосусӣ ва иктишофӣ мебошад. Маъмулан, дар минтақаҳои кӯҳистон мардумро лозим меомад, ки дар болои шахҳо ва қираҳои кӯҳ бароянд. Дар ин ҳолатҳо зарур буд, ки кас мувозинатро нигоҳ дошта тавонад. Аз ҳамин хотир дорбозӣ бо истифодаи лангарчӯб ва бе истифодаи он зарур буд. Ин як машқ ва ҳам дилхушӣ барои таъмини амнияти инсон ба шумор мерафт. Ҳамчунин ҷавонон дар гузашта ба шамшербозӣ, камонварӣ ва амсоли инҳо машғул мешуданд, ки мақсади онҳо таъмин карда тавонистани амният ба шумор мерафт.

Солимӣ ҳам яке аз талаботи асосӣ барои фаъолияти пурсамари инсон мебошад. Маълум аст, ки тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш яке аз талаботи муҳим барои солимии шахс аст.

Дар замони муосир барои табобати намудҳои зиёди бемориҳо духтурон тавсия медиҳанд, ки беморон ба варзиш машғул гарданд. Барои табобати узвҳои такяву ҳаракат, дил, асаб ва амсоли инҳо машғул гардидан ба машқҳои ҷисмонӣ ва варзиш роҳандозӣ мегардад.

Дар илми тарбияи ҷисмонӣ як равияе ҳаст, ки онро тарбияи ҷисмонии солимгардонӣ меноманд. Дар ин бахши илм масъалаҳои марбут ба варзиши солимгардонӣ мавриди баррасӣ ва омӯзишу амалигардонӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Муҳаққиқони соҳаи мазкур зикр мекунанд, ки сол аз сол аҳамияти тарбияи ҷисмонии солимгардонӣ бештар мешавад. «Тарбияи ҷисмонии солимгардонӣ (ОФК) айни замон дар ҷомеа ҳамчун воситаи амалкунанда ва самарабахши ташаккулёбӣ, инкишоф, иҷтимоишавӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ-биологии одамон ба шароити зудтағйирёбандаи экологӣ аз ҷумла, барои истеҳсолоту меҳнат ва таълим мавриди истифода қарор мегирад».

Барои қонеъ гардонидани талаботи муҳаббат ва дӯстӣ ҳам тарбияи ҷисмонӣ метавонад, ки ҳиссаи арзандаи худашро гузорад. Масалан, аксар вақт духтарон барои ҳамсари худ ҷавонони обутобёфта ва дорои андоми варзиширо меписанданд. Яъне машғул гардидани инсон ба варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ сабаби пайдо кардани ҳамсари хуб шуданаш мумкин аст. Дар навбати худ духтарон ҳам барои ба ҷинси муқобил писанд

омадан ба намудҳои гуногуни варзиш машғул гардида мехоҳанд, ки андоми худро намунавӣ нишон диҳанд. Дар ин самт низ аҳамияти тарбияи ҷисмонӣ зиёд аст.

Варзишро як роҳи инкишофи дӯстӣ меноманд, ки ин бесабаб нест, зеро он метавонад, ки сабаби дӯстии байни одамон бошад. Машғул гардидан ба варзиш бачагони якчанд маҳалро бо ҳам дӯст мегардонад. Руҳияи дӯстиро байни одамон бештар мекунад.

Аз як тараф агар тарбияи ҷисмонӣ ба бачагон шавқмандӣ барои худашонро ҳамчун шахси тавоно муаррифӣ кардан диҳад, аз тарафи дигар он барои обутоби ҷисмонӣ пайдо карданашон мадад мерасонад.

Яке аз намудҳои талабот барои инсон ин эҳтиром ба шумор меравад. Мутобиқи таълимоти илми психология ҳар кас худбаҳодиҳӣ дорад ва метавонад, ки «ман»-и худашро дошта бошад. Дар ин гуна ҳолатҳо дар мусобиқаҳо худашро нишон дода тавонистан ва ғолиб омадан, дар пойгаи байни ҳамсолон дастболо шудан ҳам ба тарбияи ҷисмонӣ рабту алоқамандӣ дорад.

Дар кишварҳои хориҷӣ барои он ки донишҷӯёни оилаҳои сарватманд нисбати дигарон ноҳурматӣ накунанд, таҷрибаи дар корҳои ҷамъиятӣ ва партофтану бардоштани партовҳо ҷалб намудани онҳо истифода мегардад, ки ин ҳам як роҳи тарбия намудани ҳисси эҳтиром ба дигарон мебошад.

Ҳамаи ин ҳолатҳои зикршуда ба он водор мекунад бигӯем, ки талаботи гуногуннамуди инсонӣ бо тарбияи ҷисмонӣ рабт дорад.

Машғул гардидан ба тарбияи ҷисмонӣ яке аз талаботи биологии инсон аст. Аз ин хотир машғул гардидан ба тарбияи ҷисмонӣ як роҳи қонеъ гардонидани талаботи маънавии инсон аст.

Дар замони муосир талаботи инсон ҳамчун як мафҳуми комил бештар дар доираи илми иқтисодиёт мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва аз ин лиҳоз чун сухан аз он меравад, пеш аз ҳама талаботи моддӣ ба назар гирифта мешавад. Аз нуқтаи назари иқтисодиёт сабабгори тараққиёти тамаддунҳо, болоравии истеҳсолот, сар задании ҷангу муноқишаҳо дар ҷомеа талаботи инсон аст. Ҳатто ин талабот эътиқод, дин ва хурофотро ба вуҷуд овардааст.

То кунун дар байни олимон доир ба масъалаи талаботи инсон, чӣ будани он баҳсҳои доманадор идома дорад ва ҳалли ниҳоии илмии худашро пайдо накардааст. Дар доираи илмҳои фалсафа, сотсиология ва пасихология нисбати таҳия намудани таърифи ниҳоии ин истилоҳ баҳсҳои тӯлонӣ арзи ҳастӣ кардааст [6, с. 6].

Дар ҳар илм доир ба мафҳумҳо ва истилоҳҳояш фаҳмишҳои муайян ҷой доранд. Дар зиндагии ҳаррӯза низ мафҳумҳое истифода мешаванд, ки то андозае талаботи инсонро ифода мекунанд: ниёзмандӣ, хоҳишмандӣ, кӯшиш, тамаъ, ҳавас, орзу. Агар ба таври ҷудогона гирем, ҳар мафҳуми зикршуда маънои ба худ хосро дорад. Агар ҳар кадоми инҳоро шарҳ диҳем, маъноях чунин мегардад:

Ниёзмандӣ – маҷмуи талабот буда, нисбатан сода аст;

Ҳавас ва орзу – ин ҳам як навъи талабот аст, аммо ифодагари нозу эркагии инсон мебошад;

Хоҳиш ва тамаъ – навъи талаботе аст, ки онро худи инсон фикр карда баромадааст [6, с.9].

Ин таърифҳо аз нуқтаи назари иқтисодиёт ба вуҷуд омадааст ва онро агар мукаммалтар карда гирем, ниёзмандӣ талаботе аст, ки бо баровара гаштани он талаботи инсон қонеъ мегардад. Масалан, гурусна сер шуд, шахси урён соҳиби либос гашт ва монанди инҳо, ки агар ин ё он чизи набударо инсон соҳиб гардад, ниёзмандияш бартараф мешавад.

Дар амалияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамин ҳолро дида метавонем. Ба хусус дар байни наврасон, ки алҳол шахсияташон мукаммал нагаштааст, гоҳо талабот ба машқҳо пайдо мешавад ва либоси варзишӣ, тӯб, мизи теннис ва ё дигар чизҳоро аз волидонашон талаб мекунанд, аммо он танҳо ниёзмандӣ ба варзиш асту то ба дараҷаи талаботи маънавӣ нарасидааст.

Орзую ҳавас бошад, ҳар кас онро дорад, ҳар наврас мехоҳад, ки чемпиони ин ё он намуди варзиш гардад, ғолиби мусобиқаҳо бошад, аз ҳама ҳамсинфонаш дар давидан пешсаф бошад, аммо ин як роҳи бароварда гардонидани эркагӣ ва нози инсонӣ аст. Барои расидан ба ин орзу ва ҳавас машқҳои тӯлонӣ кардан лозим аст, то ин ки ба варзишу тарбияи ҷисмонӣ дар баробари орзу кардан талаботи маънавӣ низ ба вуҷуд омада бошад.

Хоҳишу тамаъ бошад, нисбатан падидаи манфӣ аст ва он на ба таври табиӣ, балки ба таври сунъӣ ба вуҷуд меояд. Масалан, инсон хоҳиш мекунад, ки ба ин ё он чиз ноил гардад, аммо мехоҳад, ки он муфт ба даст ояд, бидуни кашидани заҳмату ранҷ. Тамаъ бошад, аз муҳит талаб намудани чизе аст, ки ба он худаш сазовор нест.

Аммо худи мафҳуми талабот чӣ аст, он чаро ба вуҷуд меояд? Дар яке аз назарияҳои талабот нисбати ин мафҳум чунин шарҳ дода шудааст: Талабот – ин ҳолати инсониест, ки дар асоси мухолифати мавҷуда ва набуда ба амал омада, ӯро ба амал кардан водор мекунад ва барои аз байн бурдани мухолифатҳо мадад мерасонад [6, с.10].

Ҳамчунин олимон барои қонеъ гардонидани талабот ҷой доштани шавқмандӣ, ё ки омил зарур аст. Дар психология, сотсиология, ҳуқуқшиносӣ, маркетинг амали инсонро бидуни мавҷудияти мотив – омил дарк намудан ғайриимкон аст. Мотив бо мафҳуми шавқмандӣ маънои наздик дорад.

Манфиат ҳам яке аз қисматҳои талабот дониста мешавад, ки он ҳамчун зуҳуроти талаботи иҷтимоӣ аст, ки барои қонеъ гардонидани инсон аз ҷомеа, ҷомеа аз ҷомеаи дигар бо назардошти шароит ва қонеъгардонии ниёзмандиҳо нигаронида шудааст. Манфиат метавонад, ки байни инсонҳо, байни гуруҳҳои хурди иҷтимоӣ ва гуруҳхои калони иҷтимоӣ ба монанди давлатҳо ба вуҷуд ояд.

Талабот дар баробари ин бо ҷаҳонбинӣ ва системаи арзишҳо робитат мустаҳкам дорад.

Ҷаҳонбинӣ – низоми нигоҳи инсон ба ҷаҳон ба таври яклухт ва ҷои худ дар ҷаҳон мебошад. Дар асоси ҷаҳонбинӣ системаи арзишҳо ба вуҷуд меоянд.

Арзишҳо – ин донистани маънои предметҳо ва зуҳуроти барои инсон ва ҷамъият зарурӣ ба монанди дарк кардани зуҳуроти некӣ ва бадӣ, фоидаовар ва ё зараровар, зебо ва ё баднамо, ҷоиз ва нораво, боадолат ва беадолат ва монанди инҳо аст.

Дониш барои одамон қонунҳои табиат ва ҷомеа, баҳо додан ба онҳо, ҷонибдорӣ кардан ва ё накардани падидаҳоро равшан мекунад. Дар таърих бисёр ҳодисаҳо ба амал омадаанд, ки дониш доштан одамонро аз хатарҳои бузург нигоҳ доштааст.

Системаи арзишҳо – маҷмӯи баҳодиҳии инсон ба ашё ва зуҳуроти муҳити атроф буда, ба инсон имкон медиҳад, ки ба атрофиёнаш чӣ гуна муносибат кунад, чӣ гуна муносибатро шакл гиронида онро бозсозӣ кунад. Шакл гиронидани системаи арзишҳо дар натиҷаи таъсири тарбия дар оила, иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг, анъанаҳо, дин, илм, санъат ва гуногунрангии равандҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд [6, с.12].

Талаботи инсонро инчунин ба ду навъ ҷудо кардаанд: биологӣ ва сотсиалӣ. Барои қонеъ гардонидани талаботи биологӣ фарқ дар байни инсон ва ҳайвонот мавҷуд нест, яъне талабот ба ғизо ва шароити зист.

Талаботи сотсиалӣ ва ё иҷтимоӣ танҳо дар ҷамъияти инсонҳо мавҷуд аст. Талаботи иҷтимоӣ танҳо дар муҳити ҷомеа ба вуҷуд меояд ва олимон онҳоро ба намудҳои зиёд тақсим кардаанд:

Талаботи аввалиндараҷа – талаботе аст, ки агар он қонеъ нагардад, инсон зиндагӣ карда наметавонад.

Талаботи дуюмдараҷа – талаботе аст, ки агар онҳо қонеъ нагарданд ҳам инсон зиндагӣ карда наметавонад, аммо ба баъзе маҳрумиҳо гирифтор мешавад.

Ҳамчунин талаботро ба намудҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ, моддӣ ва маънавӣ ҷудо мекунанд.

Дар ҷомеаи ибтидоӣ талаботи аввалиндараҷа – таъмини ғизо ва хӯрок буд. Одамон дар ин ҷамоа кӯшиш мекарданд, ки ин гуна талабот бештар қонеъ гардонида шаванд. Вазифаи аввалиндараҷаи одамони ибтидоӣ таъмини ғизо ва пӯшок ба шумор мерафт.

Дар ҷамоаи ибтидоӣ талабот ба меҳнат кардан ба вуҷуд меояд, ки ин ҳам водор месозад, ки одамон кор кунанд ва барои қонеъ гардонидани талаботи рӯзмарраи худашон кӯшиш намоянд.

Бо баробари он ки ҷомеаи ибтидоӣ рушд мекунад, дар байни одамон талабот ба донистан, дарк кардан, маърифати муҳит ба вуҷуд меояд. Агар ин талаботи барои сохтани олоти меҳнат, ашёи зиндагӣ, силоҳ барои шикор ва амсоли инҳо равона гашта бошад, онро талаботи моддӣ меноманд.

Агар талаботи инсон барои дарки муҳити атроф ва маърифати муҳити зист нигаронида шуда бошад, онро талаботи маънавии инсон мегӯянд [6, с. 15].

Дар баробари инҳо агар дар ҷомеа талабот арзи ҳастӣ карда бошад, пас хоҳ нохоҳ масъалаи манфиати инсон ва қабила, халқ ва ҷамъият ва монанди инҳо ба вуҷуд меоянд. Аз сабаби бархӯрди манфиатҳо ва пешгирии роҳи сар задании низоъҳо дар ҷомеа низоми ахлоқ ба вуҷуд омад.

Дар тӯли асрҳо ахлоқ, қонунҳои ахлоқӣ, кодексҳои ахлоқӣ, қонунҳо, санадҳо ва амсоли инҳо арзи ҳастӣ карданд, ки мақсади асосии онҳо ба танзим даровардани муносибатҳо ва роҳ надодан ба низоъ мебошад [6, с.15].

Дар ҷомеаи ибтидоӣ ҳангоми тақсими гӯшти ҷонвари шикоршуда, ҳангоми сохтани манзил, муносибат бо калонсолон ва ғайраҳо ахлоқи муайян ҷой доштанд.

Дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш низ чандин қонуну қоидаҳои ахлоқӣ ҷой доранд, ки нишонаи равшану возеҳ будани талаботи маънавӣ ба онҳо аст.

Минбаъд дар заминаи ахлоқ падидаҳои дигаре арзи ҳастӣ карданд, ки онҳо мифология, дин ва санъат мебошанд. Ҳарсе ин падидаи номбаршуда барои маърифати инсон хидмат мекарданд. Пайдо гаштани мифология, дин ва санъат барои рушди инсоният такони ҷиддӣ бахшидааст.

Таҷрибаи зиндагии ҷамоаи ибтидоӣ исбот кардааст, ки инсонҳои аввалин барои қонеъ гардонидани талабот ба чунин дастовардҳои мушаххас ноил гардидаанд, ки ҳар кадоми онҳо қонуниятҳои ба худ хосро доранд:

1. Инсоният дар ҳама вақт барои қонеъ гардонидани талаботи аввалиндараҷаи биологии худ кӯшиш мекард;
2. Қонеъ гардонидани талаботи аввалиндараҷа инсониятро барои қонеъ гардонидани талаботи дуюмдараҷа ба мисоли сохтани олоти меҳнат водор кард, ки он характери иҷтимоӣ дошт;
3. Одамони ибтидоӣ барои қонеъ гардонидани талабот таҷриба ба даст оварданд ва дар ҳалли масъалаҳои низоъҳои иҷтимоӣ ва инфиродӣ низоми ахлоқиро ба вуҷуд оварданд, ки онҳо минбаъд дар шаклгирии мифология ва дин оварда расониданд;
4. Ҳолати бавуҷудомада инсонияро водор сохт, ки ба донистани муҳити зист, табиат ва амсоли инҳо кӯшиш намояд. Донистани муҳит ва худро дар он озод ва бехатар ҳис карда тавонистан талаботи маънавиро ба вуҷуд овардааст.

Бо баробари пайдо шудани давлатҳо ва ба вуҷуд омадани сохти ғуломдорӣ талаботи маънавӣ бештар гашта, ба ихтирои хат, қонунҳо, таълифи асарҳо оварда расонид.

Талаботи маънавии инсон дар фалсафа чунин шарҳ дода шудааст: «Талаботи маънавии инсон – кӯшиши комилан табии инсон барои ноил гардидан ба саодатмандӣ, мавзунӣ бо худ ва муҳити атроф» дониста шудааст.

Талаботи маънавии инсон дар заминаи арзишҳои маънавӣ ба мисоли некӣ, шафқат, ҳақиқат, зебогӣ, муҳаббат, санъат ба вуҷуд меояд. Ҳар кас метавонад, ки барои дастрасӣ ба рушди шахсияш мустақилона кӯшиш кунад. Ҳар инсон талаботи маънавии худашро дорад, аммо ин талаботи маънавӣ дар баъзеҳо камтар ва дар баъзеҳо бештар зуҳур кардааст. Шахси калонсол на танҳо барои ба даст овардани фоида, балки барои ба шакл даровардани нуфузи шахсияш фаъолият мебарад.

Хулоса. Таърифҳо ва мисолҳои дар боло зикршударо таҳлил намуда, гуфта метавонем, ки тарбияи ҷисмонӣ як роҳи қонеъгардонии талаботи маънавии инсон аст.

Агарчанде ки тарбияи ҷисмонӣ ба талаботи биологӣ ҳам робитаи мустаҳкам дорад, барои ҳамчун шахси комил ба воя расидани инсон мадади худро мерасонад.

Тарбияи ҷисмонии кӯдакон на танҳо дар кӯдакистонҳо, балки дар доираи оила, муасссисаҳои солимгардонӣ низ амалӣ гардонида мешаванд.

АДАБИЁТ:

1. *Орлов, С.В*. Человек и его потребности. – СПб.: Питер, 2006. – 160 с.
2. Энциклопедический словарь по физической культуре и спорту. Т.2 / Отв. Ред. Кукушкин Г.И. – М.: Физкультура и спорт, 1962. – 426 с.
3. *Фурманов, А.Г*. Оздровительная физическая культура: Учеб. Для студентов вузов. – М.: Тесей, 2003. – 528 с.
4. *Алексеев, А.В*. Психогогика: союз практической психогигиены и психологии: учеб. пособие для институтов физической культуры / А. В. Алексеев. - Ростов н/Д. : Феникс, 2004. - 192 с.
5. *Бодалев, А. А.* Общая психодиагностика / А. А. Бодалев, В. В. Столин, В. С. Аванесов. - СПб.: Речь, 2000. - 440 с.
6. *Холодов, Ж.К*. Теория и методика физического воспитания и спорта: учебное пособие для студентов высш. учеб. заведений / Ж.К. Холодов, В.С. Кузнецов. - М.: изд. центр «Академия», 2000. - 480 с.
7. *Сафаров, Ш.А*., Губанова Л. Бозиҳои серҳаракат барои ҳар рӯз – Душанбе: Хирад, 2009, 72 с.
8. *Сафаров, Ш.А*., Раҳматова Т. Д., Шарипов М. Психологияи варзиш (дастури таълимӣ-маҷмӯии лексияҳо).- Душанбе, 2018, 240 с.

ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ТАЛАБОТИ МАЪНАВӢ

Самадов Миршод Самадович

Дар ин самт диққати асосӣ ба асосҳои назариявии тарбияи ҷисмонӣ, талаботи маънавӣ, талабот ба бехатарӣ ва солимӣ, талабот ба муҳаббат ва дӯстӣ, талабот ба эҳтиром, талабот ба захираҳои молиявӣ ва суббот, талабот ба ҳаловат, талабот ба имиҷи иҷтимоӣ ва дигарон нишон дода шудааст.

Ҳамин тариқ, тарбияи ҷисмонӣ дар баробари тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ ва амсоли инҳо яке аз воситаҳои қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ мебошад. Дар баробари ин машғул гардидан ба тарбияи ҷисмонӣ низ ба қатори талаботи маънавии инсоният ворид мегардад.

Калидвожаҳо: *тарбияи ҷисмонӣ, талаботи маънавӣ, деприватсия, бузкашӣ, гупсарсаворӣ, гӯштингирӣ, дорбозӣ, нахчирбозӣ, пойга, чавгонбозӣ.*

ФИЗИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ И ДУХОВНЫЕ ПОТРЕБНОСТИ

Самадов Миршод Самадович

В этом направлении основное внимание уделяется теоретическим основам физического воспитания, моральным требованиям, требованиям безопасности и здоровья, требованиям любви и дружбы, требованиям уважения, требованиям к финансовым ресурсам и добросовестности, требованиям удовольствия, требованиям социального обеспечения. имидж и др.

Таким образом, физическое воспитание наряду с нравственным, духовным воспитанием и т.п. является одним из средств удовлетворения духовных потребностей. При этом занятия физической культурой входят и в число духовных потребностей человечества.

Ключевые слова: *физическое воспитание, духовные потребности, борьба, верховая езда, скачки.*

PHYSICAL EDUCATION AND SPIRITUAL NEEDS

Samadov Mirshod Samadovich

In this direction, the main attention is paid to the theoretical foundations of physical education, moral requirements, safety and health requirements, requirements of love and friendship, requirements of respect, requirements for financial resources and integrity, requirements for pleasure, and social security requirements. image, etc.

Thus, physical education along with moral, spiritual education, etc. is one of the means of satisfying spiritual needs. At the same time, physical education is also among the spiritual needs of humanity.

Key words: *physical education, spiritual needs, deprivation, wrestling, gallows, horse riding, horse racing.*

Маълумот дар бораи муаллифон: *Самадов Миршод Самадович - Мудири кафедраи тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Панҷакент, E-mail: mirshod264@gmail.com. Тел: +992 93-775-55-54*

Сведения об авторе: *Самадов Миршод Самадович - Заведующий кафедрой физического воспитания, Таджикский педагогический институт в городе Пенджикент, 735500, Республика Таджикистан, г.Пенджикент, E-mail: mirshod264@gmail.com Тел: +992 93-775-55-54.*

Information about the author: *Samadov Mirshod Samadovich - Head of the Department of Physical Education, Tajik Pedagogical Institute in Penjikent, 735500, Republic of Tajikistan, Penjikent, E-mail: mirshod264@gmail.com. Tel: +992 93-775-55-54*

ТДУ (УДК) 519:536. 424+538.9

ҶАНБАҲОИ АСОСИИ МЕТОДОЛОГИЯИ ҶАЛБИ ДОНИШҶУЁН БА ОМӮЗИШИ МАТЕМАТИКА

Наҷмиддиниён А.М., Мирзоев А.Ҳ.

Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ба соҳаи маориф диққати асосӣ зоҳир карда шуда, шароити мусоиди таълим фароҳам оварда шудааст. Дар ин замина, сол то сол дигаргуниҳо ба вуҷуд омадаву ҷараёни бунёди корхонаҳои азим вусъат ёфтааст. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи асосиро ба омӯзиши фанҳои бунёдӣ равона кардааст, зеро бе фарогирии донишҳои муосир наметавон ба дастовардҳои назаррас шарафёб гардид. Бо дастури Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» роҳандозӣ гардид, ки ба омӯзиши бавусъати илмҳои дақиқ такони ҷиддӣ бахшид. Маълум аст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи фанҳои дақиқ асоси пешрафти ҳар як ҷомеа маҳсуб меёбад, чунки бе ихтирову кашфиёт наметавон, аз як тараф, кишварро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ кард, аз ҷониби дигар, ба пешрафти иқтисодиёт мусоидат намуд. Дастури мазкур ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар ҳамбастагии амиқ дорад [7].

Аз ин рӯ ҷалб намудани донишҷуён ба омӯзиши фанҳои дақиқ, аз он ҷумла фанни математика хеле муҳим арзёбӣ гардида, барои омӯзиши он чорабиниҳои зарурӣ бояд андешид.

Масъалаҳои шавқовари математикӣ ба рушди тафаккури интиқодӣ ва таҳлилӣ, қобилияти пайдо кардани равишҳои ғайристандартӣ барои ҳалли мушкилот мусоидат мекунад, ки ин на танҳо дар математика, балкӣ дар ҳаёти ҳаррӯза низ муҳим аст.

Масъалаҳои ҷолиб аксар вақт фаҳмиши амиқи принсипҳо ва назарияҳои асосии математикаро талаб мекунанд. Ҳамин тариқ, донишҷуён ҳангоми ҳалли чунин масъалаҳо

дониши худро мустаҳкам ва амиқтар мекунанд, ки ин ба азхудкунии устувори маводи таълимӣ мусоидат мекунад.

Бисёр вазифаҳои ҷолиб ҳолатҳои воқеиро, ки донишҷуён дар оянда дучор меоянд, тақлид мекунанд. Ин ба онҳо кӯмак мекунад, ки татбиқи амалии дониш ва малакаҳои математикиро дарк кунанд, ки аҳамият ва арзиши онҳоро афзун мекунанд.

Донишҷуёне, ки тавассути масъалаҳои шавқовар ба раванди таълим ҷалб карда мешаванд, бештар ташаббус ва фаъол мебошанд, ки ба фаъолияти онҳо ва сатҳи умумии дониши математика таъсири мусбат мерасонанд.

Истифодаи масъалаҳои гуногуни шавқовар имкон медиҳад, ки хусусиятҳои инфиродии донишҷуён, манфиатҳо ва сатҳи омодагии онҳо ба назар гирифта шаванд, ки ба омӯзиши самараноктар ва фарқкунанда мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, методологияи ҷалби донишҷуён ба омӯзиши математика бо истифода аз масъалаҳои ҷолиб на танҳо таваҷҷӯҳи онҳоро ба мавзӯъ афзоиш медиҳад, балкӣ инчунин ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият, омодагӣ ба ҳаёт ва фаъолияти касбӣ, инчунин баланд бардоштани муваффақияти умумӣ ва сифати таълим мусоидат мекунад. Истифодаи масъалаҳои ҷолиб ба ташаккули муносибати мусбӣ ба математика мусоидат мекунад. Ин махсусан муҳим аст, зеро стереотипҳои манфӣ ва тарс аз мураккабии мавзӯъ метавонанд ҳавасмандӣ ва дастовардҳои таълимии донишҷуёнро хеле коҳиш диҳанд [1-2].

Масъалаҳои ҷолибро ба сатҳҳои гуногуни омодагии донишҷуён мутобиқ кардан мумкин аст, ки омӯзишро фарогиртар мекунад. Ин ба ҳар як хонанда имкон медиҳад, ки дар минтақаи рушди наздиктарини худ кор кунад ва тадриҷан вазифаҳоро бо азхудкунии мавод мушкилтар кунад.

Ҳамин тариқ, татбиқи методологияи ҷалби донишҷуён ба омӯзиши математика бо истифода аз масъалаҳои шавқовар як самти муҳим дар амалияи таълимӣ мебошад, ки ба рушди донишҷуён на танҳо дониш ва малакаҳои математикӣ, балки доираи васеи сифатҳои шахсӣ ва касбии дар ҷомеаи муосир зарурӣ мусоидат мекунад [8].

Ҷанбаи асосии методологияи ҷалби донишҷуён ба омӯзиши математика бо истифода аз масъалаҳои шавқовар ин эҷоди раванди таълим мебошад, ки мафҳумҳои математикиро бо ҳолатҳои воқеӣ, ҷолиб ва барои донишҷуён муҳим мепайвандад. Ҷанбаҳои асосии ин усул инҳо мебошанд, ки ба намуди модели консептуалӣ дида мебароем:

Расми 1. Ҷанбаҳои асосии методологияи ҷалби донишҷуён ба омӯзиши математика

Ҳар яке аз ин ҷанбаҳоро дар алоҳидагӣ дида мебароем:

1. Воқеият ва аҳамияти амалӣ

Масъалаҳо бояд бо ҳолатҳои воқеии ҳаёт алоқаманд бошанд, то донишҷуён истифодаи бевоситаи математикаро бубинанд.

Мисол: Масъалаҳое, ки бевосита дар ҳаёти ҳаррӯза дучор мешавем.

2. Таваҷҷӯҳ ва ҳавасмандӣ

Масъалаҳо бояд барои донишҷуён шавқовару ҷолиб бошанд, кунҷковии табиӣ ва хоҳиши фаҳмидани онҳоро ба вуҷуд оранд.

Мисол: истифодаи муаммоҳо, бозиҳои математикӣ, мусобиқаҳо ва викторинаҳо.

3. Равишҳо ва усулҳои гуногун

Татбиқи усулҳои гуногуни таълим, аз ҷумла унсурҳои бозӣ, фаъолияти лоиҳа, муҳокимаҳои гурӯҳӣ ва истифодаи технология.

Мисол: Бозиҳоиҳои математикӣ, сохтани лоиҳаҳои худ.

4. Муносибат бо дигар мавзӯъҳо

Робитаи математикаро бо дигар фанҳо нишон додан лозим аст, то донишҷуён аҳамияти байнисоҳавии онро бубинанд.

Мисол: Физика (қонунҳои ҳаракат), биология (омори популятсия), санъат (симметрия ва шаклҳои геометрӣ).

5. Фардикунонии омӯзиш

Баҳисобгирии манфиатҳо, сатҳи фаҳмиш ва ниёзҳои ҳар як хонанда барои интихоби супоришҳо.

Мисол: вазифаҳои фарқкунанда, лоиҳаҳои шахсӣ, машваратҳои инфиродӣ.

6.Фаъолияти тадқиқотӣ ва лоиҳавӣ

Ҳавасмандгардонии донишҷуён барои гузаронидани таҳқиқоти мустақилона ва таҳияи лоиҳаҳо.

Мисол: Омӯзиши намунаҳо дар маълумот, сохтани моделҳои математикӣ, гузаронидани таҷрибаҳо.

6. Истифодаи технология

Дохил кардани асбобҳо ва технологияҳои муосири рақамӣ барои ҳалли мушкилот.

Мисол: Барномасозӣ, кор бо барномаҳои математикӣ, истифодаи тахтаҳои интерактивӣ.

Ҳамин тариқ, ин ҷанбаҳо методологияи ҳамаҷонибаро эҷод мекунанд, ки на танҳо ба азхудкунии донишҳои математикӣ, балки ба рушди тафаккури интиқодӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳо ва дар амал татбиқ кардани донишҳои бадастомада мусоидат мекунад.

Методологияи самараноки ҷалби донишҷуён ба омӯзиши математика тавассути масъалаҳои шавқовар ба якчанд принсипҳои асосӣ асос ёфтааст. Вай кӯшиш мекунад, ки математикаро бо ҳолатҳои воқеии ҳаёт пайваст кунад, ки ба д донишҷуён имкон медиҳад, ки истифодаи онро дар ҳаёти ҳаррӯза бубинанд. Мушкилот ва муаммоҳои ҷолиб боиси кунҷковии табиӣ ва ҳавасмандии донишҷуён барои омӯхтан мешаванд. Усулҳои гуногуни омӯзиш, аз қабили унсурҳои бозӣ, фаъолияти тарроҳӣ ва истифодаи технология, ба фаҳмиши амиқи мавод ва рушди тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунанд. Ҳамгироии математика бо дигар фанҳо ба донишҷуён кӯмак мекунад, ки робитаи онро бо дигар илмҳо ва санъат бубинанд. Фардикунонии омӯзиш, бо назардошти манфиатҳо ва сатҳи фаҳмиши ҳар як донишҷуён, ба азхудкунии самараноки мавод мусоидат мекунад. Ҳавасмандгардонии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ донишҷуёнро ба мустақилона таҳқиқи масъалаҳои математикӣ ва ташкили лоиҳаҳои худ ҳавасманд мекунад. Истифодаи технологияҳои муосир ва асбобҳои рақамӣ ба донишҷуён имкон медиҳад, ки дар сатҳи нав бо мафҳумҳои математикӣ таҷриба ва ҳамкорӣ кунанд [8].

Натиҷаи таълим бештар аз он вобаста аст, ки мундариҷаи маводи таълимӣ, чӣ гуна ин маводро донишҷуён дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ азхуд мекунанд, ин фаъолият ба кадом қисмҳо тақсим ва бо ҳам мепайвандад, яъне риояи мантиқӣ дар ташаккули сохтори фаъолияти таълимӣ. Муваффақияти фаъолияти таълимӣ инчунин аз он вобаста аст, ки он ба чӣ равона карда шудааст, донишҷуён кадом ҳадафҳоро иҷро мекунанд, оё ин ҳадафҳо ба азхудкунии маводи таълимӣ ҳамчун ҳадафи мустақил равона карда шудаанд ё фаъолияти таълимӣ барои онҳо танҳо ҳамчун воситаи ноил шудан ба ҳадафҳои марбут ба мундариҷаи таълим хизмат мекунад. Муносибати донишҷуён ба фаъолияти худ асосан аз он вобаста аст, ки муаллим фаъолияти таълимии онҳоро чӣ гуна ташкил мекунад, аз ҷумла нишон додани дониши саводнокии функсионалӣ [3-7].

Таваҷҷӯҳ ба омӯзиши математика бештар аз он вобаста аст, ки дарсҳо чӣ гуна мегузаранд. Ҳатто дар дарсҳои беҳтарин ва фаҳмо, рушди ҳавасмандӣ ба дарс ҳатмист. Аз ин рӯ, дар дарсҳо шавқовариро ба мавзӯъ бо истифода аз усулҳои гуногун зиёд кардан мумкин аст, аммо ҷолибтарин барои кӯдакон таваҷҷӯҳ аст. Ҳатто донишҷуёни заифтарин метавонанд бо истифода аз маводи шавқовар дар дарсҳо ба мавзӯъ таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд. Ва дарсҳои бозӣ барои донишҷуён махсусан ҷолибанд. Дар синф доштани техникаи компютерӣ имкон медиҳад, ки дарсҳо дар асоси технологияи ба мушкилот нигаронидашуда гузаронида шаванд. Агар донишҷуён ба маълумоти наве, ки ӯ фавран дар амал татбиқ карда метавонад, таваҷҷӯҳ зоҳир кунад, пас чунин маълумот муддати дароз дар хотир нигоҳ дошта мешавад.

Дар раванди муосири таълими математика нақши марказиро рушди тафаккури интиқодӣ ва қобилиятҳои таҳлилии донишҷуён мебозад. Бо вуҷуди ин, бисёре аз донишҷуён дар омӯзиши ин фан мушкилот доранд. Дар робита ба ин, таҳия ва татбиқи методологияҳои самараноки ҷалби донишҷуён ба раванди таълими математика махсусан муҳим мегардад[8-11].

Дар рафти баррасии ҷанбаҳои асосии методологияи ҷалби донишҷуён ба омӯзиши математика нуқтаҳои асосии зерин ошкор карда шуданд:

1. Усулҳои фаъоли таълим ба фароҳам овардани муҳити шавқовар ва ҳавасмандгардонии таълим мусоидат мекунанд. Равишҳои бозӣ ва омӯзиши тарроҳӣ

ба донишҷуён имкон медиҳанд, ки дониши математикиро дар амал татбиқ кунанд, ки таваҷҷӯҳ ва ҷалби онҳоро афзоиш медиҳад.

2. Технология ва асбобҳои рақамӣ дар раванди муосири таълим нақши муҳим доранд. Истифодаи платформаҳои интерактивӣ ва лабораторияҳои виртуалӣ омӯзишро дастрастар ва фардӣ мекунад.
3. Усулҳои интерактивии таълим, аз қабили кори гурӯҳӣ ва омӯзиш тавассути таълим, ба рушди малакаҳои муошират ва амиқтар фаҳмидани мафҳумҳои математикӣ мусоидат мекунанд.
4. Муносибати инфиродӣ ва манфиатҳои ҳар як хонандаро таъмин мекунад, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки раванди таълимии худро самаранок дастгирӣ кунанд ва натиҷаҳои беҳтар ба даст оранд.
5. Стратегияҳои ҳавасмандгардонӣ ба баланд бардоштани таваҷҷӯҳ ба математика тавассути гузоштани ҳадафҳо, системаи ҳавасмандгардонӣ ва нишон додани аҳамияти амалии донишҳои математикӣ равона карда шудаанд.
6. Ҷанбаҳои психологӣ дар ташаккули муносибати мусбӣ ба омӯзиши математика нақши муҳим доранд. Дастгирии худбаҳодиҳӣ ва бартараф кардани тарси нокомӣ ба муҳити бароҳати омӯзиш мусоидат мекунад.
7. Нақши муаллим дар ҷалби бомуваффақияти донишҷуён муҳим аст. Рушди касбии омӯзгорон ва ташаккули фазои мусбати таълимӣ ба омӯзиши самараноки математика мусоидат мекунад.

Истифодаи ин равишҳои методологӣ ба эҷоди раванди ҷолибтар, дастрас ва ҳавасмандкунандаи таълим мусоидат мекунад. Ҷорӣ намудани усулҳои фаъоли таълим, истифодаи технология, муносибати инфиродӣ ва дастгирии худбаҳодиҳии донишҷуён имкон медиҳад, ки таваҷҷӯҳ ва фаъолияти таълимӣ дар омӯзиши математика ба таври назаррас афзоиш ёбад. Ҳамин тариқ, таҳия ва татбиқи ин методологияҳо як қадами муҳим барои беҳтар кардани таҳсилоти математикӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар маҷмӯъ мебошад.

Адабиёт

1. Наҷмиддиниён, А.М. «Математика» [Матн]: китоби дарсӣ барои синфӣ 1 / Б.Бӯриев, А.М. Наҷмиддиниён, Б. Ҳакимова. Душанбе,– ПРМ ба номи А.Ҷомӣ, 2022 с., 186 саҳ. (барои синфҳои 1 - уми мактабҳои махсуси кӯдакони кар ва гуруҳи дуюми мактабҳои кӯдакони шунавоиашон суст ва деркаршуда, қарори ҳайати мушовараи ВМИ ҶТ, №17/12 аз 30.11.2022).
2. Наҷмиддиниён, А.М. «Математика» [Матн]: китоби дарсӣ барои синфӣ 2 / Б.Бӯриев, А.М. Наҷмиддиниён, Б. Ҳакимова. Душанбе,– ПРМ ба номи А.Ҷомӣ, 2022 с., 170 саҳ. (барои синфҳои 2 - юми мактабҳои махсуси кӯдакони кар ва гуруҳи дуюми мактабҳои кӯдакони шунавоиашон суст ва деркаршуда, қарори ҳайати мушовараи ВМИ ҶТ, №17/12 аз 30.11.2022).
3. Годфруа, Ж. Что такое психология. Т.2. / Ж. Годфруа. – М.: Мир, 1992. – 376 с.
4. Джидарян, И.А. Эстетическая потребность / И.А.Джидарьян. – М.: Наука, 1986. – 191 с.
5. Ильин, Е. П. Мотивация и мотивы / Е.П. Ильин – СПб.: Питер, 2011. - 512 с.
6. Качуровская, Е.Н. Формирование мотивации учащихся 5-6 классов к учебно-познавательной деятельности в процессе обучения математике: дис. канд. пед. наук наук: 13.00.02. / Е.Н. Качуровская. –Омск, 2010.– 180 с.
7. Леонтьев, А.Н. Потребности, мотивы, эмоции / А.Н. Леонтьев.– М.: МГУ, 1971. – 240с.
8. Одинаев, Р. Н. Развитие мотивации на уроках информатики и программирования как средство повышения уровня обученности учащихся в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Р. Н. Одинаев, З. Б. Гафоров // Вестник Института развития образования. – 2021. – № 2(34). – С. 183-190. – EDN GTCAGR.
9. Шарипов, Ф. Ф. Особенности обучения языкам программирования в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Ф. Ф. Шарипов, З. Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. – № 4. – С. 161-168. – EDN AREEKR.

10. Одинаев, Р. Н. Создания мотивации к изучению предметов информатики и программирования в СОУ ах, ВУЗ ах на примере компьютерного моделирование движения автомобилей на языке прогроммирования "c++" / Р. Н. Одинаев, З. Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2020. – № 4. – С. 103-110. – DOI 10.51884/2413-452X_2020_4_103. – EDN TUQQDX.
11. Гафоров, З. Б. Мотивация студентов использованием мультимедийной технологии в процессе обучения информатики / З. Б. Гафоров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-3(101). – С. 221-226. – EDN LIHTKK.
12. Нугмонов, М. Стандарт ва барномаи фанни «Математика» барои синфҳои 5-11. [Текст] // М. Нугмонов, С. Қурбонов, С. Туронов / Душанбе: «Маориф», 2018, - 112с.
13. Нугмонов, М. Маводи дидактикӣ аз алгебра барои синфҳои 11. Дастур барои муаллим. [Текст] // М. Нугмонов, С. Қурбонов, С. Туронов / Душанбе, 2010, – 70с.
14. Нугмонов, М. Пайдарҳамии таълими математика дар мактаби таҳсилоти умумӣ. Монография. [Текст] // М. Нугмонов / Д.: АИП, 2005, – 168с.

ҶАНБАҲОИ АСОСИИ МЕТОДОЛОГИЯИ ҶАЛБИ ДОНИШҶУЁН БА ОМӮЗИШИ МАТЕМАТИКА

Омӯзиши математика қисми асосии раванди таълим буда, дар рушди тафаккури мантиқӣ, малакаҳои таҳлилӣ ва қобилияти ҳалли мушкилот нақши калидӣ мебозад. Аммо, барои бисере аз донишҷуён, ин мавзӯъ душвор ва радкунӣ боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, масъалаи методологияи ҷалби донишҷуён ба омӯзиши математика махсусан муҳим мегардад. Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои асосии ин методология, ки ба баланд бардоштани таваҷҷӯҳ ва ҳавасмандии донишҷуён равона шудаанд, баррасӣ карда мешаванд.

Омӯзиши математика бо истифода аз масъалаҳои шавқовар барои азхудкунии самаранок аҳамияти калон дорад. Омӯзгорон мекӯшанд, ки дарсҳоеро эҷод кунанд, ки на танҳо малакаҳои математикиро инкишоф диҳанд, балки донишҷуёнро ба омӯзиши мустақилона ва амиқтар ба мавзӯъ илҳом бахшанд. Нигоҳ доштани таваҷҷӯҳи доираи васеи усулҳо аз унсурҳои бозӣ то корҳои тарроҳӣ муҳим аст, ки ба фаҳмиши амиқи мафҳумҳои математикӣ ва татбиқи амалии онҳо мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо. *ҷанбаҳои асосӣ, методология, омӯзгор, донишҷуён, ҳавасмандкунӣ, масъалаҳои шавқовар, омӯзиши мустақилона, малакаҳои математикӣ.*

ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ МЕТОДОЛОГИИ ВОВЛЕЧЕНИЯ УЧАЩИХСЯ В ИЗУЧЕНИЕ МАТЕМАТИКИ

Изучение математики является основной частью учебного процесса и играет ключевую роль в развитии логического мышления, аналитических навыков и способности решать проблемы. Однако для многих читателей эта тема остается сложной и неприятной. Поэтому вопрос о методике привлечения учащихся к изучению математики становится особенно важным. В данной статье рассматриваются основные аспекты данной методологии, направленные на повышение интереса и мотивации учащихся.

Изучение математики с использованием интересных задач имеет большое значение для эффективного усвоения. Учителя стремятся создавать уроки, которые не только развивают математические навыки, но и вдохновляют учащихся на самостоятельное изучение и углубление в предмет. Важно поддерживать интерес к широкому спектру методов, от игровых элементов до дизайнерских работ, которые способствуют глубокому пониманию математических концепций и их практическому применению.

Ключевые слова. *основные аспекты, методика, учитель, ученики, мотивация, интересующие вопросы, самостоятельное обучение, математические навыки.*

THE MAIN ASPECTS OF THE METHODOLOGY OF INVOLVING STUDENTS IN THE STUDY OF MATHEMATICS

The study of mathematics is a major part of the educational process and plays a key role in the development of logical thinking, analytical skills and the ability to solve problems. However, for many readers, this topic remains difficult and unpleasant. Therefore, the question of the method of involving students in the study of mathematics becomes especially important. This article discusses the main aspects of this methodology aimed at increasing the interest and motivation of students.

Learning mathematics using interesting problems is of great importance for effective learning. Teachers strive to create lessons that not only develop mathematical skills, but also inspire students to study independently and delve into the subject. It is important to maintain interest in a wide range of methods, from game elements to design work, which contribute to a deep understanding of mathematical concepts and their practical application.

Keywords. *main aspects, methodology, teacher, students, motivation, questions of interest, independent learning, mathematical skills.*

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо*** *– н.и.ф.м., дотсент, Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел. (+992) 939127272; E-mail: asadullo -tj@mail.ru.*

Мирзоев Акмал Ҳакимович *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тел. (+992) 927701551; E-mail: hakimzodaakmal@gmail.com*

Сведения об авторах: ***Наджмиддиниён Асадулло Мирзо*** *– к.ф.-м.н., доцент, директор Института развития образования им.А. Джоми Академия образования Таджикистана. Тел. (+992) 939127272; E-mail: asadullo -tj@mail.ru.*

Мирзоев Акмал Ҳакимович *– соискатель Института развития образования им.А. Джоми Академия образования Таджикистана. Тел. (+992) 927701551; E-mail: hakimzodaakmal@gmail.com*

Information about the authors: ***Najmiddinien Asadullo Mirzo*** *– Ph.D., Associate Professor, Director of the Institute of Educational Development named after A. Jomi of the Academy of Education of Tajikistan. Tel. (+992) 939127272; E-mail: asadullo -tj@mail.ru.*

Mirzoev Akmal Khakimovich - is a candidate *of the Institute of Educational Development named after A. Jomi of the Academy of Education of Tajikistan. Tel (+992) 927701551; E-mail: hakimzodaakmal@gmail.com.*

МУНДАРИҶА
СОДЕРЖАНИЕ
CONTENTS
ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
PEDAGOGY AND PSYCHOLOG

Назиров Н., Тоҳириён Ш., **Мардинаева М.** Роҳҳои ташаккули фаъолияти лоиҳавии хонандагони синфҳои 9 - 11 ва нақши он дар болоравии маърифати ҳуқуқии хонандагон зимни таълими фанҳои ҷомеашиносӣ……..... 5 – 15

Бобоева З.С. Салоҳият ва вазифаҳои омӯзгори оянда дар тарбияи экологии хонандагон **.....** 15 – 23

Наимов Қ. Т. Баъзе равишҳои муайян кардани моҳияти худомӯзии касбӣ-эҷодии омӯзгор **.....** 23 – 29

Гадоева Ф.Т. Нақши адабиёти бачагона ба рушди зеҳнии кӯдакон дар оила..... 29 – 34

Шаҳлои А. Т. Ҷанбаҳои педагогии тарбияи маънавии идеологияи ваҳдати миллӣ дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик ..... 34 – 43

Азизбеков Р. Р. Формирование интеллектуальных способностей и вариативного мышления будущих учителей во взаимосвязи …… 43 – 46

Муродова Ш.С. Таджикский государственный педагогический университет имени Садириддина Айни вуз-школа»..... 46 – 54

Азизова Ф.Ш. Роҳҳо ва усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди омӯзиш **.....** 54 –59

Каримов Ф. Д. Фаъолияти таълимию омӯзишии педагог чун низоми донишҳои илмӣ ва имкониятҳои пайдоиши назарияҳои нави илмӣ *(дар ҳошияи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ)*..... 59 – 65

Пӯлатова Ш.С. Таълими хониши мустақилона ва ҳифзи арзишҳои миллӣ..... 65 – 74

Хайдаров А. А. Половое воспитание как основное направление воспитательной концепции Ахмада Дониша ..... 74 – 85

Маҷидова Б., Файзиева Н. О. Зарурати алоқамандии назария бо амалия дар низоми таълиму тарбия ..... 86 – 93

Қурбонзода Ҳ. Н. Ақидаҳои назариявии олимони педагоги тоҷик оид ба системаи инноватсионии омӯзиши синтаксис 93– 100

Давлятбоева С. А. Асосҳои педагогӣ-психологии қобилияти омузгори фанни тарбияи ҷисмонӣ 100-108

Кабиров Л.А. Сравнительный анализ гендерных выражений в английском, русском и таджикском сленге..... 109–112

Қаюмова Ҳ.Т. Моҳияти тарбияи сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ дар сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ 112– 118

Файзалиева А.М. Сатҳи асосии дониш ҳамчун объекти танзим дар системаи маориф **.....** 118– 124

Қодирова М.Б. Нақши бозӣ дар рушди тафаккури эҷодии кӯдакони синни томактабӣ..... 124– 128

Шарифов М. Ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагон - яке аз вазифаҳои таълимию тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ..... 128– 134

Котибова Ш.П., Фозилов Ш.О. Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир **.....** 135– 144

Содиқова М. Кори мустақилона ҳамчун воситаи баланд бардоштани шавқу завқи маърифатии донишҷуён..... 144– 152

Назаров Ф. Л. Мушкилоти таъминоти илмию методии тарбияи чисмонии донишҷӯён **.....** 152– 158

Бобоёров Х. Х. Асосҳои психологии зуҳуроти гендерии хосиятҳои типологии мизоҷ дар раванди таълим..... 158– 166

Вализода Ш. Омода намудани омӯзгорони оянда дар шароити таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд..... 166 – 175

Шарипова М. Ё. Экзистенциальные вопросы и кризис переживания бытия……. 175 – 181

Рачабзода Н.М., Сахиёр Р. Таъсири бекорӣ ба ҳолати афсурдагии афрод……. 181 – 189

МЕТОДИКА
МЕТОДИКА
METHOD

Джонмахмадова Г.Ш. Инновационные технологии обучения – важное средство развития мышления учащихся……..……... 189 - 198

Холикзода А. Залог в современном английском языке……. 198 - 204

Якубова М. Т. Раванди ташаккули истилоҳоти маркетинги интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ..... 204 - 213

Шамсиддинова М. Б. Технологияи иттилоотӣ ва намунасозӣ ҳамчун заминаи рушди зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ.... 214 – 220

Файзуллозода Х.Ф. Нақши ҳаракати олимпӣ дар низоми тарбияи ҷисмонӣ..... 220 - 228

Нугмонов М., Шарипов Қ. Баъзе мулоҳизаҳо доир ба шаклҳои арзёбии фаъолияти донишҷӯён дар қиёс бо замони муосир..... 229 - 237

20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
20 YEARS OF STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

Умедҷони Х. Ғ. Дар хонандагон ташаккул додани донишҳо оид ба операторҳои дохилкунии забони барномасозии pascalabc.net ..... 237 - 245

Сафаров М. С., Қодиров Б. Р Истифодаи технологияи беҳдошти саломатӣ ва тафаккури техникии хонандагон дар муҳити иҷтимоӣ ..... 245 - 254

Шодиева Р. Р. Ҷанбаҳои педагогии омӯзиши муодилаҳои дифференсиалӣ дар мактаби олӣ ..... 254 - 260

Темирӣ М.И. Фарҳанги экологии мактаббачагон ҳамчун муаммои муҳими педагогикаи муосир..... 260 - 266

Зиёвиддинзода З. З. Мавқеи масъалаҳои матнӣ дар ҷараёни таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ..... 266 - 272

Самадов М. С. Тарбияи ҷисмонӣ ва талаботи маънавӣ ..... 272 – 278

Наҷмиддиниён А. М., Мирзоев А. Ҳ. Ҷанбаҳои асосии методологияи ҷалби донишҷуён ба омӯзиши математика ..... 278 - 283

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф» пешниҳод мегарданд.

Тамоми мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси ТДУ (УДК) (индекси мазкурро аз ҳама гуна китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарифзода М.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с. 36]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 36.

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи МАТС (ГОСТ) 7.1-2003 ва МАТС (ГОСТ) 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шаванд;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф;

– ба мазмуну муҳтавои мақолаҳо муаллифон масъул мебошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Института развития образования»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарифзода М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с. 36]. То есть, литература №4 и страница 36;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес места работы автора);

– авторы несут ответственность за содержание статей.

INFORMATION FOR THE AUTHORS
Requirements for scientific articles submitted to scientific journal "Bulletin of the Institute for the Development of Education»

All the scientific articles entering the editorial office of the journal must meet the following requirements: a) the article should be written in compliance with the established requirements of the journal; b) the article should be the result of scientific research; c) the article must correspond to one of the areas (sections) of the journal.

All the materials coming to the editorial board are checked for borrowings from open sources (plagiarism) and the verification is performed using the Antiplagiat system. Articles containing elements of plagiarism are automatically withdrawn from the consideration, and the authors are deprived of the opportunity to publish their work in the journal.

Requirements for the design of the scientific articles:

The article should be prepared in Microsoft Word format, font – Times New Roman, size – 14, fields – 2.5 cm from all directions, interval – 1.5.

The volume of the article (including the annotation and the list of references) should be in the range of 10 to 12 pages of A4 format.

The article should have the following structure:

– UDC index (the index can be obtained in any scientific library);
– the title of the article;
– the surname and initials of the author (for example, Sharifzoda M.);
– the name of the organization where the author of the article works;
– the main text of the article;
– when citing a particular material, references are indicated in square brackets []. Sample: [4, p.36]. That is, the referenced source # 4, page 36.
– tables, schemes, diagrams and figures must be grouped and numbered. Tables, charts, diagrams and figures should have a name.
– the list of the used literature (no less than 10 and not more than 25 titles of scientific literature). References are made in accordance with the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5 – 2008 state standards;
– the title of the article, annotation and keywords are made in three languages (Tajik, Russian and English). Annotation is made in the volume of at least 25 lines, keywords from 7 to 10 words or phrases;
– information about the author in Russian and English (here the full name of the author, academic degree, academic title (if available), the name of the organization where the author (or authors) works, the position of the author (or authors) in this organization, phone number, E-mail, and postal address of the place of work);
– The authors are responsible for the content of the articles.

ПАЁМИ
ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ
2024, № 1 (45), 288с.

ВЕСТНИК
ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ
2024, № 1 (45), 288 с.

BULLETIN
OF THE INSTITFTE FOR EDUCATIONAL DEVELOPMENT
2024, №1 (45), 288 p.

Шахси масъули чоп: Султонмамадова М. А.
Муҳаррири матни тоҷикӣ: Амонӣ С.
Муҳаррири матни русӣ: Лутфуллоева П.
Муҳаррири матни англисӣ: Лутфуллоева П.
Муҳаррири техникӣ: Ҳайдаров Р.
Мусаҳҳеҳ: Ҳайдаров Р.

Ответственное лицо за номер:Султонмамадова М. А.
Редактор таджикского текста: Амонӣ С.
Редактор русского текста: Лутфуллоева П.
Редактор английского текста: Лутфуллоева П.
Технический редактор: Ҳайдаров Р.
Корректор: Ҳайдаров Р.

Ба чоп 01.04.2024 имзо шуд. Супориши №8. Ҳуруфи навъи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Андозаи 60х84 1/8. Ҷузъи шартию чопӣ – 20
Матбааи “Фасл - 4”,7734024, к. А. Навоӣ, 16.

Подписано в печать 01.04.2024. Заказ№ 8. Гарнитура TimeNewRomanTj.
Печать офсетная. Формат 60х84 1/8. Условно-печатный лист – 20.
Типография “Фасл - 4”, 7734024, улица А. Навои, 16

On pғblications issғed 01.04.2024. Assignment№ 8. Font Format Time New Roman Tj.
Offset printing, size 60x84 1/8. Printer’s sheet – 20.
Publishing office “Fasl - 4”, 7734024, 16 A. Navoi street.